**АСКАР ҲАКИМ**

# БА САЛОМИ ШУКУФАҲО

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
Ҳ-32

Муҳаррир *Гурез Сафар*

Ҳ-32 **Аскар Ҳаким. Ба саломи шукуфаҳо** (маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2012, 440 саҳ.

Ин китоби ашъори Шоири халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ Аскар Ҳаким аз шеъру достонҳое фароҳам омадаанд, ки дар онҳо эҳсосоти гарму ҷӯшони фарогир ва андешаҳои амиқи шоир дар бораи зиндагӣ, ҳастии инсон, ишқу умедҳои ӯ дар анвои гуногуни шеърӣ аз суннатӣ – ғазалу рубоиву дубайтиву маснавӣ то анвои тоза ифода гаштаанд. Доманаи пурвусъати мавзӯъву мӯҳтаво, ҳаррангии анвои шеърӣ, жарфои тафаккуру тозагии сухану сувари хаёл маҳсули истеъдоди баркамоли шоиранд.

ISBN 978-99947-2-240-2

© Аскар Ҳаким, 2012

# МИСРАЪҲОИ ПУРИЛҲОМИ ШОИР

Дар баландтарин кӯҳҳо, дар он ҷое, ки гӯё аз об нишоне нест, амиқтарин, тозаву булӯринтарин чашмаҳо меҷӯшанд. Дар чунин ҳолатҳо, ҳамчунон ки дар шеър аст, баландӣ аксаран мутаносиби амиқист. Парвози баланди қуллаҳои асроаср ҷовидони сухан ҳамчун Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём, Мавлавӣ, Ҳофиз дар жарфои зиндагӣ, эҳсоси миллии ҷаҳоншиносӣ, рӯҳу равон, фарҳанги халқ решаҳои амиқ дорад.

Шеър дар кӯшиши баландӣ ва амиқии хеш як мақсадро пайгирӣ мекунад, ки он дарёфти рӯҳи инсон мебошад, зеро нест чизе аз он баландтар ва амиқтар. Ва шеър дар ҳамгироии ҳар дуи ин муқобилафтода ба зуҳур меояд, чунонки баландӣ нест бе амиқӣ ва баръакс.

Шеър таҳаррук, таҳарруки андеша ва эҳсосот аст, ки бидуни он на парвоз вуҷуд дораду на ҷараён.

Тоҷикон дар гузашта яке аз адабиёти бузургро офариданд, ҳарчанд адабиёти асил наметавонад гузашта бошад, он на танҳо дар ҳоли ҳозир, балки дар оянда ҳам муосир аст ва ҳамин адабиёт дар замони мо ҳам силсилаи номҳои дурахшонеро, ба монанди Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода пеш овард, ки ҳар яки онҳо бо худ қуллаи махсусеро муҷассам мекунад.

Маро бо Мирзо Турсунзода дӯстии деринасоле буд. Ман ӯро ҳамчун шоири оличаноб, донишманди бузурги фарҳанги маънавии Шарқ, ходими ҷамъиятии маъруф дар саросари қитъаи Осиёву Африқо, роҳбари ҳунарманди Иттифоқи нависандагон ва, албатта, ҳамчун як инсони самимӣ,дилкушод, хирадманд қадр мекардам. Шояд табиати пурҷӯшу хурӯши қафқозии ман дар ӯ таскину оромиш меёфт ва дӯстии мо дар тазоди хулқу атвор, вале дар ягонагии мақсад устувор гашта буд. Мо аз қутбҳои гуногун ба сӯи хатти истивои дӯстӣ ҳаракат мекардем. Худо шоҳид,

ки мо ба он даррасидем ва онро дар тамоми тӯли умрамон ба шоистагӣ бо худ бурдем.

Бинобар ин ҳоло дучандон шоду хурсандам, ки ман китоби шогирди ӯ, Аскар Ҳаким, давомдиҳандаи кори ӯро на танҳо дар арсаи шеъру шоирӣ, балки дар фаъолияти бузурги ҳаёти ҷамъиятию давлатии кишвараш – Тоҷикистон муаррифӣ мекунам. Охир ӯ боз муовини Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ман Аскар Ҳакимро кайҳо, аз даврони Мирзо Турсунзода, аз замоне мешинохтам, ки ӯ ҳанӯз тамоман ҷавон буд ва ҳамчунон ки мегӯянд, аз зумраи нависандагони ҷавоне ба ҳисоб мерафт, ки умедҳои бузург мебахшанд. Умедҳо бор оварданд, ҳоло ӯ яке аз шоирони пешбари тоҷик аст. Ва на фақат тоҷик, зеро ӯ ба забони тоҷикӣ менависад, ки бо форсию дарӣ, ки дар Эрону Афғонистон забони модарӣ мебошад, як аст. Бинобар ҳамин шоиру донишмандони ин кишварҳо дар баррасии манзумаи ӯ «Санги ман – алмос», ки дар Маскав дар Созмони байналмилалии иттифоқҳои нависандагон дар соли 2000 баргузор шуда буд ва ба ман ҳам даст дод, ки дар он ширкат варзида, аз муваффақияти ӯ бо ҷону дил шод гардам, дар бораи саҳми ӯ ҳамчунон дар шеъри муосири форсӣ сухан мегуфтанд. Охир, ширкаткунандагони хориҷии баррасӣ соҳибони фарҳанги маҳз ҳамон забоне буданд, ки Аскар Ҳаким бо он менависад ва бинобар ин эътирофи онон махсусан муҳим, асил буд. Онҳо дар бораи ӯ, ҳамчунон дар бораи шоире, ки ҷараёни тозаро дар шеъри муосири форсӣ инкишоф медиҳад, ҳарф мезаданд. Интишори ҷилди калони ашъори мунтахаби ӯ дар Теҳрон ин қазияро бори дигар ба исбот мерасонад.

Дар бораи шеъри Аскар Ҳаким мешавад, ки ҳамчун дар бораи воқеияти асили забони русӣ ҳам сухан гуфт, зеро он аз ҷониби устодони сухан, ҳамчун Владимир Солоухин, Яков Козловский, Станислав Золотсев, ки асосан классикаи шеъри муосири халқҳои бародарро тарҷума мекарданд, ба забони русӣ баргардон шудааст.

Аскар Ҳаким шеърро ҳамсони ниёиш меофарад. Ин маҷмӯаро хонда, бовар ҳосил кардан мумкин аст, ки худи ӯ

ҳам ба шеър бо изтироби ибодату ниёиш ва эҳтироми комил муносибат дорад. Ва азбаски ҳар гуна ниёиш кори муқаддасест, ки рӯҳро мусаффову баландпарвоз мекунад, шеър ҳам ба ақидаи ӯ, ба тозагӣ ва фарозрафтанҳои рӯҳ бояд мададгор бошад. Бисёре аз навиштаҳои Аскар Ҳаким маҳз барои амалӣ гаштани ҳамин гуна талаботи олӣ хидмат мекунанд.

Ба ин махсусан манзумаи охирини ӯ «Санги ман – алмос» мисол шуда метавонад, ки ӯ дар он ба ҳама шакли тазоҳури ҳастӣ бо эҳтиром ва шавқу завқ мурочиат карда, дар баробари андешаҳояш дар сари асрори Олам ва қисмати башарият барои ба мавҷудияти ҳар зарра муҳофизакор будан даъват ба амал меорад:

*Осмон дорад агар панҷаи оби раҳмат,*
*На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишқ*
*Ба сари газна, шутурхору ғумой,*
*Ба сари хори хасак ҳам борад.*

Шоир ба моҳиятҳои ҳодисаҳо ва зуҳурот андар рафта мекӯшад, дарёбад, ки:

*Фарқи парвозу хазидан дар чист,*
*Гар паридан нарасонад ба савойи хуршед.*

«Ман»-и лирикӣ, ғиноии ӯ сифатҳои шахсию маҳрамона ва шаҳрвандию шахсиро бисёр ҳам табиӣ ба ҳам меорад. Ва ба ҳамин тариқ ҳамаи ғаму шодиҳои олами атроф, ки моро фаро гирифтааст, ба муҳити ҳамдилии «шахсӣ»-и ӯ мубаддал мешавад.

Ва саросари ин китобро дурахши ҳамчун ситора мисраъҳои муҳаббати муқаддас ва олӣ дар зуҳуроти гуногунаш фаро гирифтааст, ки он муҳаббати фарзандию падарӣ, зану мард, муҳаббат ба халқи хеш ва умуман ба мардум, ба тамоми ҳастӣ ва ба Офаридгори оламҳо мебошад.

Рисолати шоир аз рӯи ақидаи эҷодии Аскар Ҳаким бо

шеър барои сафо ва улвияти рӯҳ мадад кардан аст, дар ҳамин аст сабаби ифодаи дурахшони башардӯстӣ дар ашъори ӯ, ки новобаста ба ҳамаи сахтиҳое, ки халқи тоҷик аз сар гузаронд, ҳамеша зарур боқӣ мемонад.

Ёд кардан аз фоҷеаҳое, ки душманон ба сари кишвари ӯ оварданд, ҳар қадар дарднок, дар бораи шароити носозгори ҳозираи иҷтимоӣ фикр кардан ҳар қадар вазнин бошад ҳам, ӯ ба монанди баъзе адибон, ки аз манфиатҳои маҳдуди сиёсӣ ва даъвоҳои шахсии худ фаротар рафта натавонистанд, ба бераҳмӣ дода намешавад.

Эҳсоси тоқатнопазирӣ дар шоир ба ҳамаи он чизе, ки барои инсон ва умуман башарият ҳалокатовар аст, маҳз аз замони бачагӣ, бо сабаби аз тири силоҳбадасти маст ба марг расидани модар ташаккул меёбад:

*Шуд аз он рӯз яқин*
*мастию тиру туфангам манфур.*
«Санги ман – алмос»

Шоир аз ҳамон замони тифлӣ дарёфта буд, ки истифодаи силоҳ бо мақсадҳои ҷиноӣ ва майхорагӣ, ки харобкори рӯҳ аст, ҳаргиз қобили қабул нест ва ӯ на дар асоси дарки таҷрибаи талхи дигарон, балки таҷрибаи худ фаро меравад, то инсонро дар миқёси ҷаҳон аз ин фоҷиа қаблан огоҳ кунад.

*Шӯри ҷанг аст ба ҳар бонги ситез,*
*Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом.*
«Санги ман – алмос»

Ин байт, ки ҳамсони панду ҳикмат аст, тоҷи ҳамаи он чизе мебошад, ки Аскар Ҳаким бар зидди ҳама гуна хунрезиҳои байниҳамдигарӣ навиштааст. Ва ҳар қадар ки башарият аз нутфаи ҳамин гуна сулҳу салоҳ обастан мешавад, ҳамон қадар зудтар он чизе, ки ба шоир дар асари дигари ӯ «Достони Нону Имон» рух менамояд, амалӣ мегардад:

*Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,*
*Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир.*
*Гӯиё мегӯяд ӯ моро, ки насли одамед,*
*Модари гетӣ агар розист,асли одамед,*
*Модари инсону гетӣ хоҳад аз фарзанди хеш,*
*То кунад худро раҳо ӯ аз худу аз банди хеш…*
*То ҳама майдони машқу посгоҳи аскарон*
*Сабз гардад ҳамчу гандумзорҳои бекарон…*
*Дорам уммеде, ки халқи гушнаву сери ҷаҳон*
*Гирди ҳам оянд акнун гирди як дасторхон.*
*Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст,*
*Рӯйи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст.*

Ин мисраъҳои ба ин дараҷа саршори илҳоми шоирро хонда, ба амалӣ шудани пешбинии шоири оличаноби тоҷик бовар накардан мумкин нест. Фикр мекунам, ки хонандагон некбинии хуршедии ин китоби тозаро комилан эҳсос хоҳанд кард.

**_Расул ҲАМЗАТОВ,_**
**_марти соли 2004_**

(Сарсухан аз китоби «...И снова взойдет солнце».
Москва. «Советский писатель». 2004)

***Дилам аз барфу боди дай бигрифт,***
***Ба саломи шукуфаҳо рафтам.***

## СУРУДИ ФАРДО

Ман аз баҳори навангез бо шумо мардум,
Дуруд хоҳам гуфт,
Суруд хоҳам гуфт.

Дар ин баҳор ниҳолони тар ҷавона кунанд,
Парандагон ба дарахтони сабз лона кунанд.
Дигар зи шохи шаҷар лонае нахоҳад рехт
Ва хоки решаи худро башар нахоҳад бехт!

Ҳамин ки мегӯям,
Хаёлу хобе нест!
Дигар зи мулк ба мулке даруни тайёра
Ҷанозаҳои шаҳидон нагардад овора.
Ба нола дар сари тобутҳои рӯҳандуд
Чу шохи тар накунад қалби модарон ҳам дуд.

Арӯсҳои вафодор
Бо сиришки қатор,
На рӯйи раддаи тобути сардеву хомӯш
Зи гармии бағали ёри ҷон раванд аз ҳуш.
Ба ҷойи мотами ҷонсӯзи ин ҷавонмаргон
Расад навиди арӯсии ин ҷавонбаргон.
Бихандад аз дили мардум шукуфаҳои умед,
Шукуфаҳои баҳорон ба рӯзгори сафед.

Туйи намонда ба ёд,
Ба ёди тифли худ, эй модари ҷавонмаргам,
Бихоб осуда,
Мабош ошуфта,
Ки даври баччагии баччаат чӣ сон бошад,
Ба ин ятимаки бекас кӣ меҳрубон бошад.
Ба ман арӯс кӣ ҷӯяд, кӣ хостгор шавад,
Шаби нахусти арӯсӣ, кӣ пардадор шавад.

Бихоб ором,
Эй модари ҷавонмаргам,
Ки ман, ниҳоли ту, акнун дарахти бобаргам
Ва шукри ҳақ,
ки гузаштаст нек умри сарам,
Ҳам аз ту ман ду баробар ба син бузургтарам.
Арӯси ман, ки туро ғоибона модар хонд,
Ба ёди ҳамсару бепуштибон нахоҳад монд.
Заифаи дигареро наберагонат низ
Ба ашку нола нахонанд ҷойи моми азиз.
Наберагони ту умри дароз мебинанд
Ва боз мебинанд
Надидаҳои туро
Ва боз мечинанд
Начидаҳои туро.
Чу ман ба ашки алам рӯйи худ намешӯянд,
Ба дарду ғусса ба фарзанди худ намегӯянд,
Ки мо ба ёд надорем рӯйи модарро,
Ки мо ба ёд надорем бӯйи модарро.
Агарчи ҷисми ту худ хоки хуфтае кайҳост,
Валек дасти ту аз хоки марқадат болост.

Ту, рӯҳи модари берӯзии ҷавонрафта,
Мабош ошуфта.
Зи родио нарасад баъд аз ин хабар ин сон;
«Ки танкҳои адӯ кард деҳае вайрон.
Ба зери чарх фурӯ рехт хонаҳо аз ҳам,
Ба зери хок ниҳон гашт манзили одам.

На кас бимонд саломат, на ошёна бимонд,
Ба боғи булбули хушлаҳҷа чуғз лона бимонд!...»
Ва ӯ ки мешунавад ин хабар, намеболад,
Ба марги ғайр чу дар марги хеш менолад,
Ки рӯйи куштаи мардум насозад инсоне
Бинои ишқу амонӣ.
Ва хоки мурда кучҷову кучҷо гулистонҳо,
Дарахт сабз нагардад ба хуни инсонҳо.

Дигар ба гӯш наояд ғиреву ғурриши тир,
Садои мурғи чаман ояду суми нахчир,
Ки дар ҷаҳони башар мерасад баҳори дигар,
Ба ҷойи аҳди хатар рӯзу рӯзгори дигар.
Саҳар зи ҳим-ҳими баргу чакомаи мурғон
Ба гӯш мерасад армони дудаи инсон,
Ки бо бародари хеш ӯ бародарӣ бикунад,
Ба нобаробари худ ҳам баробарӣ бикунад.
Замин ба насли башар гоҳвора хоҳад монд,
Башар зи маҳд қадам бар ситора хоҳад монд.

Ту, рӯҳи модари бебахти ман, бихусб ором,
Ки аз баҳори наве ман ба мардуми айём
Дуруд хоҳам гуфт,
Суруд хоҳам гуфт.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, обу хокам обу хоки поки туст,
Ту маро ҳам ҷои ҷон, ҳам ҷои дил, ҳам ҷои чашм.
Ман қадам чун мениҳам, дар зери поям хоки туст,
Гарди хокатро табаррук мениҳам болои чашм.
Гар касе як гарди ту дар баҳру бар гум мекунад,
Ӯ на гарди хоки покат, балки сар гум мекунад.

То забон бикшоям аз ишқат, маро бикшо забон,
То ба деҳқон чун замини пахта бахшоям сурур.
То ситоям кӯҳу водият чу дарёи равон,
Карда гардон парраҳоро, к-он шавад дарёи нур.
Ишқи ман ҳаргиз набошад дар забону дар сухан,
Баски ишқи ту дамида ҷои ҷонам дар бадан.

Бодҳо дар пуштаҳо аз меҳри ман хонад суруд,
Мавҷҳо дар рӯдҳо аз ишқи ман хонад ғазал,
Офтоб аз қуллаҳо аз сидқи ман гӯяд дуруд,
Тоҷикистон, баҳри ту, ишқи азизи бебадал.
Ман баландам аз само, то зери гардуни туам,
Дар рагу шарёни ту як қатраи хуни туам.

Достони нусрати ту дар замину осмон,
Ахтарон рӯйи ливоят карда аз гардун нузул.
Гарчи ҳамчун Тоҷикистон арзу тӯли ту аён,
Лек ҳамчун хоки тоҷикон надорӣ арзу тӯл.
Решаи тоҷик равад аз хиттае бар хиттае,
Бо ҳама илму фанаш аз қитъае бар қитъае.

Аз азал ин кӯҳсорон ҳамчу боми тоҷик аст,
Боми ҳар як тоҷике бошад ба гардун ҳамҷавор.
Аз ниёгон ёдгори мо чу номи тоҷик аст,
Тоҷикистон асту истиқлол аз мо ёдгор.
Сабз бошӣ, хоки тоҷик, ҳамҷавори осмон,
То зиям андар канорат ҳамканори осмон.

## ҲАМОҒӮШ

Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,
Аҳд гӯё ки ба ёре бастаст.
Лек хораш тани гул озорад,
Ҳар нафас ранҷи наваш боз орад.
Теша бар решаи он гар бизанӣ,
Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ.

## ТУ МАРО, ЭЙ ДИЛ…

Ту маро, эй дил, чӣ савдое ба сар овардаӣ,
Бо туям ҳамдостонӣ сахт меояд гарон.
Лаҳзае хоҳам, ки бошам бе дилу бе дарди дил,
То шавам озод аз савдои хешу дигарон.

Баччаҳои ман, ки хоб астанд, то ҳангоми хоб
Нашнавам ман гиряҳои кӯдаки ҳамсояро.
Киштаҳоям, к-офтобиянду дар нашъунумӯ,
Ман набинам рӯйи зарди сабзаҳои сояро.

Тирамоҳон чун бирезад обҳои сарди хеш
Бар сари дору дарахт аз новадони осмон,
То нагӯям бо ғаму ҳасрат даруни хонаам:
«Чун бувад аҳволи мурғон зери борони хазон?»

Гар ба зери буттае оташ фитад, сӯзад варо,
Хонаеро сел шӯяд, аз чӣ гардӣ беқарор.
Чун кунам, то ту насӯзӣ дар таҳи ҳар буттае,
Чун кунам, то ту набошӣ дар раҳи ҳар селбор.

Гар шавад бо сол камтар тундии эҳсоси ту,
Пас, чаро ҳар дам шавӣ ғамхортар, пурбортар.
Чун кунам ман бо туи ғамхорае, бечорае,
Балки меросам туӣ ё аз падар, ё аз ҳунар?!

Дар диёри кӯҳсори ман, ки аз рӯзи азал
Ҳар шабу рӯзи Худо се бор меларзад замин,
Хонаи он кас намеларзад, ки меларзад дилаш,
В-арна ин ҷо хонае як дам намепояд яқин.

## ШЕЪРИ ВАТАН

*Ба ёди Мирзо Турсунзода*

Рӯзи ман сар мешавад ҳар рӯз бо шеъри Ватан,
Шод бодо рӯҳи ту, то нек бошад рӯзи ман.
Мекунад шеъри дилошӯбат маро аз худ бадар,
То ба даҳрам мекунад сад решапайванди дигар.

Як-ду тан дар шеър аз шеъри ту пайғом оваранд,
Як-ду тан дар шеъри ҳассон баъди ту номоваранд.
Дона ҳар соле бирӯяд дар талу дар ёлаҳо,
Шоире аммо нарӯяд тӯли чандинсолаҳо.

Шод мебош, эй Ҳисори шодмон, дар рӯзгор
Бо ғазалҳои равону чашмаҳои кӯҳсор.
Накҳати ашъори Турсунзода дорад шеъри мо,
Сарзамини Тоҷикистон мекунад бӯйи Ҳисор.

Сабз монӣ дар дили деҳ, эй дарахти тозарӯ,
Эй чинор, эй ошёни мурғакони шеъри ӯ.
Гар надорад шоире шаҳболи парвози сухан,
Ошён чун мениҳад ӯ дар баландои Ватан.

Зинда бошӣ, эй Ҳасан, эй ҷӯраи дерини ман,
Бо ароба бигзарӣ гоҳе ту аз мошини ман.
Нестам аз ҳамраҳон гарчи ақибафтодае,
Ё наям аз давру даврон бехабар, ё содае,
Аспи зебои туро бисёр мехоҳад дилам,
Ҳар замоне дар хаёлам коҳад он, коҳад дилам.

Шод бодо рӯҳи ту, эй шоири шеъри замон,
Гарчӣ н-ояд доимо бе сакта шеъри шоирон,
Сактаҳои ту вале на дар сухан, дар дил буданд,
Эй басо ҳам сактаҳои беамон, қотил буданд.
Мекашид андӯҳу дарде он дили бечораат,
Ту фақат бо он дили ғамхораат, садпораат,

Дил тавонистӣ диҳӣ бар дигарон,
Бо ҳама дарди гарон.

«Ҷони ширин,
Бе ту танҳоӣ кашидам, дарди ман боло гирифт»,
Ман бихонам қиссаи дарди ту, монам дар шигифт.
Қиссаат бо ғуссаи олам биомезад ба ҳам,
Лашкари неку баде дар он биовезад ба ҳам.

Ҷони ширин, дурии ту захми носури ман аст,
Боз дар дил ғуссаи ёрони раҳдури ман аст.
Дар ҷаҳони бевафое ман вафо кардам ба ту,
Умри ман гар бевафоӣ кард, маъзури ман аст.

Баъди ман, фарзандҳову ворисони шеъри ман,
Хоҳам аз Яздонатон умри дарозу пурсамар.
Рафтанам боз омадан дорад ба умри ҷовидон,
Ҳар яке бошед баъди ман ба ҷойи ман падар.

## ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Нест исме ҷовидону нест ҷисме ҷовидон,
Зери гардун бонишону бенишон миранда аст.
Гар наёбад насли инсон ҷони ҷовид аз сухан,
Ин тану тӯши амонат беамон миранда аст.

Чун насиби зиндагии ҷовидонам нест, нест,
Мекунам ҷонро фидо бар ҷони ҷовиди сухан.
То забони модариям бонишону зинда аст,
Нест бок аз бенишонии ҳазорон ҳамчу ман.

Ман, ки аз мавҷи равони Сир забон омӯхтам,
Мебарам хулқи варо дар хилқату дар хӯи хеш.
Шеваи мавҷи варо дарё ба дарё мебарам,
То Зарафшон мекунам аз Вахшу аз Омӯи хеш.

Ман зи таърихи башар дарёфтам ин нуктаро:
Гар забони халқ мирад, зинда мирад хосу ом.
Бо забонаш сар шавад таърихи авлоди башар,
Бо заволи вожааш таърихи ӯ гардад тамом.

З-ин сабаб гар душманеро мақсади мардумкушист,
Мекушад ӯ ҷумла фарзанди забондони варо.
Халқ бе фарзанди гӯё тӯдаи гунгу кар аст,
Медиҳад фарди забондонаш забон ҷони варо.

Аслу буди хешро манзури дунё кардааст
Тоҷики сарводапарвар бо забони модарӣ.
То забонаш зинда бошад боз ҳам садсолаҳо,
Боядаш чун Рӯдакӣ соҳибқирони дигаре.

Асри мо, ин масдари тармимҳо, таъмирҳо
Мекунад вайронаҳои тартро ороста.
Он бувад равшангари аъсору осори қадим,
Мекунад як-як марамmат, он чӣ бошад коста.

Нестам андешаи таълими асри бохирад,
Лек мегӯям барояш аз азал то бар абад:
Нест таъмире кироитар зи таъмири забон,
Нест тақдире гиромитар зи тақдири забон.

Ман намедонам кадом аз пешаҳо волотар аст,
Лек медонам, ҳар инсонро, ки ақле дар сар аст,
Гар ниҳад имрӯз ҳам хиште ба девори сухан,
Мефарозад қомати ҳафтод пушти хештан!

## ТИРАЧАШМЕ БО ЧАРОҒ

Тирачашме шабона раҳ мебурд,
Дошт фонуси равшане дар даст.
«– Ту, ки зулмат зи нур нашносӣ,
Аз чароғи раҳат чӣ суде ҳаст?»

«– Ин чароғам барои кӯрон нест,
Кӯрҳо бечароғ раҳ бубаранд.
Ин чароғам барои биноҳост,
Ки дар ин шаб ба кӯр барнахуранд.»

Асри ман, асри нуру оташхез,
Шабу рӯзат агарчи нурафзост,
Чашми равшаншинос бисёр аст,
Дили равшанқиёс кампайдост.

Сар ба сар бархуранд рӯзона
Гӯиё мардумони равшанбин.
Ҳосил аз офтоби тобон чист,
Нест равшан гар офтоби ҷабин?

Ин ҳама панду ҳикмат асрор аст
Андар ин рӯзгори бепоён.
Тирачашмон чароғҳо доранд
Рӯзи равшан ба роҳи биноён.

Асри ман, асри равшаноиҳо,
Аз сари равшанат умедам ҳаст
В-арна бояд равем мо шабу рӯз
Ҳама фонуси раҳнамо дар даст…

## КИШТИ ТАҚДИР

Заминро барзгар танҳо барои худ намекорад,
Барои хештан танҳо намеафшонад ӯ дона.
Агарчи чоши гандум ҳосили ранҷу азоби ӯст,
Дар он хирман вале бошад насиби хешу бегона.

Агар марде зи кӯҳистон ба саҳро мекашад ҷӯе,
Намегӯяд, фақат з-он ҷӯй кишти ман шавад шодоб.
Чу бинад киштаи ҳамсоя мехушкад зи беобӣ,
Дилаш гӯё шавад обу ба чашмаш шаб наояд хоб.

Магар пире ба уммеде ниҳоле сабз месозад,
Ки ҳосил аз дарахти ӯ фақат дар коми ӯ бошад.
Магар танҳо барои хештан май мекашад марде,
Ки дар рӯзи тараб танҳо лаболаб ҷоми ӯ бошад.

Магар танҳо барои хештан кас хона месозад,
Ки дар он дигаре ҳаргиз наёбад ғайри ӯ манзил.
Ғами худ ҳаст ҳар касро, вале танҳо на баҳри хеш
Занад дил дар сарои синаи ҳар марди соҳибдил.

Ҳазорон сол пеш аз ман дили Ҳомер дар Юнон
Даруни синааш танҳо барои хештан мезад?
Магар он рӯз Фирдавсӣ халоси хештан меҷуст,
Ки бо гурзи Фаридунаш ба фарқи Аҳриман мезад?

Чу ёдам мерасад аз тангии Юмгон ғами Носир,
Фарохиҳои ин дунё маро бас танг меояд.
Чу мебинам Ҳилолиро ба рӯяш ҷӯйи хун ҷорист,
Маро аз асли яздонии инсон нанг меояд…

Чу бо оби ҷабини хеш мекорам замини хеш,
Ба дунё ҳар чӣ дорам ман, аз ин оби ҷабин дорам.
Агар аз киштаҳои худ ба кас нон метавонам дод,
Бақои ҷовидоне дар Замону дар Замин дорам.

## ТУТЗОРИ АЗИМ

*Дар аввалҳои асри бист дар доманаи кӯҳи Сорбоғи Раштонзамин Азим-девона ном шахс тутзори бузурге бунёд кардааст, ки ҳоло ҳам сабз аст.*

Самои Сорбоғ аз бедимоғӣ
Сарашро монда буд андар сари кӯҳ.
Агар бори само бар дӯши кух буд,
Ба дӯши мардумаш буд бори андӯҳ.

Садои асри нав меомад аз дур,
Валекин хоби кӯҳистон гарон буд.
Ба гӯши дарраҳояш пунбаи абр,
Ба гӯши халқи он бонги азон буд.

Дар ин деҳ лоғару танҳову бекас
Ҷавонмарде, Азими бенаво буд.
Зи бас савдои дунёе набудаш,
Ба чашми халқ савдоинамо буд.

Зи домони дара бар домани кӯҳ
Ба пушташ мекашонид об дар машк.
Ту гӯйӣ, оби машкаш ашки ӯ буд,
Вале сарчашмаи оби ҷигар хушк.

Ба ҷӯйи ҷони ӯ намро надидӣ,
Тане хушку диле зору рухе зард.
Ниҳоли тутро парварда дар санг,
Дарахти ҷони худро сабз мекард.

Хумори ишқу савдо мегирифташ,
Ниҳоли сабзро оғӯш мекард.
Даме аз ларзаҳои шохаву барг
Тапиданҳои дилро гӯш мекард.

Муқимӣ буд ё омад[1], чӣ фарқест,
Магар аз гӯшт нохун метавон канд,
Ки дар хоки ғарибӣ хешро кард
Ба мисли тутҳояш решапайванд.

Набуд ному насабҳои баландаш,
Вале номаш ба беномӣ нашуд гум.
Аз ӯ дар домани кӯҳи баланде
Бувад мерос боғе баҳри мардум.

[1] омад – таҳҷой набуда

Дили шӯридаро обу адо кард,
Ки охир Сорбоғашро кунад боғ,
Вай инро чун дуо такрор мекард:
Зи неке боғ монад, аз баде доғ.

Ба он бегона ҳасрат мебарам ман,
Зиҳӣ ин сон ғарибӣ, эй ватандор!
«Вафо аз одами девона хезад»,
Зиҳӣ девонагӣ, эй марди ҳушёр!

* * *

Ҳар саҳар хуршеди дунёдидаи деринарӯз
Ҳамчу навдомоди ҳаждаҳсола механдад ба ман,
Гӯиё гӯяд, зи ман омӯз ҳар субҳе ту ҳам
Тозатар гаштан зи хешу тозатар афрӯхтан.

Мерасад чун ҳар дарахте аз зимистон бар баҳор,
Ҳамчу духтар бишкуфад аз бӯсаҳои офтоб.
Дар танаш нақши мудаввар мениҳад ҳар соли умр,
Метавонӣ кард аз он ту соли умрашро ҳисоб.

Решаи имрӯзи ман рафтаст дар хоки куҳан,
Лек аз ин пайвастагӣ фардо чӣ ояд ҳосилам.
Чун баҳору тирамоҳон аз сари ман бигзаранд,
Монда нақши хешро ё дар гилам, ё дар дилам.

Бингарам бар рӯзгорону наёбам, к-ин замон
То куҷо дирӯзиву имрӯзиву фардоиям.
Пойбасти хонаи ман дар Авасто маҳкам аст,
Дар миёни асри бист онҷоиям, инҷоиям?

Бо навову нағмаи ҷаз, бо ҳавои эстрад
Менамоям дар кафею рестаранҳо ҷастухез,
Лек дар қаъри дилам савту навои «Шашмақом»
Ҳамчу рӯди ҷорӣ аз зери замин ҷорист низ.

Духтарони ҷинспӯши зулф болои ҷабин
Чун камар бо ноз ҷунбонанд, дил шайдо шавад.
Лаҳзае пӯшам ду чашми хешро, пеши назар
Ёсаминбарге зи шеъри Рӯдакӣ пайдо шавад.

Ҳар гаҳе бо дӯстон ҷоми мае гирам ба шавқ
Гӯиё ҳамрози Ҷамшедам, ба дастам Ҷоми Ҷам.
Чун ба ин давлат тавонам бандаи ёре шавам,
Бандагиҳои ман аз шоҳаншаҳӣ ҳам нест кам.

* * *

Гар фитад сояи замин бар моҳ,
Лаҳзае моҳтоб месӯзад.
Сояи маҳ ба офтоб афтад,
Чеҳраи офтоб месӯзад.

Гар бимонад ниҳол дар соя,
Заъфаронӣ шавад, самар накунад.
Гули садбарг мешавад якмарг,
Офтобаш агар назар накунад.

Зери хуршед сояе доранд
Ҳама чизе ба хоку дар афлок.
Як худи офтоб бесоя-ст,
Манбаи бефанои шӯълаи пок.

Чун ба хуршеду моҳ андешам,
Кори маҳ дар тааҷҷубам созад,
Шӯъла аз офтоб бигрифта,
Соя бар офтоб андозад.

## АРОБАИ КӮҲНА

Ҳамчу бори куҳан ба пуштаи деҳ
Мондааст ин аробаи вайрон.
Чарххояш ба хок рафта фурӯ,
Соғу афтода як тараф ҳайрон.

Тахтаҳои нагуну бишкаста
Дар таҳи шӯраҳо забун монда,
Сари шоту шикаста дар хок аст,
Дасти аз хокдон бурун монда.

Рафта аз хотири аробакашон,
Гашта асбоби бозии тифлон.
Бо ҳаёҳу давида дар гирдаш
Ба замин меҷаҳанд аз сари он.

Рӯзҳои дароз бо шодӣ
Бачаҳо бо ароба машғуланд.
Шаб расад, дар хаёл меафтад,
Мешавад он ба лойи хотира банд.

Роҳҳои дароз ёд оянд,
Так-таки аспҳои ёлафшон.
Ёд ояд нақораи сумҳо,
Зери лаб хондани аробакашон.

Хоҳад аз ҷой барканад, бидавад,
Лойи раҳро кунад пароканда.
Лек ку, аспи роҳворе, ку,
Тир бишкаста, чарххо канда…

Ман чу мошинсавор меоям,
Мекашам ин аробаро дар ёд.
Чарххои шикастааш хомӯш
Мекунад дар ниҳоди ман фарёд.

* * *

Найсаворем ба мисли кӯдак
Андар ин размгаҳи шеъру сухан.
Найи худ Рахши дамон пиндорем,
Вой бар шеъру сухан,
вой ба ман!

Аспрезе набувад чун моро
Ҷуз дили тангу ҳавасҳои пареш,
Навҳаву нолакунон менозем
Бо ғаму ғуссаи тифлонаи хеш.

Дар пайи ёр сарандозӣ ҳам
Он қадар машғалаи бозӣ нест.
Набувад ор сарандозии мо,
Гар сарандозии мо сарбозист.

Офарин бод ба соҳибсухане,
Ки ба хун мисрааш оғушта шавад,
Дар пайи ишқ чу дар пойи Ватан
Юсуфивор агар кушта шавад.

Накунам бовари маҷнунии дил,
Накунад гарки биёбонмаргаш.
Гар натаркад дили ошиқ, чӣ дил аст,
Чун кунад ёри ягона таркаш.

Ин ҳавасбозии тифлона бас аст
В-он ҳама нолаи бехуни ҷигар.
Набвад ар куштаи Рустам Сӯҳроб,
Накунад нолаи Таҳмина асар.

## РОСТИИ ҚОМАТИ ДЕВОРҲО…

Ростии қомати деворҳо
Рост дорад қомати меъморро.
Зиндагии тоза мебахшад шабе
Мисраи тар шоири бедорро.

То шавад ҳар одамизод одаме,
Бояд аз худ сохт одам ҳар даме.
Хешро аз нав бубояд офарид
Ё зи шодӣ, ё ки аз дарду ғаме!

## РУҶӮИ СЕВАК

*Навиштае ба зери акси рассоми арман Мартирос Сарян ва Паруйр Севак, ки дар он шоир дасти рассоми 90-соларо бо эҳтиром мебӯсад.*

Магар гулҳо ба рӯйи бому дарҳо
Барои хотири булбул шукуфта.
Ба девору ба гулдону ба саҳро
Надонам доғи ту ё гул шукуфта.

Магар дунё ба чашмони ту боғ аст,
Ки сар то сар кунӣ гулофаринӣ
Ва ё гулҳои ту гулҳои доғ аст?
Ба пирӣ дарду доғеро набинӣ!

Агарчи расмҳоят сӯхт дар об[1]
Зи нав тасвир кардӣ сурати мо.
Туро бинему мо худро шиносем,
Кашӣ дар сурати мо сирати мо.

Зи амри осмонҳо сар кашам ман,
Ки шоирвор бар гардун кашам сар.
Само фармоядам гар дастбӯсӣ,
Набӯсам даст, ҷуз дасти ҳунарвар!

## МАРДЕ АЗ БАЛКОН…

Марде аз балкон саҳарҳо мекунад фарёд,
Марде аз балкон писарро мекунад фарёд.
Ӯ басо маъюсу маҳзун мекунад фарёд,
Як вуҷуди решу дилхун мекунад фарёд.

---

[1] Соли 1928 дар Порис намоиши расмҳои Сарян барпо мешавад, вале баъд дар сӯхтори киштӣ ҳамаи онҳо нобуд мешаванд.

Мешавад дар шаҳри сангин пахш овозаш,
Хонаҳову кӯчаҳои сангӣ аммо нашнавад розаш.
Баччааш дар кӯча бозӣ мекунад дилшод,
Ӯ падарро нашнавад, –
Ӯ нашнавад фарёд.

Мерасад ҳар дам ба гӯши ҷонам ин овоз,
Бигзарад ҳар бор аз сутхонам ин овоз.
Мо ба ӯ ҳамсояву ҳамҷон шавем акнун,
Мо ба дарди ҳамдигар дармон шавем акнун.

Ӯ вале танҳост,
Биншинад тани танҳо,
Рӯйи ҳавлӣ дуртар аз сӯҳбати занҳо.
Гӯиё мегӯяд ӯ дилгир:
Ҳамсари ман нестед,
охир,
Рӯзи сахтам дар сари ман нестед,
охир.
Бар ҳаво сар медиҳад ӯ дуди сигораш,
Ҳамчунон дарду ғубори ҷони афгораш.
Дуд гирдаш ҳалқа андар ҳалқа мепечад,
Гардани хамгаштааш дар ҳалқа мепечад.

Кас намедонад чаро рафта зани ин мард,
Дар сари пирӣ насибаш шуд
чаро ин дард…

Мерасад дар гӯши ман шому саҳар фарёд,
Мекашад ҳамсоя дар пиронасар фарёд-
Кӯдакашро мекунад ӯ аз ҷигар фарёд.

Дарди ҷони ӯ ба ин овоз омезад,
Аз забонаш гарчи як фарёд мехезад-
Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,
Ҳам писарро,
Ҳам занашро,
Ҳам худашро ӯ.

## МАСХАРАБОЗ

Хуб донам, ки ба даври айём
На ба ҳар тоифа ҳайкал созанд.
Лек бояд, ки ба иззу икром
Ҳайкали масхарабоз афрозанд.

Оқибат пайкара бояд афрошт
Ба ҳамон масхарабози айёр,
Ки вай аз ҷони худ андеша надошт,
Зада писханд ба аҳли дарбор.

«– Шоҳи ман, ҳеҷ шунидӣ гапи рост,
Ки шуд аз бенамакӣ санг намак?
Андар ин маҳфили мо бекаму кост
Хар шуд аз беамакӣ ҷойи амак.»

«– Як шабе карда либосаш тағйир
Мири ман рафт ба шаҳр аз дарбор.
Лек бишнохт варо шаҳнаи пир,
Дуздро дузд шиносад шаби тор.»

«– Ҳокими шаҳр аҷаб марде буд,
Пилтан, говҷигар, шери жаён.
Писараш лек ба андому намуд
Аз чӣ бо шоҳ чу себи дукафон?»

«– Ман ба соҳибкулаҳе додам панд:
Сар чӣ даркор, чу соҳибкулаҳӣ.
Каллаи бекулаҳаш ёфтаанд
Пас ба пушти ҳарами подшаҳӣ…»

«– Аҷабо, давраи каҷдорумарез,
Ин ҳама ростталаб каҷнигаҳанд.
Каҷдилу каҷраву каҷшин, каҷхез
Ҳар куҷо бинӣ агар, каҷкулаҳанд.»

З-аҳли дарбор намехост касе
Ҳеҷ сар ба сари девона задан.
Бас намекард вале ӯ нафасе
Аз таги шонаи худ фона задан.

Гарчи ӯ бо ҳама аҳли дарбор
Боиси дилхушию ханда нишаст,
Байни аъёни ҳақиқатбезор
Аз ҳақиқат даҳани хеш набаст.

Ҳар гаҳе кори ҷаҳон носара буд,
Бурда буд масхараро рӯйи ниёз.
Дар замоне, ки ҳама масхара буд,
Дошт бозӣ ба сараш масхарабоз.

* * *

Шохе шикаста дар боғ аз бод,
Аз боғбонаш меҷӯяд имдод,
Аз шохи умре меоядам ёд,
Магзар аз ин сӯ, эй бод, эй бод!

Барқе намояд гардун шарарбор,
Ларзад саропо бар худ сафедор.
Дар баргҳои ин барқгардон,
Ларзидани ҷон бинед, зинҳор!

Бинӣ ки даште хушкида бе об,
Шабҳо нигоҳаш бар ҷӯйи маҳтоб,
Бар дашти хушки армонии об,
Эй абри борон,
бишттоб, биштоб!

Харсангҳои дар тарма хуфта
Аз боду борон гул-гул шукуфта,
Нашкуфт агарки гулҳои бустон,
Садҳо дареғи ин ғунчахуспон.

Гар сард созад об оташеро,
Оташ қавӣ бод озарвашеро.
Ғамкаш бипурсад аҳволи хушдил,
Хушдил бипурсад дил ғамкашеро?

## ЛОЛАИ СӮЗОН

Лаби ҷӯ барги зуф зор асту сархам,
Зи хотирҳо бувад қоқу фаромӯш.
Дар ин ҷо навбаҳорон ҳам нагардад
Сияҳгӯше дигар зеби баногӯш.

Нишинад сӯзанак бар рӯйи ҳавзе,
Чу як тайёра дар майдони парвоз.
Гаҳе ҳамчун хаёли мардуми деҳ
Кунад дар гирди худ оҳиста пар боз.

Шукуфад ғунчаи гулҳои худрӯй
Канори чашмаву болои санге.
Ба гесӯ духтари ҳамшаҳрии мо
Ба ҷойи гул занад атри фарангӣ.

Ҷавононро сару савдои шаҳр аст,
Равад аз ёд ин боғи биҳиштӣ.
Ба ёди кӯчиён гӯё бисӯзад
Чу шамъе лолаи урдибиҳиштӣ.

## ДАР САЙР

Эй мурғ, мазан зинҳор
Бар захми дилам минқор,
К-аз реши равони он
Хун мечакад аз озор.

Эй бод, макун бозӣ
Бо мӯйи парешонам,
К-аз рӯзи азал худ ман
Бо хӯйи парешонам.

Эй рӯд, махон дигар
Афсонаи соҳилро,
К-андар шикани мавҷат
Сад қисса бувад дилро.

Эй сабза, чӣ мехоҳӣ
Аз буду набуди ман,
Фардо ки равам, бархез
Аз хоки вуҷуди ман.

Эй ин ҳама ки рустед
Як раста канори ман,
Эй ин ҳама ки ҳастед
Дар ҷони низори ман,

Бар дард чӣ механдед,
Бедард шумо чандед?
Аз хеш кунед озод,
Бо хеш маро бандед!

## БО БАҲОРИ САБЗУ МУРҒОНИ САФЕД

Ханда мекардӣ ту дар оғӯши ман
Бо ҳавасҳову ҷавониҳои хеш.
Мӯйҳоят дар бару дар дӯши ман
Мавҷ мезад чун хаёли ман пареш.

Ошёни тирае буд хонаам,
Лаҳзае пур гашт аз бӯйи баҳор.
Даштҳо гул кард дар кошонаам,
Даштҳои беғубори лолазор.

Сурати баҳре, ки дар девор буд,
Шуд раҳо аз қобу шуд амвоҷи об.
Селаи ёғу баногаҳ пар кушуд,
Аз дили дарё баромад офтоб.

Лолаҳои сурху мурғони сафед
Бо садои ханда дар парвоз шуд.
Хонаам шуд хонаи ишқу умед,
Ҷони ман бо шавқу шӯр анбоз шуд.

Чини дарё дошт зулфи тобдор,
Қоматат ларзон зи мавҷи ханда буд.
Бӯйи ту, бо бӯйи дарёву баҳор
Дар ман амвоҷи шарар афканда буд.

Ханда зан, эй ҷони ман, дар хонаам
Овар аз ишқу ҷавониҳо навид.
То ҳақиқат созӣ ин афсонаам,
Бо баҳори сабзу мурғони сафед.

* * *

Бо ишқу орзуҳо
Ҷуфте ба шомҳангом
Дастобагардан омад
Дар зери нахли бодом.

Шуд аз канору оғӯш
Бодоми хуфта бедор.
Шаббода кард бозӣ
Бо милаҳои дилдор.

Гулҳои бӯса бишкуфт
Аз ғунчаҳои лабҳо.
Нури ситора афрӯхт
Чашми сиёҳи шабро.

Аз бӯйи ишқи инсон
Бишнида накҳати ҷон,
Ларзиду пардадар шуд,
Бодом гулбасар шуд.

…Мерафт ҷуфти ҳамдил
Аз байни шаҳри хуфта,
Сар то ба по ситора,
Сар то ба по шукуфта…

## БА ТУ ИМШАБИ БАҲОРОН…

Ба ту имшаби баҳорон ҳама сабзу гулфишонам,
Ки ту чун баҳор созӣ тару тоза ҷисму ҷонам.
Ту ба шаҳри тирарӯйе, ки бувад ғуборолуд,
Бикушойӣ аз рухи худ рухи ҳафт осмонам.

Бикунӣ пур аз муҳаббат ту заминаву замонам,
Бикунӣ пур аз муҳаббат ҳама ину он ҷаҳонам.
Ту зи чашмаи лабонат ҳама шаб ба ман диҳӣ об,
Дами субҳ боз бинӣ лаби хушки ташнаҷонам.

Дилу ҷону ҳастии ман ҳама умр ташнаи туст,
Бувадаш агар такопӯ, ба раҳи ту дар такопӯст.
Зи хумори чашмҳоят шиканад хумори ҷонам,
Чу манам зи чашми ту дур, ғами дил ҳама тагорӯст.

Ту на дилбари ман астӣ, дили дар бари ман астӣ,
Ту на ҳамсари ман астӣ, сару сарвари ман астӣ.
Сари ман агар ту бошӣ, сару бар дигар нахоҳам,
Ба самои бахту толеъ маҳу ахтари ман астӣ.

Шаб агар ба хилвати дил ғами ман нуҳуфта бошӣ,
Ту саҳар чу шохаи гул ҳама тан шукуфта бошӣ.
Ман агар зи шавқи рӯят ду ҳазор шеър гӯям,
Ту вале ба дафтари ман ғазали нагуфта бошӣ.

Мани бе ту бенишонам, чу ту худ нишонам астӣ,
Ту агарчи бахти сабзӣ, ғами ҷовидонам астӣ.
Ва агар ки ошиқӣ худ чу атову чун бақо аст,
Ту атои ҷонам астӣ, ту бақои ҷонам астӣ…

* * *

Нури маҳтоб метаровад нарм
Ба сари гесувони хурмоӣ.
Осмону замин зарандуд аст,
Домани даштҳост тиллоӣ.

Ғарами беда дар бари саҳро
Гӯиё кӯҳи каҳрабо бошад.
Охири тасмароҳи домани дашт
Дар уфуқ васл бо само бошад.

Дар шаби моҳтоби ороме
Аз ту мастам ману ту маст аз ман.
То ки танҳо шавем мо ҳар ду,
Меравад моҳ аз сари хирман.

Мепарад як ситора дар гардун,
Фоли бахт аз ситора меҷӯйӣ.
Мефуроӣ аз осмон ба замин,
Дар бари ман ба ғусса мегӯйӣ:

«Гар насибам набуд канори ту,
Ман зи дунё канора мерафтам.
Магар аз осмони ишқи ту ман
Як шабе чун ситора меафтам?»

Меравад моҳ аз сари хирман,
Мешавад доманат раҳо аз каф.
Бар сари зулфҳот печида
Каҳгулу торҳои хушки алаф.

## ДИГАР КАЙ МЕРАСАД ДИДА БА ДИДОР?!

Чу берун меравам з-ин остона,
Дигар ин остону осмона
Маро бо ту нахоҳад дид, эй ёр,
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

Ба назди дар ту мемонӣ хаёлӣ,
Лабат меларзад аз ранҷу малоле,
Бигирад осмонро абри озор,
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

Дар ин субҳи баҳор аз ашки шабнам
Шавад барги гулу барги рухат нам,
Ба дунё бошад аз хуршед осор,
Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

Баҳори дигаре мо дар куҷоем,
Агар бо гардиши гардун биёем,
Ба ин дунёи нотакрор такрор
Магар боре расад дида ба дидор?!

Туро дар хобҳои худ навозам,
Туро дар шеърҳои худ бисозам.
Зи байни дафтари армону ашъор
Магар боре расад дида ба дидор?!

Ҳамон, к-ӯ сарварӣ хоҳад сарамро,
Кушояд бо муҳаббат дафтарамро,
Ба зимни ҳар сухан хонад ба зинҳор,
Дигар кай мерасад дида ба дидор,

Дигар кай мерасад дида ба дидор?!

## АЗ НАВБАҲОРИ РӮЯТ…

Аз навбаҳори рӯят ман навбаҳор ёбам,
Дар рӯзҳои абрӣ муштоқи офтобам.
Даргоҳи дил бигардад то офтобрӯя,
Аз офтоби рӯят як лаҳза рӯ натобам.

Сӯйе само сиёҳ аст, сӯйе само сафед аст,
Аз абрҳои найсон борандагӣ умед аст.
Дар осмони хотир ҷуз мисраи таре нест,
Бар дидаи тари ман аз байти тар навид аст.

Байтам чӣ байт бошад бе байти абрувонат,
Бенакҳат аст шеърам бе атри гесувонат.
Бо сад фиолу ҷоду шеъру сухан бигӯям,
Ҷодуияш набошад бе чашми ҷодувонат.

Гар даҳр дардманд аст, аз дарди дилҷудоист,
Дилро рабоӣ аз ман, ҳангоми дилрабоист.
Бе ҳалқаҳои зулфат умре дилам гирифта,
Бикшой қуфли дилро, ишқат, ки дилкушоист…

* * *

Ту будию ману ин обшорон,
Суруди навбаҳору резаборон,
Насими раҳгузар шӯху парешон
Парафшон мегузашт аз шохсорон.

Ба роҳат сабзаву себарга тар буд,
Ба рӯйи майсаҳо дурру гуҳар буд,
Ба поят барги тар часпиду бӯсид,
Ҳар он ҷойе туро роҳи гузар буд.

Чу аз абри гузар борид борон,
Раҳораҳ сими тар борид борон.
Лабони ман вале парсинг баста,
Зи рӯю мӯйи ту шорид борон.

Маро буд оламу одам фаромӯш,
Маро буд одаму олам дар оғӯш.
Дамодам шир-шири борони найсон
Суруди ишқи ту мехонд дар гӯш.

Саропо тар будӣ дар зери борон,
Ту симинбар будӣ дар зери борон.
Раҳорах аз сари мӯйи ту мерехт
Гулу борон чу аз боғи баҳорон.

* * *

Меравад офтоб сӯйи ғуруб –
Олами зарнисор рӯйи ғуруб.
Шохаҳои дарахтҳо рангин,
Хирмани лолавор рӯйи ғуруб.

Сабзаҳо аз насим меларзад,
Мавҷ ҳам сим-сим меларзад.
Ҳамчу марҷон ҳамели гунҷишкон
Дар ҳаво рӯйи сим меларзад.

Ҷуфти ёғу ба об мешинад, –
Рӯйи дарё саҳоб мешинад.
Ҳамчу рӯҳи сафед дар дарё,
Он Худоро дар об мебинад.

Ман туро дар хаёл меҷӯям,
Дар нишоту малол меҷӯям.
Дар канори ғуруб соҳили баҳр
Аз хаёли висол меҷӯям.

То замоне канори ман бошӣ,
Уфуқи беғубори ман бошӣ.
Бо шафақҳову рангҳои ғуруб
Хирмани лолавори ман бошӣ…

Офтоби даҳони танги ғуруб
Мезанад ташти зар ба санги ғуруб.
Лаби соҳил ба ёди чеҳраи ту
Санги зар мешавам ба ранги ғуруб.

* * *

Хонаи ту миёни бешаи сабз
Дар хамӯшии коҷзорон монд.
Пайраҳи морпечи ноҳамвор
Дар таҳи барф то баҳорон монд.

Барф пӯшид рӯйи бому дарат,
Новаи хона шӯшазоре шуд.
Чашми софи тирезаат ях баст,
Об дар ҷӯй шишакорӣ шуд.

Коҷ аз сими барфҳо бигзошт
Ба сари сабзи хеш тоҷи дигар.
Бебақо буд тоҷи барфии коҷ,
Мешуд аз бод зуд зеру забар.

Рӯйи барфи баланд баски намонд
З-он ҳама рафтуо пайи пое,
Ҳеҷ кас нақши хештан нашинохт,
Ки куҷо рафт, то куҷоҳое…

Шохаи коҷҳои пушти дарат
Аз гаронии барф бишкаста,
Рӯйи барфи сафед чун пайи ту
Зоғҳои сиёҳ биншаста…

## АТРИ МУҲАББАТ

Атри муҳаббат медиҳад шабҳои хушбӯйи баҳор,
Бе ту насибам чун бувад шабҳои хушрӯйи баҳор,
То ман намонам бенасиб, эй ту насиби ман, биё!

Субҳ аз хумори гесуят мебӯсам аз гесӯйи бед,
Шабҳо зи боди шабраве пурсам ҳаме бӯйи умед,
Эй ту хумори рӯзу шаб, дар субҳу шоми ман биё!

Дар рӯзи тори ман биё, рангин шавад дунёи ман,
Дар рӯзгори ман биё, ширин шавад ғамҳои ман,
Дунёи рангинам биё, ғамҳои ширинам биё!

Аз ту агар дил кандаам, дилро ман аз худ кандаам,
Ман аз замин ҳам кандаам в-аз осмон афкандаам,
Пайванди ҷонам бо замин, бо осмони ман биё!

Ҳарчанд мебошам кунун бехоби шабҳои дигар,
Ҳарчанд месӯзад дилам бо тобу табҳои дигар,
Эй сӯзиши рӯзи азал, эй ҷовидони ман, биё!

Ҳамчун гунаҳкоре, ки ӯ бошад ба уммеди видод
Аз ҳарфҳои охирин назди вакили адлу дод,
Ин аст ҳарфи охирин, эй аввалини ман, биё!

## ДУ ТАШНАЛАБ

Ба лаби чашмаи кӯҳӣ омад
Ташналаб духтараки чилкокул.
Сари сарчашмаи сероб нишаст,
То хурад об аз он чашмаи гул.

Рӯйи худ дид дар ойинаи об,
Чашмаро дид, ба ӯ менигарад.
Чашм бар чашма даме ҳайрон монд,
Лаб ба он чашма барад ё набарад.

Кокулонаш ба паси сар партофт,
Хам шуду лаб ба лаби чашма бибурд.
Духтарак об бихӯрд аз чашма,
Чашма ҳам аз лаби ӯ об бихӯрд.

* * *

Хоҳам ин лаҳза, ки аз хеш фаромӯш кунам,
То дами субҳ туро танг дар оғӯш кунам.
Баски дунёст пур аз валвалаи беҳуда,
Кош танҳо нафасу набзи туро гӯш кунам.

Нафаси зиндагиям бе ту нафас нест, ки нест,
Ҳаваси зиндагиям бе ту ҳавас нест, ки нест.
Гар равад умр ба сар бе ту, чӣ ҷойи шиква-ст,
Зиндагонӣ, ки ба ёди ту абас нест, ки нест.

* * *

Ман чу оҳанги ғазал ёд кунам
Имшаб оҳанги қадамҳойи туро.
Дастаи мӯйи ту бӯсад ба ҳавас
Дар сари ҳар қадаме пойи туро.

Аз чароғи қади раҳ қад-қади раҳ
Соя резад ба замин шохи дарахт.
Ҳар гаҳ аз бод биларзад гулу барг,
Чун гули соя дилам ларзад сахт,

Ки мабодо ҳама ин рӯъёест,
Ки ба як ларза шавад нопайдо,
Ки дигар суд набошад пас аз ин
На зи фарёду на аз вовайло.

Ту надонӣ, ки дар ин шоми баҳор
Бештар масти ҷавонии худӣ.
Гарчи гарм аст туро оғӯшам,
Гарм аз сӯзи ниҳонии худӣ.

Чун ҷавонии ман аз ман бигузашт
Бе ту дар беҳавасӣ, бехабарӣ.
Аз ҷавонии ту ман метарсам,
Ки зи ман ҳамчу ҷавонӣ гузарӣ.

* * *

Ин бод магар ки дар ситез аст,
Ё бо чаманаш ба гуфтугӯест.
Ин рӯдаки шӯхи мавҷхез аст,
Ё духтараки фатиламӯест.

Ин чашма, ки тоза мекунад ҷон,
На чашма, ки оби ҷовидон аст.
Кӯл аст фарози ин куҳистон,
Ё чашми кабуди осмон аст.

Ин шеъри табиат асту олист,
Чун шоири хеш безаволест.

* * *

Шавам аз нашъаи лабҳои ту маст,
Мастӣ аз сар барад андешаи ном.
Ҳамчунон бар дили ҳар бодапараст
Ҷоми лабрез диҳад шӯру қиём.

Лаби соғар – лаби ёри гулрӯ,
Бинам аз рӯйи ту ман рӯйи баҳор.
Ларзад аз ларзиши тан куртаи ту,
Ояд аз домани ту бӯйи баҳор.

Ин туӣ, аввалу анҷоми манӣ,
Охирин ҷуръа ки дар ҷоми манӣ.

* * *

Нест беҳ аз ишқу вафо матлабе,
Бандаи ишқ аст саросар ҷаҳон.
Дар ҳаваси ишқи замин ҳар шабе
Тоза шукуфад чамани осмон.

«Ишқ баҳорест, баҳор оварад»,
Шохи ҷавонро бикунад гулбасар.
Пири кӯҳанро бари ёр оварад,
Гул бизанад, гул ба сафедии сар.

Лек дарахти куҳан аз шавқи ҷон
Гул бикунад, зуд бигардад хазон.

* * *

Гарчи шаб аз шӯълаи маҳ равшан аст,
Чашмаи хуршед фаромӯш нест.
Ҳаст азалӣ фарқи баландею паст,
Маснади шер аздари харгӯш нест.

Умр ба мардию сутургӣ хуш аст,
Кай каси бегурда кунад кори гурд.
Хурд кунад азми бузургӣ, хуш аст,
Войи бузурге, ки кунад азми хурд.

Кори ҷаҳон то ки ба сомон бувад,
Ҷойи бузургон ба бузургон бувад.

* * *

Нест ҳаргиз з-ин ҷазои сахттар,
Гар туро дар даҳр шоир зодаанд,
Баски ҷойи роҳати шому саҳар
Дарду ранҷи бешуморат додаанд.

Чорасози чораҷӯёнӣ басе,
Ғамшарикӣ бо ҳама ҷамъи башар.
Дар илоҷи дарди хеш аммо касе
Нест дар олам зи ту дармондатар.

Гарчи шоир зоданат айни ҷазост,
Лек хуштар з-ин мукофоте куҷост?!

## ШОХОБ

Дилам аз ёди ту дарёи сухан шуд, дарё,
Ҳамчу оғӯши ту, к-аз мавҷи равон шуд лабрез.
То бигӯям ғазали мавҷи сухангӯйи туро,
Рӯди Сайҳун, ту ба дарёи дили ман омез.

Пеш аз оне, ки шиносам Ватану меҳри Ватан,
Ман ба ин обу ба ин хок назар мекардам.
Оби ту баски даромехт дар обу гили ман,
Меҳри ту дар дилу ёди ту ба сар мекардам.

Дар куҷо дида будам рӯйи само бори нахуст,
Тори сар ё ки дар ойинаи бозигари ту?
Ту бидонӣ, ки чӣ гул буд маро ёри нахуст,
Хоби дилдодагии хеш бигуфтам бари ту.

Модарам, то ки бувад ҷони ҷавонам ба амон,
Манъ мекард, ки бо ту биравам мавҷсавор.
Модари мушфиқи ман кай хабаре дошт аз он,
Ки тапад қалби ман аз ишқи чу дарёи нигор.

Ту ба соле ду карат мешудӣ аз хеш бадар,
Шуста дар соҳили худ боғу чаманзорон беш.
Гарчи будам ҳама дам собиту сокит ба назар,
Бештар аз ту бадар рафтаам аз соҳили хеш.

Рӯди ҳамрозу ҳамовоз бигаштӣ ту ба ман,
Бо ту ошиқ шудаму шоири озодасухан.
Ту ба Омӯя бирафтӣ ба суйи баҳри Арал,
Ман пайи ҳарду бирафтам ба суйи баҳри ғазал.

Ман бирафтам ба муроде, ки ба дарё бирасам,
Рӯди Сир, мавҷи диламро бирасон бар дарё.
То ба ин дил, ки бувад мӯҷиби ҳар як нафасам,
Ҳамчу шохоби равони ту зиям дар дунё.

* * *

Ҳар рӯз камтар мешавад
Эҳсоси шӯрафшони мо.
Гармии сӯзиш меравад
Аз қалби мо, аз ҷони мо.

Гармем дар савдои хеш,
Хунсарди ғамҳои дигар.
Аз ин сару савдо магар
Гӯем боре алҳазар?!

Ё зиндагӣ дунёхурист,
Дунёхуру худпарварем.
Мо дар ғами дунё гаҳе
Бошад ки худро ҳам хурем.

Дар хоби ғафлат меравад
Чун сеяки умри башар,
Ҳайф аст хобидан ба рӯз
Аз дарди олам бехабар.

Сайёраи сабзи замин
Сабз аст аз сарҷӯйи дил.
Хуршед гардад зарра ҳам
Дар ҷустуҷӯйи кӯйи дил.

Дил меҳвари ҳастии мост,
То ғамкашу ғамхораем.
Мо бо дили дардошно
Сайёра дар сайёраем.

## ҲУЗНИ ШИРИН

Равам аз шаҳр сӯйи кӯҳи баланд,
Пастии зумрае барам аз ёд,
Устувории кӯҳро бинам,
Шавам аз бесуботҳо озод.

Шеваи якзабони рӯд ба гӯш,
Барам аз ёд садзабононро.
Кафи обаш ба сина пошида,
Бикунам сард сӯзиши ҷонро.

Чун бубинам, ки бодҳо гузаранд
Аз бари қулла беасар ҳар дам,
Бодсарҳою бодсанҷонро
Бингарам бенишона дар олам.

Чун бубинам шаҳомати куҳсор
Ки фақат як ғурури холӣ нест,
Ман наранҷам зи кибри мағрурон,
К-он ҳама аз мақоми олӣ нест.

Як дам, эй мурғаки ғазалпардоз,
Дар ҳавои сарам садо бардор.
Нағма пуршӯр кун, ки овозат
Аз дилу ҷони ман барад озор.

Бипар аз шохи боғи кӯҳистон,
Ба сари шохи шеъри ман биншин.
Нағмаи тоза аз гулӯ сар деҳ,
Ҳузни шеъри маро бикун ширин.

## ПАДРУДИ ВАРЗОБ

Бор бандам зи ту, Варзобдара,
Хайр, то соли дигар.
Орад ин соли навинам самара,
Назанам фоли дигар.

Хайр, эй хонаяки чӯбиамон,
Ту кунӣ навҳаву нолиш дар бод.
Нолад ин сон ба ҳавои борон
Устухонҳои маризи тарбод.

Баргатон рехта, эй ар-арҳо,
Ҳамчу шамъе ҳама тан урёнед.
Худ ба худ сӯхтани шоирро
Шаб ба шаб дида, аҷаб ҳайронед.

Хайр, эй хонаву эй ар-арҳо,
Сабзаи сӯхтаи пуштаи деҳ,
Кокули бед ба рӯйи дарё,
Ки занӣ дар хами гирдоб гиреҳ.

Хайр, эй рӯд, фақат бар ту равост
Роҳи мақсуд сипардан ба нишеб.
Роҳи инсон зи азал бар болост,
Кӣ равад паст, хурад сахт фиреб.

Хайр, эй кӯҳу раҳи болоям,
Маснаду мартабаи волоям,
Дар дили хеш туро шаҳр барам,
К-аз баландии ту бар худ нигарам.

Хайр, эй қуллаи сарманзили ман,
Шукри он барфи сафопарвари пок,
Назанад рӯ ба сиёҳӣ дили ман,
Ки туйӣ дар назарам – мазҳари пок.

Хайр, эй ҳикмати кӯҳу дараҳо,
Эй шубон, ҳар қадамат панди яқин,
Ғарқи андешаи ҳастӣ ба асо
Бизанӣ такя чу бар тири замин.

Хайр, хуш бош ту, эй марди расо,
Ман қаламро бикунам ҷойи асо.
На асое ки барад лангонам,
Бал асое ки барад сӯйи само.

То ба он рост кунам қомати хеш,
Нек бинам уфуқи дуродур,

Накушоям раҳ агар ҷониби пеш,
Ҳар касу пою гилемаш, маъзур.

Хайр, эй мизи хароби ларзон,
Фориғ аз ман шавию ранҷи қалам,
Баски н-орам сари ту бори ҷаҳон,
Накунам арсагаҳи шодию ғам.

Хайр, эй чашмаи симини равон,
Ки зи кас саргаҳи ту пинҳон аст,
Ҳамчу шеъре, ки биёяд ба забон,
Лек сарчашмаи он дар ҷон аст.

Хайр, эй чашмаи гул, чашмаи роз,
Об чун рафт ба ҷӯ, н-ояд боз,
Насли инсон, ки раҳии абад аст,
Боз ояд магар аз роҳи дароз.

Монад, эй чашма, зи ту хонаи об,
Пайраҳе баъди ман оё монад?
Чанде оё нашавад кӯру хароб,
Раҳрави дигар аз он по монад?

Хайр, Варзобдара, раҳ бубарам
Сӯйи пойин зи макони воло.
Во аҷаб, бар дави мошин нигарам,
Роҳ чун тир равад рӯболо…

* * *

Кӯ ба кӯ боди нохуши пойиз
Оҳи пурдарди боғҳо гӯяд.
Резаборон чу оби чашми хазон
Гард аз рӯйи боғҳо шӯяд.

Ман зи қолу мақоли ин дунё
Мегурезам ба боғ як нафасе,

То ғами хештан ҳикоя кунам
Нафасе бо дарахт чун ба касе.

Зиндагӣ заҳр дораду позаҳр,
Ғаму шодию хандаву нола.
Барги яксоларо чӣ рӯзардист,
Дар дили ман ғамест сисола.

Ғами сисола нест, медонам,
Ғами пири расида бар ҳафтод.
То дарахте зи бод меларзад,
Навбун аз бех бишканад, эй дод!

Ман ба ёре кушодаам оғӯш
Бо умеде, ки ӯ баҳори ман аст.
Нек бинам дилаш чу яхпора,
Пайкари сард дар канори ман аст.

Гар дарахти тановарам ба назар,
Нест бокам зи ҳамлаи бӯрон,
Ҳар замон лек сахт меларзад
Решаам аз хиёнату бӯҳтон.

Дарду ҳасрат кунам ба танҳоӣ
Аз ғами худ ба баргу боронҳо.
Ман дигар ҳеҷ гаҳ нахоҳам кард
Ба касе шикваи гаронҷонҳо.

Ба ғами кас гиристан осон аст,
Шод будан зи бахти кас мушкил.
Гиряро оби чашм агар кофист,
Баҳри тақсими бахт бояд Дил.

Мо, ки мардем, марди соҳибдил,
Хоки мардигарӣ кашад моро.
Кини душман ба назди мо саҳл аст,
Ҳасади дӯстон кушад моро…

Кӯ ба кӯ бодҳойи сарди хазон
Оҳи ошуфтаи дилу ҷон аст.
Дар сари мижжаи санавбари сабз
Оби борон чу ашк ларзон аст.

## ФИРОҚНОМАИ ПАДАР

Бо сактаи дил ту аз ҷаҳон бигзаштӣ,
Шуд ҳасрати мо, падар, ҷавон бигзаштӣ.
Гар зиндагият ба даҳр осон нагузашт,
Осон ту вале фариштасон бигзаштӣ.

Ҳар гаҳ, падар, аз ту ба алам ёд кунем,
Дар олами хок рӯҳи ту шод кунем.
Гар сактаи дил бурд ҷавонат зи ҷаҳон,
Армони ҷавонии ту обод кунем.

Ҳоло ки падар шудем, худ бепадарем,
Ӯ кулфати мо кашиду мо бехабарем.
Дунё, дунё, ба мо бигӯ, эй дунё,
Бо қарзи падар чӣ сон зи олам гузарем?!

Мехостӣ, эй падар, ки шоир бошам,
Аз табъи баланди хеш шокир бошам.
Ҳаргиз ба дилат набуд, к-аз ғуссаи дил
Ман марсиягӯйи рӯзи охир бошам.

## ДИЛАМ ГУМ МЕЗАНАД

Мерасӣ бар ёди ман ҳар гаҳ, дилам гум мезанад
В-ар зи ёдам меравӣ ногаҳ, дилам гум мезанад.
Ман ба ҷойи ҷони худ ҷони туро мепарварам,
Чун зи ҷонам мешавам огаҳ, дилам гум мезанад.

Шаб ба хобам медарой баҳри таскини дилам,
Бо муҳаббат менавозӣ тифли ғамгини дилам.
Чун сарат набвад саҳаргаҳ рӯйи болини дилам,
Дар хаёли он шаби кӯтаҳ дилам гум мезанад.

Ошиқон дастобагардан мераванду бар ба бар,
Бӯса мегиранд шодон аз лабони ҳамдигар.
Кош, сад соли дигар бошанд ҷуфти ҳамсафар,
Дар вафои ҳамдилу ҳамраҳ дилам гум мезанад.

Ман муроди хеш меҷӯям шабон аз моҳи нав,
Кӯҳна мегардад маҳу ман мекашам боз оҳи нав.
Сӯйи даргоҳи ту сад раҳ мекашам пайроҳи нав,
Боз назди он дару даргаҳ дилам гум мезанад.

Моҳтоб аз шӯъла гирди хеш хиргаҳ мезанад,
Дар дили ман дарди дуриҳои ту таҳ мезанад,
Моҳи рахшонат диламро ҳар шаб аз раҳ мезанад,
Шаб ба ёди моҳи бехиргаҳ дилам гум мезанад.

Мерасӣ бар ёди ман ҳар гаҳ, дилам гум мезанад
В-ар зи ёдам меравӣ ногаҳ, дилам гум мезанад.
Ман ба ҷойи ҷони худ ҷони туро мепарварам,
Чун зи ҷонам мешавам огаҳ, дилам гум мезанад.

## ИЛТИҶО

Гарчи гардам камбаҳо ман бе ту, ёри бебаҳо,
Гарчи бе ту нест истеъдодаму завқу даҳо,
Гарчи ҳар як ибтидоям бе ту бошад интиҳо,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Гарчи бе ту бар сари ман осмон ояд фурӯ,
Ҳам шавад шаш қитъаи олам ба чашмам зеру рӯ.
Гар туро бошад азизе, сад қасам бар ҷони ӯ,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Гарчи боди субҳ н-орад аз ту бар ман бӯйи ҷон,
Гарчи бе ту хушк гардад рӯду дарёи дамон,
Зулфи маҷнунбедҳо гарчи шавад хушку хазон,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Гарчи ҳаргиз бе ту нашкуфад баҳори дери ман,
Гирадам банди гиребон ишқи домангири ман,
Бахти лотақсири ман ё дарди лотасвири ман,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо.

Баста бошад рӯйи олам чун дарат бар рӯйи ман,
Лек ногаҳ дар кушоию бигӯйӣ сӯйи ман:
«Тоқати дигар надорам, ҳамдили дилҷӯйи ман,
Ту маро аз худ раҳо кун, ту маро аз худ раҳо!»

* * *

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ки чаро ман худу бехуд ҳама шаб мегардам
Ҳамчу раҳгумзада овораи раҳҳои дароз,
Ё чу сайёра, ки як шаб зи мадор афтода,
Натавонад ба мадор ояд боз.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Чун бубинӣ ба таҳи шохаи анбӯҳи дарахт,
Дур аз чашми чароғ
Як нафар лаб ба лаб асту дигар ангушт ба лаб,
Як нафар дар бари ёру дигаре бо ғами ёр
Хилвате ёфта дар хилвати шаб.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ки чаро хандаи хуршед маро озорад,
Нағмаву чаҳ-чаҳи мурғон нарасад бар гӯшам,

Ки чаро ҳамраҳи мастон ҳама ҷо ҳушёрам,
Лек бо мардуми ҳушёр чаро мадҳушам.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Аз чӣ з-ин пайраҳа дигар натавонам бигузашт,
Рӯйи ин сабзаи наврас натавонам бинишаст
Ва ба ин селаи мурғон натавонам нигарист,
Аз чӣ з-инҳо натавонам на гусасту на бираст.
Ту маро ҳеҷ мапурс.

Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ки чаро кафтари танҳо наравад бар гардун,
Сина сойида ба абри гузарон,
Ки чаро дар лаби пориса нишинад маҳзун
Зору бе кур-куру дур аз дигарон.
Ту маро ҳеҷ мапурс,
Ту маро ҳеҷ мапурс…

## САВОБИ ТУ, ГУНОҲИ МАН

Ҳамоғӯшии мо айни гуноҳ аст,
На онӣ дигару ман ҳам на инам.
Ба чашмони ту гул танҳо гиёҳ аст,
Манаш чун ошиқи хуршед бинам.

Ту мегӯйӣ, сухан зарби садоҳост,
Ба гӯшам лек рози одам аст он.
Ту пиндорӣ, ки ишқ аз зебу орост,
Маро аммо сиришти олам аст он.

Бубинам ман, валекин ту набинӣ,
Бубинӣ ту, вале ман хира монам.
Савоби ту, ки дар рӯйи заминӣ,
Гуноҳи ман, ки дар ҳафт осмонам.

## ЧУ БӮЕ БАР МАШОМИ МАН БУВАД…

Чу бӯе бар машоми ман бувад, бӯйи туро ёбам,
Чу рӯе пеши чашми ман бувад, рӯйи туро ёбам.
Чу аз кӯе ба кӯе мекашонад кори дунёям,
Ба ҳар кӯе ки роҳам мебарад, кӯйи туро ёбам.

Шабе, ки бо ту бошам, пурсафо чун рӯз хоҳад буд,
Вале бе ту шаби равшан шаби ҷонсӯз хоҳад буд.
Шабу рӯзам ки бе ту мазҳари садҳо табу сӯз аст,
Агарчи ҷон бисӯзад, боз ишқомӯз хоҳад буд.

Хабар меҷӯям аз ту бехабар аз хештан умре,
Туро мехоҳад,
эй ҷону ҷаҳонам, ҷони ман умре.
Агарчи ишқи ман дар кӯйи ту як умр сарсон аст,
Бувад ишқи ту дар ҷону дилам соҳибватан умре.

Шабоне к-аз худу аз зиндагии хеш дилгирам,
Хаёлам чун ситора аз тулӯи субҳ мемирам.
Чу ёдам мерасад рӯзе ки бе ёди ту хоҳам буд,
Ба ёдат зинда мемонам,
ҳаёти тоза мегирам.

Аз ин дунё ба ёди ман фақат ёди ту мемонад,
Чу таскини дили ман хотири шоди ту мемонад.
Намедонам, ки оё то саҳар мемонад ин дунё,
Агар монад,
ба ёди ҳусни ободи ту мемонад.

Дар ин дунёи безинҳор зинҳори манӣ, эй гул,
Ба ин ғамҳои сахтосор осори манӣ, эй гул,
Агарчи то абад аз ҳамдигар дурем, дур, эй гул,
Парастори манӣ, эй гул, нигаҳдори манӣ, эй гул!

* * *

Магар ёд омадат даври ҷавонӣ,
Ки гуфтиям ба нози ошиқона:
«Маро аз рӯйи ҳавлӣ метавонӣ,
Барӣ дар даст чорум ошёна?»

Дамидам синаи худро чу Рустам,
Мушакҳоро таранҷидам чу оҳан.
Вале дидам қади «мавзун»-у гуфтам:
«Бувад беҳтар,туро дар дил барам ман».

* * *

Дур бошӣ зи кӯйи навмедӣ,
Бахти камёбро кунӣ дарёб.
Рӯзҳои ту бод хуршедӣ,
Шомҳои ту бод пурмаҳтоб.

Дар шабоне ки ахтаре манзур
Набувад дар самои беимдод,
Осмони ту бод нуронур,
Сари кӯят ситораборон бод.

Фасли сармову айни яхбандӣ,
Аз чаман рафт соҳири гулдӯз,
Лек сардӣ ту ҳеҷ мапсандӣ,
Ҳама рӯзи ту бод чун Наврӯз.

Дурӣ аз дидаву ба дил ту қариб,
Рӯйи бахтат ҳамора равшан бод,
Рӯзи пирӯз бо ту бод насиб,
Рӯзҳои ғами ту бо ман бод!

## БУБАХШОЙӢ...

Бубахшойӣ,
Ки боре хостам
бе ёди рӯят шеър гӯям ман,
Зи бӯйи бодҳо бе бӯйи мӯят шеър ҷӯям ман,
Ҳама шеъру сухан
аз ёд рафт он дам,
Ҳама ҳусни чаман
барбод рафт он дам.

Бубахшойӣ,
Ки натвонистаам исторагонро ман
Якояк дар само
бо ёди чашмонат биафрӯзам,
Агарчи нест бе ту лаззати шабҳои ғамсӯзам.

Бубахшойӣ,
Ки сӯят чашми дилро дӯхтам ҳар шаб,
Ба танҳоиву дурӣ чун ситора сӯхтам ҳар шаб.
Чу дидам чашмҳоятро ба пеши чашми худ ногоҳ,
Шудам ман аз ҳазорон рози қалби хештан огоҳ.

Ба ёди барги зулфат барги зуфро ҳар куҷо дидам,
Бибӯйидам,
бибӯсидам,
ба захми реши дил бастам
Ва барги тозарӯйи зуф, ки нози барги зулфат дошт,
Кунун як барг камтар шуд.

Ҳикоят аз ту гуфтам бодро,
гулбод гашт он бод,
Ба номат номи гулро ҷӯр кардам,
гул шукуфт аз шавқ,
Ба чӯби хушк розатро, ки гуфтам,
сабзу хуррам шуд.

Бубахшойӣ,
Ки бе ту гул шукуфту бод гардон гашт,
Ва рафт аз сирри номат гуфтугӯ
дар гулшану дар дашт.

Ҳамон як лаҳзаи бе ёди рӯят рафтаам ин буд,
Ҳамон як шеъри дур аз ёди рӯят гуфтаам ин буд.

## МАНУ ИН ОСМОНИ ТОЗАРӮ…

Ману ин осмони тозарӯ ҳамрангу ҳамсонем,
Гаҳе абриву гаҳ беабру ниливу дурахшонем,
Ки аз меҳри ту хандонем,
Ки аз ҳаҷри ту гирёнем.

Ману ин рӯди кӯҳистон, ки найсонҳо шавад саршор,
Зимистонҳо шавад аммо камобу хурд чун ҷӯбор,
Зи меҳри ту дамем аз худ,
Зи ҳаҷри ту камем аз худ.

Ману ин кӯҳсорон бо ту сабзу кони ганҷ астем
Ва бе ту санги сардему тиҳиқалбу тиҳидастем.
Аҷаб зору низор астем,
Гаронсанги мазор астем.

Ману ин мурғакон,
к-аз нағмаҳои тоза саршорем,
Зи шаб то субҳ аз шавқат наво дорему бедорем,
Даме бе ту намехонем,
Навоеро намедонем.

Ману ин сабзаҳо сабзем дар зери қадамҳоят,
Ки сабзу тозарӯ бошад ба мисли ту қадамҷоят,
Агар ойӣ, ҷавон астем
В-агар н-ойӣ, хазон астем.

Ту бар гардуну рӯду сабзаву мурғон назар дорӣ,
Ту аз ин рози эъҷозе, ки меҷӯям хабар дорӣ?
Ман аз ин сир хабар дорам
В-аз гуфтан хатар дорам,
Ки бо сад ҷон
зи ҷонат дӯсттар дорам.

* * *

Шеър баски нест ҳаргиз ҷамъ ё ҷанги сухан,
Зинда бошад шоире ки мирад аз нанги сухан.
Хотире аз пеши худ рангинсухан кай оварад,
Баски рангомезии даврон бувад ранги сухан.
Нуктадонро ҳоҷати шарҳу баёни беш нест,
Вазъи давронро шиносад ӯ зи оҳанги сухан.
Гар набошад эмин оҳан аз табаҳкории занг,
Ҷони одамро хурад то мунтаҳо занги сухан.
Тангрӯзу тангмайдон нест он шоир ба даҳр,
Гар фарохӣ ёбад ӯ аз хиттаи танги сухан.
Он сухангӯро набошад ҳоҷате бар санги гӯр,
Санги гӯрашро бимонад гар худ аз санги сухан.

## ТАЪНАИ ФАРИШТА

Ту, эй фариштае, ки аз баландии само
Ба ҷониби замини паст бингарӣ,
Магар аз инат он фароғату сафо,
Ки аз башар ҷудоиву
зи насли дигарӣ
Ва бошадат само ватан,
Маро замини модарӣ.

Маро ту, эй фаришта, таъна мезанӣ,
Ки баҳри мансаби баланд одамон
Зи устухони ҳамдигар кунанд нардбон.

Ҳамон ки гӯяд ӯ, бувад қарину дӯстат,
Хабар шавӣ, ки ҷой карда каҳ ба пӯстат.
Ҳамон ки дар канори худ кашад туро чу ёр,
Агар ту ғойибӣ,
Зани туро ба ҷойи ту кашад канор.

Маро ту, эй фаришта, таъна мезанӣ,
Ки одамӣ ба зери остин
Барад ба ҷойи дасти меҳр – санги кин;
Ки дар лабони ӯ ба ҷойи нӯшханд
Саросар аст нешханд.
Набошад офаридае чун ӯ ба баҳру бар,
Ки фикри ӯ дигар,
Сухан дигар,
Амал дигар.

Аҷаб, ки дар назар намояд ӯ яке
Ва бо се гунае кунад зуҳур,
Ки ҳосилаш бувад футур.

Маро ту, эй фаришта, таъна мезанӣ,
Дигар куҷост одаме, ки нусхаи Худо бувад,
Зи макру ҳилаву разолату бадӣ ҷудо бувад,
Дилаш ба равшанӣ чу чашмаи зиё бувад,
Ба роҳи ҳақ адо бувад.

Дигар куҷост одаме, ки гӯяд ӯ сафо барам,
Ба ҳар касе бародарам, ба ҳар касе баробарам.
Куҷост одаме чунин
Ба соҳати замин?

Ту, эй фариштаи самои пок,
Гузар бикун зи таънаҳои талх,
Гузар бикун зи ҳарфҳои дарднок,
Гузар бикун ту аз ситез,
Ки бо туям сари ситез нест.
Агар маро ситезаест,
Ба ҷуз ба хеш нест.

Фақат туро бигӯям, эй фариштаи фариштагон,
Ки бар замин фуруд о зи авҷи осмон.
Нагӯямат, ки байни одамон фаришта шав,
Тавонӣ, одаме бишав ту байни одамон,
Бигӯямат, ки офарин,
Туӣ фариштаи замин!

## ҒУССАИ ХУҶАНД

Эй шаҳри Хуҷанди бостонӣ,
Донӣ, ки маро ба ҷойи ҷонӣ.
Аммо ба ту шеъри ғам нависам,
Ҳарчанд ки хонию нахонӣ.
Мункиршудае зи номи хешӣ
Бо он ҳама шӯҳрати ҷаҳонӣ.[1]
Темурмалик магар набудат,
Санге чу ба ёди ӯ намонӣ.
Чун Хоҷа Камол тарк кардат,
Ту қадри сухан дигар чӣ донӣ!
Аз Хоҷа нишонаат намонда,
Ҳарчанд варо ту худ нишонӣ.
Донам, ки ба дил ғами манат нест,
Аммо ба дилам чу ғам бимонӣ.

[1] Ин шеър ва шеъри «Дуруд ба Фарзона» солҳои 80 асри гузашта навишта шуда буд, ки ба шаҳри Хуҷанд – Ленинободи онвақта номи қадимааш баргардонида нашуда, ҳайкали Камоли Хуҷандӣ ҳам вуҷуд надошт. Вақте ки ҳафтавори «Адабиёт ва санъат», ки банда сармуҳаррири он будам, масъалаи ба шаҳри Хуҷанд баргардонидани номи қадимаашро ба миён гузошт, аз номи вакилони халқи шаҳр ба идораҳои болоии ҷумҳурӣ мактуби норизоие омад, ки дар он сармуҳаррири ҳафтавор барои ин кораш ба «ватанфурӯшию хиёнаткорӣ» айбдор карда мешуд ва банда аз таъсири ин амал ин ду шеърро навишта будам. Ҳоло ба шаҳр номи қадимааш – Хуҷанд баргардонида ва ба Хоҷа Камол ҳам пайкара гузошта шудааст. Муаллиф.

# ДУРУД БА ФАРЗОНА

Ин хоки куҳан қудрати худ кард ҳувайдо,
То фарди ту фарзонае овард ба пайдо.
Чун гӯямат охир, ки манам садқаат, эй ҷон,
Азбас натавон буд ба худ садқаву шайдо.

Бинам, ту яке мавҷи равонию маҳинӣ,
Донам, ба сухан мӯъҷизакорию матинӣ.
Ёбам, ки дилат софӣ аз ойинаи Сир бурд,
Бо ин дили софат асари доғ набинӣ!

Кай зодаи куҳсор ҳама кӯҳнаворд аст,
Кай чашмаи хуршед ба ҳар синаи сард аст.
Гар навъи башар зодаи ишқ асту гуноҳ аст,
Шоир зи азал зодаи дард аст, ки дард аст.

Эй хоҳари ширин, ту ба ман ҷони азизӣ,
Бо нармии ин дил ба бадӣ чун биситезӣ.
Бе банду камандеву ба ашъори баланде
Ҷойи ҳама мардони диёрам ту бихезӣ.

Дар ҷону дилат дарду ғами халқ дучанд аст,
К-имрӯз ба дунё на Камолу на Хуҷанд аст.
То ҳол ба шаҳраш ба чунин шоири якто
Як санг набошад, магар ин бахти баланд аст!?

Онон ки ба овоздиҳанд яковоз,
Овоз чӣ доранд, ки гунганд аз оғоз.
Ҳар ҳарф, ки гӯянд, бигӯ, баъд бигӯянд,
Бо ин ҳама бошанд магар мардумие боз?!

Онон ки туро ҷойи ҳама мард надонанд,
Мардигарие худ ба ватан карда натонанд.
Он лофу газофе ки зананд, аз пайи нафс аст,
Виҷдон ба куҷо, дар ғами нону ғами ҷонанд.

Аз банди дили ман аламу дард бихезад,
Чун бе ғами фардои ватан фард бихезад.
З-ин хок ки бархост чунин духтари бебок,
Бошад, ки пагаҳ боз яке мард бихезад.

## ОФТОБИ ХУНШОР

Тираву пурбим буд паҳнои арк,
Рафта буд хуршед аз болои арк.
Лашкару дарбориён аз ду тараф,
Дар миёни аркмайдон баста саф.
Ҳукм мебурданд Айниро кашон,
Буд сараш бар мушти бадхоҳон нишон.
Хирагӣ мекард туф бар рӯйи нур,
То кунад чун хеш ӯро низ кӯр.
Лек Айнӣ бегумон медид дур,
Олами муздуру марги ин судур.
Чун фуромад боз муште бар сараш,
Рафт зӯри охирин аз пайкараш.
Ҳушаш омад, ки зи по афтондаанд,
Назди як ғӯле ба зону мондаанд.
Хост бар по истодан устувор,
Ихтиёре кард, аммо ку мадор?
Қӯшбегӣ гуфт: «Ин Айнӣ бувад?»
«Ҳо, бале,» – гуфто гурӯҳе деву дад.
Ногаҳон омад садои синасӯз,
«Нест Айнӣ ин, Худоё, ин чӣ рӯз?»
Дид Айнӣ дарзамон сӯйи садо,
Қуввати дил гашт он ҳарфи вафо.
Зери лаб мегуфт Айнӣ чораҷӯй,
Балки ин мегуфт ҳар як тори мӯй:
«Эй дутории фақире аз авом,
Эй ту номуси азизу поки ом,
Як ҳамин овози ту омад ба гӯш,
Аз миёни шӯру ғавғо чун сурӯш.
Як ҳамин овози ту бас буд маро,
К-он сипар бар ҷисму бар ҷон шуд маро.

Баъд аз ин оянда ҳам нобуд нест,
Ранҷи ман беҳудаву бесуд нест.
Эй фидову ин дурӯғи ту манам,
Ман ба роҳи ростин ҷон меканам».
Пас садои қӯшбегӣ шуд баланд,
Чун ба санге хӯрдани неши каланд:
Дурра мебояд задаш ҳафтоду панҷ,
То бидонад хуб, озодӣ чӣ ганҷ.
Ғӯлае бигрифт дар пушташ варо,
Доманаш бурданд то гардан фаро.
Ду нафар аз дасту пояш доштанд,
Бо адоват дурраҳо бардоштанд.
Кард сар мири ғазаб: «бир, экки, уч…»
Мефаромад зарбаҳо бар пушти луч,
Канда ҳар як зарбааш як лахти гӯшт,
Кӯфт дарҳам пораҳои сахти гӯшт.
Дурра шуд аз хун чу шохи арғувон,
Аз лаби Айнӣ наомад як фиғон.
Баски дар пушташ намонд аз гӯшт ҳеч,
Устухон аз зарбаҳо мехӯрд печ.
Чун ҳисоби дурраҳо бишнид: Шаст,
Гӯиё ҷисмаш ба ҳавзи хун нишаст.
Як замоне шасту шаш омад ба гӯш,
Издиҳому миш-мишаш омад ба гӯш:
«Ин чӣ сагҷоне, ки ҳоло зинда аст,
Ғарқи хуну сар ба боло зинда аст…»
Боз нӯҳ зарби дигар омад ба пушт,
Ӯ нигаҳ бар қӯшбегӣ кард, кушт.
Дид майдон, к-офтоби тозарӯ
Медамид аз шонаи хуншори ӯ!

## БУЛБУЛИ ДАШТӢ

Хест байни шоирон баҳси шадид,
Булбули даштӣ, агар бошад, кӣ дид?
З-он яке мегуфт, оё дашт чист,
Боз мурғаш…ин магар писханд нест?

Ҷойи булбул гулшан асту шохсор,
Бесабаб набвад ки хонандаш ҳазор.
Ҳар куҷо гул ҳаст, он ҷо булбул аст,
З-ин сабаб булбул пасованди гул аст.
Гарчи ояд гулшану булбул хушам,
Хандаи гул, хонишу ғул-ғул хушам.
Лек гӯям, мурғи даштӣ, офарин,
Нағмахони дашт гаштӣ, офарин!
Чӯлро кардӣ ба лаҳнат бӯстон,
Саксавулро шохи гул, эй нағмахон.
В-арна ҳар мурғе ба гул хонад суруд,
Эй зиҳӣ мурғе, ки мурғи дашт буд.

* * *

Зиндагӣ бозтоби тақдир аст,
Тобишу ҷилва мекунад садранг.
Одамӣ дар ҳисоби тадбир аст,
То бувад ҳамнавову ҳамоҳанг.

Зиндагӣ шуғли номҷӯиҳост,
З-одамизод ном мемонад.
Номи ҳар кас баланд бошад, умр
Ба раҳаш беш дом мемонад.

То шавад ӯ ба зиндагӣ побанд,
Банди худро ба по набинад ҳеч,
Хештанро шуморад озода,
Гарчи дар банд хӯрда пояш печ.

Ҳар чӣ бошад, набояд истодан,
Пеши кас сар набоядат хам кард,
Ҳамчу бандӣ ки банд дар пояш
Меравад лек бо шаҳомати мард.

Пой – дар банд, роҳ – беохир,
Тӯли раҳро нигоҳ медонад.
Раҳраверо зи роҳ бардоранд,
Ғам махур, тарҳи роҳ мемонад.

## ТУ МАРО МЕШУНАВӢ?

Ту маро мешунавӣ?
Саҳар ойӣ сари сарчашма ба об,
Нигарӣ ҳалқарави мавҷи маҳин,
Шунавӣ гӯшакии обу алаф,
Даме эҳсос кунӣ набзи замин,
Дар миёни ҳама ин мӯъҷизаи арзу само
Ту маро мешунавӣ?

Тавсане сум бизанад бар сари санг,
Кабки маст аз камари кӯҳ бихонад қаҳ-қаҳ,
Селаи мурғ фуроянд аз кӯҳ,
Рама бар домани куҳ гирад раҳ,
Дар миёни ҳама ин савту садо
Ту маро мешунавӣ?

Пунбаи абр ба гӯши дара аст,
Лачаки лола сари синаи тал.
Ҷониби пушта равад духтараке,
Ки бувад ошиқаш он ҷо маътал.
Зимни ин манзараи ишқу умед,
Ту маро мешунавӣ?

Ҷони ман,
Ман туро мешунавам шому саҳар
Аз нафасҳои таболудаи ошиқ бари ёр,
Аз тапишҳои гулу шохаву барг
Дар раҳи боди баҳор.
Рӯз аз хандаи хуршеду ба умқи шабҳо
Ман зи чашмакзании кавкабҳо,
Зи садоҳои замину зи навоҳои само,
Аз куҷо то ба куҷо
Ман туро мешунавам, мебинам,
Гул ба ёди рухи ту мечинам.

То зи ҳар барги гуле бӯса занам рӯйи туро,
Ғарқ дар кӯли ду чашми ту шавам.
Сари гесӯйи ту гирам сари даст,
Бо сари масти худ аз хеш равам.
Бубарам ҷумла ҷаҳонро
аз ёд,
Ба лабам номи ту созам фарёд:

Ҷони ширин,
ту биё,
Боз ҷойи ҳама гулҳои чаман
Ту биханд.
Ҷойи мурғони хушилҳон
ба бари боғи ҷавон
Ту бихон.
Биравад кабки рав аз домани кӯҳ,
Лек дар домани дил
Ту бимон.

Аз миёни ҳама хандонлабу
хушхону
равон
Ту биханду
ту бихону
ту бимон!
Ман дигар ҳеҷ нахоҳам зи ҷаҳон,
Ту маро боз бихоҳ.
Гар шавад ҳар ду ҷаҳон ҳам охир,
Ту вале ишқи маро
Аз нав оғоз бихоҳ!

## ИШҚИ ДУХТАРИ ҚАЗОҚ

Як шаби ишқ туро бахшидам,
Гуфтию шона задӣ мӯйи баланд.
Дида он шоназанӣ дар дили ман
Тапиши ишқи ту мешуд садчанд.

Гуфтиям: «Халқи маро расме ҳаст,
Авул ояд чу ҷавонмарди писанд,
Дили мардум ба ҳунар об кунад,
Беҳтарин духтарак ӯро бидиҳанд.

Хушам омад сухани дилҷӯят,
Ман ба он одати халқи ватанам
Як шаби ишқ туро бахшидам,
Як шаби ишқ чӣ, ин ҷону танам.

Кош будӣ алафи наврушта,
Дашти ҳамвору самои нилӣ,
Ҳама шаб хӯшаи Парвин равшан
Ба сари ҳар дуи мо – қандиле.

Тавсани ишқи гурезонам, ёр,
То ба ин шаб ба чӣ даште, ки бигашт.
Кош, дар дашт туро ёфтаме,
То ту бишохтиям, духтари дашт!

Ҳар чӣ шуд, хуб! Намонд армонам,
Дар бари шоири худ сӯхтаам.
Баъд аз ин рӯзам агар гашт сиёҳ,
Аз шаби ишқи ту афрӯхтаам.

Зодаи даштам агар будӣ ту,
Будӣ алҳақ йигити човандоз.
Ту ки фарзанди куҳистон будаӣ,
Тую кӯҳу ману он дашти дароз…».

Лаб бубастӣ зи сухан, дар дастам
Домани дашти ҳавасҳои ту буд.
Зиҳӣ он мардуму он бахшоиш,
Ки туро доду дил аз ман бирабуд!

* * *

Чаман шукуфт, азизон, ба гул назора кунед,
Чу гил нахӯрда шуморо, ба гул канора кунед.
Чу бед дар лаби ҷӯ зулфи худ дар об андохт,
Зи бӯсаи лаби дилбар чӣ истихора кунед.
Агар баҳори табиат ба сол як бор аст,
Шумо баҳори дили хеш бешумора кунед.
Чу ошиқони хасак рози худ ниҳон доранд,
Шумо ба ҳар ду ҷаҳон ишқ ошкора кунед.
Чу кардаҳои шумо беҳ зи бурдаҳои шумост,
Ба нури дидаи фардо ба худ назора кунед.
Расад пиёдараве бар мақоми фарзинӣ,
Магар сазад, ки ҳасадҳо ба ҳар савора кунед.
Агар ситораи давлат нашуд насиби шумо,
Ба сина аз дили сӯзони худ ситора кунед.

## ШОИРЕ ОЯД…

Дар замоне, ки башар дар хобҳои коҳилӣ хуфта,
Баъди хӯрданҳои барги оламе чун кирми абрешим,
Нест гӯё хоҳиши бедорияш то рӯзи растохез,
Бо садои бартар аз тундар
Ё салои сури Исрофил дар маҳшар
Шоире бояд,
Шоире ояд…

## БА КАМОН ЧӢ ГУНА ХӮ ГИРАМ…

Зи рафоқати камондорон ба дили рамида ғамгинам,
Ба камон чӣ гуна хӯ гирам, ба камин чӣ гуна биншинам.
Ба камаршикастагон ҳаргиз набувад маро забардастӣ,
Ки адолат аст талқинам, ки муҳаббат аст ойинам.
Худ агарчи гушна мемирад таги осмони безинҳор,
Зи кабӯтарону гунҷишкон накунад шикор шоҳинам.
Ба дилам чӣ мезанӣ дашна, ту ҳаме ба хуни ман ташна,
Ки даво нагашта то имрӯз асароти захми поринам.

Ба забони мардуми поён ҳама пурсише дурусту рост,
Ба забони мардуми боло ҳама посухе дурӯғинам.
Агар аз тариқи каҷгардӣ шуда ҳамнишини шаҳ фарзин,
Набувад ҳавои шоҳонам, набувад хисоли фарзинам.
Саярони боди наврӯзӣ зи чаман наоварад бӯе,
Ба баҳор ғунча хас гардад, чӣ кунам ба табъи гулчинам.
Дили содаро диҳам таскин ба ҷаҳон агарчи медонам,
Бирасад замони рангинам, наравад ғамони деринам.

## ШЕЪРИ ХУНДОРИ МАН ГИРЯД…

Абр хушкид аз гиря, то чӣ бар тори ман гиряд,
Боми афлок нам гирад, абри озори ман гиряд.
Рӯҳи бедор – афсурда, дилхушивор – дилмурда,
Наъш бар хок наспурда, ҷони бемори ман гиряд.
Аз баландии кӯҳистон  он қадар лофҳо гуфтем,
К-ин замон дашт бар ҳоли зори кухсори ман гиряд.
Субҳ хуршед хунолуд, шом хуршед хунполо,
Деви хунхори шаб хандад, ҳури хуншори ман гиряд.
Дил нахоҳад дафу карнай, ғулғулу шӯр дам дарбанд,
Ғижжаку най бикаш нола, то дили зори ман гиряд.
Ман ки дар ҳаҷр мегирям, дурам аз ёру мемирам,
Гар насибам шавад дидор, ӯ ба дидори ман гиряд.
Шохи умри ҷавон машкан, бишканӣ, кай шавад сарсабз,
Гар зи шохе канад барге, решаи хори ман гиряд.
Чун кунад пуштбониям, пуштбоне ки ҷӯёнам,
Чун ниҳам пушт бар девор, пушти девори ман гиряд.
Баъд аз ин лаб фурӯ бандам, к-ин чунин гиря то чандам,
Лек ҳар гаҳ ки ман хандам, шеъри хундори ман гиряд.

## ЭЙ УҚОБИ ГАРДУНСАЙР!

Эй уқоби гардунсайр, аз чӣ ҷони ту хаста-ст,
Ё ки осмон паст аст, ё ки боли ту баста-ст.
Ё ки хоҷаи парвоз ришта баста дар поят,
Бар ҳаво сарат дода нӯги ришта дар даст аст?!

Ин чӣ гуна озодӣ, сарбаландиву шодӣ,
Ин чӣ ҳафт гардуне к-авҷаш аз замин паст аст.
Кай ба марзи бедодӣ руста нахли озодӣ,
Баски ҳар табардасте андар он забардаст аст.
Ҳар кӣ гӯяд озодам, ман аҷаб аз он дорам,
Чун ба пой завлона ношикаста, вораста-ст.
Мурғ пар занад бояд, сина бар само սояд,
То шиносадаш гардун ҳеҷи ҳеҷ ё ҳаст аст.
Дар само чӣ хоҳад кард раҳрави заминпаймо,
Гар уқоби гардунсайр сархамида, побаста-ст?!

* * *

Қимати коло баланду ҳиммати воло шикаст,
Дар ҷаҳони пастроён қомати боло шикаст.
Чун фузун шуд эътибори роҳбанд аз раҳкушо,
Мӯътабар шуд санги роҳу пойи раҳпаймо шикаст.
Ҳар касе бар санг зад гар шишаи номусро,
Шишаҳои нанги мо дар олами дилҳо шикаст.
Ёрро ҷоми мае додам, ки дил саршори туст,
Зад ба санги нӯшхандаш, ҳар дуро якҷо шикаст.
Дар ду олам гарди роҳеро наозурдем, лек
Ҳар кӣ чӯбе дошт, аз «ҳиммат» ба фарқи мо шикаст.
Дар масофи даҳр агар бишкаст хоро шишаро,
Бемасоф ин ҷо вале ҳам шиша, ҳам хоро шикаст.
Иддае гар бори имрӯзаш намеёрад кашид,
Қомати мо зери бори заҳмати фардо шикаст.

## ПАЁМ АЗ ИШҚ МЕХОҲАД…

Паём аз ишқ мехоҳад дили шайдои ман имшаб,
На танҳо дил, ки мехоҳад ҳама аъзои ман имшаб.
Дилу ҷонам ҷудо мехоҳаду ҳам даст, ҳам бозу,
Ки худ пайдо чӣ мехоҳад зи нопайдои ман имшаб.
Кунад сад шоми зулматро шаби ёдаш чароғистон,
Чароғон гардад аз ёдаш на як дунёи ман имшаб.

Ду дарё дар уфуқ пайвандаду маҳтоби завракрон
Равон ояд зи гардун дар дили дарёи ман имшаб.
Манам зинда ҳамин ҳоло, вале уммеди фардо ӯст,
Агар меояд имшаб, мерасад фардои ман имшаб.
Чу матлаб матлаби ишқ аст ҷонҳову ҷаҳонҳоро,
Ҷаҳон ошиқ намеёбад яке ҳамтои ман имшаб.
Зи бас умре ба шукри ишқ сар дар пойи дил мондам,
Ҳамин дил мениҳад аз ишқ сар дар пойи ман имшаб.

## ШАБИ ҒУССА

Чӣ кунам ба номи ҷовид, ки зи худ нишон гузорам,
Ки ман аз ҷаҳони ҷовид ғами ҷовидона дорам.
Чӣ ҷаҳон, ки ормонаш сари дор дидани мост
Ва хуш аст, агар чу Ҳаллоҷ бикашад ба ҳалқа корам.
На табиби ҳушёре, на ҳабиби ғамгусоре,
На давои ҷисми бемор, на илоҷи ҷони зорам.
На маҷоли зуд рафтан, на тавони дер мондан,
Ба кӣ бори тан гузорам, ба кӣ нақди ҷон супорам.
Ба масал агар дарахтам зи барои кирми айём
Бизананд шоху баргам, ки чу тути гурмдорам.
Бирасад баҳори гулшан, бишавад хазон гули ман,
Ба баҳори бехазонӣ чу хазони бебаҳорам.
Надамад сапедаи субҳ ба сипеҳри тирарӯзон,
На ситорае дурахшад ба шаби дарози торам.
«Ба тавофи Каъба рафтам», ки Худо ба хона ёбам,
Чу Худо зи хона рафта, манат аз чӣ хонадорам.
Чу Худоям офарида ба замин вакили мутлақ,
Зи Худо ба ин ваколат, бахудо, ки шармсорам.
Сухане зи рози Одам чӣ сареҳу фош гӯям,
Ба чӣ узр худ ба айём ҳама ҳарфи мустаорам.
Сари сабзи ҳар суханвар ба нишони сад нишонзан,
Чу суханварон шикоранд ба суханварӣ шикорам.
Нафаси фароғате нест, ки туро нафас набанданд,
Магар ин чӣ зиндагонӣ, ки ҳама нафас шуморам.
Набувад зи рӯзи шодӣ асаре ба сафҳаи умр,
Ғазалест, балки монад шаби ғусса ёдгорам.

## ИНТИХОБ

Сипарда ними роҳамро,
Расидам бар сари роҳе, ки дар санг
ин сухан ҳак буд:
«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,
«Равию барнагардӣ, лек бомақсуд».
Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.

Синони тирхатҳо дар дилам даррафт,
Ду поям монд аз рафтор, биншастам
Ва кардам тоза гарди сангро бо охирин уммед,
Ки шояд чашми ман дар санг ҳарфи дигаре бинад.
Вале ҳар қадр медидам,
ҳамон медид:
«Равию боз гардӣ, лек бемақсуд»,
«Равию барнагардӣ, лек бомақсуд»,
Ду хат сӯйи ду роҳи саъб ишорат дошт бепарво.

Гарон мондам,
Гаронам буд зи ҷо бархостан,
рафтан,
Гаронтар буд биншастан.
На тобу тоқати хомӯш мондан буд,
на ёрои сухан гуфтан,
Фақат оҳе даруни сина мепечиду мепечид бефарёд
Ва аз сӯйе набуд имдод.

Ду роҳе, к-он на нафрин дошт, на таҳсин,
Фақат огоҳ мекард он ки дар фарҷом ҳосил буд,
Якеро мақсади беумр,
Дигарро умри бемақсуд
Ва қурси офтоб аз гӯшаи гардун ҳамоил буд.

Агар умр аст ширин раҳ ба ҷуз роҳи нахустин нест,
В-агар ширин бувад мақсуд, роҳи ту раҳи сонист.
Чӣ кор ояд валекин мақсади беумр,

Ки гар ёреву дидорест, бо умр аст,
Ки гар ишқеву дилдорест, бо умр аст.

Вале бардоштам гом аз раҳи сонӣ,
Гузаштам аз бисоти зиндагиву умри нотакрор,
Куҷоӣ лек, эй мақсуд,
эй мақсуди безинҳор?!

## ЁРОН…

Ёрон, маро чӣ гуна тавонед вошинохт,
К-аз авҷи осмони шумо, чун ситорае
Як лаҳза даргирифта сарозер меравам
Аз беканорае ба дигар беканорае.

Он дам ки аз саросари кайҳон парон равам,
Аз ман хати шуои дурахшон нишона аст.
Ҷонам ба ҷуз шарораи ишқу умед нест,
Роҳам ба ҷониби ватани ҷовидона аст.

Ояд садо зи хок: «Ба гардун назар кунед,
Ҳо, як ситора канда шуд аз сақфи осмон.
Ҳайфо, ба хок риштаи умре гусаст боз»,
Оне ки буд нишони вафо, гашт бенишон.

Ёрон, чӣ ҷои ҳасрати умри шарори ман,
Чун тори сар шаҳомати гардуни тозарӯст.
Он ҷо набошад аз дили сарду сияҳ асар,
Бо нур байни ошиқу маъшуқ гуфтугӯст.

## ИЛТИҶО АЗ СИМУРҒ

Маро бибар ба ҷаҳони муназзаҳу равшан,
Ки покро сари парвоз ҷониби покист.
Зи арши нур бигирад фурӯғ синаи ман,
Агарчи покдилеро замин ҳам афлокест.

Маро бибар ба сипеҳри баланду нуронур,
Ки рафтанам ба ту бо худ расидан аст имрӯз.
Аз ин насибаи мушкил намешавам маъзур,
Ки мекунӣ ту маро бар муҳоли ман пирӯз.

Туро ки ҳеҷ гарон нест сайри олами роз,
Чаҳор гӯшаи офоқ бо ту манзур аст.
Маро бидеҳ ту паёме аз осмони фароз,
Маро бибар ба диёре, ки зулматаш нур аст.

## ДАРЁ, МАРО БИГИР…

Ман меравам зи соҳили дарёи мавҷхез
Дар сангбанди соҳили худ лолу бесадо.
Дарё пур аз сухан,
Дарё пур аз наво.

Мавҷе баногаҳ аз бари дарё гурехта,
Бо ҷасту хез пойи маро бехабар кашад.
Дарё вале чу модари ғамхору меҳрубон
Бозаш ба бар кашад.

Гар зиндагист модари ғамхору мушфиқам,
Охир чаро зи хеш маро тард мекунад.
Ҷонам ба сад азоб гирифтор мекунад,
Ҳам лоф мезанад, ки маро мард мекунад.

Дарё шитоб дораду амвоҷ дар бараш
Ҳамрозу ҳамдам аст.
З-ин умри даргузар ба ман оне ки мерасад,
Танҳо даму ғам аст.

Дарёи дардам аз бари сарҷӯйи осмон
Оғоз мешавад.
Чун мерасам ба саргаҳи ғамҳои худ, маро
Дамсоз мешавад.

Ҳоло агарчи хонаи дарё зи ман ҷудост,
Дарёям ибтидост,
Дарёям интиҳост.

Дарё, маро бибахш,
Дарё, маро бибахш, агар модарам туйӣ,
В-ар на бигӯй, модари ман аз табори кист?
Ман мавҷи рондаам, ки зи ту дур мондаам,
Дарё, маро бигир,
Дарё, маро бибар,
Ин шоири ғариб писарандари ту нест.

## ПИЁДАГОН

Пиёдагон ки аз азал замин ба дӯш меравед,
Даме, ки хаста мешавед дар масири ҷовидон,
Чаро барои такяи шумо
Намерасад замон?

Пиёдагон ки мерасед
аз он канораи уфуқ,
Шумо ба офтоб меравед бар гузаргаҳи ғуруб,
Шумо ба офтоб мерасед бар нишемани тулӯъ,
Чаро сухан намекунед аз маҳалли офтоб?

Шумо ки мебаред раҳ ба сӯйи Каҳкашон
Ба азми ҳамнишинии ситорагони пок,
Дар ин раҳи фарози нур
Магар ба ғайри хеш дидаед
Ситорае, ки бошад он фаротар аз фариштагон?

Пиёдагони роҳи дур,
Саворае ки меравад ба пойи дигарон,
Магар тавонад ин раҳи шумо қарибтар кунад?

## ШОИСТАТАРИН

Дар дилам чашмаи хуршед биҷӯшад ҳама рӯз,
Орзую ҳавасу нийяти ман хуршедист.
Дар шаби тортарини дили ман маҳтоб аст,
Шоми навмедии ман субҳдами уммедест.

Сояи ман каҷу хамхӯрда нарезад ҳаргиз,
Офтоби сари ман баски дурахшад ба қиём.
Нуқтаи абри сияҳ нест ба гардуни дилам,
Тирагӣ нест дар он ҷо, ҳама нур аст мудом.

Эй ҳамоне ки маро шӯълафишон медорӣ,
Рӯйи пурнури ту дар рӯйи ҷаҳон меҷӯям.
Ҳамчунон гавҳари тобон ки ба дарёи самост,
Худ нишони туаму аз ту нишон меҷӯям.

Аз ту шоистатаре нест дигар ишқи маро,
Аз ту боистатаре нест ба ин арзу суҷуд.
Ту ки ҳастӣ ҳама нуру ҳама сидқу ҳама ишқ,
Ишқи мастури диламро ба кӣ хоҳӣ бахшуд?!

## ДОСТОНИ ИШҚИ МАН

Рӯ ба рӯйи сафҳаи шоҳии рухсорат
Бо қаламчӯби сиёҳи шоирии хеш ҳайронам,
К-ин сапедиҳои симинро чӣ сон бо ранг омезам
В-он сиёҳиҳои шоми қиргуни гесувонатро
Дар сапедиҳои субҳи сафҳа чун резам.
Гарчи шабро бо умеди субҳи рӯят мебарам то рӯз,
Рӯзро бо ёди гесӯйи сияҳ то шоми рӯзафрӯз.

Ман ба он лабҳои нарму нозуки ту чун назар дӯзам,
К-аз ҳаё чун ғӯл мехоҳам равам дар ғор.
Лек медонам яқин акнун,

К-андар ин олам агар ҳайвоне инсон шуд,
Аз ҳаёи он лабони зиндагибахшой ин сон шуд.
Гар ба ҳайвон медиҳад шарми лабонат файзи инсонӣ,
Медиҳад бар насли инсон фарри яздонӣ.

Эй саропо дафтари шеъри худоёна,
Бо мани муштоқи шеър аз байти абрӯят худоӣ кун,
Ташнаро аз чашмаи нӯши лабонат оби ҳайвон деҳ
В-ин хаёли бепарамро болу пар деҳ, шавқи ҷавлон деҳ.
Сатрҳоямро ба мавҷи обшори мӯйи афшонат
Аз ҳама қайди тааллуқ яксара озод кун,
То абад банди ту бошад,
Бахтпайванди ту бошад.

То бубинам ин ҷаҳонро хонаи ишқу муҳаббатҳо,
Сар ба сар лабрез аз афсонаи ишқу муҳаббатҳо.
То ҷаҳонро заррае холӣ набинам аз ҳавои ишқ,
Баски пур бошад фазои бекарон ҳам аз ҳавои ишқ.

Гар ҷаҳон ҷойе барои зиндагӣ дорад,
фақат оғӯши ишқ аст,
Гар ҷаҳон ҷойе барои бандагӣ дорад,
фақат оғӯши ишқ аст.

Эй ки бе оғӯши ҷонбахшат муҳаббат нест ҷовидон,
Лаҳзае ишқи ту хоҳам, то бидонам чист ҷовидон.
То бидонам аз чӣ Маҷнун худ,
ки кайҳо рафтаву хок аст,
Пур вале аз достони ишқи ӯ ин хоку афлок аст,
Ё бувад он қиссаи ҷовиди Қайсу ишқи домангир,
К-ӯ намеёрад бисозад як қалам ҳусни туро
бо сад қалам тасвир,
Ё ки он дастони ишқи безаволи ман бувад, эй дӯст,
Баски чун бинам ба ҷони хештан, бинам, ки ҷони туст.

## ШОХИ ШИКАСТА

Дар шохсори хотирам имшаб наво бизан,
Эй мурғаки чаман, чамани ёдҳои ман.
Дарде ки ҳаст дар дилам аз талхии фироқ,
Ширин бикун ба шеваи ширини хештан.

Донӣ ки дил ба савти ниҳонат супурдаам,
Гарчи зи нағмаат аламам тоза мешавад.
Ёдам чу мерасад қалами қоши сабзи ӯ,
Дар шоирӣ сари қаламам тоза мешавад.

Шеъри маро чу қофия бандад ду кокулаш,
Шоҳини абрувонаш бар мекашад сухан.
Сурат ки тоза мекунам аз шири рӯйи ӯ,
Субҳи рухаш сафед кунад шеърҳои ман.

Аз ҷӯйи хома меравад оби ҳаёти шеър,
То чашмаи лабони варо нӯш мекунам.
Бандам ду гӯш аз ҳама ҳангомаҳои даҳр,
То розҳои қалби варо гӯш мекунам.

Сар мениҳам ба синаи табдори беғашаш,
То ҳафт осмони сафо мерасад сарам.
Нозукниҳоли қоматаш оғӯш мекашам,
Гул мекунад ба боди сабо боғ дар барам.

Эй мурғи хушқареҳаи ман, тоза кун гулӯ,
Ҳарчанд хун шавад диламу хотирам пареш.
То шохаи шикаста нагардад хазону хушк,
Дар шохаи шикаста бихон нағмаҳои хеш.

## ТУ СУРУДИ ДИЛИ МАН

Ту суруди дили ман,
Ту сурудӣ, ки ҳама рӯзу шабӣ дар дили ман.
Ту дуруди дили ман,
Ту дурудӣ, ки сириштӣ ҳама обу гили ман.

Ту ҳамонӣ, ки ба ҳар ҷузви ту бошад ватане,
Ватани ишқи ман аст.
Ту ҳамонӣ, ки туро васф кунад ҳар сухане,
Сухани ишқи ман аст.

Биравӣ ту зи гузаргоҳи дил озодаву шод,
Ба сари мӯйи ту ларзон дилам аст.
Бидиҳӣ ишқи самовӣ ба мани хокниҳод,
Ба раҳат хок шавам, хок, кам аст.

Шавқи дидори рухат медиҳадам шаҳпари ишқ,
То фаро оям аз ин суду зиёни башарӣ,
То биёбам, ки дар ин кишвари беохири ишқ,
Ҷуз муҳаббат ба ҷаҳон нест нишони дигаре.

Ту самоӣ, ки фарозат ҳама ишқ асту сафо,
Мавҷи ахтар занад он синаи пурнуру шарор.
Сари шаб ҳамчу маҳи нав кашам оғӯш туро,
То диҳад ишқ камолам ба шаби бӯсу канор.

Ончунонам бисиришт Эзиди ин ҷону ҷаҳон,
Ки ба ҳар зарраи ман оламе аз ишқи ту аст.
Ғайри ширинии дарди ту чӣ орам ба забон,
Ки шаби бозпасин
Ман ба шукри ғами ишқи ту забон хоҳам баст.

Ту ки ҳоло зи манӣ,
Ман ки ҳоло зи туям,
Ту ҳама рози манӣ,
Ман ҳама рози туям.

Шодмони дами ишқем, чӣ бошад ғами ишқ,
Дили мо дар бағали ишқ ҷавон хоҳад монд.
Дили беишқ равад беасар аз олами ишқ,
Аз ману ту ғазали ишқ нишон хоҳад монд.

Ту суруди дили ман,
Ту сурудӣ, ки ҳама рӯзу шабӣ дар дили ман.
Ту дуруди дили ман,
Ту дурудӣ, ки сириштӣ ҳама обу гили ман.

## ШЕЪРИ ЗАНИ МАҲБУБ

Эй зане ки дӯстат дорам,
Пайкари ту хирмани заррини пурбор аст,
Хирмане к-аз баҳри як донаш
Дод Бобоям биҳишти ҷовидон аз даст.
Лек он хирман дар оғӯши ман аст имрӯз,
Ман куҷову ёди он афсӯс.

Обшоре аз бару дӯши ту мерезад,
Мепаранд аз байни он гӯё парастуҳои абрӯят.
Чашмҳои беғуборат чашмаҳои тозаву софанд,
Дар хами гесӯят ангуштони шаббода
Қиссаҳои ишқ мебофанд.

Доимо пар мезананд атрофи зулфат сӯзанакҳо.

Мебарам бар чашмаи шодоби лабҳоят
Ташнагиҳои лабонамро.
Ҳам ба рӯйи хомаҳои моҳтобии бағал сармаст
Рӯз месозам шабонамро.
Аз камаргоҳи ту мелағжанд дастонам ба ҳамворӣ,
Хешро ворафта меёбам миёни хобу бедорӣ.

Меравам беёд дар дунёи оғӯшат,
Мебарӣ бо худ маро пайваста чун дарё –
Сар ба сар лабрези хоҳишҳо,
Бехабар аз ранҷу коҳишҳо.
То ба ҳар мавҷу тапиш мегардӣ имшаб
тозатар аз хеш,
То ба ҳар мавҷу тапиш мегардам имшаб
тозатар аз пеш.

Рӯйи дарё бол бикшоянд ёғуҳои ишқи мо.

Байни мо лоинтиҳои ишқу армонҳост,
Меравем имшаб чу дар оғӯши ҳамдигар,
Меравад лоинтиҳо дар қалби мо яксар,
Мешавем он гуна беанҷом,
Мешавем он гуна беохир.

Эй зане ки дӯстат дорам,
Ман чунин меёбам имшаб, ки
паёми зиндагӣ дар туст,
Ман чунин меёбам имшаб, ки
қиёми зиндагӣ дар туст,
Ман чунин меёбам имшаб, ки дари беинтиҳоиҳо
дар оғӯши ту гардад боз,
Меравам з-ин дар даруну хештанро медиҳам овоз,
Мерасад овози ман аз бекарон бар гӯш,
Мешавад овози ман
дар ҷовидони ишқ аксандоз.

## ФАЛСАФАИ КАМОЛОТ

Ман чӣ дарёям,
Дар таҳам ҷорӣ набошад боз як дарё
Ҳамчунин пуршӯр,
Ҳамчунин пурнур.

Ман чӣ кӯҳастам,
Гар набошад кӯҳи дигар пойбасти ман
Ҳамсари афлок,
Ҳамчунин дар хок.

Ман чӣ гардунам,
Бар сарам гар ҳафт гардуни дигар набвад
Ҳамчунин боло,
Ҳамчунин воло.

Ман чӣ инсонам,
Гар набошад боз дар ман сад ҳазор инсон
Ҳамчунин хандон,
Ҳамчунин гирён.

## ОҲАНГИ ШАБ

Имшаб зи шаҳри хоб
Дурам ки дури дур.
Офоқро фариштаи шаб дар бараш гирифт,
Бар чашмҳои боз ки хобаш набурда буд,
Гесӯйи мушкбӯйи сияҳфоми худ кушуд.
Шаҳрак ба хоб рафт, шакархоби боҳузур.

Дар ин ҷаҳони хоб,
Мурғони шаб ба шохаи бедор хуфтаанд,
Ҳамчун наво ба мисраи ашъор хуфтаанд.

Нақше аён набуду садое намерасид
Дар инҳисори шаб.
Чашмиситора буд дурахшон
Дар гӯшвори шаб.

Мурғе баногаҳ аз сари шохе ҳаво гирифт,
Дар шохи орзӯи ҷавонии ман нишаст.
Минқор зад ба навдаи сабзи шукуфтарӯ
Сармасту гулпараст.

Пас нағмаҳои ишқи маро рехт аз гулӯ,
Ҷони маро ба ишқ саропо фаро гирифт,
Олам наво гирифт.

Эй ибтидои хоҳиши беинтиҳои ман,
Дар ин шаби хамӯшу гарондил садои ман,
Дунёи ман ки бе ту ҳавову наво надошт,
Аз нағмаҳои мурғи шабоҳанг гашт пур,
Дасте ки аз гулӯи дилам сахт баста буд,
Ногаҳ гиреҳ кушуд.

Шаб пуртарона шуд,
Шаб пурфасона шуд.
Ҷунбид гӯшвори тилои шаби баҳор,
Шуд осмони шаб ба сари ман ситорабор.

Он шаб ки ман ба ёди ту бехоб будаам,
Аз чашмҳои хоби ту шеъре рабудаам.

## КАМАРБАНДИ КУҲИСТОН

Ман ҳамон сангам, ки аз ҷавфи куҳистон аст,
Ман ҳамон мавҷам, ки меҷунбад ба дарёяш.
Ман ҳамон рангам, ки дар рангинкамони осмонхез аст,
К-он ҳамебандад камар ҳафт осмонро
Бо камарбанди дарози ҳафтранг аз ҳафт ҷояш,
То баҳоронро диҳад ранги наве,
То ки гардунро камар дорад қавӣ.

Зумрае хоҳанд аммо
Тори рангамро кашанд аз парчами рангинкамон,
Мавҷро аз хонаи дарё ҷудо созанд,
Сангро ҳам дур андозанд аз оғӯши кӯҳистон.

Санги олам бар сари эшон!

Чашмҳоям ҳамчу чашми кӯли Искандар пуроб аст,
Гӯйӣ ин толоби сангистон
Андаруни косаи сангини чашм ашки азоб аст.

Ман ки будам асрҳо Хатлону Дарвоз,
Ё Хуҷанду Панҷкат,
Ё Бадахшону Ҳисору Ғарму Файзобод,
То шавам як мулк, як миллат,
Кӯҳҳоро аз камар бо тасмаи водӣ ба ҳам бастам,
То миёни кӯҳу кӯҳистон мабодо бишканад,
То мабодо корвони кӯҳсорон барканад,
То ки чашми чашмаҳояш соф бошад,
Соф чун инсоф бошад.

Лек ҳоло дар ду чашми ман хас афтода-ст,
Об меояд ба чашму чашм мемолам ба даст.

То бубинам, ман ҳамон сангам, ки аз ҷавфи куҳистон аст,
То бубинам, ман ҳамон мавҷам, ки меҷунбад ба дарёяш,
То бубинам, ман ҳамон рангам,
ки дар рангинкамони осмонхез аст,

К-он ҳамебандад камар ҳафт осмонро
Бо камарбанди дарози ҳафтранг аз ҳафт ҷояш…

## САРВИ САБЗУ ТУТИ ХУШК

Ту маро маъзур дор, эй сарви озод,
Сарви озоде, ки месабзӣ ба назди кохи ободд.
Гарчи пиндорам, ки баҳри решаҳоят нест фарқе
Дар кадомин марз сабзидан,
Лек месабзӣ фақат ё дар чаман,
Ё дар бари дарборҳо,
Ё дар дари сардорҳо.

Шоирон арчи чу маъшуқи саҳиқомат туро оғӯш карда
Зери пойи ту ба девонҳои худ садсолаҳо хобанд,
Аз фироқи ёр мемӯянд,
Сарви қадди ёр меҷӯянд.

З-он ки дар ҳавлии деҳқон ту намесабзӣ,
касе чизе намегӯяд.

Дар бари ҳавлии деҳқон тут мерӯяд.
То ба гармо мекунад бар кӯдаконаш соярезӣ,
То ба сармо мешавад бар кӯдаконаш ризқу рӯзӣ.

Меваи он бар тани тифлони хушкаш мешавад шира,
Кундаи он сандалиашро зимистон гарм медорад.
Лек вақте барги тут ӯ мехуронад кирмакашро,
Рӯзгори марди деҳқон мешавад тира.

Кирми пила мехурад барги вуҷуди кӯдакашро.
Мехурад чил рӯз, то месозад аз он парниён,
Парниён месозад, аммо меравад тифл аз миён.

Зиндагӣ, эй сарви озодон, бувад ранҷи фаровоне,
Баски ту дар ҳавлии мардум намесабзӣ, намедонӣ.
Тути деҳқон аст аз ғам гурмдор,
Гарчи набвад заррае ҳам ҷурмдор.

Дил гарон аз ман мадор, эй сарви озод,
Гар туро аз зиндагии мардум орам ёд.
Чист чора,
Зиндагонӣ пуртазод аст,
Гар якеро сабз медорад барои дилхушиҳо,
Дигареро сар бибуррад,
ку нишони адлу дод?!

Ҳам ту, эй тути азизи гурмдор,
Бо сари сабзи бурида зинда бошӣ то баҳор.
Шохаи хушки туро дар даст гирам ман,
Шаб ба зери пойи сарви сабз мирам ман.

## БАРГПАЙВАНД

Ниҳоли сабзи армонҳо,
Ту ҳар субҳе шароби ноби шабнамро,
Ба ҷоми баргҳои сабз менӯшӣ,
Ки сархуш дар ҳавои ишқ меҷунбӣ,
Ба нармӣ дар самои ишқ меҷунбӣ.

Дар ин ҷо ёде аз тафти биёбон нест,
Ба ҷуз атри нафасҳои хиёбон нест.
Ба рӯйи шохаҳоят мурғакон зангӯлаи субҳанд,
Ки ҷонро дар бадан бедор месозанд,
Хабар аз субҳи ишқи ёр месозанд.

Вале ман чун дарахти яккаву танҳостам дар дашт,
Чӣ медонам шароби шабнаму гулбонги мурғонро
Ва абреро, ки болои чаманҳо мешавад гирён,
Ки танҳо сарсар ин ҷо мекашад нола
Ва хок аз решаҳоям мекашад, то мекунад урён.

Ғубори нилии шабҳо бупечонад маро дар хеш,
Қабои сабзи баргамро бисӯзад тафси тобистон
Ва дар реги равон ҷуз рези кӯчокӯчи гардон нест.
Дар ин дӯзах, ки по дар хок сӯзад, бол дар афлок,
Тавонад гар ба ёдат сабз монад кист, ё худ чист?

Кунун ман решаҳоямро ба дасти худ канам аз қаър
Ва бо он хоки худ дар ормони хоки пайвандӣ
Кашонам хешро аз баҳру бар сӯйи замини ту,
Ки гардам ҳамнишини ту.

В-агар имрӯз вақти решапайвандии мо рафта,
Ба шохи ҷони ман барги рухи худро
бидеҳ пайванд,
Ки шояд баргпайванде бигирад андар ин озор
Ва сабзад аз тани ман шохаҳои ту,
Ва рӯяд шохсори тозаи ишқ аз тани хуншор.

## ЧӢ ЭҲСОНЕ?!

Чӣ сон печонамат дар парниён имрӯз,
Чӣ сон гӯям сухан аз гардани оҷу дуру марҷон,
Ки чашми кӯдакони гушна сӯйи нон занад су-су,
Ки ҷисми кӯдакони лухт ларзад дар таҳи борон.

Чу шабҳо барф меборад, паёпай барф меборад,
Ки мепӯшад раҳу пайроҳаи танги куҳистонро
Ва боми кулбаҳоро то пагоҳӣ мекунад гӯр,
Маро на дар сафедӣ, дар сиёҳӣ мекунад гӯр
Ва оташдони сармохез,
Ки кайҳо нест аз ангиштсангаш ёд,
Маро месӯзад аз бунёд.

Чӣ сон хонам ба ту афсонаи ширин,
Ки фардо аз талабгорони ту шаҳзода меояд,
Ки ин ҳусни туро лоиқ фақат шаҳзода мебояд
Ва шодат мебарад бо хештан дар аспи симинбол,
Ки худ шаҳзода ночор аст,
Ҳақиру зору нодор аст.

Чӣ сон гардонамат дар даштҳои сабзи махмалпӯш,
Чӣ сон гӯям ки файзи боғҳо пайғоми хушҳолист,
Ки марди боғбон сад ҷӯ кашида аз ҷабини хеш,
Ба рӯяш оби заҳматро равон карда,
Вале умре ба дасту домани холист.

Чӣ сон хонам туро бар осмони орзуҳои гулобие,
Ки он ҷо кам нагардад партави уммеду армон
дар дили инсон,
Вале дар Хонаи пирони зори рафта аз ёди писарҳошон
умеде нест,

Ба ҷуз уммеди осон гаштани мушкил –
Умеди мурдани осон.

Чӣ гӯям ман аз ину он,
Ки дар подоши он ранҷу машаққатҳо,
ки аз дунё кашад инсон,
Нахоҳад ҳеҷ чизе аз ҷаҳон ҷуз марги осоне,
Чӣ инсоне,
Чӣ эҳсоне?!

## ШАҲРИ МЕҲОЛУД

Ба шаҳрак мефурояд меҳ[1]…

Ту гӯйӣ бар сари бому дару кӯча
Дар ин дам садҳазорон даст дӯшад гови гардунро,
Ки дар як он
шавад шаҳрак ба сони хумраи шире,
Ки нашносӣ дигар аз ҳам ту дашту кӯҳу ҳомунро.

Ба шаҳрак мефурояд меҳ…

Саҳаргоҳи хазон аст,
Валекин чашми мошинҳо фурӯзон аст.
Агарчи чашми мошин роҳ ёбад дар шаби торик,
Вале бар синаи шаффофи меҳ роҳе наёбад ҳеч,
Ки ҳатто буқи[2] мошинҳо хурад андар гулӯшон печ.

Ба шаҳрак мефурояд меҳ…

Раҳу бероҳаҳо аз чашм пинҳон аст,
Дару девор,
кӯҳу ҷар,
баланду паст.
Наояд дар назар сангу дарахту ҳотаву ҷӯбор
Ва гӯё ҳар тараф роҳ аст.

---

[1] Меҳ – абр, туман
[2] Буқ – садои ҳушёрбоши мошин, сигнал

Кучо роҳ аст,
оҳиста, ки зери пойи ту на роҳ,
бал чоҳ аст.

Ба шаҳрак мефуруояд меҳ…

Яке аз раҳ ба ҷӯ рафта,
Дигар дар байни раҳ ҳайрону ошуфта,
Севум кӯбида бар девор пешонӣ,
Чаҳорумро равон хун аст аст аз бинӣ.

Чӣ рӯзи бесару сомону ноҳамвор,
Ҳама омехта бо ҳамдигар бефарқ,
Ки ҳатто фоҳиша рафтаст дар оғӯши тақводор
Ва дуздафшор бепарво раиси собиқи ҷумҳурро доман
Гирифта талх механдад: Чӣ турӣ,ошнои ман?!

Ба шаҳрак мефуруояд меҳ…

Агар бо нур дар зулмат тавон раҳ ёфт,
Чӣ сон дар пардаи ғафси сафедиҳо тавон раҳ бурд,
Ки дар шаффофии ин субҳи меҳолуд,
Агар як зарра нуре буд, он ҳам мурд.

Вале кӯре ба имдоди асои раҳнамои хеш
Зи шаҳри ғарқи меҳ по пеш мемонад
Ва мегӯяд ба худ ҳайрону дар ташвиш:
– Худоё, ин чӣ ҳол,
имрӯз бо мардум
чӣ коре шуд?
Кӣ медонад?!

Ба шаҳрак мефуруояд меҳ…
Ба шаҳрак мефуруояд меҳ…

## ЧӢ КУНАМ?!

Мо гиристем,
вале бар ғами мо хандиданд.
Уфтодем,
вале бар сари мо по монданд.
Мо ба онон ҳама аз хонаи худ ҷо додем,
Мардуми хонагадо хонахудоро ронданд.

Лек моро ба дари хонаи худ
Ҳеҷ кас роҳ надод.

Мекашиданд якеро чу ба дор,
Дигаре чӯбу расан овардем.
Амр шуд:
Гӯр канед
Ва дар он гӯр бимиред ҳама!
Гӯр кандему
ҳамоно мурдем.

Ба сари мурдаи мо ҳеҷ касе гиря накард,
Баски ҳар кас ба сари мурдаи худ мегиряд.

Чӣ кунам,
Боз ба домони сиришк овезам,
Ё дигар наъразанон бархезам?!

## МУАММОИ ВОРАСТАН

Бод мешӯрад,
Барф мепечад,
Дар замин мехобад анвои дарахти ҷангалу беша,
Ё нагун мегардад аз реша.
Дар забони буттаҳо лоҳавли ҷон аст,
Сахт бӯрон аст.

Лек медонед, к-оё, эй вуҳуши дашту ҷангалҳо,
Бими бӯрон бештар набвад зи хавфи рӯзи ороме,
Баски дар ташвири бӯронҳо, ки ҳар дам бими ҷон дорад,
Ҳеҷ сайёде намегардад пайи сайде,
Балки меларзад тану ҷонаш, ки гӯё ними ҷон дорад.

Абр мегиряд,
Раъд меғуррад,
Бар сари сабзи дарахтон сангборон мезанад яксар,
Лонаҳои мурғакон аз шохсорон меканад яксар,
Дар заминҳо обҳо кӯланд,
Чӯҷаҳо дар лой меҷӯланд.

Ҷонатон, эй мурғакон, эмин вале аз доми бедод аст,
Гарчи ҳар дам ёдатон дар ёди сайёд аст.
Ӯ вале дар рӯзи борон боз доман тар нахоҳад кард,
Гарчи боре раҳми мушти пар нахоҳад кард.

Мавҷ бархезад,
Баҳр бистезад,
Пушти дарё мешавад ҳар лаҳза гӯё пуштаву хандақ,
К-андар ин хезобҳо, пастобҳо
Дар назар н-ояд дар ин соат на моҳигиру на заврақ.

Пас, шумо, эй сели моҳиҳои дарёбор,
Дар сари хезобҳо ҷавлон занед озод дигар бор,
Нест моҳигир сер аз ҷон,
К-ӯ равад дар баҳри пуртӯфон.

Бод мешӯрад…
Абр мегиряд…
Раъд меғуррад…
Метавон ворастан аз бӯрон,
Метавон ворастан аз борон,
Метавон ворастан аз тӯфон,
Гар зи инсон метавон ворастан ин сон.

Аз худ оё мераҳад инсон?!

## ИМОН

Аз чист ки, эй халқи сухансозу хирадманд,
Дигар ҳавасу ҳавсалаи шеър надорӣ?
Чун шеъри асил аст зи эҷоди Худованд,
Гар кори Худо пос надорӣ, ба чӣ корӣ?

Қадри сухани поку худоёна намонда,
Бӯҳтон ба забон, фанд ба лаб, кизб навишта.
Ҳар дӯзахие, к-аз дари дӯзах шуда ронда,
Гӯяд сухан аз номи биҳиштию фаришта.

Як бехабари кунд кунун оқилу доност,
Яктои замон, илму ҳунар, мулку сиёсат.
Ӯ риши бузе дидаву пиндошт, ки муллост,
Акнун талабад давлату курсии раёсат.

Гаҳ ҳамчу вакилон занад ӯ ҳарф зи минбар,
То он ки намояндаш аз ойинаи нилӣ.
Ронанд зи минбар, нашавад сархаму музтар,
Ҳарчанд хурад қарсаки толор чу силӣ.

Эй халқ, ту ҳоло ҳама инро бидиҳӣ гӯш,
То гӯш кунӣ шеър, ки ҳайфи туву ман нест?!
Шавқи ту фазояд, кунӣ аз хеш фаромӯш,
Гарчи сухани беғаму берӯҳ сухан нест.

Ҳоло ҳама савдоии савдову сиёсат,
Савдову сиёсат, ки аз ин ҷост ҳама хом.
Шоир, ки ба онон набарад зарраи ҳоҷат,
Туф карда ба савдову сиёсат сари илҳом,

Ҷӯяд самари рӯзи азал аз ғазали хеш,
Эй халқ, зи рӯзи азали хеш машӯ даст.
Дар асли худу мояи оғоз биандеш,
Яздони ту шоир буду имони ту шеър аст.

## АРЗАДОШТ

Ман намегунҷам ба маҳфилҳои танге,
Саҳнаи эҷоди шоир
саҳнаи дунёст.
Хешро дар кулли дунё
мекунам эҳсос чун дар хонаи хеш,
Хонаи ман
хонаи фардост.

Чун шавад ҷанги ватан оғоз аз ҷанги сухан,
Эҳтирозам аз суханбозу сиёсатбозҳост.
Чун суханбозе надонад, к-ин сиёсатгаҳ бувад,
Чун сухан оғози ҳар оғозҳост,
Нанги ман –
нанги сухан.

Мепазирад ҳар кӣ маҳфил,
мешавад худ марги маҳфил,
Гар намесозад ба ишқи осмонҳо тарки маҳфил.
Ман, ки мехоҳам навозам сабзаҳоро чун насим,
Ё бирезам рӯйи сабзи даштҳо борони сим,
Ман, ки мехоҳам равам бар кӯҳсорон
Ҳамчу тундар,
Ё кушоям синаи худро ба киштиҳои дарё
Ҳамчу бандар,
Ман, ки шӯру шавкати дарё ба дил ҷо мекунам,
Хешро аз қалби сангину хамӯши кӯҳ ово мекунам,
Ман агар маҳфил кунам,
маҳфил кунам танҳо ба хеш,
Ё ба он дарёи пурҷӯш,
Ё ба ин кӯҳи хамӯш.

На ба маҳфил,
на ба маҷлис эътиқодам ҳаст,
На ба мансаб,
на ба матлаб,

На ба солу
    на ба мол.
На ба фолу
    на ба қилу
        на ба қол.
Эътиқоди ман бувад танҳо ҳунар,
К-он диҳад бар осмонҳои баландат болу пар.

Гар шумо аз зиндагонӣ мол мехоҳед,
Ман паровар бол мехоҳам.

Баъд аз ин маъзури маҳфилҳову маҷлисҳоятон,
Бо шумо, маҳфилбузургон, хоҳаме дарди бузург.
Ончунон дарде, ки дар маҳфил нагунҷад,
Ончунон дарде, ки дар манзил нагунҷад,
То шумо дар хеш, дар олам нагунҷед,
Балки дар ман ҳам нагунҷед.

## ХОБИ САНГИН

Булаҷаб кӯҳи азиме рӯ ба рӯям буд,
К-андар он фарёд таҳ мерафт чун дар ғор.
Ҳар чӣ бонге мезадам саҳмӣ,
Заррае бонгам намешуд ҳеҷ гаҳ такрор.
Кӯҳ гӯё сабру тамкин дошт,
Балки хоби сахту сангин дошт.

Он қадар фарёд кардам,
То ки овозам гирифту шавқи бонгам мурд,
Рафт дар қаъри гулӯи ман садо ногоҳ
Чун сатили бандканда
Меравад дар чоҳ.

Ку дигар банде, ки овозам кашад аз чоҳи танг,
Ку дигар гурзе, ки санге бишканад аз хоби санг!?

## ИМОНИ САГ

Дошт сайёде саги тозии пир,
Нотавону хастаҷону гӯшагир.
Як сабад ҷойе гирифта хоб буд,
Қудрати сайдаш набуд, нотоб буд.
Кард шукри соҳибашро, ҳар чӣ дод,
Аз насиби худ ба юндӣ буд шод.
Соҳибаш гуфто, ки нодаркор ӯст,
Чун надорад хидмате, сарбор ӯст.
Кард фарёду бибурдаш сӯйи дашт,
Саг аз ин рафтори соҳиб шод гашт,
То тавонад охирин хидмат барад,
Назди соҳиб нони беминнат хурад.
Гӯшҳояш сих сӯйи бонги тир,
Рост шуд, омодаи дав – сайдгир,
То ки орад зуд сайди соҳибаш,
То ки бошад боз соҳиб толибаш.
Шуд баланд овози тиру он ҷаҳид,
Гуфт: «– Оваҳ, сайди сайёдам раҳид.
Тири соҳиб хӯрд дар ман аз хато,
Ӯ маро аз пой афканд аз қазо… «
Хунчакон омад ба пеши пойи ӯ,
То ба пойи ӯ бимолад чашму рӯ.
Дар ҳамин имони худ ҷон дод саг,
Соҳибаш бар марги ӯ овард шак.
Бори дигар тир зад бар синааш,
Тир зад бар дӯсти деринааш.
Монд дашту монд имону шаке,
Монд тиру монд инсону саге.

## ОСМОН БОШАДУ ПАҲНОИ ДИГАР

Қафаси синаи ман боз кунед,
Ки дар он мурғи дилам поބанд аст.
Ҷуфти ҳамболу парам дур равад,
Чӣ кунам, дил, ки варо пайванд аст.

Мурғи ҳамболи ман, эй мурғи ҳаво,
Во шавад пеши ту афлоки дигар,
Мани дар рӯйи замин по дар банд,
Бикашам бар сари худ хоки дигар,

Ки надорам ҳаваси бишкастан,
Балки хӯ карда ба ин банд дилам.
Дили ман буд чу шоҳин озод
То шуд омӯхта, ҷон канд дилам.

Лек ёдаш бирасад гоҳе боз,
Ки бувад манзилу маъвои дигар,
Ки ба ғайр аз қафаси зарринаш
Осмон бошаду паҳнои дигар.

## МЕРОС

Деҳаи мо сабз буд дар пойи кӯҳ,
То варо созанд дигар,
Аввалаш карданд хокистар.

Боз он тире, ки бояд бар тани бобом мерафт,
Аз хато бархӯрд бар кӯҳ,
Пай бишуд дар санг пайдо.

Гар шумо аз санги删мармаркӯҳ
Қасри олишон бисозед,
Ҳамчу нақши гул нигаҳ доред он пайро.

Боз тире буд, ки бар ҷисми падарҳо
Бесадо чун бар ҷуволи каҳ фурӯ мерафт.

Бар ман аз бобои ман мерос монд
Тори он кӯҳе, ки ҳангоми паридаҳои тир
Буд чашмаш сӯйи он.

Ҳар шаб акнун хоб мебинам, ки ман
Мепарам аз тори кӯҳ,
То тори кӯҳ,
То тори кӯҳ.
То ба гӯшам мерасад афсонаи бибӣ:

– Гар аз ин кӯҳи фалаксо бигзарӣ,
Пеш меояд туро кӯҳи баланди дигаре
Дар раҳи ту ҳамчу банди дигаре.

Мақсади ту ҳаст пинҳон
Пушти он кӯҳи дигар,
Пушти он кӯҳи дигар,
Пушти он кӯҳи дигар…

То ки дорӣ як нафас аз умр,
эй ҷони писар!

## САФАР

Роҳи ин қулла баланд аст,баланд,
Кунад аз паҳлуи гардун гузаре.
Ҷуз уқобе, ки занад чарх ба арш,
Ку дар ин роҳи фаро ҳамсафаре?

Дар паси пардаи нилии само
Ошёне ба ҳавасҳои ман аст.
Пари абре, ки парешон гузарад,
Гарде аз ранги нафасҳои ман аст.

Ҳар касе раҳ бибарад бар қулла,
Бикашад бори варо низ ба ҷон.
Ҳар қадар қулла баланд аст, баланд,
Бори он низ гарон аст, гарон.

Гарчи бор аст ба дӯшам қулла,
Сабук аз рӯҳи баланд аст танам.
Боли ман бори танам бардорад,
То барад сӯйи нахустин ватанам.

Шавад озори раҳи қулла тамом,
Дар тамомии раҳ оғоз шавам.
Баҳри гардун бишавад баҳри дилам,
Аз раҳи омадаам боз равам…

## ПИНДОР

Розҳо дорам ба ту,
Бо туи ҳозир, ки шаб аз чашмҳо пинҳон
Бо мани танҳо сухан мегӯию
бо панҷаҳоям хома меронӣ,
То маро аз ман раҳо карда,
ба ҷойи ман ту мемонӣ.

Ё ту мурғ астӣ, ки мехонӣ тарона,
Ё ту рӯд астӣ, ки андар қолаби ман мекунӣ туғён,
Ё насим астӣ, ки месозӣ маро ту бекарона,
Чистӣ,
ё кистӣ дар ҷои ман,
Мешавӣ монои ман?

Ту маро бар ман намо
Ҳамчу акси моҳтоб аз чоҳ дар шабҳои маҳтобӣ –
Тозаву жарфу пурасрор,
Ҳамчу аксе, к-аз туву гӯё набошад боз аз ту,
Рӯз пинҳон, шаб намудор,
Дар ҷаҳони хоб бедор.

## МЕТАВОН ОЁ ФАРО РАФТ…

Метавон оё фаро рафт аз сари тиру камон?
Метавон.

Гар бисабзад дар нигоҳат симчӯби хушк,
Чун санавбар боз ояд дар канори бешазораш,
Мурғакон хонанд рӯйи шохсораш.

Гар хиёбони ба сони сангпуште сангпӯши шаҳр,
Гардад озод аз фишори сахти сангин,
Чун замини зинда гардад сабзу рангин.

Гар зи девори дуконҳо сурати мурғу маҳӣ,
Бар само гардад паровар,
Рӯйи дарёҳо шиновар.

Гар ба ҷойи лӯлаҳои оби кӯча
Чашмаҳо рӯянд.
Дар лаби сарчашмаҳои сабз
Духтарон гесӯи худ шӯянд.

Метавон оё фаро рафт аз сари тиру камон?
Метавон.

Гар дилат дарёи гардун асту чашм ойинаи безанг,
К-андар он ранге аз ин рангинкамони ҳафтранг
Мешавад ҳафтод ранг.
Рӯйи дори рангаи тиру камон
Дилпурона по бимон,
Рав ба сӯйи осмон!

## ХАЗОНИ УМР

Пирзан бо қомати хамгашта мерӯбад хазон
Аз азоне то азон.
Кӯчаҳоро мекунад аммо пур аз барги хазон
Боз ҳам боди вазон.

Баски ӯро нест парвое дигар,
К-ин зани ҷорӯбкаш
Мекашад дарди камар.

Пирзан, эй пирзан,
Маъзарат мехоҳам аз ту, эй азизи ҷони ман,
К-аз сари дарду ғам аз шуғли ту мегӯям сухан.
Лек узри бештар дорам аз он,
Ки нагуфтам то кунун
Ҳарфе аз ҳоли забун.

Ҳеҷ ёдат мерасад,
К-он ниҳоли қомати ту орзуи навҷавонии кӣ буд,
Дар сари шохи ҷавоният чӣ гулҳое,
ки бояд мешукуфт.
Як нафас биншину ёд овар зи худ,
Аз ҷавоние, ки шуд.

Инқилобат, к-аз қафас озод кард,
Ё магар танҳо барои кӯчарӯбӣ кард озод?
Аз сарат чодар гирифту дод ҷорӯбат ба даст,
То ниҳоли қоматат дар кӯча хам гашту шикаст.

Ё зи ҳабси чордевори нафасгире бурун кардат,
К-аз нафасгирӣ раҳо гашта, шавӣ з-озодагӣ дилгир,
Бе ҷавонӣ пир.
Чун барорӣ ту ғубори дил дар ин аҳволи зор,
Балки гирад рӯю мӯят ҳам ғубор.

Ин магар буд орзуи инқилоб,
Инқилоберо, ки медидӣ ба хоб?
Ёд кун аз хоби хеш,
Аз ҷавонӣ, орзуҳои шаби маҳтоби хеш.

Гарчи ёди умри барбоди ту мебошад гарон,
Ёд нокардан аз он,
Ҳаст даҳчандон гарон,

Баски ҳоло аз раҳи ту
духтари навроҳи ту бошад равон.

Пирзан, эй пирзан,
Кӯчаҳоро он қадарҳо рӯфтӣ дар умри хеш,
Ҷони худро он қадарҳо кӯфтӣ дар умри хеш,
Аз вуҷуди хеш акнун ҳасрати худро бирӯб
Ҳам ғубори ғафлати худро бирӯб…

## ЧАРОҒИ ДУР

Ҳаво на он қадар абрӣ, ки гӯямаш абрист,
На равшан асту на торик, нимторик аст.
Дар ин замона ба ҷонам на раҳм, на ҷабрест
Ва ҳолате, ки ба барзах шабеҳу наздик аст.

На як муҳаббати комил, ки ҷон фидо созам,
На як адовати қотил, ки қотилаш гардам.
Куҷост пири ҳушивор, то бад-ӯ нозам,
Куҷост анҷумане, шамъи маҳфилаш гардам?!

Ба боғу гулшани айём гарди рӯзардист,
Фақат гулест бинозад, ки хеш гулшанҳост.
Вале ба соҳати кишвар вабои бедардист
Ва он ки дарди замон мекашад, тани танҳост.

Маро ба синаи пурдард оҳ мепечад,
Чу нест дудкаши дарду ғам, илоҷам чист?
Касе ки оҳ кашад, бар гуноҳ мепечад,
Чӣ гуна оҳи диле нокашида бояд зист?!

Кунун, ки меравад ором об аз таги коҳ,
Ғиреву ҳамҳамаи рӯдро чӣ бошад суд?
Ситезу шӯриши дарё вале кунад огоҳ,
Дигар ба ин хасу хошок амон нахоҳад буд,

Насим мегузарад аз саросари дунё
Ва оби мурдаи рокид базӯр мечунбад.
Умед сабз шавад з-оби зиндаи дарё,
Чароғи баҳрнавардон ба дур мечунбад.

## АСПИ КИШАНБАНД

Аспе дар марғзори хурраму сарсабз
Чун ҳайкал истодаву хомӯш аст.
Он ба алафҳо намезанад даҳане ҳеҷ,
Сар боло кардаву саропо гӯш аст.

Гарчи ҳавои чаҳорхезаш бошад,
Лек куҷо чорае, ду пояш банд аст.
Ёбад рӯзе агар зи банд раҳоӣ,
Сумби ваю дашти осмони баланд аст.

Гарчи ба гардаш ба пойгаҳ нарасад кас,
Пой гузорад чу пошикастае акнун.
Мавҷ занад уфқи сабз пеши нигоҳаш,
Дашти дили ӯст лек хун андар хун.

Ёли шафақранги ӯ ба зер овезон,
Пур шуда чашмаш зи оби ҳасрату андӯҳ.
Гашта чу сандуқи ғусса синаи паҳнаш,
Мезанад аз по варо гаронии сад кӯҳ.

Домани дури уфуқ варо хонад боз,
Чун расад он ҷо, ки хира бинад бо чашм.
Чун натавонад касе кунад озодаш,
Аспи кишанбастае ба ман гирад хашм.

Ғуссаи дилро физояд аспи кишанбанд,
К-асп натозад, шавад хари бекоре.
Домани ин дашт пойгоҳи умед аст,
Банд аст аспу куҷост шоҳсаворе?!

## ГУРГИ ОШИҚ

*Дар боғи ҳайвоноти яке аз фароғатгоҳҳои Истаравшан гурге, ки бо саге ҷуфт шудааст, дар қафас нигоҳ дошта мешавад.*

Мезанад ҳамвора худро гург бар девор,
Бо ду досташ бар қади он рост мехезад.
Гӯиё ҳоло раҳо гардад аз ин маҳбас
Ҳамчу боде сӯйи саҳро мегурезад.

То куҷо аммо аз ин ҷо метавонад ӯ гурехт,
Ё пайи худро аз ин ҷо метавонад ӯ гусехт.
Баски бандаш ҳеҷ одӣ нест,
Банди модӣ нест.

Дар бараш як модасаг ором мехобад,
Ҷони ӯ з-ин модасаг ором меёбад.

Гург бо саг ҳамнишин дар як қафас?
Ин сухан то ҳол нашнидаст гӯши кас.

Шояд,
аммо мӯъҷизи ишқ аст ин ҷо,
Гурги ваҳшӣ ихтиёрӣ дар қафас шуд ҷо.

Баски натвонист з-ин саг дил канад як дам,
Баски натвонист ғайри ӯ ба ҷонаш ёбад ӯ ҳамдам.
Гарчи аз гургон ҷудо гаштасту маҳҷур аст,
Гарчи ӯ дар чашми ҷинси гург манфур аст,
Чун кунад аммо, ки ҷонаш дар бадан бе ӯ нахоҳад буд,
Дар тамоми дашти бопаҳно ватан бе ӯ нахоҳад буд.

Гарчи худро мезанад ҳар рӯзу шаб бар тӯр,
Лек натвонад равад аз тӯр бе саг дур.
Чун кунанд озод, гирди тӯр мегардад,
Ҷонаш аз озодагӣ ранҷур мегардад,

То ба пойи худ дарояд ноилоҷ андар қафас,
То шавад бо ёри якто ҳамнафас.

Мезанад ҳамвора худро гург бар девор,
Мекашад озор.
Ҳар нафас мехонадаш бар сӯйи саҳро ҷони озодипараст,
Лек байни ишқу озодӣ ҳамин сон то ки ҳаст,
Мезанад ҳамвора худро гург бар девор,
Мезанад ҳамвора худро гург бар девор…

Гурги ваҳшӣ ҳеҷ натвонад, ки бошад
Байни девор,
Гурги ошиқ ҳеҷ натвонад, ки бошад
Дур аз ёр.

## ТАНҲОВУ ОХИРИН

Дар боғи ман туӣ гули танҳову охирин,
Танҳову охирин гули ман, хуш шукуфтанат.
Гарчи хуш аст хандаи ту, боз хуштар аст,
Дар ман шукуфта рози худ аз ман нуҳуфтанат.

Шабҳо дили ман об шавад дар хаёли ту,
Шабнам ба барги рӯйи ту оби дили ман аст.
Чун офтоби рӯйи ту хандад ба субҳи ман,
Дигар наёбиям, ки куҷо ҷон, куҷо тан аст.

Дасти дуои ишқ кашам ҳар саҳар ба рӯй,
То дасти сабзи шохи умедам ба сӯйи туст.
Ҳоло агар ба гулшани ман рангу бӯй ҳаст,
Ин рангу бӯйи тоза фақат рангу бӯйи туст.

Эй охирин гуле, ки ба боғам шукуфтаӣ,
Як гул баҳор нест магар қалби зорро?
Эй хуш ту он гулӣ, ки на танҳост худ баҳор,
Ҳатто ба тирамоҳ биёрад баҳорро.

## ИНТИЗОР

Омадам дар назди маҷнунбеду донистам,
Дигар асло ту намеойӣ.
Зери зулфони дарозаш бо умеди васли кӯтоҳе
Ошиқу шайдо намепойӣ.
Беди маҷнун ҳам зи бори интизорӣ зору сархам буд.

Чирчиракҳои алафзорон, ки дар раҳ дӯш
Бо ман аз дурӣ хабар аз омаданҳои ту медоданд,
Баста кӯч аз ин маҳал буданд ё хомӯш.

Ман назар кардам чу бар атроф,
Менамуд атроф чун аъроф.

Ҳамчу мурғе, ки ба хона медарояд зуд,
Баъд бо азми раҳидан пешу пас худро
Мезанад бар шишаҳои софу шаффофи тиреза,
к-он тараф дунёи озод аст;
Ман ба доми шишаи шаффофи гардолуд
Мезадам худро,
вале бесуд.
Баски доми шиша ҳар ҷо буду пинҳон буд.

Дидам акнун авҷи гардун бар сари ман паст меомад,
Дар сари сабзи алафзорон намелағзид дасти бод,
Абрҳо аз гӯшаҳои осмон буданд овезон.

Мурғи танҳое ба рӯйи шохае якпоя меистод…

## ТАНҲОЙ

Барф будам сари як кӯҳи баланд,
Барф будӣ ба сари кӯҳи дигар.
Об гаштем зи гармии ҳавас,
Рафта аз қулла, нагаштем хабар.

Ман ҳамоҳанги ту рӯде гаштам,
То ҳамоғӯши ту бошам ба сафар.
Чун ба водӣ бирасидам, дидам,
Ту даромехта бо рӯди дигар…

**ДУ НАФАР ДАР ЛАБИ ДАРЁ**

Ду нафар ташна лаби дарё буд,
Ду нафар дар талаби дарё буд.
Ду нафар дошт ҳавову ҳаваси дарёе,
Ки шавад дар бари он дунёе.

Буд чашмони само
Ғарқ чун шӯъла дар оби дарё.
Аз дили тозаи он менигарист
Бо шигифтӣ ба шитоби дарё.

Зери дарёи самову бари дарёи замин
Ду нафар дошт ба дил хоҳиши дарёи дигар,
К-авалу охири он бошад ишқ
Аз уфуқ то ба уфуқҳои дигар.

Дар саропойи раҳи худ дилро
Бикунад тозаву лабрез аз ишқ.
Мавҷи хунёгари он шаб хонад
Хуштар аз мурғи шабовез аз ишқ.

Ҳаргиз ин рӯд нахушкад ба биёбони дароз,
Бирасад бар дарё.
Боз ояд сари сарчашмаи хеш
Дар пари абри пареш.

Ду нафар ташна лаби дарё буд,
Ду нафар дар талаби дарё буд.
Мавҷи ошуфтадили он мегуфт:
Ҳар кӣ дилро ба дили дарё зад,
Дарё шуд.

## ГУФТУГӮ БО РӮҲИ ПАДАР

Эй падар,<br>
афсӯс,<br>
даврон бар муроди ту нагашт,<br>
Навҷавон рафтиву акнун<br>
синнам аз синнат гузашт.<br>
Шукр<br>
онеро ки ҳастам<br>
зинда дар рӯйи замин,<br>
Гарчи дар ҳар гӯша<br>
ҳар дам буд<br>
маргам дар камин.<br>
З-ин сабаб<br>
як ҷӯраи дерини ноогаҳдилам<br>
Бо тааҷҷуб гуфт ногаҳ,<br>
дид чун дар маҳфилам:<br>
– Эй аҷоиб,<br>
зиндаӣ то ҳол,<br>
корат ҳам ба ҷост!<br>
Ман наранҷидам аз ӯ,<br>
гарчи дағал<br>
мегуфт рост.<br>
Зинда,<br>
оре,<br>
зиндаам,<br>
осудаву пояндаам.<br>
Боз рахшонтар намояд<br>
гӯиё ояндаам.<br>
Дигарам аз зиндагӣ<br>
гӯё ки армон нест, нест.<br>
Дарди шоирро валекин<br>
ҳеҷ дармон нест, нест.

Гарчи пар зад мурғи шеърам<br>
зери гардун чун Ҳумо,<br>
Аз Ироқу Ҳинду Чин<br>
то Олмону Амрико.

Гарчи каф мезад ба шеърам
шоҳбонуи Кувайт,
Гарчи бо номам дар интернет
бикшоданд сайт.
Гарчи аз толорҳо
овози ман бардошт сақф,
Гарчи дар мизи раёсат
ҷойи хосам гашт вақф.
Шаъну шон омад маро
шояд ки осонтар ба даст,
Бин,
Худо шоҳид,
нагаштам лофиву шӯҳратпараст.
Боз норозӣ зи хешам,
нестам ношукр лек,
Гуфта будӣ,
то нагӯйӣ бад,
наояд пеш нек.
Ман на танҳо аз туям
акнун калон дар син, падар,
Синнам аз Ҳайрат,
зи Пайрав,
Юсуфӣ шуд бештар.
Лек оё
бори онон аст
андар дӯши ман,
Ё ки ман худ гаштаам
имрӯз сарбори Ватан?!
Ё забони халқ
онон будаву ман нестам,
Гар набошам ман забони халқ,
пас ман кистам?!
Ё муроди мо
зи асли шеър
дигар-дигар аст,
Ё маро аз ҳарфи ҳақ гуфтан
дурӯғ осонтар аст?!

Ё шиорам
«гӯр сӯзад
– дег ҷӯшад», вассалом,
Ё чу аҳли хос гаштам,
зуд рафт аз ёд ом?!
Ё намедонам, ки Носир[1]
ҳақталаб дар ғор рафт,
Пахтакаш[2] дар ҳақталошӣ
сар ба тори дор рафт.
Кӣ кашид
он шоири фарзонаро
бар чашм мил,
Хост Фирдавсии Тӯсиро
кунад помоли фил.
Он кӣ буд,
хуни Ҳилолиро ба рух фаввора кард,
Пушти Айниро
ба зарби дурра лахту пора кард.
Он, ки мегуфт,
ин манам,
барҳақ кафили адлу дод,
Лек акнун мекунад
бо лаънаташ таърих ёд.
Чун маро то ҳол навъе
зинда дорад рӯзгор,
Боз ман шояд
пайи коре ҳамеоям ба кор.
З-ин сабаб
зери сарам гарчи бувад
болишти қу,
То саҳар
сад бор гардонам варо ман
пушту рӯ.

[1] Носири Хусрав
[2] Мансури Ҳаллоҷ дар назар аст.

Кист донад,
хилқати шоир,
ки дар зоти ту ҷост,
Ин
мукофот аст,
ё шояд
муҷозоти Худост…

## БИЁ, КИ БИЁ!

Расад шамими баҳор аз ҳаво биё, ки биё,
Зи оби ҷӯй нав ояд наво биё, ки биё.
Суруди сабзи чаман ояи муҳаббати туст,
Ки ояд аз лаби баргаш сало биё, ки биё.
Ниҳам чу гӯш фаро бар ғиреви синаи хеш,
Ба ғайри ин нанилюшам садо биё, ки биё.
Дилам ба нисбати офоқ чист, як зарра,
Ки хезад аз ҳама олам нидо биё, ки биё.
Агарчи камтарам аз хок зери пояи арш,
Замин шавад таҳи поям само биё, ки биё.
Банӣ башар зи Худо ҳар чӣ илтиҷо дорад,
Ман аз Худо кунамат илтиҷо биё, ки биё!
Ба ҷойи ҷон натавонӣ, ки ҷо шавӣ ба танам,
Ба вақти додани ҷон бар Худо биё, ки биё.
Набошадам, чу набошӣ, ризои ҷон додан,
Равам ба додани ҷон дар бақо биё, ки биё.
Зи асли мавҳибати хеш то нишон ёбам,
Зи бенишон чу нишони Худо биё, ки биё.

## ОЙИНАИ НУР

Ин ойинаи нур кӣ будаст, кӣ будаст,
К-аз оби рухаш чашмаи хуршед намудаст.
Оҳ, ин чӣ гузаштан зи бари мо ба хамӯшӣ,
Хомӯш, ки хомӯшии ӯ авҷи суруд аст.

Дар ғунчаи лабҳош агар бӯйи баён нест,
Шаҳр ин хабари тозаи ишқ аз кӣ шунудаст?
Хуш мераваду рафтани ӯ нест видоъе,
Ӯро ки ба ҳар макдами падруд дуруд аст.
Ӯ масҷиду дайреву куниште нашиносад,
Аммо ҳама афтода ба пояш ба суҷуд аст.
Гар дасти сахо мояи ноз аст башарро,
Ин ӯст, ки аъзои вуҷудаш ҳама ҷуд аст.
Ин банда, Худоё, чӣ Худоест, ки банда-ш
Будоиву тарсову мусалмону яҳуд аст.
Як бор ки бар боми фалак рафт, дигар рафт,
Ойини ҷаҳон гарчи фароз асту фуруд аст.
Он аст, ки аз рӯзи азал нест суқуташ,
Роҳе ки кунад азм, суъуд асту суъуд аст.
Моро ҳама ин дидаи ҳайрон зи қафояш
Бо шавқу хитобе, ки кӣ будаст, кӣ будаст?!

## ТОҚИИ МИРЗОВУ ПОПОХИ РАСУЛ

Устоди шеъри ноби асри бист,
Шоири соҳибқирон Ҳамзат Расул,
Ҳайф дар ҷашнат, ки Турсунзода нест,
Чун ба ҷойи ӯ маро дорӣ қабул?

Бар сарат тоқии тоҷикӣ ниҳам,
Дар назар попохи қафқозӣ намуд.
Дар сари Мирзои Турсунзода ҳам
Ҳамчунон попох тоқӣ гашта буд.

Ҳар касе андеша дорад, ҳиммате,
Ин табодулро чӣ бошад ҳикмате?!

…Даҳрро зераш гирифт аз арзу тӯл
Тоқии Мирзову попохи Расул.

## ДАР ҶАШНИ РАСУЛ ҲАМЗАТОВ

Дар канори баҳр, дар ҷашни Расул
Буд дарёи дамонам ҳамнафас.
Ман чӣ донам, ҳарфам оё шуд қабул,
Ё ки дарё бурд онро барабас.

Дил набуд аз шӯриши дарё малул,
Мерасид овози ман шояд ба дашт.
Лек хомӯшии лабҳои Расул
Бегумон аз гӯши мардум мегузашт...

* * *

Ману даврон, чӣ ҳоҷате ба қиёс,
Ин яке сангу дигаре шиша-ст.
Ин як ихлосу дигаре ифлос,
Ин яке нӯшу дигаре неш аст.

Баъд аз инам аз он чӣ уммеде,
Мазҳари ноумедиясту мамот.
Чун бихоҳам зи шом хуршеде,
Дар биёбони тафта оби ҳаёт.

Чун бигӯям, ки рост бояд зист,
Мешавад сарви хушк боз асо.
Чораат ғайри гушна мурдан нест,
Агар ин панд мекунӣ иҷро.

Бо касе ҳарф гӯям аз имон,
К-аз пайи ҳаққу рост бояд гашт,
Бо кароҳат бигӯядам, э, мон,
Вақти ин гуна қиссаҳо бигзашт.

Давр – даври чапу каҷу качал аст,
Бо якешон шавӣ зи ҷонат сер.
Гар тағо дораду сари амал аст,
Муш аз хеш метарошад шер.

Баъд аз ин ман дигар чӣ хоҳам гуфт,
Натавонам, ки рост зӣ гӯям.
Ё бихандам ба ин ҳарому кулуфт,
Ё ба аҳволи зори худ мӯям.

Ҳеҷ ёбӣ, ки хашми яздонист
Дар навои ғами таронаи ман,
Мӯҷиби хандаҳои шайтонист
Ғуссаҳои паямбаронаи ман.

## ДАРОЗУ КӮТОҲ

Пири дарвеш
Ки яқин буд навад солаш беш,
Менишаст охири роҳ,
Гӯиё дар сари роҳ.
Мекашид аз дили дилсӯхта оҳ:
Чӣ дароз аст, Худоё,
рахи умри кӯтоҳ!

* * *

Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам,
Миёни ин ҳама бегона ошное ҳам.
Аз ин шабонгаҳи зулмат магар тавон раҳ бурд,
Ки нест чашми чароғею раҳнамое ҳам.
Чароғ дар сари роҳам зи даст бирбуданд,
Ки ҳеҷ каҷ нашиносам зи ростое ҳам.
Навои булбули ошиқ зи хок мехезад,
В-аз осмон нарасад бар замин садое ҳам.
Ба ҷон ҳидояти ӯро ки нашнавӣ аз ғайб,
Ба гӯши ӯ расад оё зи ту нидое ҳам.
Туро ки ҳар даме аз худ ҳазор ранҷе ҳаст,
Чӣ ҷойи шиквае аз бандаву Худое ҳам.
Нафас ба ойинаи субҳи мунҷамид ях баст,
К-ишоратест ба боми сапедазое ҳам.

## ДУ ШОДӢ

Ду нафар
Раҳ ба як чашмаи равшан овард,
Як нафар
Акси худ дид дар он,
бол заду шодӣ кард.
В-он дигар
Туф бар он чашмаи равшан андохт,
Низ болидаву шод,
Ки туфаш
рост
ба ойинаи он
чашма фитод.

## ЗАҲМАТИ БАРАБАС

Одами аҳди куҳан
Сангро бар санг зад,
то оташе барҷаст рост.
Ман, ки кӯҳи санги дилҳоро
ба ҳам даркӯфтам,
Оташак ҳам барнахост.

* * *

Хушо, хушо ки расад бар висол булбулу гул,
Ки доғи боғ бувад гул ба боғ бе булбул.
Фидои булбулеям, к-ӯ ҳазор ғулғуларо
Дар он хамӯш кунад бо танини як ғулғул.
Шамими атри гуле ҳам димоғ пур созад,
Ки ҳеҷ шишаи холӣ намекунад қулқул.
Ҳазорҳо гиреҳ аз кори даҳр бикшояд,
Шабе ки даст бупечад ба печи як кокул.
Бақо куҷост вале васли дӯстдоронро,
Ки ним дам бувад айёми сулсулу сунбул.

Набуда заррае озарм чархи гардунро,
Ки гул ба сар биравӣ ё ки дар ду поят ғул.
Зи дасту пой канад банди Аҳриман Рустам,
Чу Рахш мекашад ӯро ба ҷониби Зобул.
Забони аҳли башар кай ба дил шавад якто,
Ки бар фалак бирасад бурҷи нимаи Бобул.

## ДУ ТАКЯИ ТАКЯХОҲ

Ман нишастам,
ки занам такя ба девор,
аммо
Буд девор чунон ҳам куҳану фарсуда,
Ки ҳамон лаҳза ба ман такя бизад.
Ва куҷо буд маро чора дигар,
Ҷуз нишастан нигарон
зери хатар.
Баски мехестам ар,
буд девор нагунсор шуда.
Менишинем кунун
такязани ҳамдигар
Ин мани такябадевор
ва
девори ба ман такязада.

## ҲАР КАСУ ҲАР ЧӢ…

Буд дар навҳагарӣ,
Кабки дарӣ,
Карда об он ҳамаро ҷону ҷигар.

Яке аз шавқ бигуфто,
лаби худ лесида,
Гар садояш бувад ин сон ширин,
Гӯшташ
бошад аз он
ширинтар.

* * *

Аз чӣ, донӣ, ду чашм додандат
В-ин ду гӯшу ду дасту пойе ҳам.
Ин тавозун диҳад чунин пандат,
Ки бубин даҳру гӯш деҳ ба ҳикам.

Ёр дар бар бикаш ба меҳри дучанд,
Ҳар куҷой, ба кӯйи ӯ баргард.
– Донӣ, аз чӣ-т як забон доданд?
– То набошӣ дуқавлаи номард.

## ҲАВСАЛАИ БЕКОРӢ

– Ман дигар ҳавсалаи кор надорам? – Оре,
Баскиям кори бузургест кунун бекорӣ.
Кор, коридани чизест агар дар марзе,
Марзи ман ҳеҷ намондаст, ки чизе корӣ.
Ҳар чӣ дар марзи дилам ҳаст, бурун андозам,
То ки боре ба дили худ бикунам дилдорӣ.
Дилу ман ё ману дил, ин ду мусофир чӣ кунад,
Баҳри растан накунад гар зи ҷаҳон ҳамёрӣ.
Растам аз ҳар ду ҷаҳон, то ки гузаштам зи яке,
Ёфтам ҳар ду ҷаҳонро ба ҷаҳони ҷорӣ.
Ҷустам онро, ки пайи ҷустани худ водорад,
Ҷуз ба дил лек набуд нақшу нишони Борӣ.
Дили ман, эй дили ман, хонахудоят кӣ бувад,
Чист сирре, ки ту бо хонахудоят дорӣ?
Чун тавон гуфт, вале фош аз он роз, ки ҳаст,
Он ки ҳарфе зад аз ин, рафт сараш бар доре.
Ману бекории ман сарфи ҳамин бедорист,
Кор дигар чӣ бувад назди чунин бекорӣ?!

## МАРО ТУ ХОР МЕХОҲӢ…

Маро ту хор мехоҳӣ, ҳазор бор хорам ман,
На пойи кас биозорам, ки хори гулнисорам ман.
Зи бас ба ту сарӣ дорам, ки ақлу ҳушу сар дорам,
Сарам ба дор мехоҳӣ, сари баланди дорам ман.
Аҷаб ту бовиқор астӣ, ки бар харе савор астӣ,
Бирав, бирав, раҳат боз аст, ки осмонсаворам ман.
Аз он даме ки додам ман ба дасташ ихтиёрамро,
Инони ихтиёрам нест, ки соҳибихтиёрам ман.
Ба кору корсози давр на зӯру зорие дорам,
Ба чашми ӯ, ки бекорам, ҳазор корзорам ман.
Вале ба назди он деҳқон, ки пинаҳош дар даст аст,
Ба пинаҳои худ дар дил ҳазину шармсорам ман,
Ки ӯ ба хокҳои сабз ҳазор тухм мекорад,
Вале ба сина тухме ҷуз санои ҳақ надорам ман.
Сухан зи додаи Эзид гузини шоҳкоре буд,
Ба ман чу додаш аз он дам ба дурри шоҳворам ман.
Ба амри ӯ сухан гуфтам, чу дарди ин ватан гуфтам,
На як сухангузорам ман, ҳазору сад ҳазорам ман.

## ПУРСИШ

Пурсише ҳаст маро,
Ки чаро:
Гов агар хуб бувад ё набувад,
Гов хонанд варо.
Ва ҳамин сон ба масал,
Гӯсфанду бузу хар,
Гӯсфанду бузу хар бошаду
на чизи дигар.
Ва чаро Одам
ҳайвон бувад,
ар зишт аст,
Ва агар нек, фаришта-ст?!

## ЭЪҶОЗИ БАҲОР

Абр мегиряду механдад гул,
Месарояд ғазали худ булбул.
Даҳани шиша ки май мерезад,
Мекунад васфи лабонаш қулқул.

Дар чунин лаҳзаи эъҷози баҳор
Шиква бигзор, бикаш нози нигор.
Маю мутриб, ки ба кор оғозад,
Кори дунё ҳама гардад бекор.

## ТОАТИ ИШҚ

Гар набуд хилватнишинро ройи индунёияш,
Мепазируфтам ба ҷони хештан танҳоияш.
Гавҳари салсоли инсон дар азал аз ишқ буд,
Лек ваҳшиёна омад фитрати колоияш.
Чун аён дидам, чӣ буда дар паси пайдои даҳр,
Сад пушаймон хӯрдам аз ин дидаву бинояш.
Дил гирифтам аз ду рӯйи порсо, тардомане
Хуштарам омад ба якрӯйиву бо якроияш.
То ба номи ишқ тоат кард шоме рӯсапӣ,
Ҷонамози шукр кардам домани иброияш.
Гарчи шӯри ишқ Маҷнун кард садҳо Қайсро,
Ишқ оне кам накард аз шеваи лайлоияш.
Осмоно, чанд дорӣ боз қасди суданам,
Ҷонам, охир, нест фӯлод, ин қадар месоияш.
Нобаҷо менозӣ аз худ, к-ахтаронат равшананд,
Тор будӣ, гар набуд меҳри ману маздоияш.
Зулмати Табрез ҳам равшан нашуд аз ҳеҷ Шамс,
Гар Ҷалолиддин набуду фарри мавлоноияш.
Хилвате хоҳам ба ӯ, то рози ҷон ёбам, ки чист,
То нахонам баъд аз ин инҷоияш, онҷоияш.
Ақл кардам гарчи тасхири фалак, то ҳол лек
Гӯш бар афсуни дунё дораму лолоияш.

## РУҶӮИ МАРДИ ДОНИШВАР

*Эҳдо ба Муҳаммадҷон Шакурӣ*

Агар ягона туӣ, ман ҳазор чандонам,
Туро ба ман чӣ қиёсест, ман намедонам.
Ману хазинаи маънӣ, туву ҳазинаи мол,
Ту молбандаиву ман азизи инсонам.
Ту он ки ғафлати мардум сариву ҷоҳаш дод,
Ман он ки нозиши фарзонагони давронам.
Дилам, ки ошиқи ишқ асту сина пур зи ҷигар,
Паланги бешааму булбули гулистонам.
Ту рӯбаҳӣ, ки ниҳӣ дом бар паланги ғаюр,
Магар ки доми фиребат канам ба дандонам.
Замонае ки маро дод умеди озодӣ,
Ҳазор банди дигар зад ба пою дастонам.
Чӣ сон зи шавқи гул акнун наво кашам ба чаман,
Ки хун гирифта гулӯи ҳазордастонам.
Зи шарми пучии зоғе, ки мезанад қар-қар,
Агар хамӯш шудам, дар дил аст илҳонам.
Биёву гӯш бинеҳ бар хурӯши синаи ман,
Ки гар як инсонам, сад ҳазор исёнам.

## ДАР ОҒӮШАМ БИЁ…

Дар оғӯшам биё, як шаб дар оғӯш,
Ки аз лабҳои нӯшинат кунам нӯш.
Манам дарё, ту ҳамтои ҷазира,
Дар оғӯшат кашам, кош, аз бару дӯш.

Миёнҷо хушкиву об аст ҳар сӯ,
Ки омезад тару хушки ману ту.
Шабу рӯзам шавад бо ҳам баробар,
Чу айни офтобиву тарозу.

Саҳар хандад ба мо хуршеди ховар,
Шукуфад дар само шаб боғи ахтар.
Чӣ бошад давру даврон, давр гардад
Ба гирди мо Замин чун гирди меҳвар.

Агар ниме ҷаҳон аз васл шод аст,
Дигар ниме зи маҳҷурӣ ба дод аст.
Вале дар олами ҷуфтофарида
Яке танҳо бувад, он ҳам зиёд аст.

Худоё, ҷони ҷуфти мо яке соз,
Висолат бешу ҳаҷрат андаке соз.
Ҳазорон бор то созам фидояш,
Ҳамин як ҷони якторо лаке соз.

Заминро арзу тӯл охир куҷо шуд,
Ба гардун ишқ хатти истиво шуд.
Ба мобайни замину осмон шаб
Намедонам чиҳо буду чиҳо шуд…

## АЗ ТУ РАҲМАТ, З-Ӯ МУҲАББАТ

Ало оне, ки рӯёнӣ ҳазорон дона аз як дон
Ва аз як хӯша сад хирман,
Ҳамин як дона ишқамро ба эҳсон хирмане гардон,
Ки бо сад шукр резам ман ба пойи зан.

Надорам ҳасрат аз ҷадди бузургам – Ҳазрати Одам,
Ки шуд аз арш бар фарши сияҳ бо айби зан партоб,
Ки гӯё дони гандум хӯрду шодиҳош шуд мотам,
Ки шуд дар зиндагиаш ҷаннат-ул-маъвои ӯ ноёб.

Надонад кас, чӣ ҷаннат буд ҷаддамро дар он боло,
Валекин зан биҳиштам шуд
зи раҳми Ҳақ дар ин пойин.

Куҷо ёбам зи оғӯшаш биҳиште хуштару авло,
Ки ӯро мазҳари меҳру муҳаббат кард ӯ ойин.

Кунун он дона гандумро ҳазорон донае месоз,
Ки садҳо бори дигар боз дар талқини зан афтам,
Ки садҳо бори дигар созам изҳори садоқат боз,
Ки ӯ дар арш боқӣ монаду бар фарш ман афтам.

Худоё, гар гунаҳкорам, чӣ чора, бандаи осӣ,
Маро гар иллате бошад, фақат ишқ аст он иллат.
Таваккал бар ту, эй поку ба зан кардам ман ихлосе,
Ки акнун чашм дорам,
Аз ту раҳмат,
З-ӯ муҳаббат.

## ХОТИРЕ, ХОТИРАЕ…

Умри ман баъди шаби ишқи ту як хотира аст,
Хотири як шаби пуртобу табу бӯсу канор.
Хотири сина ба ҳам судану печидани даст,
Хотири хеш даровехтан аз гардани ёр.

То ба болои баландаш диҳадат ҷони дигар,
То ба озодагии хеш кунад озода.
То ки бар мӯъҷизи ишқат диҳад имони дигар,
Ба лабат лаб ниҳаду маст кунад бебода.

Хотире, хотирае… ҳар чӣ маро буду набуд,
Дар ҳамон хоначае буд канори дарё.
Мавҷ мерафт ҳама то камари чархи кабуд,
Ҳар чӣ буд рӯйи замин, ҳар чӣ савори дарё.

Ишқи дарёии мо хона ба дӯшаш мебурд,
Ё ки он хонаи мо лаб зада, дарё шуда буд.
Ё зи ишқи ту ҷаҳон гашт ҳамон кулбаи хурд,
Ё ки он ишқи ҷаҳонгир дар он ҷо шуда буд.

Хотире, хотирае… монд, ки мо ёри ҳамем,
Хонаи ишқ нишон монд канори дарё.
Гар кунад умр вафо, ёри вафодори ҳамем
В-арна он ишқи дилошӯб нисори дарё...

## ОМАДӢ…

Омадӣ, омадӣ ба сарвақтам,
Ноаён, ногузир чун тақдир.
Ба ту оё расад дигар вақтам,
Омадӣ, бо муҳаббат, аммо дер.

Бегуноҳӣ, чу чашмаи покӣ,
Домани ту марост ҷойнамоз.
Ба само бо ту одами хокӣ
Мешавад чун фаришта ҳампарвоз.

Оре, оре, ба осмон бариям,
Осмон лек нест ҷои гуноҳ.
Бистари абру бо ту ҳамсариям
Аз само бар замин надорад роҳ…

## ОҲ ЯК ШАБ…

Оҳ як шаб, оҳ як шаб монд дар хотир маро,
На, на балки бурд он бо хеш то охир маро.
Бурду дар хеш об карду оби оташсӯз дод,
Ман на он бошам, ки бинӣ дигар аз зоҳир маро.

Ман ҳамин дарёфтам, ки ишқро асрор чист,
Ҳар кӣ ёри худ нагардад, ошиқи он ёр нест.
Ҳар кӣ шабро дар бари ёре ба бедорӣ набурд,
Хоби ғафлат рафтаасту аз азал бедор нест.

Бо ту будам як шабу як умр пазмони туям,
Ҷамъ бошад хотират, ки дилпарешони туям.
Гар зи андомам барорад ҳар сари мӯйе забон,
Ҷони ман гӯяд, ки ман они туям, они туям!

Умр дигар меравад бо ёди як шаб ишқи ту,
Матлабе гар зиндагиямрост, матлаб ишқи ту.
Иддае шояд ҳавас доранд мансабҳои ман,
Буду ҳаст, аммо маро мақсуду мансаб ишқи ту.

Умр дар панҷоҳ солам сохт, нав кардӣ маро,
Як шабе чун дар канори ишқ овардӣ маро.
Шеваи парвардгориҳо агар парвардан аст,
Ҷуз ту ку парвардгори ман, ки парвардӣ маро?!

## ОЙИНИ ИШҚ

Намедонам, чӣ мемонад аз ин шаб,
Намонад ҳеҷ агар, ман ҳам намонам.
Агар аз ин ҷаҳон ишқ аст матлаб,
Туйӣ маъшуқи ину он ҷаҳонам.

Канори баҳру нармак хомаи рег
Бари ҳам рӯ ба гардунем хуфта.
Ба болои сар ахтарҳои наздик
Ба ҳам гӯянд рози мо шукуфта.

Ва ин гулхан, ки аз ишқаш забонҳост,
Саропойи туро афрӯзад аз нур.
Фурӯзонтар зи авҷи каҳкашонҳост,
Ки мехоҳад кашад оғӯшат аз дур.

Ва имшаб бар мани хокии ошиқ
Насиб афтода бахти осмонӣ.
Ки аз рӯйи ту бинам субҳи содиқ
Зи гесӯи ту шоми навҷавонӣ.

Агар ҳам имшабу шабҳои дигар
Ба ҳам моро бувад болину бистар,
Чунон ҳам дӯстат медорам, эй ёр,
Ки гӯё аввалин бор, охирин бор.

Равон гардад чу реги рези соҳил,
Канори ҳамдигар лағжем пойин,
Ки то дар Каҳкашон гирем манзил,
Ки шоми ишқро ин аст ойин.

## ИН ЧӢ ЭЪҶОЗУ ИН ЧӢ ЭҶОДЕ?!

Ин чӣ кӯҳи баланду қуллаи барф,
Аз ду сӯяш ду хомаи ҳамвор.
Дар миёнаш якест водии жарф
Пургулу хурраму ҳамешабаҳор.

Мебаройӣ ба хомаҳои сафед,
Мефуройӣ ба водии намнок,
Тану ҷон шӯълазори сад хуршед,
Меравӣ боз бар сари афлок.

Андар ин соати фарозу фуруд
Худ ба авҷу ба мавҷҳо бинӣ.
Дар дили баҳру осмони кабуд
Гаҳ наҳангиву гоҳ шоҳинӣ.

Ин чӣ кӯҳест, кӯҳи поку фароз,
Сабздомону қулласимин аст.
Чашм бинӣ, сипанд дуд андоз,
Кӯҳи фирдавс гар бувад, ин аст.

Мебаройӣ чу бар сари ин кӯҳ,
Шӯълавар чун шиҳоб мегардӣ.
Гоҳ бар водӣ аз бари ин кӯҳ
Мефуроиву об мегардӣ…

Эй Худо, эй Худои ду дунё,
Ин чӣ эъҷозу ин чӣ эҷоде, –
Қуллаи кӯҳу жарфии дарё
Дар вуҷуде чӣ гуна ҷо додӣ?!

## ДОМАНИ ЁРУ ДОМАНИ ДАШТ

Ин дил аз ёр умеди ёрӣ дошт,
Он чӣ кард ӯ ба ман, чӣ коре буд.
Зиндагиям агар баҳоре дошт,
Хуштар аз он куҷо баҳоре буд?

Ҳама дар ҷӯш буду ноором,
Ҳама ҳангомаи шукуфтан дошт.
Тахтасанги хамӯш ҳам он шом
Бо гулу сабза роз гуфтан дошт.

Дасти худро ба гарданам овехт,
Кард осон ҳазор мушкили ман.
Ончунон ҳам ба ҳастиям омехт,
Ки расад бӯйи ҷонаш аз гили ман.

Домани ёр буду домани дашт,
Аз чиям лек пой дар гил монд,
Агар он ишқ буд, аз чӣ гузашт,
Гар ҳавас буд, аз чӣ дар дил монд?!

## АДОЛАТИ ИШҚ

Яке омад ба назди шоиру гуфт:
Маро шеъре навис аз баҳри ёре,
Ки ишқи ӯ дилу ҷонам барошуфт,
Ки дигар нестам сабру қароре.

Ва шоир аз ғами ошиқ сухан сохт,
Ки ҳатто санг мегашташ харидор
Ва ошиқ сӯйи ёри бехабар тохт,
Ки аз ишқаш кунад ӯро хабардор.

Нигори нозанин огаҳ шуд аз роз,
Бад-ӯ гуфто, ки ин ҳарфам пазирӣ,
Магар инсоф бошад, эй даҳанвоз,
Ки ӯ дил хун кунад, дилбар ту гирӣ.

Ба он ақли расову толиби шеър
Варо монду гирифт ӯ соҳиби шеър…

## ШЕЪРИ ШИРИН

Омадам аз маҷлисе берун, ки шуд
Хонуми сарводагӯ ҳамсӯҳбатам.
Хонуме зебо чу шеъри ноб буд,
Гарчи ин ҳар ду кам ояд рӯйи ҳам.

Гуфтамаш, хонум, хушат буд анҷуман,
Нозханде кардаву лаб во намуд.
Хуш будам, гуфто, дар он толор ман,
Дар забонам баски ашъори ту буд.

На, на, буд ин лутф, к-инам дод суд,
Шеърам аз лабҳош ширин гашта буд.

## НАБУВАД БОВАРАМ…

Набувад боварам, ки мебинам
Шаби хоб он лабону рухсоре.
Сӯзад аз реша дину ойинам,
Рӯз агар бинамаш ба бедорӣ.

Чӣ шабе буд, он шаби пурнур,
Шаб набуд он, ки бомдодон буд.
Аз насиби заминиям манзур
Ҳар чӣ парвардгор дод, он буд.

Гар биҳишташ биҳиштам, ӯям дод
Як биҳишти дигар дар оғӯшам.
Лаби нӯшаш чу бар лабам бинҳод,
Чашмаи Хизр шуд фаромӯшам.

Ман дигар мавҷхези як ишқам,
Ишқи беинтиҳо чу уқёнус.
Аз самак рафта то фалак ишқам,
Хӯрд аз сардии малак афсӯс.

Эй Худои кариму мӯъҷизакор,
К-аз кафи хокам офаридӣ тан,
Ба чӣ дил сохтӣ, вале ин бор
Ҷони ҷонро ту аз қабурғаи ман?!

## НАСИБИ ҶАВОНӢ

Эй насиби ҷавониям аз ишқ,
Дер кардӣ чаро ту то пойиз,
Ки гаҳи дилситониям аз ишқ
Рафтаву бурдааст дилро низ.

Омадию куҷост лек он дил,
Ки ба сад дил шавад фидои ту.
Ҳар ду олам, бигӯяд ӯ, мушкил,
Ки биарзад ба хоки пои ту.

Имшаб аммо дилам ба домани ту
Бо умеди баҳор овезад.
Субҳдам аз канори гулшани ту
Як чаман лолазор бархезад.

Ёри маҳбубу як шаби матлуб,
Печиши пойҳову бозуву даст,
Балки Қутби Шимолу Қутби Ҷануб
Андар оғӯши мо ба ҳам пайваст.

Эй канорат биҳишти накди висол,
Эй маро хуби хуби хуби хуб,
Ту бирафтӣ баҳори Қутби Шимол,
Ман бимондам хазони Қутби Ҷануб…

## АВҶИ ИШҚ

Кош, умрам кунад вафову мадад,
Ки кашам бори дигар оғӯшат.
Ончунон гирамат ба бар, ки абад
Ҳар ду дунё шавад фаромӯшат.

Ман баландат зи арш биншонам,
Каҳкашонро ба пойи ту резам.
Садқаат карда шӯҳрату шонам,
Даст дар гардани ту овезам.

Осмон ташнаи муҳаббати кист,
Ҷуз дили мо, ки нест махзани ишқ.
Малаке ишқро надонад чист,
Пас, чӣ сон арш гашта маскани ишқ.

Бишнавӣ, набзи дашту ҳомунро,
Ки фалаксайру ишқоҳанг аст.
Медиҳем авҷи ишқ гардунро,
Ки замин баҳри ишқи мо танг аст.

## ФАРЁД

Фарёд зи дил хезаду фарёдрасе нест,
Ҷон дар тани мо коҳаду парвои касе нест.

Дирӯз агар буд умеди дами Исо,
Имрӯз Масеҳову масеҳонафасе нест.

Мо дилхуру аҳволи дили зор ба танг аст,
Авзои дили мову замон шишаву санг аст.
Моем чу якрӯяву якранг, чӣ созем,
Ҳар дам ки ливо бар сари мо ранг ба ранг аст.

Дигар зи ҳама рангу ливо дуру ҷудоем,
Донем худ акнун ки раҳӣ то ба куҷоем.
Ҳаргиз наравем аз пайи кас, ҷуз зи пайи хеш,
Гар гумраҳу вомонда в-агар роҳнамоем.

Аз сар ки гузаштем, дигар худ сари хешем,
Аз худ ки гузаштем, дигар худ бари хешем.
Моро нафиребад дигар он дасти ишорат,
Ин раҳ ки наваштем, дигар раҳбари хешем.

Аз кинаи дерина дигар ҷойи сухан нест,
Чун хоки ватан сӯхта, ҷойи туву ман нест.
Дирӯз агар бе туи бедард ватан буд,
Имрӯз вале бе мани пурдард ватан нест.

## ДАР СИЁҲДАРА

Аз байни дара, ки медавад рӯд,
Аспест парону кафколуд.
Ҳаргиз нарасад ба гарди хеш он,
То домани дашт даррасад зуд.

Аз байни дара фаро равам ман,
Болои сарам само равам ман.
Ҳарчанд раҳам барад ба гардун,
Бе халқи Худо куҷо равам ман?!

## ДУХТАРИ РӮД

Тапад ин рӯд бари синаи кӯҳ
Чун дили духтараки ошуфта.
Зуд поин давад аз зинаи кӯҳ,
Рози пинҳони дилаш ногуфта.

Бинад аз паҳлуи куҳ бар водӣ,
Гӯиё рам кунад аз вусъати дашт.
Ӯ надонад, чӣ кунад озодӣ,
Ба биёбон барадаш ё гулгашт?

Даме оҳиста шавад, маҳви нигоҳ,
Сар дарорад ба гиребони дара.
Во шавад гӯйи гиребон ногоҳ,
Аз бари кӯҳ рамад – оҳубара.

Ман варо дораму гирам дар бар,
Тарсаду печ хурад, тоб хурад.
Дигар он рӯд куҷову духтар,
То дили ташнаи ман об хурад?!

## ИШТИЁҚ

Гиёҳе сар кашад бар сӯйи хуршед,
Ки атрогин шавад аз бӯйи хуршед.
Агарчи сӯйи дигар рӯ наорад,
Ҷаҳонро бинад он аз рӯйи хуршед.

Барад бар осмон дастони сабзаш
Чу як барги нисор ин ҷони сабзаш.
Гули сурхе бихандад бомдодон
Сари паймонаи паймони сабзаш.

Гиёҳе, ошиқи як худфурӯзе,
Ки бе рӯяш нахоҳад ҳеҷ рӯзе.
Ту, эй хуршеди оламҳо, мабодо,
Варо дар ишқи сӯзонат бисӯзӣ.

## ҲАСРАТ

Ман нагӯям, ки тифлиям ба ҷаҳон
Ҷаннате буд беғаму ғусса.
З-ин сабаб нест дар дилам армон,
Ки шавам тифлу нав кунам қисса.

Мани кӯдак на аз ҳавову ҳавас
Даст бар коғазу қалам бурдам.
Чун набуд шахси меҳрубонам кас,
Ин дуро ёри хеш бишмурдам.

Хонаи мо ки дашт буд як сӯ,
Будам он ҷой кунҷи танҳоӣ.
Қаламу коғазам сари зону,
Менавиштам зи ранҷи танҳоӣ.

Чун нагунҷад ба ҷону дил дардам,
Як тараф монда хомаву дафтар,
Ман ба домони дашт мекардам
Гиря дар ёди домани модар.

Рафтам аз хонаи падар маҳзун,
Нест он ҷо дигар нишонаи ман.
Пушти ҳавлӣ намондааст акнун
Даштаки сабзи шоиронаи ман.

Паси ҳавлӣ деҳотиён имрӯз
Хонаҳои қатор сохтаанд,
Шеърҳои маро нахонда ҳанӯз,
Шоири хеш ношинохтаанд…

## АРӮСИИ ХУРШЕД

Бегаҳ.
Шукуфта сад чамани лола дар уфуқ.
Хуршедро ба дил набувад хоҳиши сафар.
Гар шоҳи осмон наравад дар канори шом,
Оё шавад арӯси шаб
обистани саҳар?!

## ХАЁЛ

Хаёлам бол афшонад,
Ки аз дунёи пурташвиши бесомон фаро оям,
Ба мисли ламъаи нуре, ки дар зарфаш нагунҷад ҳеҷ,
Даруни сӯзаду берун кунад равшан,
Ба зарфи худ нагунҷам ман, ки бар сӯйи само оям.

Дар ин ҷо рангу ангори фиребе нест,
Ҳама сӯ аз азал нур аст.
Ба гӯши ман садо ояд зи дуродури ҷовидон,
Ки ҳар кас к-ӯ қариби зулмат аст, аз ҷовидон дур аст.

Хаёлам бол афшонад,
Чу оташ дар ҳавои тираи серун,
Ки аз зулмат равам берун.

## УМЕДИ ПАСИ ДЕВОР

Офтобе ба ғуруб
Гузар аз кӯйи дилогоҳ намуд,
Сари девор расид.
Сари девор чӣ хуршедӣ буд,
Паси девор чӣ уммеде буд?!

* * *

Эй канори биҳиштии дарё,
Аз биҳишти биҳишта ёдам деҳ.
Накҳати зодгоҳам овар, ё
З-обҳои сиришта ёдам деҳ.

Гарчи рафтам зи ту ба рӯйи замин,
Мояи устухони ман обист.
Расад аз ман агарчи бӯйи замин,
Чашми ман бар туву ба маҳтобест.

Мавҷҳои маҳини пушти ҳамат
Ҳама дар мавҷи мӯйи ман монда.
Ҳам зи маҳ мадду ҷазри бешу камат
Нақш дар хулқу хӯйи ман монда.

Сахраи рӯйи хок бошад санг,
Сахраи зери об марҷон аст.
Дар замин ҳоли дил шавад гар танг,
Бари дарёш роҳати ҷон аст.

Ишқи дарё магар ба дил коҳад,
Ишқи он зодбуми ноёбе.
Ба куҷо ин сафар сафар хоҳад
Дили дарёву рӯҳи маҳтобӣ…

## …БОЗ МЕРАСАД ХУРШЕД

Манам ба ҳавлии шаҳре, ниҳоли маҷнунбед,
Ба рӯзи сарди зимистон бараҳнаву урён.
Чу дар сипеҳри сияҳрӯ саҳоб мегузарад,
Ба ҳоли хеш ба сад чашм мешавам гирён.

Насими субҳ ки мекард зулфи ман бозӣ,
Кунун ба ҷони низорам ҳамехалад чун тир.
Куҷост нағмаи пуршӯри сели гунҷишкон,
Ки шохаҳост тиҳӣ, лонаҳост зору ҳақир.

Кунун ба тори сари ман нишаста зоғи сиёҳ,
Ба ранги доғи сиёҳ.
Садои қар-қари ӯ ( зор монад аз сари ӯ ),
Кунад ба шаҳраги ман хушк хуни гарми маро.
Куҷост дасти маҷоле, ки ронамаш аз хеш,
Куҷост мурғи навое, ки хонамаш аз хеш.

Ба рӯзи сарди зимистон, шумо гумон доред,
Ки аз баҳор фаромӯш кардаву хобам.
Маро ба хоб надонед, вақти хобам нест,
Ки аз карахтии даврон ғамину бетобам.

Баҳор мерасаду боз мерасад хуршед
Ба сӯзи ошиқи бедордил ба тори сарам.
Калоғи шумнафасро ба дур меронад,
Саҳар ба шохаи нураш зи шохсори тарам.

## ДУРИ ДИЛХОҲ

Раҳнаварде роҳ мепӯяд тани танҳо,
То расад як рӯз ё як шаб
ба он манзил,
ки сӯи он равад ӯ беист.
Лек ҳаст оё касе, к-ин роҳро пӯйиду дид он ҷо,
ки чизе, к-он ба сӯяш раҳнавардеро кашонад,
чист?
Ё ки худ ин гуна кас ҳам нест.

Лек,
кош инро намедониста будам,
кош,
То ки мепиндоштам фарҷом роҳи раҳгузореро
Дар фарозиҳо ба авҷи дури дилхоҳ аст,
На ба сӯйи дури бероҳ аст.

Кош,
дар ин раҳ ба дӯши хештан медоштам боре,
К-он ба сангаш паллаи мизони фардоро
На ба сӯйи осмон,
балки ба сӯйи хокдон мебурд.[1]
Ҳар қадар озурдаи ин роҳ мешуд ҷон,
Лек гардеро ба роҳи худ намеозурд.
Ҳайф, раҳ дур асту
шаб торику
ҷонам нохудогоҳ аст.

Кош, дармеёфтам як бор,
К-андар ин раҳ ман чӣ хоҳам бохт,
Ман чӣ хоҳам бурд,
Аз ҳамон боре ки умре мекашидам сӯйи он манзил;
Аз нишебиҳои зулмонӣ,
Бар фарозиҳои равшанкор.

Худ магар бори сари дӯшам, ки мекард он арақшорам,
Доштаст оё баҳои як пашизе ҷуз ҳамин
як Дил.

Оҳ,
қомат бишканад бори гаронам,
истгоҳе ку,
То даме осоям аз ин роҳу аз ин бор,
Лек натвонам зи роҳ истоду
бор аз дӯш ҳам бигзошт як лаҳза.

---

[1] Ишора ба Қуръони маҷид, сураи Аъроф, ояҳои 8-9;
«Дар он рӯз вазн кардан ба Ҳақ хоҳад буд. Онҳо, ки тарозуяшон сангин аст, растагоронанд. Онон, ки тарозуяшон сабук гашта аст, касоне ҳастанд, ки ба оёти мо имон наёварда буданд ва аз ин рӯ ба худ зиён расонидаанд».

Оҳ,
    аз ин роҳи ҷонфарсои меҳнатбор,
Ку, ҳамон чашми саре к-ин роҳро анҷом мебинад,
Оҳ,
        ку,
                чашми нигоҳе,
                                ку?!

## ДУ ОҲАНГИ ЯК МАЪНО

Ин ҷаҳони гузаронро ду дар аст,
Як дари сабзи вуруд,
Як дари зарди хурӯҷ.

Лек дунёи абадрост даре –
Як дари обии дарвои[1] духул.
З-ин дари ҷовидон
Ман дарун рафтаму дарро бастам.

Ҳалқа бар дар назанед!

* * *

Ин ҷаҳони гузаронро ду дар аст –
Як дари сабзи вуруд,
Як дари зарди хурӯҷ.

Лек дунёи абадрост даре –
Як дари обии дарвои духул.
З-ин дари ҷовидон
Ман дарун рафтаму во мондам дар,

Ки ҳам ин ҷо накашам боз ғами танҳоӣ.

---

[1] Дарво – овезон, муаллақ

* * *

Пагоҳ офтобро нидо кунам,
Вале чӣ сон варо дар ин саро кунам,
Ки гӯшае барои офтоб нест,
Ба сад ҷаҳон агар сару садо кунам.
Ҳама ба соя з-офтоб даргурез,
Чӣ бо гурезагони безиё кунам.
Дуои ман ки мустаҷоб мешавад,
Надонам ин замон киро дуо кунам.
Чу шарти сарварист донишу хирад,
Ба сарварони бехирад чико кунам.
Дар ин ҷаҳон ки қарздори ман бувад,
Чӣ гуна боз қарзи худ адо кунам?!

## ТУРКТОЗИ ГӮСФАНДОН

Обҳо гаштанд хунин, хок з-оташ дар гудоз аст,
Гул нарӯяд з-оташу хун, оби раҳмат чорасоз аст.
Оштию раҳми гургон ҷуз вале гургоштӣ нест,
Мешҳоро инқироз аст, гургҳоро имтиёз аст.
Он ки мелофад ба мардум з-оштӣ, аз меҳру аз ҳақ,
Барканӣ аз рӯ ниқобаш мӯҳрабозу ҳуққабоз аст.
На кабӯтар бо кабӯтар мекунад озод парвоз,
Ҳар кабӯтар пар кушояд, синааш дар чанги боз аст.
Ҷинси оҳу рафта аз дашт, чашми чашма хоку хун гашт,
Чашмаву мижгони сабзаш тарту помоли гуроз аст.
Рӯзи майдон ошкоро медаридат гурги пешин,
Гурги ҳозир медарад хап, ҳар куҷое гар нуҳоз аст.
Кушта ҳаст, аммо кафан нест, кас вале бе мову ман нест,
Нест навбат баҳри мурдан, бар кафан навбат дароз аст.
Ин чӣ гурги мешмоно в-он чӣ меши гургмоно,
Раммаҳои гӯсфандон аз ду ҷониб турктоз аст.

## ДАР ПОЙИ ОЗОДӢ…

Дар пойи озодӣ аз пой уфтодем,
Озоди побандем, побанди озодем.
Мо куштаи зинда, мо зиндаи кушта,
Мо доди бедодем, бедодэҷодем.
Манзил намонд обод, як дил намонд обод,
Ободи вайронем, вайрони ободем.
Бар хасми зоти хеш ҷону ҳаёти хеш
Андар бисоти хеш мо ҳар чӣ буд, додем.
Дар гӯши бедардон кай мерасад фарёд,
Фарёди хомӯшем, хомӯшфарёдем.
Мо дар ватан мурдем, дур аз ватан мурдем,
Аз модари меҳан ё беватан зодем?!
Буду набуди хеш, хоки вуҷуди хеш
Барбод дода мо, аз хок барбодем.
Кун, эй Худо, шафқат моро ки баъд аз ин
Малъуни аҷдодем, мардуди авлодем.

## ҲАҚИ ҲАҚВАР

Чӣ хатои даврон аст, ки туро забон дода,
Дили мо нишон дода, ба кафат синон дода.
Ту кунун занӣ ҳарчанд ба ситеза садҳо захм,
Дили хунчакон зинда, ки Худош амон дода.
Нафасат ба ҳар хоке гулу реша хушконад,
Магарат зи чор айём нафаси хазон дода.
Ғами худ ба шодият надиҳам, ки медонам,
Ки ба ҳар кӣ ғам дода, диле армуғон дода.
Туву доди яздонӣ, ба ниҳоди шайтонӣ,
Самари ҳақ аст имон, ба ту ҳақ гумон дода.
Ва ҳамон ки парканда, ба заминат афканда,
Ба уруҷ шоҳинро дили парфишон дода.
Чӣ кунӣ ба он ҳақвар, ки ба адлу инсофаш
Ба ту остон дода, ба ман осмон дода.

## АҚРАБА

Соате дар девор.
Ман ҳамон ақрабаам,
Ки занад давр ба гирди тираш
Рӯзу шабҳо бедор.

Баски як дам
Нашавам дур ман аз тири худӣ
Ва наистам бекор,
Ҳама олам бикунад бо равишам
Вақти худро меъёр

## РАҚСИ КАМАРИ ИРОҚӢ

Чӣ оҳанги диловезе, ки оромиш диҳад дилро,
Чу мурғи дастомӯзе ба дасти ту ниҳад дилро.
Ҷаҳон орому ту ором,
Надорад гардише айём.
Ба нозе аз ҳарими дил,
Бихезӣ чун насими дил,
Ки сад ҷони дигар бахшӣ ту муштоқони бисмилро.

Бубандӣ бар камар ту якбара локии шоҳиро,
Бубандӣ бар камар гӯё ҷаҳони мурғу моҳиро
Ва ҷунбонӣ ҷаҳон бо ҷунбиши нарми камаргоҳат,
Фидои ҷони огоҳат.

Ба шӯхӣ мавҷи рӯд аз мавҷи рафтори ту мешармад,
Ба нармӣ кабки рав аз гашти ҳамвори ту мешармад,
Ба ҷоду наргис аз чашмони хаммори ту мешармад,
Ба рақс ойӣ бағалафшону болафшон,
Ба хоки пот ҷонафшон
шавад оне ки дорад ҷон.

Куҷо дунёи дилҳоро дигар таскину ороме,
Куҷо, эй чашми сар, дигар шиносӣ субҳ аз шоме,
Ки омезад ба ҳам дигар лаёлиеву айёме,
Ба ҷон хоҳам, ки ин оғози ҷонпарвар
Наёбад ҳеҷ анҷоме.

Камар ҷунбонию гардад тамоми даҳр масту мот,
Зи ман гӯё ту меранҷӣ, аҷаб зебост ранҷишҳот,
Куҷо дорад дилам дигар тавону тоби санҷишҳот,
Маро аз мавҷи ҷунбишҳои худ сар деҳ,
Чӣ месӯзонӣ оҳиста,
Биё, якбора, яклахт оташам дар деҳ,

Ки ман дар кишвари ислом шавқу шӯру исёнам,
Зи ҷодуи камарраксат раҳидан нест имконам,
Биларзонӣ ба ларзишҳои худ ту бехи имонам,
Агар ҳаст ин мусалмонӣ,
Худоё, ман дигар танҳо барои ту мусалмонам!

* * *

Эй бӯйи гули баобрафта,
Гул омадаву гулоб рафта.
Чун меҳри рухат ба об уфтод,
Ҳар қатра ба офтоб рафта.
Зулфат чӣ суол дошт бар рух,
К-аз ёди лабат ҷавоб рафта.
Гуфтам, зи лабат савоб гирам,
Лаб ҷустаму аз рух об рафта.
То доғи дилам зад аз лабат рӯй,
Дидем, ки моҳтоб рафта.
Дигар на маҷоли ҳарфу ҳолест,
К-аз ҷумла хабар, хитоб рафта.
Азбас зи манат дар ин такопӯй
Мондаст гунаҳ, савоб рафта,
Як шаб сари ту ба синаам, кош,
Бедор шавам, ки хоб рафта.

## …ЯК ЛОЛА ХУН

То фитад аз дарди ҳиҷрон дар дили як лола хун,
Мешавад хун сад дили ошиқ ба рӯйи лолагун.
Боду бороне ки қасдаш барги туст, эй кош, зуд
Бигзарад аз ту, дарандозад маро аз беху бун.
Дар диёре ки чинорон сарнагун афтодаанд,
Сарбаландият чӣ арзад, то бувад як сарнагун.
Қиммати якдонагиҳо мекунад дурат зи ҷамъ,
Қатра чун гавҳар шавад, меафтад аз дарё бурун.
Ҷилваҳои ҳар ду олам нусхаи якдигаранд,
Меравад аз кӯза берун, он чӣ бошад дар дарун.
Ишқи Ширини маро бо макри Хусрав кор нест,
Тешаи Фарҳоди ман ҷӯ меканад дар Бесутун.

## ИШҚИ НАСИБ

Ҷони ман, ишқи туро дод Худо ҳамчу насиб,
Ба мани бехабар аз баҳраи ишқи азалӣ.
Шукри ишқат ки дилам шуд ба ғами ёр ҳабиб,
Дар ҷаҳони гузарон ёфт дами бебадале.

Шуд ҳавоят ба сарам ҳамчу ҳавои тоза,
Нафаси ишқи ту дар ҷони ҳаваснок дамид.
Гашт андозаи ин ишқ чу беандоза,
Кардам аз раҳмати он беҳаду андоза умед.

Ман чӣ донам, ки ба ин ҳусни худоёна туро
Он ки барсохт, чунин поктан аз баҳри кӣ сохт.
Он ки ҳастии маро кард пур аз ишқу вафо,
Буд умедам, ба дилат ишқи маро низ андохт.

В-арна аз омадани ман ба ҷаҳон суд набуд,
Фараҳе дод ба дилҳо нафаси шоириям.
Чашмаи ишқат агар чашм зи қалбам накушуд,
Ман куҷо будаму ҳарфу ҳаваси шоириям.

Ту ки додӣ ба ман ин шоирию сеҳри сухан,
Ҷон ба фармуди азал дарди ғамони ту суруд.
Аз уфуқ то ба уфуқ гашта фарох ин дили ман,
Шафақи меҳри туро бар сарам афрошта буд.

Офтоби рухат арчанд зи ман буд ниҳон,
Моҳтоби дили ман шоми сиёро афрӯхт.
Абри озории озори туям шуд борон,
Шӯълаҳои шафақам дар гули рухсори ту сӯхт.

## ҲАСРАТИ ИШҚ

Духтароне, ки ба ман дил бастед,
Духтароне, ки будам ошиқатон,
Магар имрӯз ҷавондил ҳастед,
Магар имрӯз манам лоиқатон?

Чӣ ҳавасҳо, ки гузашт аз сари мо,
Чӣ ғаму ғусса, ки вомонд ба дил.
Ҳамчу дарё, ки бизад лаб бари мо,
Ки на таҳ буда варо на соҳил.

Дар ниҳон аз назари шавҳаратон
Хонда оё ғазали ошиқиям,
Шикваи хеш шунидед аён
Аз ғами бебадали ошиқиям?

Гарчи пурбачча шуда хонаатон,
Касрати ишқи ҷавонӣ монда,
Дар лаби хомушатон рози ниҳон
Ҳасрати ишқи ҷавонӣ монда…

## ОҒӮШ

Меравӣ,
Рафтани ту рафтани маҳ дар гардун.
Осмонат, ки манам,
Ҳар кучое, ки равӣ,
Натавонӣ, равӣ аз ман берун.

## ҚИСМАТ

Ту зан астӣ, ки модарат Ҳаввост,
Падарам Одам асту ман мардам.
Дар сари ман ҳазору як ғавғост,
З-он даме дил ба раъйи ту кардам.

Ронда гаштам ба ту ман аз чаннат,
Дигар акнун намонда тадбире:
К-афканиям ба дӯзахи ҳачрат,
Ё ба оғӯши чаннатат гирӣ.

## МАН БАҲОРИ ИШҚ, ТУ ИШҚИ БАҲОР

Бо баҳорон менависам шеъри худро,
Ӯ ба талҳо менависад, ман ба дафтар.
Ман сухан меоварам, ӯ сабзаи тар.

Шеъри ӯ сабз аст дар шохи гулистон,
Шеъри ман дар шохаи дил.
Ӯ ба мурғон менависад шеъри ҳассон,
Ман ба ёди ёри хушгил.

Гар яке аз ишқ гулзор аст,
Дигаре аз шеър саршор аст.

Эй арӯси ман, ки бо ту шеър мегӯям,
Худ ту як шеъри баҳоронӣ,
Дар ҳавои нам-нами борон
Тозатар аз баргу боронӣ.

Майсаи мижгони ту сабз аст,
Кӯли чашмони сафобахшои ту нилист.
Сурх бошад填 мармиҷонҳои лабони ту,
Шохае чун шохи болоят гулафшон нест.

Қомати сабзи туро чун мекашам дар бар,
Мармиҷонҳоят ба лаб,
Майсаат болои чашм,
Меравам яксар ба кӯли чашмҳои нилпарвар.

Бишкуфад дар шохаҳои ёсамин
Ғунчаи шеъри сафеди беғубор.
Бо баҳорон шеър мегӯям ба ту,
Ё баҳорон шеър мегӯяд ба ту.
Ман замини сабз,
                    ту набзи замин,
Ман баҳори ишқ,
                    ту ишқи баҳор.

## ТУ, ЭЙ САПЕДАИ СУБҲ!

Ту, эй сапедаи субҳ, эй шукуфта шохи чаман,
Садои мурғи дилат бар ҷаҳон дуруди ман аст.
Ту, эй ҷавонии ошиқ ба навҷавонии ман,
Ҷавонии дили ман сабз дар суруди ман аст.

Туӣ, ки боз биёрӣ ба ман ҷавонии ман
Ба хандаҳои шақоиқнамои лабҳоят.
Туӣ, ки боз ба ёди ту мешавад равшан
Тулӯъи бахт маро дар канори шабҳоят.

Ту,эй азизи дилам, эй азизи ҷону дилам,
Маро зи аҳди ҷавонӣ паёми дигар деҳ.
Зи нав дар оташи ишқат бипаз ту обу гилам,
Маро ба ёди лабат фикри хоми дигар деҳ.

Биёву решаи ишқи маро дар об андоз,
Ки рӯям аз сари нав ҳамчу барг аз тани хеш.
Саҳар зи шохаи ман мурғакон диҳанд овоз,
Навои ишқ шавад марҳаме ба синаи реш.

Ду дасти меҳр чу шаҳбол рӯйи дӯшам неҳ,
Ки пар занам ба ҳама сангҳои по озод.
Ту баргҳои хазонро саросар оташ деҳ,
Ки вораҳам зи ғаму ғуссаҳои худ дилшод.

Биё, ки дар шаби торам сапедаи субҳӣ,
Бимон, ки дар лаби хомӯши ман сухан бошӣ.
Биё, ки дар дили зорам падидаи субҳӣ,
Бимон, ки ҳам шафақи шоми умри ман бошӣ.

## ЧАШМИ ОҲУ

Дар ин сармои яхбандӣ,
Ки неши сардаш аз болои сад ҷома
Ба ҷисму ҷони одам мезанад сӯзан,
Маро бӯест аз Наврӯз,
Маро ёди канорат гарм медорад фақат, эй зан!

Дар ин гармои тобистон,
Ки дур аз кӯраи хуршед меҷӯшад
ба конҳо маъдану моя,
Хаёлат пораи абрест,
Ки болои сари ман мекунад соя.

Дар ин саҳрои бесабза,
Ки ҳини гулшукуфтанҳо намерӯяд
ба ҷуз хору ба ҷуз явшон,

Ту ҳамтои дарахти пургулу сабзӣ,
Ки рӯйи шохаҳояш нағма мехонанд гунҷишкон.

Дар ин шабҳои зулмонӣ,
Ки ҳатто чашми рахшони ситора кӯру нобиност,
Фурӯғи хандаҳои ту, ки ногаҳ мерасад аз дур,
Диламро мекунад равшан,
Шабамро мекунад пурнур.

Дар ин дунёи дарбаста,
Ки шаҳрӣ пеш аз он ки мекунад
дарро ба рӯят боз,
Туро аз пушти дар бинад ба чашмандоз,
На танҳо боз медорам дари худро,
Ки қуфли синаро бишкаставу сар медиҳам овоз:

Дар ин айёми беишқӣ
Ҳама он гуна ҳушёранду соҳибҳуш,
Ки ҳатто дар шигифт оянд аз Лайлову аз Маҷнун.

Ва ман акнун
Ба ёди чашми оҳуят,
Ғизоле ҳам намеёбам, ки бо ҳасрат кашам оғӯш.

## ФАРОТАР АЗ АРШ

Ҳайкали ёди ту ҳастам,
ҳастам,
Ба диёре, ки шабаш қаср зи рӯъё созад,
Лек ҳар субҳдам аз зилзилаи бедорӣ
Боз яклахт ба хок андозад.

Нигаронам, ки биёиву бубинӣ бар ман,
К-андар ин бум, ки созад ҳамаро зеру забар,
Ман чӣ сон зиндаву пояндаам аз як дидор
То ба дидори дигар.

Ларзаи кӯҳ хабар медиҳад аз вулқонҳо,
Ман, ки бигдохтаи маъдани кони ишқам,
Бимам аз оташи вулқонҳо нест,
Ки ман аз оташи дил
Ёфтаам мояи зист.

Ман дар ин бодияи зилзилахез
Ҳайкали ёди ту ҳастам,
ҳастам,
Ки агар нестам аз арш фаротар,
пастам!

## ТУ МАРО ЁД МАКУН!

Ту маро ёд макун,
Ту маро ёд макун ҳеҷ гаҳе бори дигар,
Ки дилам хун шавад аз ёди ту, эй ёри дигар!

Ту маро ёд макун,
Ки чӣ сон ошиқи беёди ту будам ҳама умр,
Ёд аз ёди дигар ман нанамудам ҳама умр,
Чун ҷазира ту зи ман дур шудӣ,
Ки дил аз дурии ту об шуду дарё шуд,
То канорат бикашад.

Ту маро ёд макун,
Ки гаҳе сидқи ту чун кӯҳ бишуд такяи дард,
Такяи кӯҳи ту кӯҳам мекард.

Ба ту марҷони ситора зи само мечидам,
Чӣ кунам лек кунун,
Такяи кӯҳи ғамам кӯҳ тавонад шуду бас,
Ки варо ҳам ту зи бемеҳрии худ карда нагун.
Такяи кӯҳи ғамам чист дигар,
Такяи кӯҳи ғамам нест дигар.

Ту маро ёд макун,
Ки дилам ғарқ ба худ чун дарёст,
Натавонад, ки шабе домани соҳил гирад,
Нолаи мавҷи варо бод фақат мешунавад,
мегиряд.
Ту маро ёд макун,
Ки манам кӯҳи нагунгашта зи бун,
Ва наёрам, ки дигар рост шавам, кӯҳ шавам,
Ки халос аз ғаму андӯҳ шавам.

То зи нав сар бикашад кӯҳи сарам,
Боз бояд милион соли дигар
Сабзаму сабр кунам, ранҷ барам,
Гарчи ишқи ту расад баҳри чунин сабри каме,
Лек шояд нарасад умри сарам.

Ту маро ёд макун,
Ту маро ёд макун,

Аз нав обод макун!

## ЁДГОРИ ОХИРИН

Дашт урён буду домонат баҳористони сабз,
Сабз гаштам, то туро бигрифтам аз домони сабз.
Гарчи шохи ормонам дошт бӯйе аз хазон,
Шавқи сабзидан зи нав додӣ маро, эй ҷони сабз.

Сабз гаштам, то бидидам сабзаи абрӯйи ту,
Ҷони худро об додам ман зи оби рӯйи ту.
Шеърам аз лабҳои ширини ту ширин шуд ҳама,
Шуд ҳавои хотирам хушбӯй аз гесӯйи ту.

Дил ба дунё гарм кард оғӯши гарми ту маро,
Ҳалқаи дасти ту кард аз ҳалқи ғамҳоям раҳо.
Ҳар шаб аз бемеҳрии дунё дилам торик буд,
Кард онро меҳри рухсорат пур аз нуру зиё.

То дили обам нагардад аз ду чашмам обшор,
Он чӣ дар дил буд, кардам дар ғазалҳо ошкор.
Мерасид аз барги зарде бӯйи сарде аз хазон,
Ғунчаи лабҳои ту овард пайки навбаҳор.

Ошиқи танҳо қади сабзат набуд ин ҷони ман,
Гарчи будӣ ҳамчу дил дар синаву ҷон дар бадан.
Ман туро боло зи хоҳишҳои тан дарёфтам,
Гашта ошиқ дар фаросӯҳои ҷисми хештан.

Аз фарозиҳои армон омадиям дар канор,
То барам ишқи туро аз ин ҷаҳон чун ёдгор.
Он, ки дорад ёдгори ишқ оё меравад,
Ё ки гул меоварад ҳар фасл ҳамчун навбаҳор?!

## АҶАБ БА НОЗ МЕРАҚСӢ...

*(Тарона )*

Аҷаб ба ноз мерақсӣ, ба сӯзу соз мерақсӣ,
Адойи нозҳоят ман, ки ноз-ноз мерақсӣ.
Дилам чӣ гуна тоб орад ба он шикан-шиканҳоят,
Ки бишканию пайвандӣ, чӣ дилнавоз мерақсӣ.
Ҳама ниёзи ҷони хеш агар аз ин ҷаҳон ҷӯяд,
Ҷаҳон ниёзи ту дорад, ту бениёз мерақсӣ.
Гиреҳ бувад ғаме дар дил, дар ин ҳаво намемонад,
Вале ту худ муаммоӣ, – тилисми роз мерақсӣ.
Баҳо чӣ бошад ин сарро, ки назди ту бувад боло,
Ба пойи ту сар андозем, ки сарфароз мерақсӣ.
Дилам, ки мебарӣ бо ноз, фасона мешавад оғоз,
Фасонасоз мерақсӣ, шаби дароз мерақсӣ.
Аҷаб ба ноз мерақсӣ, ба сӯзу соз мерақсӣ,
Адойи нозҳоят ман, ки ноз-ноз мерақсӣ…

## БА ДИДОРИ ТУ МЕОЯМ

Агар озоду хурсандам,
Ба дидори ту меоям.
Агар дар ғусса побандам,
Ба дидори ту меоям.
Агар рӯйи раҳи дурам,
Ба дидори ту меоям.
Агар раҳ нест манзурам,
Ба дидори ту меоям.
Агар аз хеш бигрезам,
Ба дидори ту меоям.
Агар бо хеш бистезам,
Ба дидори ту меоям.
Агар аз хок бархезам,
Ба дидори ту меоям.
Зи хокам барнахезам ҳам,
Ба дидори ту меоям.

* * *

Эй башар, ман раҳини фардоят,
К-ин чӣ бахтеву ин чӣ иқболест,
Гарчи хокӣ туӣ, вале ҷоят
Дар миёни ситорагон холист.

## ЗАМИНИ САБЗИ БОВАРҲО

*Эҳдо ба Абдураҳмони Абдуманнон*

Ҳарф мехоҳам занам аз сарзамини хеш,
Ҳар чӣ мегӯям, вале з-ин хок ҳарфи осмон ояд.
Баски ин марзи гиронмоя, ки мояш пой мемонем,
Дигаронро Каҳкашон ояд.

Чашми мо дар ҳар нигоҳе меҳӯрад бар кӯҳ,
Чун ҷаҳони мо уфуқхат нест,
шоқулист.
Сарҳади марзаш на дар дарёву
на дар рубъи маскунест,
на дар дашту на кӯлест,
Дар савойи ҳафт гардунест.

Шоиронаш ҳам бад-ин ваҷҳ
осмонияnд,
Гарчи рӯйи ин ҷаҳон худрӯй месабзанд,
Онҷаҳонияnд.

Хоки моро аз азал андозаи тангу фароҳӣ нест,
Хоки моро то абад тафсиру андоза баландоист.

Дар чунин хоке, ки дар ҳар зарраи хеш
осмон дорад,
Метавон оё ба ҳадди хоку меъёри заминӣ зист.
Ман намедонам,
вале медонам ин ҷо хокпош ар ҳаст,
Дил саройи ишқи гардунаш набошад,
нест.

Аз пайи хеш ӯ барад бар авҷи гардунҳои гардонам,
К-аш наёрам бар замин дигар фуруд оям.
Шоирон ҳарфи баланд аз моварои осмон ҷӯянд,
Ман вале бар хоки ин манзар фуруд оям.

То ба ҳарфи хомуши водӣ-ш гӯшамро фаро орам,
Вожаҳои рӯдҳоро бишнавам дар вижапардозӣ.
Гӯш бар хоки таҳаммулнок бигзорам,
Оядам аз Зардуҳишту Маздаку Монӣ-ш овозе,
Баски хоки покашон ин ҷост,
Саҷдагоҳу зинаи афлокашон ин ҷост.

То ҷаҳон боқӣ бувад,
фармудаи он некфар боқист,
Дар се дастураш:
накӯпиндору гуфтору
накӯкирдори зардуштӣ.
Дар ду олам ҳам нахоҳӣ ёфт ҳамсонаш,
Бигзарад сад пушт агар ҳам баъди сад пуште.

Дигар он, к-ӯ ҳар киро бо ӯ баробар буд,бародар хонд,
То сухан аз маздакият ронд.
В-он дигар з-инсонию фарҳанг
Тоза нақши монавӣ овард дар Аржанг.
З-ин ҳама фарҳанги тоҷик ориёнфар монд.

Эй замини сабзи боварҳо,
Решаҳоят сабз бас дар оби имон асту кавсарҳо,
Чун ту ислом овaридӣ, дидам ислом инчунин бояд,
К-аз мусалмонии ту имрӯз
худ Оли Муҳаммад(с) ҳам ба ваҷд ояд.

Ҳамди исломат,ки ҷуз исломи некӣ нест,
Рӯдакию Мавлавиятро назири одамият кист.
То расад насли башар бар ҳадди инсонӣ,
Боядаш омухт аз ин ҳар ду мусалмонӣ.
Чун тавон гуфтан варо наъту сано дигар,
Он, ки ӯро нек нек асту бадаш аз нек некӯтар.

Эй диёри кӯчаки аз чор уқёнус паҳновар,
Ҳар ваҷаб хоки азизатро баландиҳои ин мардон
Кард гардуни баландахтар,
К-ин мани сарводагӯ дар ҷустуҷӯйи ҳарфи шоёнат
Мезанам акнун
ба авҷи ҳафт
гардун сар.

* * *

Шоирӣ қисмати Худодод аст,
Бо Худодода нест баҳсу талош.
Ҳар қадар додааст, ӯ додаст,
Беш агар додааст, гардад ош.

То ҷаҳонат бувад, бувад кеҳу меҳ,
Ҳамчунон ки баланду паст бувад.
Шеъре аз шеъри худ чу дидам беҳ,
Ман ҳавас кардаам, набурда ҳасад.

## НАВРӮЗИ ФАРВАРДИН

*Эҳдо ба Сайидалии Сайид*

Ба ҳар лаб мекушояд ғунчаи ҳарфи салом ин субҳ,
Лаболаб мешавад ҳар гӯш аз як обшор оҳанг.
Ба ҳар чашм орзу пар мезанад як осмон аз шавқ,
Ба ҳар дил мешукуфад сад баҳор аз ишқ бо лак ранг,
Ки Наврӯзи ҷаҳонафрӯз меояд,
Ки он ишқ асту онро ишқ мебояд.

Ҳаво аз бӯйи гулҳову шамими сабзаҳо атрист,
Ки гулбоди баҳораш мебарад ҳар сӯ
Ва чун бар шомаи мо мерасад ин бӯ,
Ту гӯйӣ аз шароби ноб моро чарх гардад сар,
Аҷаб бода, аҷаб соғар!

Аё Ҷамшед, ай шоҳаншаҳи пирӯз,
Дар обу дар ҳаво, бар шарру деву ҷин,
Аларрағми ситези душманони мардуми озодаву беҳдин,
Ту бархезу бубин, тахти Каён барҷост, гирам даст,
Ки дар ин ман туро зинда-ст он Наврӯз, он ойин.

Манам, ман рӯдҳои ояи ишқи биҳиштиро
Ба дашти синаҳои ташна меронам,
Ки дар ҳар ҷону дар ҳар дил

Бирӯяд як биҳишти ҷовидонтар
                                        аз биҳишти адни обу гил.

Биё, эй ҷовидон Ҷамшед, то меҳмони ман бошӣ,
Ки ҳоло сӯҳбат аз ҳафт осмону абру борон аст
Ва ҷону ҷом лабрез аз шароби ёди ёрон аст.

Биё, к-ин Рӯзи Навро бартар аз Наврӯз бигзорем,
Ба ёди рафтагони зиндаёде дар дили мову дили таърих,
Ки аз чанги араб, банди муғул озода бигзаштанд бо
                                                                Наврӯз,
Ҳазорон машъала аз сандалу аз лолаҳои аҳмар афрӯзем
Ва ҷоми бодаро бо соғари хуршеди тобон ҷанг андозем
Ва бо сад дил ба меҳройин ниёи хештан нозем,

Ки мо аз тухмаи пиндору гуфтору накӯкирдори
                                                                Зардуштем,
Накӯдину беҳинойин ба сад ҷадду ба сад пуштем,
Агарчи дар дами теғи аҷониб мо ба хуни хеш
                                                                оғуштем,
Валекин хештан ҳаргиз на мӯреро биозурдем, на
                                                                куштем.
Зиҳӣ дину зиҳӣ ойин,
Фари яздонии Наврӯзи фарвардин!

Биё, то ин савоби ҳастии меҳрофарини хешро имрӯз
Чу абри навбаҳорон бар саропойи замин борем,
Ки он ҳам ташнаи лутф асту меҳру дӯстдориҳост,
Навозишҳову ёриҳост.

Биё, Бобойи Деҳқонро ба ҷону дил сипос орем,
Ки тухми поки моро ҳамчу зарринтухмаи Наврӯз
Ба дасти чап, ба дасти рост,
                                        чунон ки Худо мехост,
Фаромарзи ҷаҳон пошад,
Ки фасли киштан асту рустану бастан,
Ба асли хеш пайвастан!

## НАРДБОНИ ХОС

Ин аҷаб бин, ҳар касеро, к-ин замин парвард,
Чун мулоқоти самову нуру анҷум рафт,
Нардбонро низ бо худ бурд.

Балки медонист бешак
дигареро нардбони ӯ
З-осмон бар хок хоҳад
сарнагун овард.

## ҲАДЯИ НАВРӮЗ

Баҳорон омадӣ, то аз баҳоронам биёрӣ ёд,
Ки сад боғи гул аз ёдат шукуфон доштам дар дил.
Чӣ гуфтам, доштам, маъзур аз ин ҳусну ҷамоли ту,
Шукуфтам сад чаман ҳоло, магар гул будам обу гил.

Чӣ шавқу шӯри ҷонафзо, вале, ҳайфо, сухан кӯҳна-ст,
Ҳамон ҳусну ҷамолу гул, ду ҳарфи тоза мебояд.
Худо ҳам гар гуле аз ту наёрад офаридан беҳ,
Зи дасти ман, мани банда-ш, бигӯ,охир чӣ меояд?!

Замину осмон то ҳаст, ҷони ошиқе ҳам ҳаст,
Ки бартар ояд аз ҳарфи қиёсу беқиёси кас.
Чӣ суд аз атласиҳои шақоиқҳои ишқангез,
Агар рӯзе нагирам ман туро аз домани атлас.

Чӣ суд аз домани атлас, агар субҳе нагардад пур
Зи себи сурхи хубонӣ ва ё аз санҷиду гирду.
Чӣ суд аз гирдгаштанҳои чархи нобасомон аст,
Агар дар гирди ҳамдигар намегардем мо ҳар ду.

Биё, аз осмони гирдгардон бар замин оем,
Ки сӯят чун дарахте даст меёзам, агар ҳастам.
Бигир аз шохаи дастам, ки аз гулбоди домонат
Сарафшон, шох андар шох дар албонҷаму мастам.

Биё, то муғчаҳо бо ту сухан гӯянду бикшоянд,
Бигирад шох домонат ба сабзу сурх ангушташ
Ва бар чашми гулаш молидаву бӯсад ҳазорон бор,
Биё, к-инро надида Лайлию Маҷнун ба сад пушташ.

Ва ё шояд, на шояд, бал яқин сад пушт қабл аз ин
Ба ҳам омехт хоки мо, вале ҳар сӯй бурдаш бод.
Туро ин боди наврӯзӣ, ки меояд, ба ман овард,
Ба ту Наврӯзу бар ман ишқи навсӯзат муборак бод!

## ҚИСМАТИ ШОИР

Шаби ялдо биҷӯйӣ субҳи макнун,
Зи сардиҳои дай урдибиҳиште.
Зи наҳси даҳри ифритони малъун
Биҷӯйӣ шаҳри ҳурони биҳиштӣ.

Зи хайли душманон ту дӯст ҷӯйӣ,
Баландиҳо бибахшӣ ту ба ҳар паст.
Хурӣ неш аз ҳаёту нӯш гӯйӣ,
Чӣ чора, қисмати шоир ҳамин аст.

## ДОСТАК

Достак, омадӣ ин субҳ, биё,
Хуш биё, пайки баҳор овардӣ.
Ман, ки пазмони баҳорон будам, ин ҳама дай
Бе туям гарм намешуд маҳфил,
Чашм гашта ба раҳат, чашму чароғам,
Ҳама ҷону ҳама дил.

Гӯши ман ташнаи овози баҳоронаи туст,
Чиқ-чиқи сода ба ҷону дили ман мефорад,
Ки ба ин содагию ҳиммату бедаъвоӣ
Олами савту наво меорад.

Хуш биё,
айвонам,
Дер бар омаданат мунтазир аст,
Гарчи дар ҷону дилам чӯҷаяконатро боз
Лонаи ишқу вафои дигар аст.

Дилам имрӯз, ки сармозадаи фасли
фиреб асту дурӯғ,
Натавонад, ки раҳад з-ин ҳама ранҷу озор.
Сахт бовар ба ту хоҳад кардан,
Ки навои ту наво,
Ки баҳори ту баҳор.

Достак, боз ба миқрози пару боли баланд
Сар ба сар марзи диёрам пар зан
Ва бибур риштаи ҳар фанду фиреб,
Ғаразу ҳилаву макру тазвир.
Оқибат,
баҳри Худо,
хаста мабошу навмед,
Ва таги реги ҳаҷиру тафта
Сар фурӯ бурда намир!

Ҳол, к-оғози баҳор оварӣ, эй дӯст, биё,
Гарчи сард аст дили ман шояд,
Лек шодам, ки маро дар хона –
Ҳамчу дар лонаи ту мебояд,
Панҷто чӯҷаяке ҳаст, ки дар дил лона, –
Ҳама гарму ҳама нарм,
Чашм бар роҳи ту дорад имрӯз,
Ки биёӣ ба зимистон пирӯз.

## ЁРИ ЯККАҲО – ХУДО

Бигӯяндам, ки ҷуфти анҷуман бош,
Ки танҳоро гурез аз мову ман нест.
Макун беҳуда бо ин ҳарф пархош,
Ки як гул як баҳору як чаман нест.

Бигӯям, гар туӣ бо хеш масъуд,
Ҷудо аз тӯдаҳо мебошу анбӯҳ,
Ки як тан мерасад бар кӯйи мақсуд,
Ки як тан мезанад парчам сари кӯҳ.

* * *

– Чист сарчашмаи илҳоми Шумо?
– Гар наранҷед, ҳамегӯям рост:
Пурсиши булъаҷабу хоми Шумо.

## ШОҲРОҲИ НАНГ Ё ДЕВОРИ САНГ

*Эҳдо ба устод Мӯъмин Қаноат*

Хоб дидам саҳаре, дар мошин
Бинишаста ману ту танготанг,
Боз аз ҷумлаи мо, як-ду нафар,
Банди номусу писархондаи нанг,
Он қадар тунду парон мерафтем,
Ҳар кӣ медид, ҳамекандаш ҳанг.
Сад карат тезтар аз суръати тир,
Аз камоне, ки кашиданд таранг.
Ҳар чӣ будӣ ду тараф, чархзанон
Чарх мерафт ҳамоно чун чанг.
Ҳама парвозу шитобу суръат,
Номе аз ист набудиву диранг.
Лек ногоҳ фуруд омад меҳ,
Пеши раҳ парда зада сад фарсанг.

Ғарқи худ сохт ҷаҳони равшан,
Баста шуд мадди назар, дилҳо танг.
Чашм дар қулзуми меҳ меғӯтид,
Гӯш мезад зи дави мошин занг.
Мепаридем вале мо чу садо,
Гаҳ ману гоҳ ту фармон дар чанг.
Ҷони бинанда ба мо меларзид,
Ҳар қадар буд инонтозу заранг.
Гуфтам, эй ҷон, дигар асло набувад,
Ки кунӣ суръати пасте оҳанг.
Ҳар чӣ пеш аст, ҳамон қисмати мост,
Суръат афзой, намебояд ланг.
Он чӣ мо хоста – шаҳроҳе нанг,
Он чӣ он хоста – деворе санг.

## ИН КАДОМИН БОҒ МЕОЯД?!

Ин кадомин боғ меояд,
Ин кадомин боғ атри хешро дар чанбари гесӯ-ш меорад,
Ин кадомин боғ бишкуфта ба парпарҳои домонаш
Чун ту меойӣ чамида, рӯйи раҳ гулбарг меборад.
Ин кадомин боғ меояд?

Ин кадомин боғ меояд,
К-ин ҳама овойи гардунсайри мурғони биҳиштиро
Медиҳад аз арғунуни шохсори сабзи худ парвоз,
То замину осмон пур мешавад аз нағмаву овоз.
Ин кадомин боғ меояд?

Ин кадомин боғ меояд,
К-аз зулоли чашмаҳояш ҳар қадам ойинабандон аст,
Сабза дар оғӯши обу обҳо бо сабза дар оғӯш
Ҳамдигарро қиссаҳои ишқ мехонанд зери гӯш.
Ин кадомин боғ меояд?

Ин кадомин боғ меояд,
К-аз кадомин сӯяш ойӣ, сӯйи гул ойӣ
В-аз кадомаш ҳам равӣ, бо бӯйи гул ойӣ,
Ё магар ҳар чор сӯяшро ҳисоре бастаанд аз гул?
Ин кадомин боғ меояд?

Дар бувад ин боғро шояд?!

* * *

Маънии садди Чин –
Яке аз мӯъҷизаҳои аҷаби олам чист?
Адами ҳусни тафоҳум
Байни мардум.

## БУБАХШО, ЭЙ ВАТАН!

*Эҳдо ба Ҳасанбой Шарифов*

Бубахшо, эй Ватан-модар, бар ин фарзанди худ, к-асло
Гадойӣ дар иваз бар хоки покат ҳам қабулам нест.
Агарчи донамат аз ҷону дил авло
Ва хоки ту маро хуштар зи тахти сад Сулаймонест.

Суруди «Аллаё»-и модари тоҷик бар гаҳвораи таърих
Ва бар гаҳвораи ман ҳам
Зи Ҷамшеду Фаридун будаву аз Рустаму Ҳотам
Ва дасти кам зи Экзупери буду аз Гагаринҳо…

Вагарна Рахшро аз нав таҳи зин чун тавон овард
Ва ё шони дигар бахшид шаъни Оли Сомонро
Ва ё шаб рози мо дар гӯши ахтарҳо кӣ хоҳад гуфт,
Кӣ эшонро ба мо маҷзуб хоҳад кард?!

Бале, оре, ба ахтарҳо кӣ хоҳад гуфт,
Ки Яъқуббеки Ғозии Бадавлат сохт
Саду панҷоҳ соле пештар як давлати тоҷик,
Ки аз ту, эй Ватан, он даҳ баробар буд паҳновар

Ва тори Ҳафтшаҳраш парчами тоҷикро афрохт.
Чӣ дигар гӯямат боз аз шукӯҳу шавкати тоҷик?!

Ту донӣ, Кошғар суғдисту маънош кӯҳи яшм
Ва садҳо вожаи дигар, ки аз тоҷикии Борист –
Чу Писканду Сари Кӯлу Хутан, дурдонаву дафтар –
Бубин, эй қуввати бозуву нури чашм,
Чу хуни ҷадди ту имрӯз ҳам дар он замин ҷорист.

Маро он номвар бобобузурги ҷисмию ҷонист,
Туро бобои рӯҳонист
Ва бо ин шавкату шон мо фаромӯшони таърихем
Ва ё берешаву бехем?!

Сарат бардор, к-аз тухми гадоён нестем асло,
Агарчи мо ба ин сустӣ ба ҷадди хеш шоён нестем асло.

…Вале ҳоло…
Агар ман ҳам гадо бошам,
Агар ту ҳам гадо бошӣ,
Агар ӯ ҳам гадо бошад,
Пас, охир, ин Ватан бо мо чӣ хоҳад буд,
Ба ғайри он ки анбони гадо бошад?!

Бубахшо, эй бародар, аз гадоён гарчи орам нест,
Вале зӯре, ки худро бар гадойӣ дарбиёрам, нест.
Агарчи мо гадойи маънию дунёи болоем,
Валекин на гадойи нақду колоем.

Бубахшо, эй Ватан, бар ман бубахшо боз,
Агарчи хокат тиловор аст барҷошам,
Вале ҳаргиз намеёрам гадо бошам.

Бубахшо, эй Ватан, гарчи зи шоҳию гадоият наҷӯям суд,
Вале азбаски ҷовидон гадойи меҳри ту будам
Абад шоҳаншаҳи хоки ту хоҳам буд.

## ХОТИМА

*ба достони «Санги ман – алмос»*

Қасри мармар… ҳайкали хоро…
Ман вале маҳзуну бетобам.
Бас ба ҷамъи маҳфили доро
Як дили доро намеёбам.

Он чӣ дил созад, насозад даст,
З-он чӣ созам худ, наҷӯям суд.
То забони тоҷикӣ зинда-ст,
Санги ман алмос хоҳад буд.

## МАРО БАР ИШҚ БОВАР ДЕҲ!

Ба ман деҳ гӯш, як дам гӯш, эй зеботарин зебо,
Ки оҳанги ба ҳам печидани гулҳои печакро,
Суруди шохаҳоро бо насими шӯхи саҳрогард,
Навойи нохуни себаргаҳоро дар ҳарири
пардаҳои ҷӯй
Ба нимовоз дар гӯшат зи нав такрор хоҳам кард.

Ҳамин чашмони маъсум аз таҳи мижгони баргашта,
Агар бинам, ки сӯям як назар дӯзанд,
ҳатто сард,
Зулоли чашмаҳои софу симинро
Ман аз ойинадорӣ бар рухи гардуни ниликор,
Ба зери пойи ту хоҳам равон овард
Ва моту қарздори чашму мижгони ту хоҳам кард.

Агар майле кунӣ ногаҳ, ки шоме сӯйи ман ойӣ,
Ба сартопои роҳи ту, ки қирандуду асфалт аст,
Зи гулҳои дили хешу гули сурху сафеду зард,
Зи қоқу, наргису бобунаҳо шероза хоҳам баст
Ва дар роҳат чароғи лолаҳо хоҳам фурӯзон кард,
Ки ту, шохи чаманорой, аз роҳи чаман ойӣ.

Агар ойӣ,
Ду зулфатро ба зулфи сабзи маҷнунбед хоҳам бофт,
Дилам дар банди зулфат, дигар аз ҳар банд хоҳам раст.
Ту бо ман субҳи ҷовидонаи Наврӯз хоҳӣ ёфт.
Агар ойӣ,
  чаро по бар замин монӣ,
                                        маро чашме чу бар роҳ аст.

Агар ойӣ, намози бому шомамро,
Ки дар як ҷонамози хурд,
Вале бо ояи ишқи ҷаҳонтоби ту мехонам,
Дигар дар пеши поҳои ту хоҳам хонд
Ва бо хешат шабе
  то даргаҳи зеботарин ихлос хоҳам бурд.

Агар ойӣ... Агар ойӣ...
Агарчи дар дилам сад ормоне дорам аз ин беҳ,
Намедонам чӣ гӯям боз, шояд бас бувад, шояд.
– Нашояд бас, – садо ояд, – кифоят нест, бозам гӯй,
Агарчи боварам бар ваъдаҳоят нест, бозам гӯй,

Маро бар ин дурӯғи дилфиреби хеш бовар деҳ!
Маро бар ишқ беш аз пеш бовар деҳ!

* * *

Чӣ қадар ҳарду ба ҳам монанд аст,
Гарчи матлуб шуморост
ва ё номатлуб,
Шафақи субҳдаму ранги ғуруб.

* * *

Чӣ аҷаб зиндагиест,
Ки ҷавони-м ба даъвии хирадмандӣ рафт,
Лек пиронасар акнун дорам
Дар саропардаи ишқ афту дарафт.

## ЭЪЛОМИЯИ МАН

Саҳар ойина ҳамебинаму мегӯям:
Субҳ ба хайр!
Ояд аммо аҷабам,
К-ин киву сурати кист?
Гӯйӣ аз мазҳари ойина ба ман
Чеҳрае менигарад, к-аз ман нест.

Ин дамам беш аҷаб меояд,
К-ин ҳама узви шиносе, ки ба андоми ман аст,
Аз касони дигарест,
Ки ман онҳоро ҷое дидам,
Ҳам ба оғӯш кашидам шояд.

З-ин сабаб он чӣ зи худ медонам-
Хулқу атвору аломоти муҳим-
Сабт бинмуда ба рӯйи коғаз,
Субҳ дар тахтаи эълонҳо мечаспонам,

Ки суроғи худро аз дигарон баргирам,
То маро боз диҳанд он ҳайъат.
Дигарон ҳам, ки ба ман ҷо шудаанд,
Рафта аз ман,
Нашаванд абтару домангирам.

Инак он лоиҳа – эъломияи нотайёр:
Қад: Саду ҳафтоду панҷ,аммо
Шодмон – ҳамқади шамшоду чинор,
Банди ғам – маҷнунбеди сархам.

Тарҳи рӯ: Хоси урупост, муғулӣ андак,
Осиёӣ, нақше ҳам дорад аз зангӣ.
Ҳамчу барге, ки дар анвои дарахт
Мешавад сабз, вале бо ҳар шаклу ранге.

Чашм: Мешиву сиёҳ,
Лек бо ишқу аҷобат нигарад бар гардун,
Мебарад ранг зи нилии само.

Феълу хӯ, лек муҳимтар з-инҳост,
Ки аз он ҳам бояд гуфтан рост.

Шахси ман ҳеҷ надонам, чӣ касест,
Нек донам, ки наларзад таҳи дор,
Лек бинад, ки зану тифле рӯйи зону
Дар зимистон шафати раҳрави шаҳр
Зор биншаста гадойӣ дорад,
Мешавад дидаи ӯ шолизор.

Мӯр агар рафт варо зери гиребону газид,
Накунад пахш ба даст
Ва агар нонхӯраке ҳам, ки кунун бисёр аст,
Ошпазхона дарояд, ки бувад номатлуб,
Назанад бо ҷорӯб,
Гирад онро ба газет,
Пушти дар сар диҳаду гӯяд, рав,
Ту ҳам аз зиндагият дорӣ умед.

Сифати ошиқияшро нарасонам бар ом,
Ошиқӣ, баски сифат нест варо, ҳастии ӯст,
Ҷумла ишқ аст тамом.

Ба ҳама ҷинси латиф аз нигаҳе дил бандад,
Чун насиме, ки равад бо зани шаҳре сармаст,
Сари зулфони парешон дар даст
Ва хиёнат ба яке ҳам накунад.

Ин агар баъзе шавҳарҳоро
Бишавад боиси бадрашкии нобарҷое,
Пӯзиши мову қабули онҳо.

Номаи ин эълом
Шояд ин ҷой шавад кард тамом,
Ман равам сӯйи шумо, хоста аз хеш суроғ
Ва шумо сӯйи ман оед – маро чашму чароғ!

* * *

Байни соҳибҳунарон
Ба чӣ нозам, ки дар ин даври қамар,
Ҷуз зи ҷон дӯсттарат доштанам,
Дигарам нест ҳунар.

## МАРО БА ГИРЯ МАЁВАР…

*Ба зиндаёд Жолаи Исфаҳонӣ, ки*
*гуфта: Гиёҳи ваҳшии кӯҳам…*

Куҷоӣ, эй зани якто, ба зери ин гардун,
Гиёҳи ваҳшии кӯҳат, ки бурд дил аз ман.
Чу об гаштаму рафтам ба пойи он акнун,
Манам зи дил хиҷилу дил ҳаме хиҷил аз ман,
Ки вомдори туему шукӯҳи мардият.

Зи зерсангии як рӯз сар задӣ берун,
Ки санги рӯзи сияҳро чу орд безӣ ту.
Агар чу одамӣ имрӯз мешавӣ мадфун,
Сабоҳи рӯзи дигар чун фаришта хезӣ ту,
Ки ҷони тоза диҳад чомаи набардият.

Чӣ жолаӣ, ки накардӣ ба гулшану гул хӯ,
Маро муомала, гуфтӣ, ба путку сандон аст.
Ту дигарам зи ғами ҷонгазойи хеш магӯ,
Туро, ки мардию гурдӣ ҳазор чандон аст,
Маро ба гиря маёвар ба оҳи гурдият.

## ТУ ХУДРО КАМ МАБИН!

*(Ба духтари тоҷик)*

Чӣ маҳзунӣ ту, духтарҷон,
чӣ ашкат дар сари мижгон,
Чӣ дардат мефишорад дил,
чӣ сӯзат мегудозад ҷон.
Сарат бардор, мо, к-аз сарбадоронем,
як ҳарфат
Аз ин ҳафт осмон моро
фаротар барфарозад ҷон.

Ту аз насли ҳамон Гурдофаридӣ, гурдаҷдодӣ,
Ки гурдият ҳама ноз асту нозат бартар аз гурдист.
Агар як доман афшонӣ,
зи ҳар як чини домонат
Бубинӣ, рехта чун гарди хоке
ҷони сад мардест.

Ту худро кам мабин, эй ҷони ширин, духтари тоҷик,
Ки сад Рустам на кам аз ман ба роҳат хоки по гардад.
Чу бардорӣ, само гардад,
Набардорӣ, кафи хоки сиё гардад.

Ту шере бош,
то ҷуфти ту бошад шеру наслат шер,
Ки натвонад ғуломасле канизат ҳамчу худ созад.
Санойи он ҷавонмарде, ки гирад шерзодеро
Ва ё бар гардани озодқуе даст андозад,
Ки фардо ин Ватан набвад диёри бардаю банда,
Ки фардо ин Ватан нозад ба мардони барозанда.

Худо худ чанд Ҳавво дод Одамро, ки ту бошӣ
Зани дуюм ва ё чорум ба як ношуд.
Агар марде фаро аз хештан ворафту дунё шуд,
Дар оғӯши яке чун ту ҷаҳонбахшой дунё шуд.

Чу Зардушт омад аз домони чун ту духтари одӣ,
Ки ҷовидона дунёяш сано хонад,
Худо аз ҷинси ту ҳам оварад пайғамбаре шояд,
Ту медонӣ, ки аз домони поки ӯ кӣ меояд,
Ки ман аз гуфтани ин ҳарф метарсам,
Ки инро, духтари ширини тоҷикам,
Дигар танҳо
Ту донию Худо донад.

## ГАРАВИ ИШҚ

Ин чӣ лабҳо, даҳону ғунчаи боз,
Ин чӣ боло, хироми оламгир,
К-аз тамошои ҳуснат, эй гули ноз,
Нашавад чашми одам асло сер.

Шохи бодом – шохи қомати ту,
Сад баҳор аз қади ту гулрез аст.
Сад дил афтода дар қиёмати ту,
Боз чандин саде равад аз даст.

Як нигаҳ сӯйи ман, туро мирам,
Ҷону дилро кунам фидойи туе.
Ман чӣ мардам, чӣ ошиқ ар гирам
Ҳар ду олам ба хоки пойи туе.

Нест ҷоят ба ҷуз ба қалбу равон,
Байни ҷону дилам ту раҳ пӯйӣ.
Гӯямат шеъри ишқ сад девон,
Ту агар як раҳак дилам ҷӯйӣ.

– Хоҳӣ осон шавӣ ту ҳамбари ман,
Сад дулар бар ту нест қимат ку.
– Вой, сад вой, хок бар сари ман,
Ман чӣ хоҳам, вале чӣ хоҳӣ ту!

## АВВАЛУ ОХИРИ ДУНЁ НАВРӮЗ

Дар дилам шохаи Наврӯз шукуфт
Ҳамчу гелос, ки пушти дарам аст.
Ду ҷаҳон аз нафаси боди сабо атрӣ шуд,
Ҳушёрони дами сарди зимистон гаштанд
Ҳама аз накҳати обу алафу гулҳо маст.

Рафтам аз хона бадар
Чун насиме, ки равад аз бари дарё берун,
То кунад ҷумла ҷаҳонро як субҳ
Аз гулу сабза хабар.

Кӯфтам ман дари ҳамсояи дуру наздик,
Ки, биё, дар бикушо, шод бибошу мамнун.
Бас нишастан ҳама дар хонаи сарду торик,
Ки туро олами пурнур бихонад акнун.

Атри рагҳои ману хандаи лабҳои гулам
Боғ дар боғу чаман дар чаман аст
Дар диёри куҳии сабзаву борону суруд.
То ба Саҳрои Кабиру ба Биёбони Араб
Барам аз накҳати Варзобдара
Абри боронии он пайку дуруд.

Хоҳам он ҷо, ки замину инсон
Ташнаи чашмаи меҳранду фароби найсон,
Меғ зорад ҳама шаб,
Меҳр борад ҳама рӯз.

Хоҳам имрӯз равам аввали дунё, бинам,
Ки Худо торами атласро бармеафрӯхт,
Рӯҳи худро ба саропойи ҷаҳон дошт
ҳаме густардан,
Дар замин обу алафро месохт,
Ба наҳангу далфин
дарси шино меомӯхт

Ва хазидан ба хазанда,
ба паранда парвоз
Ва ба Одам ба ҳама ҷинс ҳукумат кардан.

Ҳафтаи аввали дунёи Худо буд он рӯз,
Ки сари мояи ҳастӣ ба адам шуд пирӯз.
Буд он рӯз нахустин Наврӯз.

Чун ҳама боз ба аслаш гардад,
Гул ба гул, хор ба хору булбул бар булбул,
Буд чун аввали ин даҳр ҳама савту садо,
нуру сафо, обу алаф,
Гар бувад охири дунё як рӯз,
Бувад он рӯз яқинан Наврӯз,
То нагардад ҳаргиз заҳмати он рӯз талаф!

## ТАМАННО

Донаеро мекашад бар дӯш мӯр,
Мурғе аз он мерабояд донаро.
Мурғро гирад вале бози ғаюр…
Зиндагӣ ном аст ин парвонаро.

Гоҳ ҳайронам ман аз ин моҷаро,
Гоҳ шояд бошад онам муштарак.
Меравад як нимаи даврон маро,
То ман аз маънош меёбам дарак.

Хаста гашта рӯзе аз афту дарафт,
Чун равам аз даҳри некию бадӣ,
Кош ин ҷо халқ гӯяд: Ҳайф, рафт!
Гӯядам он ҷо малак: Хуш омадӣ!

* * *

Ман аз дидор бо ту меҳаросам,
Ҳаросам бештар лек аз надидан*,
Ки дар чашмат ғами худ мешиносам,
Ки ин гулро тавон чидан, начидан?!

Манам, шояд, бароят дастхӯрда,
Туӣ лек осмони дастнорас.
Чунон покӣ, зулол аз об бурда,
Ба дастат норасида дасти нокас.

Чу гардун тозарӯву беғубор аст,
Бубинад хешро дар қатраи об.
Агар софӣ маро як қатравор аст,
Дар он ту акс шав, он қатра дарёб.

Шаб асту хоб рав, хоби таманно,
Ки дар хобат биёям дер ё зуд.
Бигӯям дар миёни хобу рӯъё
Диламро, ҳамчунон бар гӯши маъбуд.

* * *

Гарчи дар кишвари мо
Ҳамчу дар Қутби Шимол
Нест шабҳои сафед,
Лек бошӣ огоҳ,
Ки шабам бо ту сафед,
Рӯзи ман бе ту сиёҳ!

* * *

Рӯд meҷӯшид, ҷӯшидам чу рӯд,
Чун аз ӯ будам ҷавону тундтак.
Кай ду соҳил як даме ором буд
Аз ғиреви ман, ки бигзашт аз фалак?!

---

* Мазмуни ин байт аз А. Блок

Лек дидам, ҳақталошиҳои ман
Ҷуз дурӯғи нокасон н-овард бор.
Аз адолат пас чӣ сон гӯям сухан,
Ҳақ пиёда, лек ноҳақ ҷипсавор.

Ман мадад ҷустам зи ҳар сӯ номурод,
Кӯҳ, пушти рӯд дидам дар сукут.
Пас забон бастам зи ҳарфи адлу дод-
Аз насиби халқу қути лоямут.

Он қадар дар худ фурӯ рафтам, ки кӯҳ
Назди тамкинам чу коҳе дар ҳавост.
Кӯҳро тамкин сар ояд дар сутӯҳ,
Чора аз вулқонфишонияш куҷост?!

## ШЕЪРИ МАН

Қуллаи кӯҳу водии бетаҳ,
Пушти харсангу лолаи аҳмар,
Ҷодаи Каҳкашону як пари каҳ,
Мурдаобу парии нилуфар…

Гоҳ дар чашми ман аён мешуд,
Ҳар чӣ мастур буд дар рагу пӯст.
Гоҳ аз чашми ман ниҳон мешуд
Кинаи душману муҳаббати дӯст.

Он, ки аммо ба нек буд душман,
Душмани ҷовидонии ман буд.
Аз баду нек ҳар чӣ гуфтам ман –
Шеъри ман зиндагонии ман буд.

## НИМШӮХӢ, НИМҶИДДӢ

Наёрам зам кунам ҳарфе ба ҳарфе,
Нахоҳам кам кунам хуни ҷигарро.
Чу аз шеърам набошад дахлу сарфе,
Равам, гирам сари кори дигарро.

Бурам сарнавдаҳои тут ё бед,
Сабадбофӣ кунам аз субҳ то шом.
Бичинам дар сабад гулҳо ба уммед,
Нависам дар сабад бо гул варо ном.

Барам, пушти дараш монам саҳаргоҳ,
Набинад, то касе дар гирду атроф.
Аҷаб ёру аҷаб ошиқ, ки ногоҳ
Суханбофӣ бимонду шуд сабадбоф.

## НОЗИ ЛАЙЛО

*Ба Ҳақназар Ғойиб*

Агар Кӯлоб мегӯям, дилам як баҳру бар меҳр аст,
Намедонам, вале ин меҳри Кӯлоб аст ё аз туст.
Дар ин ҷо ҳар гули атрӣ ба чашмам Ҳақназарчеҳр аст,
Чу дар барги гули сурӣ ба ҳам печида рангу бӯст.

Ало, эй ошиқи гулҳо, ту донӣ ҳоли булбулҳо,
Ки гулҳоро дар ин сардӣ дигар майли шукуфтан нест.
Гулӯи булбулон афтода бозонро ба чангулҳо,
Чаман фарёди хомӯшист, аммо марди гуфтан нест.

Дилам дар меҳри ту доғу надорам ормони боғ,
Гулам дар сина пажмурду навоям дар гулӯ ях баст.
Ба ҷойи мову ту дар боғи сармохӯрда хонад зоғ,
Чӣ чора, бар сари мо осмони ҳафтум ояд паст.

Азизам, Ҳақназар, бо он дили пурдарду бедармон
Таги гардуни бедардию беишқӣ дигар чунӣ?!
Биё, дар хонаи ман шаб суруди нози Лайло хон[1],
Ки оташ дарзанам дар бешаи ақли фалотунӣ.

## СУОЛ

Бигӯйӣ, ҷанг бо худ кун, набарда,
Ки бар худ ғолибу пирӯз ойӣ.
Чӣ сон охир ба худ ман ҳарб карда,
Шавам ғолиб, ки дар он ҷо ту ҷойӣ?!

## НИЁИШ

Саҳар пушти дарам бодом гул кард,
Ки булбулро кунад аз хоб бедор.
Ҳамин як шохи гулро аз дами сард,
Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!

Навоҳо пур кунад дашту даманро,
Занад чун пӯпишак бар соқа минқор.
Зи чанги боз чангии чаманро,
Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!

Зи худ бори гаронтарро кашад мӯр,
Аз он роҳе, ки ояд масту ҳушёр.
Варо дар ин раҳ аз бинову аз кӯр,
Худоё, дар паноҳи худ нигаҳ дор!

---

[1] Ишора ба сурудест, ки Ҳақназар Ғойиб хонданашро дӯст медорад ва дар сӯҳбате дар хонаи ман ҳам хонда буд:
Ба нозе, ки Лайло ба маҳмил нишинад,
Ғамаш дар ниҳонхонаи дил нишинад.

Намонад, то зану фарзанд беқут,
Кирокоре равад Русия ночор.
Аз он, то барнаёрандаш ба тобут,
Худоё, дар панохҳи худ нигаҳ дор!

Қалам ронам, набинам гарчи судаш,
Вале бинам ҷавонеро қаламдор,
Ба ҷон ларзам, ки аз чашми ҳасудаш,
Худоё, дар панохҳи худ нигаҳ дор!

Диле хоҳам, ки донад қимати дард,
Ки он осор бигзорад, на озор.
Нахонам, то ҳасудеро ҷавонмард,
Худоё, дар панохҳи худ нигаҳ дор!

Аз ин мардум, ки бесӯзу гудозанд,
Ба ҷон сӯзад яке, к-эй ёр, ёд ор!
Варо, то ин ҳама бар ӯ натозанд,
Худоё, дар панохҳи худ нигаҳ дор!

На ҳаргиз хешро якто шуморам,
Маро аммо яку яктост он ёр.
Варо, то ҷон ба дасти ӯ супорам,
Худоё, дар панохҳи худ нигаҳ дор!

## ШАҲРИ ХОБ

Боз аз фикру хаёли беҳад
хаста шудам,
Монд фикр аз ҷараён,
Ҳамчу хун дар шараён,
Ки агар як дами дигар гузарад,
Мерасад назъи равон.

Рафтам аз хона бадар,
Сӯйи шаҳре, ки маро кард
зи даврони ҷавонӣ оғӯш

Ва диламро ҳам гӯш,
Монда дар рӯйи дили духтаракони зебош,
Балки мебурд аз ҳуш.

О, кучоед чинорони баланд,
Роздори шаби зебои муҳаббат,
ки дар он
Бо ҳавас духтараки содаи дилдода ба ман,
Ба тани ғафси шумо такязанон,
Зулфи худро ба сару гардани ман меовехт,
Ё ки бо ҷону дилам меомехт.

Шаҳр, эй шаҳри ҷавонию муҳаббатҳоям,
Кош, як умр ҷавон будаму
ҳамчун ту дилам
Шаҳри гулҷӯши муҳаббат мебуд,
Чун заминат, ки баҳорон ҳама сабз,
Осмонат, ки баланд асту кабуд.

Бинам акнун, ки тарабхона туро беш шуда,
Рӯз дар пардаи тораш чу шабе дорад роз,
Ё шабе, ки ғаразаш ҳаст аён ҳамчун рӯз,
Ки гаронат бифурӯшад,
нашавад арзонтар
Тани ғоратшудаи рӯспии хушпардоз,
Ки варо гармии оғуш – коняк,
Ки варо ҷӯи муҳаббат – дуллар.

Шаҳр, эй шаҳри азиз,
Ман надонам, ки гурезам аз ту ё аз хеш
Ва чӣ марҳам ниҳам акнун
ба дили хастаи реш,
Ки фақире натавонад, ки ба ин гӯша туро
ҳеҷ гаҳе по монад
Лек он зот, ки ишкам бувад
аз пойи качал то сари кал,

Субҳу шом ин ҷо охур дорад,
Даври худ меронад.

Рахт аз ин ҷо бикашам, лек чӣ сон,
Ёбам он маҳфили ишқу ишроқ,
Ки бувад мазраи он танҳо дил,
Ки бувад маншаи он танҳо ҷон.

Баски, эй шаҳри азиз,
Бо ҳама валвалаву ҳамҳамаи бозорат
Хоби хобӣ ту ҳанӯз
Ва манам хастаи ин фикру хаёл,
Ки касе нест, кунад бедорат.

* * *

Эй куҷойӣ, ҷавонии бебок,
Он, ки рӯзе туро наҷӯяд, кист?!
Мешавам пуртаҳаммулу ғамнок,
Ин агарчи нишони пирӣ нест.

Орзуи маро, ки нест завол,
Ғами худро нишот мегӯям.
Гарчи мӯям сафед шуд, то ҳол
Маъние аз ҳаёт меҷӯям.

## ЧӢ БОЯД КАРДАН?!

Дили ман гиряи боронӣ дошт,
Ки шудам обу бирафтам аз даст.
Ту маро шеъри дили ошиқ гӯй,
К-ошноям шавад он дилбари бегонапараст.

Бенавое, ки талаб дошт зи ман чанд дирам,
Бо забони хамушу зори гадоӣ мегуфт:
Ин замон, ки нигаҳи сад чу мане бар кафи туст,
То куҷо хайру савоб аст чунин гуфту шунуфт?!

Гаштам ойинаи ҳайратзадае,
Ки чӣ бояд бикунам дар талаби зории дил
Ва ҳамон нуктаи ҳоли сойил.

Узр орам ба дили хеш, ки ман
Рӯ ба рӯйи кафи холии гадо,
Чун бигӯям сухан аз нозу адои ӯям?!
Нашавад лек чунин узр даво.
Рӯй орам ба гадову гӯям,
Чун тавонам, ки ба ҷуз хоҳиши дил
Роҳи дигар пӯям?!

Кист гӯяд бар ман,
Ки чӣ бояд кардан?!

* * *

Эй, ки дар даст туфанг,
Дар шикорат набувад ҳеҷ даранг,
Дар қаровул ту агар
Чашми оҳуии оҳу бинӣ,
Битавонӣ, ки кунӣ пахш куланг?!

## ТАВБА

Намедонам чӣ бад кардам ба айём,
Ки аз ман ҳамчу душман меканад пӯст.
Агар аз шевани ман рафтат ором,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Нашояд аз ҳакимӣ бар надимӣ,
Чу мегӯям варо, чинаш ба абрӯст.
Ту шояд навқиронӣ, ман қадимӣ,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Дар ин дунёи судандӯзкешон
Набудам гар ба нафъи хештан чуст,
Аз ин шояд шудат хотир парешон,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Бигӯяд ҳотифи ғайби ман аз пеш,
Куҷо сури ҷаҳон беҳ аз ғами ӯст.
Дигар ҳаргиз биҷӯям шодии хеш,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Агар пеш аз ту ё пас аз ту зодам,
Чу медонам, ки бад ҳам бо ту некӯст,
Надида рӯйи ту, дил бо ту додам,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Азал марҳуни ошиқпеша ҷонест,
Худо на дар пайи эҷоди бадхӯст.
Агар як бандаро бо ту гиронист,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

Ҳамеша бо туям дилҳамнавоист,
Агар ин иззати ман ибрати туст,
Чӣ амр аст ин халифӣ ё худоист,
Бубахшойӣ маро, эй дӯст, эй дӯст!

## РӮДИ СИТЕЗУ СУРУД

Сухан, инак, зи ту, эй рӯди шӯхи кӯҳсор, ин ҷост.

Агар рӯди суруд астӣ,
чаро ваҳшистӣ, пурхашм
В-агар рӯди ситез астӣ,
чаро ҷӯшиданат ширину таскинбахш,
Чӣ розу роздор ин ҷост.

Вале бошад,
маро он сон, ки мебошӣ, ту хуш бошӣ,

Агар хашми ту як сон асту хобовар,
Валекин хашми ман гоҳисту таркандаву пуркин.
Ва гоҳе ҳам шавад таскин,
Бигирад ҷой чун бода
Маро дар соғари саршори сарвода.

Чу ҳамроҳи ту берун меравам аз тангии маҷро,
Сарам бар санг меояд.
Ман аз сангии соҳилҳо наменолам,
Маро ҳамвора аз тангии соҳил нанг меояд.

Сано мегӯямат,
бо ман, ки танҳо ту ҳамоҳангӣ,
На андар соҳили коҳил
                    дигар ҳамсанг меҷӯям,
Ки танҳоям ту ҳамсангӣ.

Ту бабри ваҳшии хашмӣ,
                              вале аз ғурришу хашмат
Дилам чун барраоҳу мешавад ором.
Чу бо хезобу пастобат паропар мекунам оғоз,
Равад хуршед чораспа
            таҳи домони танги шом,
Ки гӯё рӯз оне буд,
Дар оне хешро паймуд.

Маро, эй рӯди ҳамрозам, беҳ аз ту ёру ёвар нест,
Ки дар ман мешавӣ ҷорию аз дил мебарӣ дардам.
Агар ман бо ту мепечам,
            чу барқ аз мавҷ мехезам,
Вагарна бе шарори мавҷи ту хомӯшу дилсардам.

* * *

Аҷабам ояд беш,
З-он кӣ аз ҳар ду ҷаҳон норозист,
Лек розист зи хеш.

* * *

Эй сабзтар ба қомат аз шохаи баҳорон,
Аз сурхии лабонат гул бурдаанд анорон.
Гар сабзу сурхи гулшан урдибиҳиштгоҳ аст,
Гулрези чор фаслӣ дар дашти рӯзгорон.
Бар мо гузар, ки бӯсем поят в-агар биранҷӣ,
Узр оварему гардем бартар зи комгорон.
Бӯсидани лабу рух дар ваҳми мо нагунҷад,
Гар рух диҳад, нагардем аз хайли тавбакорон.
Поят зи бӯсаи мо гарде нагирад асло,
Чун покӣ аз пайи ту бурданд чашмасорон.
Аз мавҷи гесувонат, к-аз дӯши ту бирезанд,
Кас ҳеҷ дида оё мавзунтар обшорон.
Лабҳои лолаатро дидам, ки дил маро гуфт,
Гирам зи лолазорон, шодам ба лолаворон.
Субҳ ин тағаззули ишқ гуфтам, ки шояд ин шом
Дар гӯши ту бихонад оҳанги боду борон.

## БОМДОДИ НУР

Бомдоди тоза меояд,
Мурғакон дар пардаҳои шохсорон мезананд оҳанг,
Баргҳо якрез мерақсанд.
Нағма мехезад на танҳо аз канори кӯҳ,
Нағма мехезад ба нармӣ аз дили ҳар санг.
Бомдоде, бомдоди нағмаву арғушт,
Бомдоде, к-омада моро пас аз сад пушт.

Бо ту, эй субҳи ҳумоюнфар,
Метавон бо навбаҳори сабзу атласпӯш
Пӯстинҳои зимистонро зи тан барканд
Ва ба дастон дастаҳои лолаи аҳмар
Ончунон рақсиду пое кӯфт сармастонаву мадҳуш,
К-аз шарори лолаҳову гармии дилҳо
Ҳар куҷое ҳасрату дард аст дар таххонаи ҳастӣ,
Ҳамчу қуттиҳои пурборут яксар мунфаҷир тарканд.

Метавон бо ту гиёҳи меҳрро дар синаҳо корид,
То шавад марзи дилу ҷонҳо саросар марғзори нур.
То ки дар водии имону умеду ишқ
Сахт набвад ин замин ҳаргиз,
Осмон ҳам дури дури дур.

Рӯзҳо пурбор
Чун сипеҳри навбаҳор обистани борон,
Як тараф бар қомати гардун қабои нур,
Як тараф пироҳани борон.
Абрҳо ҳамчун сарандози арӯсӣ рахт нашкаста,
Осмон чун шаҳ камар бо фӯтаи рангинкамон баста,
Рӯз рӯзи васлу дидор аст,
То замину осмон ёр аст.

Метавон, эй бомдоди нур, бо ту низ
Дардро дармон бикарду ғуссаро ночиз.
Мардикори рафтаи тоҷикро аз кишвари ғурбат
Дар канори завҷаи армонияш овард,
То ки ин зан бошаду ӯ мард,
То нагиряд хун зани ноком танҳо бар сари турбат...

Бомдоди тоза меояд,
Гомҳояш гомҳои нағмаву шодӣ,
То ки моро шод дорад дар тулӯъи субҳи озодӣ.

Бомдоди тоза меояд,
Дар дили мо ҳам умеди тоза мебояд,
К-аз шарофатҳову файзи бомдоди равшану масъуд
Метавон бехавф акнун рӯзро паймуд,
К-он нахоҳад гашт ногаҳ шоми ғамфарсуд.

## ДАРАХТИ АРЧАИ КӮҲАМ...

Дарахти арчаи кӯҳам, на сарв дар лаби ҷӯй,
Маро ба қомати маъшуқагон шабоҳат нест.
На ноз мекунаму мекашам на нози касе,
На боғ мераваму на хиром донам, чист.

Маҳалли рӯйиши ман нест саҳни дарборе,
Ки оварам ба насиме ба сӯйи он таъзим.
Ману дуруштии харсангу бодҳои шадид,
Тагаргу селгаҳу хавфи тармаҳои азим.

Чу ҳар касе ба баландии қулла раҳ гирад,
Бигирам аз досташ, то маро расо даст аст.
Чу дастгири мароми баландравҳоям,
Ба назди қомати пастам ситеғи куҳ паст аст.

Ба решаҳои амиқам ба хок панҷа занам,
Ки устувор бидорам замини сабзи диёр.
Зи тафси тобаи ҳар санг об ҷамъ орам,
Ки дар тамуз нагардад гиёҳу гул хасу хор.

Чу пуштвонаву сарчашмаи куҳистонам,
На бар карашмаи шамшоду сарв корам ҳаст,
На бар тағаззули серводагӯйи зоҳирбин,
Ки дид қадди маро назди сарву гуфто: Паст!

Агар ба сарви чаман нестам баробарқад,
Муқими хоки баландам, маро ту паст мадон.
Ба ҳар баландраве дастгири мӯътамадам,
Ба хоки паст махонам, маро ба паст махон!

* * *

Эй баҳори боронҳо, муғчабанди наврӯзӣ,
Хандаи гулам омӯз, на ки гиря омӯзӣ.
Корвони абри ту бор дар уфуқ андохт,
Карда домани гардун лолазору гулдӯзӣ.

Ман, вале ба субҳам рӯй то ба соҳати олам
Дар диҳад чароғашро меҳри оламафрӯзе,
То ба чашми ҷон бинам ман фурӯғи он ойин –
Бар ниёзи худсозӣ имтиёзи худсӯзӣ.
Чун ниҳоят ин раҳро сарзамини хуршедист,
Шоядам ба ҷонсӯзӣ мерасам ба он рӯзе.
Ҳолиё баҳорам деҳ, сабз баргу борам деҳ,
Эй, ки аз ту сарсабз аст рӯзгору ҳам рӯзӣ.
Шохаи муҳаббатро дар ҳавои ҷон бишкуф,
Дар замини дилҳо сӯз тухми кину кинтӯзӣ.
Ҳайф бошаду сад ҳайф дар диле ба фарвардин
Ҷойи хор-хори гул хориву зуландӯзӣ.
Ошиқона хуш бошад сар ба пойи гул бозӣ,
Дар диҳӣ дилу ҷонро шавқе, оташе, сӯзе.
Дар сипеҳри армонҳо хоҳамат ба ҳар фасле
Моҳтоб ҳар шоме, офтоб ҳар рӯзе.

## РӮ БА ХУРШЕД БИРАВ!

Ҳеҷ бинӣ,
Офтоби ту агар пушти сар аст,
Доимо соя зи ту пештар аст.
Сояат то ки нагирад ба гарав,
Рӯ ба хуршед бирав!

## ОЙИНАВУ ҚАЙРОҚУ ШОНА

Меравад чобуксаворе тундтар аз бод,
Мепарад мавҷи шарор аз наъли сумҳои саманди ӯ,
Дар нигоҳаш ҷуз уфуқ манзар наояд ҳеҷ,
Дар буни гӯшаш ғиреви деву вижжоси каманди ӯ,
Ки сареъу тунд андозад,
   ки афтад ин савор охир ба банди ӯ.

Меравад чобуксавор, аммо ба тундӣ тундтар аз бод,
Бодро, к-ӯ медарад сина,
ба нолиш мекашад фарёд.
Мепарад сӯйи уфуқ чобуксавори род.

Мебарад дар ҷайби худ тухми дарахти нуру бинойӣ,
К-аз таҳи болини деви хоби бадҳайбат рабудаст ӯ
Баҳри дармони ду чашми ҷадди нобино.

Охир аммо мерасад наздиктар, наздиктар он дев,
Мерасад то шаҳсавор алҳол партоби каманди ӯ,
Ваҳ, мабодо, к-ин дам афтад
шаҳсавори мо ба банди ӯ.

Шаҳсавор аз пушти сар дар пойи дев ойина андозад,
К-он шавад дарёи пуртӯфон.
Дев худро мезанад бар он.

Меравад чобуксавор аз нав ба тундӣ тундтар аз бод,
Бод мехонад ба гӯшаш қисса бо фарёд,
К-эй ҷавони род, дар даҳри кажойинон
Нест, к-асло арсаи шаъну ҷавонмардӣ,
Арса танҳо арсаи номардию фанд аст,
Мисли ту озодагонро пой дар банд аст.
З-ин сабаб тухми дарахти нуру бинойӣ
Дар таҳи болини санги деви кинманд аст.

Баски девонро ба инсон арсаи пайкори мардӣ нест,
Метавон онро фақат акнун гурезон оварӣ бар даст.
Даргурез аз дев ҳоло тундтар аз ман,
ба гӯши шаҳсавори род хонад бод.

Лек аз нав мерасад наздиктар, наздиктар он дев,
Шаҳсавор аз пушти сар қайроқ андозад ба пойи ӯ,
К-он шавад кӯҳи баланди осмонбӯсе.
Дев худро мезанад бар кӯҳ.

Меравад чобуксавор аз нав ба тундӣ тундтар аз бод,
Бод мехонад ба гӯшаш қисса бо фарёд,
К-эй ҷавони род,
ҳоло давр даври рангу найранг аст,
Дев, к-аз пушти ту метозад,
Бурда аз аҳли замон тухми дарахти нуру бинойӣ,
Кӯр мехоҳад башарро, кӯри модарзод.

Баски бар кӯрон давое несту атроф зулмонист,
Ҳар куҷое шишаи қалби адолат хӯрда бар санг аст.
Даргурез аз дев ҳоло тундтар аз ман,
ба гӯши шаҳсавори род хонад бод.

Боз аз нав мерасад наздиктар, наздиктар он дев,
Мерасад бар шаҳсавор ин бор партоби каманди ӯ.
Банд аз сар мебарад паррон кулоҳашро,
Дастаи зулфи сияҳ
ошуфта меафтад ба дасти бод,
Эй Худойи пок,
агар дорӣ ту гӯше,
бишнав оҳашро:

Чун набуд дар марзу буми мо ҷавонмарде,
Боядам бо духтарӣ паймуд ойини ҷавонмардӣ
Ва рабуд аз деву дад
тухми дарахти нуру бинойӣ,
То шифо ёбад падарро чашми нобино.
Гар падарро дидаи бедору равшан нест,
Кист,
к-авлоди варо роҳе намояд
сӯйи фардо,
кист?!
Эй Худойи пок,
дар рӯйи раҳи фардо суботам деҳ,
Духтари покам,
зи дасти деви нопокат
наҷотам деҳ!

Боз аз нав мерасад наздиктар,
наздиктар он дев,
Шаҳсавор аз тораки худ
шона андозад ба пойи ӯ,
К-он шавад як ҷангали анбӯҳ.

Худ вале он дев
деви ҷангали анбӯҳи зулмонист,
Ки тавонад з-он биёяд дарзамон берун.

Лек ҳайфо,
з-ин агар чобуксавори род огаҳ нест…

## ЭЙ, КИ ГУЛ-ГУЛ МЕШУКУФӢ…

Эй, ки гул-гул мешукуфӣ чун дарахти себ,
Хандаҳоятро мабод осеб!

Баски дар он рӯзҳои сард,
Сӯхтан аз сардию аз дард,
Ташнаи гулхандаҳои гарми инсону дарахтам кард,
Ҳол гӯям, хандаҳоятро биханд,
Муғчаҳоятро шукуф.

Қарни нав аз роҳ меояд,
ба уммеди навиди тозаву оҳанг,
Чун дигар аз қарни ашрору туфангу банг,
Кину хашму душманию ҷанг дилгирем,
Ин касофатҳо раҳо созему аз домони дил гирем.

Домани дил
домани сабзи муҳаббатҳову боварҳост,
Бас бувад дигар варо бо чормағзи пуч пур кардан,
Чун дар ин дунё набошад бурдание ғайри дил
бурдан,
Ҷовидоние ба ҷуз дар кӯйи дил мурдан.

Сабз бодо васли дил бо ҷовидон ҷовид,
То абад пиндору гуфтору накӯкирдор бошад сабз,
То тановар он дарахти пири равшанёр бошад сабз,
То салиби хушку хунине санавбарвор бошад сабз,
То ливои моҳи навдидор бошад сабз,

Бар фаротар з-ин ҳама
пайванди ҷони мо
ба он бедор бошад сабз.

Эй, ки гул-гул мешукуфӣ чун дарахти себ,
Хандаҳоятро мабод осеб!

* * *

Ин қадар тарсат диҳад як номи марг,
Боядо тарсиданат аз доми зист.
Баски оне ки ҷаҳонро кард тарк,
Баъд аз он ташвиши ин дунёш нест.

Он қадар бардоштем аз умр суд,
К-ин дил аз армони умри нав гузашт.
Марг пеши мо чӣ кори сода буд,
Гар набудаш дигар амри бозгашт.

## ШУКРИ ХУДО

Гӯш додам зи қазо
Ба дуое, ки саҳар аҳли ҷаҳон мекарданд,
Бо таваллову таманно
ҳама якбора ба даргоҳи Худо.

Барзгар дошт таваллo, ки Худо,
Раҳм кун, зуд фиристам борон,
Ки насӯзад ба заминат киштам,

Ки агар ман лаби ноне дорам,
Дорам аз панҷаи борон лаби нон.

Он тараф марди бинокор, аммо
Даст бардошта бар сӯйи само,
Илтиҷо дошт, ки борон нафирист,
Ками кам то як моҳ,
Ки тавонам бизанам то охир
Хишти девори бино.

Он, ки шаб меҳнати сангинаш буд,
Дошт боз омадани рӯз талаб.
Он, ки буд меҳнати сангинаш рӯз,
Зора мекард, ки зуд ояд шаб.

Аз Худо боди шимолӣ мехост
Баҳргарде, ки равон буд ҷануб.
Аз Худо боди ҷанубӣ мехост
Он, ки буд роҳи шимолаш матлуб.

Ҳама ҳоло, инак,
Зери як боми фалак.

Боз ин навъи ниёиш ҳам буд,
Пирмарде, ки лаби гӯр расида пояш,
Шонздаҳсола арӯсе мехост,
Шаби васлу лаби бӯсе мехост.

Ё ки ронанда дуо дошт: Зи роҳ
Ҷинси пулиса Худо бардорад.
Лек пулис ба даргоҳи Худо мезорид,
Ки Худо дар ҳама раҳ, дар ҳама ҷо
Тухми ронандаву мошин корад.

Дузду раҳзан шаби торе мехост,
Посбон маҳтобӣ.
Дар миёни ҳама ин арзу дуо,
Қанд зан, гар ту ҳисобат ёбӣ!

Ҳама инро чу шунидам якҷо,
Аҷабу ҳайратам афзуд, ки, эй Бор Худо,
Дар Замин ту чӣ Халифуллоҳе сохтаӣ,
Ҳама носер, тамаъҷӯй, гадо?!

Ки яке давлати дунё хоҳад,
Дигаре ҷаннату ҳуреву малак.
Он қадар арзи ниёзу садақа,
Ки нагунҷад ҳатто
зери як боми фалак.

Байни ин тоифа танҳо будам,
Байни ин тоифаи саҷдафурӯши кеҳу меҳ,
Ки накардам ба мукофоти дуо
Илтиҷо ҳеҷ, ки инам надеҳу онам деҳ.

Чун набудаст ниёзам ба ҷаҳон аз ту, на ҳаст,
Ҷуз ҳамин қалбу забон,
Ки шабу рӯз дам аз шукр занад,
Ки Худоиву маро шукри Худоит бас аст
Ва ҷуз ин бандагиям андар дил,
Бандагие, ки таваққӯъ зи Худо ҳам накунад.

## ТАСАЛЛО БА ОЗОДМАРДЕ

Субҳи гармо медамад гарму ҷигарсӯз,
Чораспа мерасад хуршед, гӯё
Шаб нарафта, мешавад рӯз.

Пас чунон сӯзондаву воистад дер,
К-одамон гӯянд, эй кош, аз сари мо
Зудтар рафтӣ, ки кардимон нафасгир.

Чун гиронхез аст хуршеди зимистон,
Лаҳзае дар шишаи ях рух намуда,
Рӯйи сармохӯрда созад зуд пинҳон.

Мардумаш гӯянд, кош, аз пешу пасҳо,
Чашмаи бетоби хуршеди гурезон,
Об мекардӣ ту яхбанди нафасҳо…

Ҳамчунон то ҳол ҳеҷ озодмарде
Дар замони худ назода.
Чун Худои огаҳ ӯро
Зуд ё ки дер дода.

* * *

Эй бомдоди наврӯзӣ, эй ояи аҳуройӣ,
Ин худ биҳишт меояд ё ҳуриёна меойӣ?
Пайғоми анбаринатро аз моварои ҳафт иқлим
Рақсону хушдимоғ орад атри насими саҳройӣ.
Гоҳе ки осмон рафта дар абрҳои андеша,
Нозад замин ба нози гул мафтуни чеҳраоройӣ.
Чун чашми чашмае бинад ҳафт осмони нилиро,
Хоҳам бадал шавад, эй кош, доноиям ба бинойӣ.
Боду буди ду олам ҳам сирри вуҷуди одам ҳам
Дар ҷоми бодаи ҳумӣ[1] пайдост, бо гуворойӣ.
Сабзии ишқҳо дар туст, Лайло ба сабзият некӯст,
То даҳрро кунад Маҷнун он ёри сабзсимойе.
Наздат зи мӯъҷизи Исо шояд магар задан ҳарфе,
Азбас ба ҳар нафас дорӣ сад мӯъҷизи масеҳойӣ.
Ҳар дон, ки мераҳад бо неш аз ҳабси пӯст зери хок,
Дорад зи ту сари сабзаш оҳанги авҷу болойӣ.
Аз ҳар куҷо, ки меойӣ – аз қаъри хок ё з-афлок,
Бас бо шукӯҳу фар ойӣ, фармой, ҳар чӣ фармойӣ.
Фардо, ки мерасад пойиз наврӯзие зи ту хоҳам,
Бархезаму шавам помол чун сабза дар таҳи пойе…
Эй бомдоди наврӯзӣ, эй ояи аҳуройӣ,
Ин худ биҳишт меояд ё ҳуриёна меойӣ?

[1] маест, ки муғони зардуштӣ аз ҳум ном рустанӣ мекашиданд.

## МӮЪҶИЗА

Ба замин Хизр асоро дарзад,
Чашмаи оби ҳаёте сар зад.
Пирае дар талаби умри абад
Рафт, аз он чашма, ки обе нӯшад.
Чун ҳамехост барад об фурӯ,
Об мондаш ба гулӯ,
ҷон дод ӯ.

## НОНИ ДУЗДӢ

Он яке бо ҳама макру тазвир
Ватану халқи варо ғорат кард,
Ҳаргиз аммо нашуд осудаву сер.

Дигаре бо араќи шӯри ҷабин
Ними нон ёфту бо обе хӯрд,
Буд қонеъи ҳамин.

Чӣ тазоде, чӣ тазод,
Чӣ тазоди сифати инсонӣ,
Ки яке гушна ба ними олам,
Дигаре сер ба ними ноне.

Гӯяд ин қисса, ки дар ёд бигир:
Нони дуздӣ накунад асло сер.

## ҶАҲОНИ САҒИРУ КАБИР

Он Худое ки сохт оламро,
То диҳад шакл шодию ғамро,
Офарид одаме –
ҷаҳони сағир,
Ки нагунҷид дар ҷаҳони кабир.

* * *

Агар аз баҳор имрӯз натавон паём гуфтан,
Ба шукуфаҳои фардо натавон салом гуфтан.
Агар аз чаман нахезад саҳаре насими Наврӯз,
Даму накҳати гул ояд магар аз «калом» гуфтан.
Ба ҳазор ҳарфи «ҳалво» нашавад чу ком ширин,
Нарасад ба гӯш савте фақат аз «мақом» гуфтан.
Чу мақом булбулонро ба гулӯи хусравонист,
Чу калоғҳо нашояд «қар»-и бенизом гуфтан.
Сухану ду гӯши сомеъ ту агарчи боз ёбӣ,
Вале он чӣ ҳол гӯйӣ, натавон мудом гуфтан.
Чӣ кунам, ки ин замона ба ғиреви шерсояш,
Надиҳад ба кас маҷоле на алиф, на лом гуфтан.
Ту ки чун гули зимистон шукуфӣ ба гармхона,
Назанад ба хона сардат зи ҳавои бом гуфтан.
Чӣ кашанд мардуми кор зи барои ними ноне,
Пас аз он чӣ гуна шояд зи шаробу ҷом гуфтан.
Ҳама он чӣ метавонӣ, ки ба гӯши хос гӯйӣ,
Вале он калом ҳаргиз натавон ба ом гуфтан.
Мани шоир он надонам, ки куҷост хосу оме,
Магарам илоҷ ин аст на ҳама тамом гуфтан.
Агар аз баҳор имрӯз натавон паём гуфтан,
Ба шукуфаҳои фардо натавон салом гуфтан.

## ОФАРИНИШ

Шукуфад то арӯси шохаи себ,
Бувад гулбоди гулшанро талабгор.
Нигаҳ дорад Худояш аз ҳар осеб,
Ки дар шеърам гул афшонад дигар бор.

Ба дарё мезанад хуршед худро,
Мабодо, к-аз қиёми хеш сӯзад.
Диҳам таскин бад-ин уммед худро,
Ки хуршеде дар ашъорам фурӯзад.

Сиёҳӣ бурда аз чашми сияҳмаст,
Шавад дар хум шароби ноб ангур.
Ба он ангури шаҳло шеъри якдаст
Чунон гӯям, ки гардӣ масту махмур.

Самои барфрез ангезад эъҷоз,
Кунад рӯйи заминро нуқраборӣ.
Наояд дар назар анҷому оғоз,
Ҳама толобу ҷӯй алмоскорӣ.

Чунин аксе ба шеъри хеш дидан,
Маро гӯ баҳраи ломунтаҳоист.
Валекин ҳар ду олам офаридан,
Варо як кори одии Худоист.

Ба ҷуз гуфтан Худову бандаат ман,
Чӣ кори дигарам меояд аз даст,
Ки то дунёст, натвонам ситудан
Ҳамонро, к-ӯ ба як дам офаридаст.

## ПАРВОЗИ БЕАНҶОМ

Куҷо табъи худододе, ки шоёнат ғазал гӯям,
Ки гардад як қалам ҳуснат ба рӯйи сафҳаам зоҳир.
Туро ҷонофарин аз ҷони ширин офарид, алҳақ,
Мани ҳарфофарин аммо чӣ сонат офарам аз ҳарф,
Куҷо ҷонофарид асту куҷо ҳарфофарид, охир!

Набошад дар забон ҳарфе, ки ҳамранги лабат бошад,
Ки аз дил орамаш беруну бо лаб бар лабат монам.
Ба ҷонам ҷони нав бахшад лабони хандаомӯзат
В-агар бошад насибам сӯхтан хомӯш дар оташ,
Лабони шӯълаворат беҳ, ки дуриҳои ҷонсӯзат.

Чу дидам чеҳраат хандон, яқин шуд, нест ин сон гул
На андар бӯстони ҷон, на дар бустони рангу бӯй.
Наёрад ҳеҷ шоир васф бинмояд гули он рӯй,
Ба сад санге занад сарро, шавад сад бор ҳам булбул,
Ки ин гул нест дар бустону ҳарфаш нест дар дастон.

Набошӣ ту ба гулшан гул, манат ҳам дар чаман булбул,
Биё, дигар раҳо созем ҳарфи даври дақёнус,
Ки гул пеши рухат хор аст
Ва ошиқ ҳам набошад на ҳазоровову на қақнус,
Ки дастони чунин ишқе нагунҷад ҳеч дар ғулғул.

Ту шояд дар дилам рангинкамони баъди боронӣ,
Ки бандиям камар бо ҳафт ранги осмоният
В-аз ин хокам раҳонию диҳӣ шаҳболи парвозам
Ба гардунҳои ишқу орзуҳои ҷавоният,
Ки гар оғоз мехоҳӣ, ҳамин аст асли оғозам.

Бале, парвоз ҳам мехоҳаму оғоз ҳам аз нав,
Кунам парвоз бо номи туву бар сӯйи боми ту.
Бале, ишқи ту дар ҳар гоҳу ҷой оғози парвоз аст,
Ки аз қалби ман оғозад ба уммеди давоми ту,
Хуш он парвоз, к-онро интиҳо парвоз бошад боз!

## ТАБДИЛ

Мор
Шояд аз мории худ шармида,
Пӯст мепартояд.
Лек дорам аҷабе,
Ки дар анҷоми кор
Боз дар сурати мор
Тоза дармеояд.

## ИШҚУ ФАРВАРДИН

Эй баҳори сабзи армонҳо, ки меойӣ,
Як чаман албони гулҳо дар бағал дорӣ,
Бар сарат як осмон хандидани хуршед,
Шохсори мурғакон масти ғазал дорӣ.

Зиндагӣ зебост бо ту,
зиндагӣ зебост,
Зиндагӣ зебост он ҷое, ки гул хандад,
нагардад хор,
Чашмаҳо ҷорӣ ба оҳанги биҳиштии навозишҳо,
Осмон саршори хуршед аст,
Зиндагӣ ёр асту бар дӯшат нагардад бор.

Чун бувад дороият хуршеди гардунсайр,
Ҳоҷате набвад, ки пинҳонаш кунӣ дар оҳанин сандуқ,
Ё ки дар таҳхона, ё бонки диёри ғайр.
Баски дорои-т duздӣ нест,
Дар пояш ҳам ҳеҷ дузде нест.
Дузд гардад дар паси дороии дуздӣ.

Зиндагӣ зебост бо ту,
эй баҳори сабзи рӯйишҳо,
Рӯйиши сахте зи таҳти санг чун торон,
Рӯйиши софу сабук аз абр чун борон,
Баски макру ҳилаи аҳриманиии шум
Ҳеҷ натвонад, ки як дам боздорад
хокат аз рустан,
Абрҳоятро зи боридан,
Шохсорони туро аз муғча барбастан.

Эй баҳорони аҳуроӣ,
шукуфоиву зебоӣ,
Чист хушбӯтар зи шохи сабзи фарвардин,
Чист хушрӯтар зи мӯйи майдабофи духтари тоҷик,
К-аз бару дӯшаш чу зулфи сабзи маҷнунбед мерезад,

К-ин дуро ман ин саҳар бо ҳамдигар пайванд хоҳам зад,
То баҳору ишқ бо сад реша пайвандад,
Дил, ки худро баста буд бо ишқу фарвардин,
Боз сад бори дигар бандад.

## АЗМИ АРХИМЕДӢ

Бошадам чун Архимеде азму рой,
К-ин Заминро якка бардорам зи ҷой.
Лек холияш кунед аввал каме
Аз гуноҳи одамӣ.

## ФАРЁДУ ХОМӮШӢ

Ҳаргиз оё шунидаӣ, фарёд
Назди хомӯшие биёяд паст.
Гаҳ хамӯшии шоир аз фарёд
Гӯш деҳ, сад карат баландтар аст.

## ДАР РАҲИ ШАББОДА ЁДАМ СОЗ

Эй, ки дар номат навову нағмаи шодист,
Ҳамчу номат сабзу шодам соз!

Чун суруди номи худро бишнавӣ аз чаҳ-чаҳи мурғон
В-аз шукуфтанҳои гулҳову чаманҳои пур аз гулбонг
В-аз танини болҳои нарми шаббода,
К-он шабонгаҳ меравад,
то чун насими субҳ ояд боз,
Дар раҳи шаббода ёдам соз,
бо як ёд садчандон зиёдам соз!

Ин дарахтони тановарро ба паҳлӯям бародар деҳ,
Чашмаҳои сабзро хоҳар.

Кӯҳҳоро пойгоҳе бар фаро рафтан,
Осмонро ҳамчу сайрони кабӯтарҳои чашмонат,
ки дар он бол хоҳам зад
В-ин хати парвози худро бар фаросӯҳои қалби ту, –
То қирони ду ситора фол хоҳам зад,
Баски бо номат шавад анҷом ҳар шомам,
Субҳам оғозад.

Як сабад дидор мехоҳам ман аз ҳар субҳ
Бо сафойи савсани рӯят.
Як ҳарам оғӯш мехоҳам ман аз ҳар шом
Бо абирафшони гесӯят.

В-он чӣ дигар боз мехоҳам,
Бишнав аз боде, ки аввал менавозад шохсоронро,
Пас чунонаш дар камар печад, ки натвон дид
Ҷуз ба ҳам печидани пурҳавли шоху боду боронро,
Нутфабандии баҳоронро.

Эй, ки дар номат навову нағмаи шодист,
Ҳамчу номат сабзу шодам соз,
Дар раҳи шаббода ёдам соз,
бо як ёд садчандон зиёдам соз!

## ДАР ОҲАНГИ РОБИНДРОНАТ ТҲАКУР

Сари гул таъна ба занбӯри асал
Мезад оруи газанда ба масал:
Натавонӣ, ки ба ман даргирӣ,
Ман, агар неш занам, мемирӣ.
Гул, ки ин даъвии ору бишунуфт,
Ҷойи занбӯр ба он ору гуфт:
Ҳосили умри ту гар неш шавад,
Ҳеҷ донӣ, ки варо нӯш бувад?!

## ХУД ЧАРОҒИ ХЕШ БОШ![1]

*Нигоҳе ба ҳайкали 14-метраи Будо, ки дар Аҷинатеппа пайдо карда шуда, дар Осорхонаи бостоншиносии Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешавад.*

Эй ту, Будое, ки дар тандис садҳо сол
Будаӣ дар нирвоно[2] зери ин хоки куҳанбунёд,
Чун биёбам, ки чӣ будат ҳол,
Ё чӣ гуфтӣ бо сукутат дар гулӯ фарёди бефарёд.

Ин Аҷиннатеппа донад, ки туӣ донандаи асрор[3],
Чун ту инҷоиву онҷойӣ[4],
Тасоготои[5] дар хилват,
Даст зери гӯш монда,
хуфтаву бедор[6],
Рӯз ҳатто дар миёни маҳшари бозор
чун дар гӯшаи узлат.

Нирвонои ту медорад маро ҳушёр,
То бубинам инҷилои бомдоди ҳастии худро
Дар Нишобуру Хуҷанду Омулу Фарғонаву Фархор,
То канори Ҳинду дарёбор.

Омада – рафта,[7] ту дар хоки ниёконӣ,
Ганҷ дар вайрона, эй шаҳзодаи яктои эронӣ,
Яъне аз таҳреша тоҷику хуросонӣ,
Карда тахту тоҷи шоҳиро раҳо
дар кӯйи инсонӣ.

---

[1] Аз таълимоти Будо
[2] Ҳолати ба равшанзамирӣ расидани Будо
[3] Аз сифатҳои Будо
[4] Аз сифатҳои Будо
[5] Тасогото – Тосогото номи хилвати Будо
[6] Аз сифатҳои Будо
[7] Аз сифатҳои Будо

То куҷо
ё нокуҷоҳо
мебарӣ худҷӯиям ин бор,
Бар чӣ рамзе мекушояд
дидаамро чашми дилбинат,
Дар чӣ ранҷеву чӣ ганҷе
мешиносонӣ маро осор,
Ё ки меёбам давоми хешро дар Чину Мочинат.

Шашҳазорон сол пеш аз ин ҳазора
ё аз он ҳам беш,
Чун Худойи якка бо Зардушти аввал
гуфтугӯ мекард,
То рисолат додашу ойини дини хеш,
К-ӯ бутону бутпарастонро
Бутшикан карду ба тамҷиди Худо овард.

Ё аз он ҳам пеш
дар хуршедии айёми митройӣ[1],
К-офтоб аз аввалин маъбуди равшанройи одам буд,
Одамиро равшанию меҳри олам буд,
То зи такрими каюмарсию зарвонӣ[2]
расид ӯ бар аҳуройиву маздойӣ[3].

Ҳар қадар меҷустӣ осоре Аҳуророву Маздоро[4],
Лек танҳо дар замири хештан дидию
додӣ панҷ дастурат[5],

[1] Аввалин бовар ва ойини ҷаҳонгароии мардуми эронинажод
[2] Ойинҳои пасазмитройӣ
[3] Худоҳои тавоноӣ ва доноӣ, ки пасон дар ойини Зардушт якҷоя Аҳуромаздо номида шуданд.
[4] Будо, ки дар қарни 5-6 пеш аз милод зистааст, таълимоти Зардушти аввал-ро, ки 5 ҳазор сол пеш аз милод ба дунё омадааст, дар назар доштааст.
[5] Аз дастуроти асосии ойини Будо

Ки: макуш, кизбе магӯ, дуздию бадмастӣ макун,
ҳаргиз маҷӯ лаззат,
«Худ чароғи хеш бош!» – омӯхтӣ моро.

Кас нагардад дар диёри хеш пайғамбар,
надорад ин масал пирӣ,
Гарчи даъвият набуд пайғамбарӣ,
тақдиси инсон буд,
Аз ватан рафтию рафтӣ ту
фаротар аз ҳама мавҷуду номавҷуд,
На фақат аз банда,
ҳатто аз Худоёни ҳақиқиву асотирӣ.[1]

Баски бартар аз Худоён бурдаӣ ту иззати одам
Бо хамӯшиҳои гӯёву гӯёии хомӯшат,
Ман ба ними даҳр, ки ту
бо хамӯшӣ кардаӣ тасхир,
На, саҳеҳ ар гӯямат, танвир,
Аз баландии худодорӣ
ба зери пойи ту хомӯш меафтам,
К-аз ғиреви ин хамӯшиям
фиғон мехезад аз ҳар сӯву ҳар бесӯ
К-аз ҳама банду алоиқ
кандаму ворастам, озодам,
То расам бар хештан ё бар Худойи хеш, ё ҳар ду!

* * *

Нигаҳи шефтаамро дида,
Гуфтиям хандида:
– Магар аз рӯйи манат маҳ дидӣ?
Ман зи рӯят оё маҳ дидам?
На,
ду оламро аз моҳӣ то маҳ дидам!

---

[1] Дар мазҳаби буддойӣ, аз Будо – инсони ба равшанзамирӣ расида мавҷуди болотаре нест.

## БИЁ БО МАН

Биё бо ман,
Агар дар осмони синаат хуршед пайдо нест,
Ҳавои хотират абристу буғзе ба дил дорад.
Вале боруги раъде нест, то тарконадаш як бор,
Ки чашмонат шавад равшан,
Ҳаво борад.

Биё бо ман, агар дашти дилат аз лолаҳо холист
Ва мавҷи нарми гандумзорҳо аз ёди ту рафта.
Дигар ин дашт як саҳрои сӯзонест,
Ки хокаш регу регаш тобаи тафта,
На ёди ҷӯйбораш мондаву обе,
На дар бедориву хобе.

Биё бо ман,
          агар дар дашти ту оҳу ҷуз оҳе нест
Ва ё дар пеши чашми ошиқат оҳунигоҳе нест
Ва ё дар арсаи мардони размовар,
                    ки ҷойи пештозиҳост,
Далерию далератро саманду пойгоҳе нест.

Биё бо ман, ки набвад ҳеҷ ҷойи шикваву афсӯс,
Ки ин як лаҳзае, онест,
Ки ҷовидон дурахшад бар сарат як осмон хуршед,
Ки дашти лолаҳоят зери по қолии алвонест
Ва оҳуҳои чашми ошиқи Лайло
Ба ду паҳлӯйи Маҷнуни хиёбонест.

Ту худ, к-аз Хоҷаи Ҳофиз наӣ
                    ҳаргиз ба ҳиммат кам,
Ба холи тоҷикии пушти лаб ин ёри моро ҳам,
Чӣ мушкил,
          гар бубахшӣ яксара Порису Ланданро,
Ки ҳоло рафтааст аз даст, сад ҳайфо,
Самарқанду Бухоро ҳам.
Биёву тоза ҷон бахшой расми ҳадя карданро.

Биё, к-ин соҳати сабзи Замин дар зери пойи туст,
(Чу он гирд аст чун гирду),
Ба ҳар ҷояш қадам бардорию монӣ,
Ту андар маркази онӣ
Ва ё худ меҳвар астӣ ту.

Биё, як осмон исторахову моҳтоб аз туст,
Шабе зеботар аз ҳар шеъру афсона,
Ки ин шаб ғайри парвозат набошад чорае дигар,
Ки кай гунҷад дили парвозият
дар синаву хона?!

Биё, к-имшаб туро ҷашни арӯсӣ асту домодӣ,
Агар шодӣ ҷаҳон дорад,
бигир, аз туст ҳол ин як ҷаҳон шодӣ,
Ба юмни он ки аз ҳирси ҷаҳон растиву озодӣ!

## АНӮШИРВОН ДАР ДОДГОҲИ АДЛ

Эй Анӯширвон, ки то имрӯз ҳам
номи Шумо одилтарин
шоҳи шаҳаншоҳони сосонист,
Ман ҳазорон бор маъзурам,
агарчи пурсише аз Зоти Олӣ
н-аз адаб ҳасту на осонест,
Лек водорам кунад
рӯҳи ҳазорон марди қурбонӣ,
ки то ин дам
Ҷойи нафринҳои
нобарҷойи
садҳосолае аз мо –
Ворисонаш
чашмдори
як дуои хайри инсонист.

З-ин сабаб акнун
    мани шоир
        Шуморо мекашам
            бар додгоҳи адл,
То бубинам ман
        чӣ сон буданд эшон
            подшоҳи адл.
Эй Анӯширвон,
    Шумо дирӯз,
        яъне
            понздаҳ садсола аз ин пештар
                шоҳаншаҳӣ кардед?
Ҳо, бале,
    дирӯз
        ҳарфам иштибоҳе нест,
Баски кори неку бад
        дар эътибори вақт
            маҳфуз аст,
Чун Шумо
    аз хусравони даҳр
        гӯё боз гӯйи
            одилӣ бурдед,
Пас
    на дирӯз аст
        аъмоли Шумо,
            имрӯзи имрӯз аст.
Узр орам,
    гар бигардам
        ранҷаи хотир,
Лек ҳол аз Зоти Олӣ
    пурсишеро
        посухе хоҳам:
Як Шумою
    даҳ ҳазору
        ду ҳазори дигаре зан
            дар ҳарам ҳозир,
                дуруст аст ин?

Пас югурдакҳоятонро ҳам
яқин аст ин ки
садҳо буду камтар на
В-аз барои пешкории занон
садҳо ҷавонро
ахта кардан ҳам,
То баногаҳ
дар чарогоҳи шумо
як шаб начаррад
моли бегона.
Ҳазрато,
ин аст оё
шеваи
як шоҳи адлоин?!

Ё шуморо
хирмане аз Каҳкашон
паҳновару пурбор,
Халқҳоро
бори андӯҳу
пари коҳе.
Ё шуморо
синаи мурғу
дили кабку
шароби ноб,
Дигаронро
ин ҳама дар хоб,
ё аз синаи сӯзон
фақат оҳе.

Хуб,
з-инҳо бигзарем,
аммо чу омад Маздаки беҳдин
ба оини мусовоташ,
К-аз забони
Зардуҳишти Хуррагон
мегуфт:

Эзиди олам,
ки олам сохтасту
банда парвардаст,
То адолат
будаву бошад,
Замин,
Обу Ҳавои хеш
Аз азал дода
баробар
бар шаҳу дарвеш
Ҳам ба ҳар марде
фақат як зан
ато кардаст.

«Ман,
Анӯширвон,
ки аз пушти Қубод астам,
– Шумо гуфтед, –
Мешиносам
хубат, эй Маздак,
ки бар дини ҳақ астӣ ту.
Чун падар моро
ба кешат
эътиқод овард,
Пас,
биё бо мо,
ки дар роҳи Худо
бошем ҳампаҳлӯ.
Ман
ба ҷойи ҷаддам акнун
мекунам коре,
ки бояд кард,
То мусовоти
зану моли ҷаҳон бошад
ба ҳар кас,
завҷа бар ҳар мард.

Ту кунун,
эй Маздаки бедору хуррамдин,
Сафҳае баргиру
номи маздакиёнро
рақам бинмо,
К-аз ҳамон ҳуҷҷат шиносем
иҷтимоъи
маздакиён мо.
То аз онон
баргузинам ман
вазирони
нави кишвар,
Ҳам ту бошӣ
дар барам
марди худоҷӯеву
донишвар».

Мекушоям хон канори
Даҷла пас гуфтеду
Маздакро бифармудед,
То тамоми
маздакиёни мусовотӣ
фаро оянд,
К-ин замон
ҷашни бузурги
Меҳргони мост.
Пас биёед,
эй ҷавонмардони
адлу дод,
То диҳам мансаб
ба ононе,
ки мешоянд.

Маздакиён
гирди хони хусравӣ
дилшод,

На ба каф
теғу синон,
на дар бағалҳо
санг,
Бас ба дил
ҳарфи адолат
доштанду
нанг.
Дар Шумо аммо
муҳайё
нақшаи бедод,
Бо тамоми
Лашкаре, ки
дар таҳи ҷома
силоҳе дошт,
Маздакиёнро
гирифта
ҳалқа танготанг.

«Ин ҳама ёрони ту,
Маздак,
ту худ андар
канори ман,
Бингар акнун
дар мусовоти
замину мол
кори ман»
В-аз камар боло
табарзин рафту
истибдод,
То сари боло
ба хони шоҳ
аз гардан
ҷудо уфтод.
Сар шуд он шӯре,
ки мебоист,
сар мешуд,

Дар сари хони
шаҳию
Меҳргон
он рӯз
Як саду панҷоҳ ҳазор
аз маздакиён
каллапар мешуд,
Адл
сар мебохт,
бедоду разолат
тоҷвар мешуд…

Ин Шумову
адлатон,
эй Шоҳи Одил,
эй Анӯширвон?!
Бояд амри
қатлатон,
худхоҳи қотил,
эй Адӯширвон!

В-арна охир
хунбаҳои
он ҳама куштори беҳад
ку?
Боз қатли ду бародар,
ду бародарзодаву
моми ғарибі хештанро
чад,
Ҳам Анӯшакзод
пури хешро
ду чашм кардан кӯр,
Як диҳед инсоф,
охир,
дар кадомин чорчӯби адл
мегунҷад?!

Хуб,
ин ҳам равшан аст,
асло муаммо нест,
Ку ҳамон золим,
ки чун одил
мусаммо нест?!
Ҳар қадар
золимтар ӯ будаст,
номаш
он қадар
одилтар оварданд,
Он ҳама
пасмондахӯрҳое,
ки аз хонаш
намак хӯрданд.
Дар ҳарамҳо
ронда шаҳват
хешро хонданд
некоин,
Маздаку
маздактариқонро
валекин
фосиду баддин,
К-ӯ занонро
сар ба сар мехост
гӯё
муштарак кардан,
Баҳри ин бӯҳтон
шуморо ҷо ба ҷо бояд
задан гардан,
К-ӯ фақат мегуфт
ҳар як мард
танҳо
як зане гирад,
На яке чандин саду
чандин сади дигар
надида рӯйи зан мирад.

Лек,
эй зоти Анӯширвону
маддоҳони қотилҳо,
Як ҳазору панҷсад соле
гузашта
гарчи з-он айём,
Гарчи қотилро
ба суди хештан кардед
Одил ном,
То дурӯғ асло нагардад
бар ҳаќу
бар ростӣ
пирӯз,
Меканад
дасти адолат
он ниқоб
аз рӯятон
имрӯз.

То замоне
дар ҷаҳон
зулму тааддӣ
ҳаст,
Маздаке
дар батни модар
нутфа хоҳад
баст!
Мешавад акнун,
ки ойини адолат
ғолибу таъин,
Шод бодо, шод,
рӯҳи маздакиёни
ҳама давру замон
Омин!

## НА МАРО ҲАВОИ НОМЕ…

На маро ҳавои номе, на таҷаммуле, мақоме,
Суханам, ки пар фишонад зи даҳони хосу оме.
Ба ҳамон, ки бенасибам зи муҳаббати башар хост,
Бибар, эй чакомаи ман, ту саломи издиҳоме.
Зи тариқи ақл, гӯяш, ки равонаӣ ҳамеша,
Бирасӣ магар ту боре ба уруҷи фикри хоме.
Ба ҳавои дил раҳоям зи каманди ҳар таъаллуқ,
Дигарам куҷо тавонад кашадам касе ба доме.
Дил агар санои бандат накунад дар ин раҳоӣ,
Ту ба як нигаҳ асираш бикуну каш интиқоме.
Чу шавад касеят анбоз ваю моварои афлок,
Чӣ дигар гарон нишастан ба хаёли кунҷи боме.
Ҳама ин мақол бигзор, ки ба ним ҷав наарзад,
Бисitoн тамоми нақдам, зи лабат бидеҳ ту воме.

## ЧАҲОР ФАСЛИ ШУКУФТАН

Мерасад фасли баҳор,
Ҳар дарахте,
        на дарахтест,
                ки фаввораи гул,
Набувад фарқ, ки пир асту ҷавон.

Мерасад накҳати ёр,
Ишқ сар мезанад аз мазраи ҷон,
Ҳамаро дар ҳангом –
На ҷавонеро зуд
Ва на пиреро дер.
Дар нафасҳои баҳоронаи ишқ
Заррае фарқи шукуфтан
                накунанд ин ҳар ду.

Рав, тавонӣ, бишинос,
Кӣ ҷавон асту кӣ пир.

## ҲАДИСИ ОДАМ ДАР ОФАРИНИШИ ҲАВВО

Чӣ хамӯшии гуворо буд баҳру барро
Хуштар аз нолаи най.
Чӣ ҳаво буд, ки мекард аз субҳ
Сархушат бештар аз нашъаи май.

Осмон буд парафшон зи парешонии абр,
Чашмаҳо ойинадори хуршед.
Гаҳ-гаҳ ангушти насим
Шона мезад сари зулфони тари маҷнунбед.

Ҷӯйборони қабопӯш зи пудинаву гул
Ҳама лабрези асал, ширу шарбат буданд.
Чӣ замину чӣ замон,
Ки замин нармтар аз махмалу пар буд таҳи по
Ва замон бо абадият пайванд.

Ман валекин тани танҳо будам,
З-ин сабаб мегаштам
ғамзада, маҳзун, бетоб.
Ногаҳон бар ҳоле уфтодам,
Ки на бедор будам, на дар хоб.
Ҳолате байни ду ин,
Ки на рӯъё буду на хоби яқин.

Дар ҳамин ҳоли аҷаб рафт ба сар чанд гаҳам,
Ки набудам зи худу ҳар ду ҷаҳон ёде ҳам.

Як замон чун ба худ омад ҳолам,
Сари болин халқе дидаму гуфтам, ки
киӣ ё ки чиӣ,
Ки чунин бар сари ман метобӣ?!
Гуфт: «Ҳаввоям,
к-аз баҳри туям сохт Худо,
Бин, зи паҳлӯи чапат,
То ба ту бошаму таскин ёбӣ».

Дарзамон даст ба паҳлӯи чапи худ бурдам,
То ҳама данда саҳеҳ бишмурдам:
Як, ду, се, чору панҷу шашу ҳафт
Ҳашту нӯҳ, боз сетои дигаре
Ҳама барҷо буданд.
З-ин сабаб он суханони Ҳавво
Ҳайратам афзуданд,
Ки агар ҷисми варо аз ман пардохтаанд,
Аз куҷою чии ман сохтаанд?

Лек чун даст ба паҳлӯи чапам бурдам боз,
Оҳ, дидам, ки дилам нест…
                                        магар буд, набуд?!
Ман ҳамоно ба ғами ҷустани дил уфтодам,
Ҳар қадар меҷустам,
                        суд набуд.

Ин такопӯй, ки Ҳавво медид,
Зери лаб
          ҳушрабо
                    механдид.

## ЭЙ ШУМО, ДАЪВИГАРОН!..

Эй шумо,
        даъвигарони нангу номи
                                шоири даврон,
Ҳам шумо,
      даъвигарони ҷуръату шаъну ҷавонмардӣ,
То тавонам чун шумо
                    бар хеш нозидан
Аз ҷавонмардии худ
                    арзониям доред як гарде.

Баски ман ҳам
гар набошам
чун шумо бебок
Ҳам нагӯям ҳарфи ҳақро фош
ҳатто дар таҳи сад дор,
Чун бувад фардо
баҳои ҳастии ман?
Хок,
хоки хок.

Чун шумо,эй кош, дарёбам,
ки шеър аз бешуурӣ нест,
Худ агар дар роҳат астӣ,
аз азоби халқ дурӣ нест.
Бо ду чашми бози сар
бадтар зи кӯрӣ нест.

Кош, дарёбам ба монанди шумо
фарқи тамаллуқ
бар тааллукро,
То насозам ман шаҳиди як тамаллуқ
сад ҷаҳон меҳтар тааллукро.

Чун шумо, эй кош, дарёбам, ки
парвози башар
мансуби мансаб нест.
Чун агар мо дар қафас
бандему дар баста-ст,
Онҷунон ҳам болу пар хоҳем зад
бо ғайрату тундӣ,
К-он қафасро ҳам барем
аз ҷой бо парвоз
Яксара бо шеваи таслиму побандӣ.
Баски мову боли мо
– ҳар ду –
зи банду дом огоҳем.

Чун шумо, эй кош, дарёбам,
ки «орифбозӣ» акнун
камтар аз бозист.
То ки худ дар қарни бисту як
барои хонақаҳшинҳои қарни даҳ
нагӯям шеър,
То гиребонам нагирад кас,
нагӯяд: «Ориф», ин бозист,
бас, боз ист,
Ё ба он рав,
ё биёр ин ҷой эшонро,
ки дигар муштарият кист?!

Ё ки ин «бозӣ»
агар нақби гурезест
Аз ҳақиқатҳои пинҳоне,
ки номаш «зоеъи вақт» аст,
На,
набояд,
чун шумо ҳам хуб медонед,
Руҷъат ин сон
то куҷо мардист,
ё билкулл дигар чизест.
Шеъри имрӯз
аз ҳақиқатҳои фардо
мекунад сӯҳбат,
Гар бигӯяд
аз ҳақиқатҳои имрӯзӣ.
Ҳамчунон Ҳофиз,
ки сӯҳбат мекунад бо мо
кунун аз қарнҳои пеш.
Ҳарфи ҳақ
азбаски умре
нархи ҷон дорад,
Гаштааст ӯ ҳам,
ба қавле
ғарқи хуни хеш.

«Шоир андар синаи миллат чу дил»,
мо гарчи медонем,
Ҳамчунон донист бояд,
ҷойи дил холист.
На ба ин маънӣ
ки шоир нест,
Бал ба он маъно,
ки бар як кас
агар сад шоир ояд рост,
кам бошад.

Чун ба гулшан
ҳар гуле дар чашми ҳар гул
гул бувад,
на хор,
Булбуле ҳам
баҳри булбул
булбуле бошад,
на ҳаргиз зоғ.

Пас, чаро одам
ба назди дигаре ҳеҷ аст,
на одам,
Ё ки аз хас кам?

Ҳаббазо,
шаъну ҷавонмардӣ,
Эй далерони
тааллуқҳои бедардӣ.

Маъние дар зиндагии мо,
агар бошад,
ҳамин бошад,
ки ҳар инсон

Шоири шоёни
инсони дигар бошад.

Яъне
ин мо ҳам,
Шоир астам ман барои ту,
Шоир астӣ ту барои ман.

Хайр,
хуш бошед, хуш,
ман меравам ҳаммом,
То бишӯям ҷисму ҷонамро
зи ғажду ғаш
Дар сафои ҳиммату
андешаи гарми зиёиён
Бо арақҳои ҷабини
халқи
заҳматкаш.

## ГУФТУГӮ ДАР БОЗОР

– Як ароба хоҳаму ҳаммол,
То барад ин бор.
– Қарни бист аст ин,
на қарни даҳ,
Аз кадомин қитъа
ё сайёраӣ,
эй ҷинси ноогаҳ,
К-аз миёни мо бихоҳӣ
бандаву ҳаммол?!

…– Як ароба хоҳаму ҳаммол,
То барад ин бор.
Даҳ нафар ҳозир,
кашад ин бор
бар дӯшу ароба,
Карда бо ҳам каш-кашу ҷанҷол.

– Ҳо, бародар,
қарни бисту як бувад ҳоло,
на қарни бист,
Ин чӣ ғафлат,
ин чӣ нодонист?!

## ЧАШМИ КӮТАҲБИН

Эй, ки чашми нигаҳат бар пастист
Ва фақат бинӣ
урёнии пои товус,
Чашм бардору бубин,
Ки ҷуз урёнии по ҳам дорад
Чаманистони пари чашмрабое товус.

## ИМРӮЗ ДИЛ, ФАРДО ҶОН…

Ин чӣ нозу хиромидан,
Ин чӣ қомат, чӣ қомат ин?
Бедил, аз хок сар бар кун,
То бигӯйӣ, қиёмат ин!

Ман дигар моту мабҳутам,
Ҳайкале – дар миёни роҳ.
Ин зи худ рафтаро бар худ
Овараш боз, ё Аллоҳ!

То аз он хуш хиромидан
Ҳамчу дарё наошӯбад.
Дил варо гарчи дар сина
Чаккуши садманӣ кӯбад.

Бори дигар дар ин дунё
Бо ваяш рӯ ба рӯ гардон.
Чун варо дод дил имрӯз,
То ки фардо-ш бахшад ҷон!

## ҚИСМАТАМ, КОШ,
## ФУРСАТЕ МЕДОД

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки шиносам баҳои «озодӣ».
Чун будам сарфарози даври рукуд,
Бинам аз ин замон ҳам ободӣ.

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки бинозам ба нури Нораки хеш.
Ҷойи шамъу фатилае бинам
Давраҷандилҳо ба тораки хеш.

Нур бо нур, кош, меомехт,
Ки шавад шоми тор нуронур.
Ман, ки ҳоло набинам ин наздик,
Кош, медидам арзи дуродур.

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки ҳама қарзҳо бигардонам.
Ман, ки мардигарии занҳоро
Дидаам, узрхоҳи мардонам.

Қисматам, кош, фурсате медод,
Ки надида туро намемурдам.
Боз як-ду суруди тозаи хеш
Ба дарат чун дуруд мебурдам.

Даркушоӣ намуда, кош, аз даҳр
Бурда будам тариқи дарбандӣ,
Ин манеро ба мӯйҳои сафед
Миллатам хонда буд ба фарзандӣ.

## ЭЙ КОШ, БОЛАФШОН

Эй кош, болафшон сартосари олам
Болотар аз шоҳин гирам таҳи болам.
Мурғон зи ман эмин вақти саҳар хонанд
Дар шохаи пургул пайки сари солам.
Дил хонаи меҳр аст, к-аз гармии ин меҳр
Ҳатто ба хасми хеш  дил додаву болам.
Дар дори даҳр аз ман ку шоду доротар,
К-аз моли даҳр ин сон як дил бувад молам.
Худро ба баҳри ишқ андохтам, бин чун
К-ояд бурун аз об пурбор ғирболам.
Гар дафтари аъмол фардом мехонанд,
Ишқ асту танҳо ишқ тафсири аъмолам.
То ҳастаму ҳастӣ  танҳо ба ту нозам,
К-аз роҳати олам ин аст иқболам,
Парвонатар, к-аз шамъ дар пойи ту сӯзам,
Булбултар аз ҳар гул дар пойи ту нолам.

## РОҲ БУРДАМ…

Роҳ бурдам ман ба дуриҳои дур,
Шуд вале кӯйи муродам дуртар.
Ҳар қадар маҷзуб дидам арши нур,
Гашт аммо дуртар, мастуртар.

Ҳар қадар аз нав сириштам обу гил,
Нӯш нӯше монду заҳре монд заҳр.
Як тараф ганҷи бузургиҳои дил,
Як тараф ранҷи сабуксории даҳр…

## ДАР БАЛАНДИҲОИ АРШАМ

Дар баландиҳои аршам вогузор,
Дар баландиҳои гардунсойи кӯҳ.
То зи пастиҳои рӯзу рӯзгор
Вораҳад озода ҷони дар сутӯҳ.

Мерасад аз қуллаҳо мавҷи само,
Баҳру бар саршори пайғому дуруд,
Ё равад ин кӯҳ бар авҷи само,
Ё само бар пойи кӯҳ ояд фуруд…

## ҲАР ҚАДАР САХТ АСТ…

Ҳар қадар сахт аст роҳи раҳнавард,
Гардадаш азми сипардан бештар.
Меравад гоҳе ба сӯйи қулла мард,
Мешавад солору дурандештар.

Тарки роҳи сахт набвад ҷурми хурд,
Орадат азми қавӣ шаъну шукӯҳ.
Он, ки дар саҳро наёрад роҳ бурд,
Чун барад раҳ бар баландиҳои кӯҳ?!

## ҲАФТ МИЛЛИАРД ТАНҲОӢ

Ба кадомин гурӯҳ шавам доир,
То бубинам, ки дар канорам кист.
Дар замину замони беохир
Ҳар кӣ буд аҳли фаҳм, танҳо зист.

Дили ман, хун машав, азоб макаш,
Ки дар ин даҳр чун ту танҳо нест,
Ин ҷаҳон бо тамоми ҷамъияташ
Ҳафт миллард беш танҳоист.

## ОВОЗА ВА ОВОЗ

Дар ҷавонӣ, ки хоҳӣ овоза,
Гоҳи пирӣ намонад овозат.
Ба ту хоҳам шаҳомати тоза,
То ки садчанд гардад оғозат.

## НОЗ

Кори ман нест фахру кибру ғурур,
Нӯги дастӣ салом кардан ҳам.
Сар ба гардун намекашам мағрур,
Хам насозам агарчи гардан ҳам.

Лек ҳар кас ба назди ман нозад,
Нози ман сад карат аз ӯст баланд.
Ҳар кӣ худро ба хок андозад,
Мешавам хоки пойи ӯ садчанд.

## ЧОРМЕХ

«Шоире – устод», бе осори шеър,
Як таконаш додаму кандам зи бех.
Бенишон то нагзарад аз дори шеър,
Кардамаш дар чор мисраъ чормех.

* * *

То кай мезорӣ,
Гӯё ки надорӣ,
Вақти сархорӣ.

То ту сар хорӣ,
Аввал бояд дид,
Оё сар дорӣ?!

* * *

Гӯиям, нестӣ ту боди бурут,
Ҳам таҳаммул туросту дарке.
Пас, чаро ҳамчу қуттии борут
Гоҳе аз як шарора метаркӣ?!

* * *

Бе ту гаштаст маро дунё танг,
То шавад боз фарох,
Дар бари ман бидаро танготанг.

## НА ДУРУДЕ, НА СУРУДЕ…

На дуруде, на суруде, на навои хуши уде,
Ду ҷаҳон маҳви сукут аст, на изҳори вуҷуде.
На ба дил шавқи каломе, на ба лаб ҳарфи паёме,
На ба сар фикри такопӯ, на ғами буду набуде.
На биҳишт аст, на дӯзах, ҳама ин мазҳари барзах
Бизан, эй Бор Худо, оташу буброр ту дуде.
Ба сазо дӯзахиёнро агар аъроф биҳишт аст,
Набувад ҷумлаи моро, ки аз он хайреву суде.
Сияри мо, ки сиришта ҳама аз сохтани мост,
Набувад шеваи мо бесамар ин гуфту шунуде.
Ба мусалмонӣ аз хештан инсоне созем,
Ки бибӯсад кафи моро ҳама тарсову яҳуде.
Магар эзид ба ҳама аҳли фалак ҳукм накардаст,
Ки ҳамин одами хокист сазовори суҷуде.
Дилат, эй ҷони азиз, ар бигирифт аз ҳама ин ҳарф,
Сухан аз ишқу самоъ овару бардор ту руде.

## ХУН Ё НОХУН?!

Дило,
дигар ба ёди ишқи Маҷнун кист?
Раҳо кун қиссаи лайливашон акнун.
Ҷаҳон танҳо ки Саҳрои араб ҳам нест,
Ки пур созӣ варо аз ҳасрати Маҷнун.
Вале аз дарди ишқ озод чун ойӣ,
Надонам нохун ой ё ки ой хун?!

## МУБОДИЛА

Дил зи ман бурдӣ,
фидоят бод.
Хуш тамошоест
бедил рафтанам акнун.
Худ валекин дар гулӯям
чун нафас мондӣ,
На дарун ойию на берун.

## ЧАШМИ БЕДОР

Чашми бедор талаб,
Ки ҷаҳонро ба нигаҳ ҳам
битавонӣ паймуд.
Лек агар чашми ту хоб асту
ду поят роҳӣ,
Ё сарат дакка ба девор хӯрад,
Ё равӣ дар чоҳе.

## ШОИРУ ШЕЪР ЧИСТ?

Шоиру шеър чист? Ғам хӯрдан,
Мехурад он гаҳе ки дигар май.
Дар садоқат ба дигаре мурдан,
Ба ту гарчи кунад хиёнат вай.

Шоиру шеър чист? Худсӯзӣ,
Ки бувад гарм хонаи мардум.
Даршикастан камар,
шавад рӯзе
То сабук бори шонаи мардум.

Шоиру шеър чист? Бурдан пок
Хешро аз ҳаромии даврон.
Арса ҷустан ба зери ин афлок
Тан ба тан бо ғиромии даврон.

Набувад пок дар замину замон
Исмате ҳамчу исмати шоир.
Бод лаънат бар он замон, ки дар он
Хавф бошад ба қисмати шоир.

## ТУЛӮЪИ ҒУРУБ

Ман бо ғуруб ҳеҷ мувофиқ набудаам,
На бо ғуруби хуршед,
На бо ғуруби анҷум.
Ин ҳар ду ҳам
агарчи ба ҳангоми худ накӯст.

Аммо ғуруб нест,
К-он чӣ ғуруб гӯйӣ
олитар аз тулӯъст.

Ин ҳар ду – офтобу табори ситорагон,
Тобандаанд дар фалаки хеш ҷовидон.
Танҳо замин, ки курраи сабзи дурӯ бувад,
Рӯ тобад аз ситораву хуршед як замон,
То сӯйи сояи дигараш хандарӯ шавад.

Ин аст он ғуруб, ки дар чашми мову туст,
Аҳсанти он ғуруб, ки бар дигарон тулӯъст.

## АКСУЛАМАЛ

Шеър
шояд
дурӯғ гуфтан нест,
Гарчи гӯйиш хубу шоирвор.
Гунаҳи ту,
валек шоир чист,
Хосу оманд агар зи ҳақ безор?!

Дасти афсӯс бар ҷабин ту мазан,
Ки харидоракони ту чӣ касанд.
Ин ҷаҳон пур аз ин дурӯғ бикун,
То ки боре ба қадри ҳақ бирасанд.

## ДИЛ БА АМОНАТ

Чор тараф
кас нигарад,
Эълон аст:
Ҳар кӣ амонат
пул монад,
Суд барад.

Баъзе аммо
танҳо дил доранд,
Ҳеҷ касе ҳаст,
ки дилро
ба амонат гирад?!

## СИТОРАШАБ

Шом омад.
Лӯлиёни осмон
Дар сарои Каҳкашон чодар заданд.
То арӯси моҳрӯйи хешро кобин диҳанд,
Ҳафт тоқи осмонро
Сар ба сар миҷмар заданд.

## БЕ ТУ

Бод – дар ҳар ҷо,
Кӯҳ – побарҷо.

Чун туро диданд,
Бод ҷо истод,
Кӯҳ роҳ уфтод.
Ман, ки натвонам,
Бе ту по монам,
Кӯҳаму дар бод
Меравам бар бод.

* * *

Эй Замини гирдгардон,
Гар нагардӣ бар муроди шермардон,
Дигарам бо худ магардон!

## СИПЕҲРОНИ СИПЕҲР

Дил супорӣ бар сипеҳрони сипеҳр[1] –
Укёнуси сафойи ҷовидон.
То ки бардорад туро
он мениҳад
Зери поят
Пиллаи рангинкамон.

## БЕДАРДӢ

Ашке, ки ба чашми гул
Шабнамвара меҷӯшад,
Хуршед
вале субҳаш
Механдаду менӯшад.

[1] сипеҳрони сипеҳр– арши аъло, осмони ҳафтум.

* * *

Дар соҳати ҷаҳон
Сад гунаи раҳ аст.
Роҳе дурушту ҳамвор,
Роҳе баланду паст.
Роҳе қариб,
Роҳе ба дурдаст.
Роҳе, ки бар дарун набарад,
лек
Бероҳааст.

* * *

Ишқ аз ошиқ,
Гулшан аз гулдаст,
Меҳр аз содиқ,
Дӯст ҳам аз даст
Рафтаасту боз чун гӯйӣ,
ки ҳоло
Ихтиёри зиндагият ҳаст?!

## ҲОЛО БИГӮ

Эй офтоб,
субҳ
ту хандон дамию
шом
Дар хун равӣ фурӯ.

Ман шасту анд сол
муқаддам, ки рух задам,
Ҳоло бигӯ,
Дар шоми вопасин
чун
хандон равам фурӯ?!

## БЕГОНАИ СИЁҲӢ

Дар бомдод
Ман медамам
ситораи яктои субҳдам.
З-ин рӯй бо сиёҳии
шабҳои дилсиёҳ
Бегонаам.

## СИЁҲГӮШ

Ях баст олам
аз нафаси сарди деви дай
Ғафсу дурушт.
Нармак зи ях валекин
сар зад
сиёҳгӯш.

* * *

Магар биёяд он айём,
Ки ба ҷойи қабеҳтарин дашном,
Шавад ҷавоб «салом».
Ва ҷойи сахттарин зарбат,
ки мебарад аз ҳуш,
Кашанд оғӯш.

## ДИЛМАШҒУЛӢ

Шабҳои умри ман
шаби хобе набудаанд,
Ҳарчанд номи
ғафлати шабро шунидаам.
Чун риштае, ки дарҳаму
барҳам танидаам,

Онро ба ишқу армон
шаб ҳам танидаам.

Ҳам рӯзҳоям ин сон
ҳаргиз набуда рӯз.
Чун риштае, ки буда
фардо таниданӣ,
Шаб дар хаёли хеш
дамодам танидаам.

Шабҳои ман набуданд асло
Шабҳои моҳтоб,
Ҳарчанд моҳтобӣ буданд.
Марҳуни офтоб
набуданд рӯзҳо-м,
Ҳарчанд офтобӣ буданд.

Пас ёфтам, ки зиндагӣ
имкон надоштаст
Бе моҳтоб,
Бе офтоби хеш.

## МУБОРАКБОД Ё ҲАМДАРДӢ?

Шоиро,
дер замоне ба ту буд
Номёбӣ мушкил,
Гарчи ҳар мисраи ту
Ҷой мешуд дар дил.

Лек имрӯз туро,
Ки ба таҳсини замон
хӯ кардӣ,
Нонёбӣ шуда сад бор
гарону душвор
Бо ҳама
шӯҳрату ному мардӣ.

Ман надонам, ки
муборакбодат
Бикунам акнун
ё
ҳамдардӣ?!

## ФАВВОРА ВА МУРДОБ

*Ба Муҳаммадалии Аҷамӣ*

Сар кашидан
он қадар бад нест.
Гар тавонӣ,
сар кашӣ бартар зи фаввора
Бар сипеҳр
аз маҳбаси хора.

Баски оне
дар само фавворае будан,
Хештанро
дар заволи хеш афзудан,
Пас ба пойи хеш,
На ба пойи дигаре,
сарзер афтодан, –
Худ фурӯ овардану
бар дигаре фавворагӣ додан,
Бо ҳазорон қатра
дар алмосии хуршед
рахшидан,
Зулмат аз дилҳои тира бурдану
хуршед бахшидан,
То ки дар ту
лак ба лак
хуршедҳои тоза даргиранд,
Лаззате дорад,
ки дар армони он
мурдобҳо миранд.

## ХОНДАНИ МУРҒОН – ҚАТЪАН МАМНӮЪ!

Хурраму зебо
                    боғе дидам
Бо дарахтони тановарда,
                              қашанг.
Лек сокит,
          хапу дам.
Навдаҳо ҷумла сарафканда,
                                        хушӯъ.

Буд овезон
          дар шоха туфанг—
Хондани мурғон –
                    қатъан мамнӯъ!

## ҲАРФИ ҲАҚ ШАМШЕРЕСТ…

Ҳарфи ҳақ шамшерест
Дудаму бедаста,
Ки надорад бозӣ.

Офарин,
          гар битавонӣ онро
Даст гирию
          ба кор андозӣ.

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ҲАҚ

Ҳама хоҳанд аз ман
Ҳарфи ҳақро.
Посдори ҳақ
          гӯё ки манам.

Ман нишони ҳақро
Дар куҷо дидаам охир,
ки аз он ҳарф занам?

Ҳақ агар дар арш аст,
Дар дусад парда
зи ман пинҳон аст
Ва агар рӯйи замин,
дар фарш аст,
Дар ҳазорони дигар,
пинҳонтар.

## ЭЪТИРОЗИ ЗАНҶИР

Мо ҳамон
донаҳои занҷирем,
Ки ба ҳам
даст дода,
пайвастем
Солҳо
дар талоши озодӣ.

Лек ҳаргиз
на баҳри он ки зи мо
Ҳалқа дар ҳалқи адл
андозанд
Баҳри ворастагии бедодӣ.

## НАЙЗОРИИ МИЖГОН

Эй хуш, ин чашмони бодомӣ,
Бо нигоҳе гарму афсунгар
Аз паси найзории мижгон
Бешаи бодомҳои талхро
ҳатто
Аз шакар ҳам
карда ширинтар.

## ФИЛСОЗӢ

Бар муроди пашша гардад даври дун,
Ояду биншинад андар тори фил.
Ваҳ, чӣ фили беназир аз филҳост,
Нест, гӯем, амри ӯро қолу қил.

Ҳаст ин сон фил дар ҳар дафтаре,
Сад касе бар филиаш бошад кафил.
Лек боде пашшаро аз ҷо барад,
Филсозиҳои мо монад сабил.

## САВДОИ БЕАРЗИШ

– Марди оқилро чӣ бошад
                    арзиши шӯҳрат?
– Арзиши шӯҳрат?
Куҷо арзиш, ки сардард аст!
            Кист аз мо лек
                    умри бебаҳои хеш
Сарфи
    ин савдои беарзиш
                    намекардаст?!

## ШАБҲОИ САФЕДИ ШОНАҲО

Мерасад бар ёд
        шабҳои сафеди
                шонаҳои ту
Зери зулфони парешон
                аз бару дӯшат.
Меравад гунҷишки лабҳоям,
                ки гирад ҷой

Дар ҳарими шонаҳои ту
В-аз ниҳонгоҳи
чаманзорони зулфат
То саҳар наҷво кунад
сармаст бар гӯшат.

## ҶУДОӢ

– Ҳаётам бо ту маъное надорад.
– Ҳаётам бе ту маъное надорад.
Кӣ донад, к-андар ин ду зиндагонӣ,
Кадоме бемаонӣ,
Кадоме бомаонӣ?!

## ТИФЛОНИ ДАРЁ

Абр меборад ба дарё…
Тифлакони шӯху бесар
К-аз канори гарми модар
Як замон карданд бар гардун гурез,
Тоза меоянд ҳоло
Сарнишебу рез-рез.
Боз дар домони модар
Ҳай, чи ғавғо мекунанду ҷасту хез!

## ҚОЛАБНИШИНҲО

Пой дар ҳадди гилем,
Даст андар остин
Ҳам забон дар ком чандон зистанд,
Кас надонисту надонад,
К-ин ҷамоат кистанд?!

## ХУРДИ БУЗУРГ

Шаб.
Маҳу анҷум ба ҳам даъвигарӣ
Мекунанд аз партаву равшангарӣ.
Лек шамъи хурдаке дар мизи ман
Мекунад аз кулли эшон бартарӣ.

## КИСТ ШОИР?

Кист шоир?
Он ки сад бор
зи бадбахтии ту
нохушу бадбахттар аст,
Он ки сад бор
зи хушбахтии ту
хушдилу хушвақттар аст.

## ШИКВА

Як сафҳаи сафедам,
На некаму на ҳам бад.
Аз ҳақ, ки мезанам дам,
Рӯям сиёҳ гардад.

## САРВАТУ ПАСТӢ

Пири дунёдидае бар наврасе медод панд:
Сарвату пастӣ ба ҳам, афсӯс, ҳар ҷо тавъаманд,
Об, охир, ҷамъ н-ояд дар заминҳои баланд.

# РУБОИЁТ

## МАН ОМАДААМ…

Боист шинохт оламу одамро,
Садрангии ҷовидони бешу камро.
Ин даҳр тиҳӣ буд ба шаш миллярдаш,
Ман омадаам, ки пур кунам оламро.

## ДАРУНХОЛӢ

Ту айбу гунаҳ чӣ мениҳӣ гардунро,
Ту дарси вафо чӣ медиҳӣ Маҷнунро.
Холӣ, ки бувад даруни ту ҳамчу дуҳул,
Овози ту ларза медиҳад берунро.

## РУХЗАРДИИ БЕДАРДӢ

Дарде ба дилат, ки нест, дардӣ моро,
Гарде зи ғамат, ки нест, гардӣ моро.
Ҳайфо, ки ба ин бардамию рӯсурхӣ
Рӯсурхии мо не, рухи зардӣ моро.

## КУШТАМ ХУДРО

Гар сахт гирифтамат, дуруштам худро,
Нафрин бибарам ба пушт-пуштам худро.
Мӯсо, ки ба мушт кӯфт фиръавниро,
Зад бар сари худ мушт, ки куштам худро.

## ШЕВАИ ДАВЛАТСОЗӢ

Бадном ба каф барад калиди нонро,
Нофармоне раво кунад фармонро.
Имрӯз ба ин шева, ки давлат созем,
Фардо барӣ оё ба саломат ҷонро?

## ҲАЙВОН ЧӢ КУНАД?

Ҳайвон, ки ба одам ба сар орад дамро,
Мафтуни камоли худ кунад оламро.
Бечораи ҳайвон чӣ кунад, лек агар
Бинад ҳаявонхӯй бани одамро?!

## ЯК ҶУРЪА МАРО БАС…

Як гӯша маро бас, чӣ кунам дунёро,
Савдои сарам бас, чӣ кунам савдоро.
То ташнагии хеш ба гармо шиканам,
Як ҷуръа маро бас, чӣ кунам дарёро?!

## БУЗУРГЕЮ БУЗУРГӢ

Санге нашикаст санги дарёиро,
Ранге набурид ранги дарёиро.
Ҳар ҷо, ки бузургест, бузурге хоҳад,
Дар кӯл маҷӯ наҳанги дарёиро.

## ДИЛБОХТАВУ САРБОХТА

Дилдода агар туӣ, диландохта мо,
Аз ёр ишораву ба сар тохта мо.
Дигар сабақи ишқу вафомон чӣ диҳӣ,
Ҷое, ки ту дил бохта, сар бохта мо.

## ШАККИ БУЗУРГӢ

Дардат, ки ба дил нест, макун ҳеҷ нидо,
Бе дарди диле кай бирасад кас ба Худо.
Эй кӯҳ, дигар шак ба бузургит орам,
Чун бо пари коҳ медиҳӣ акси садо.

## КӮҲИ БЕТАМКИН

Ёрон, ба ҳама сару садои дунё,
Хомӯш чӣ сон бимонам аз баҳри Худо?!
Кӯҳе чу наёрад, ки ба он тамкинаш
Бар нимсадое надиҳад акси садо.

## САРИ ПУРБОД

Аз кӯҳи баланд аст чу ҷӯйи дарё
Рафтан ба амиқӣ аст хӯйи дарё.
Ин фавҷи ҳубоб аст, ки мағрур давад
Бо он сари пурбод ба рӯйи дарё.

## ИШҚИ САМО

Ишқе, ки гирифтаст ба дилҳо маъво,
Гӯяд, ки ту ошиқӣ, биё, ҷониби мо.
Ҳар дона, ки ишқ бо само меварзад,
Аз хок бурун мекашадаш ишқи само.

## ХОР ДАР ПО

То кӯйи мурод ӯ дарорад поро,
Сад бор бубинаду шуморад поро.
Онро, ки халидааст дар пояш хор,
Бар барги гул оҳиста гузорад поро.

## ДУ ЛАБИ ДӮХТА

Ҳолам чӣ бад асту бад, Худоё, чӣ бадо,
Гӯё ки шудам аз туву аз хеш ҷудо.
Бо ин ду лаби дӯхтаам, чун гӯям,
Аз фарри шаҳию ҳоли бадтар зи гадо?!

## БАҲОР БО ЛОЛАРУХЕ

Он ёри ба ҷон хоста ёраш бодо,
Чун ҷони азиз дар канораш бодо.
Ҳар кас, ки кунад баҳор бо лоларухе,
Як лолаи рӯй сад баҳораш бодо.

## САЙДИ САЙЁДБАРАНДА

Дилбар раваду ба дил ниҳад ёдашро,
Ҳаргиз нарасад ғаме дили шодашро.
Ин оҳуи мушкин чӣ аҷаб хуш сайдест,
Сайде, ки барад ба дом сайёдашро.

## ОБИ ТАҲИ КОҲ

Як умр Худоё, ту ба мо роҳ намо,
Аз макри адӯи хомуш огоҳ намо.
Баски натавонад бикунад сели дамон,
Гоҳ он чӣ кунад оби таҳи коҳ ба мо.

## ТАНМУРДАВУ ДИЛМУРДА

Дилдода равад куҷову дилбурда куҷо,
Гилхӯрда равад куҷову дилхӯрда куҷо.
Ин хок, ки мадфани вуҷуди хокист,
Танмурда равад ба гӯр, дилмурда куҷо?

## ХАЙЁТИ ЗАМОН

Эй кош, барем то ба охир раҳро,
Кӯҳе нанамоем пас аз ин каҳро.
Хайёти замон агар туӣ, боз чаро
Ҷое, ки дароз аст, бурӣ кӯтаҳро?!

## РӮЙИ СИЯҲ

Бошад, шунавам ман сифати хӯйи туро,
То саҷда баранд мардумон кӯйи туро.
Гар умр кунад мӯйи сиёҳи ту сафед,
Ҷуз ту накунад касе сияҳ рӯйи туро.

## ДИЛ ҶӮЙ…

Дил ҷӯй, ки мардум диҳадат дар дил ҷо,
Дарди дили ту кунанд бо меҳр даво.
Дар даҳри муомалат на ин аст равиш,
К-аз дасти ту гиранд, ту гирӣ аз по.

## РЕШАВУ ТЕША

Сабз аст агар ба хоки тар решаи мо,
Хушкондани хок аст дар андешаи мо.
Моро набувад ҳеҷ гаҳе шикваи ғайр,
Бар решаи мо занад фақат тешаи мо.

## ШАККАР ВА НАВО

Гар дарди бадатро набувад ҳеҷ даво,
Нолиданат аз чархи фалак нест раво.
Ин шева ба найшакар кӣ омӯхтааст,
Чун пур шакарат диҳад, чу холист наво.

## МАЪНОИ ДАҲР

Ҳар қадр ман аз даҳр, ки ҷустам маъно,
Маънои дигар нашуд ҷуз инам пайдо:
Даҳр аст агарчи як маҳалли раву о,
Ё ҳеҷ аз он марав ту, ё ҳеҷ маё!

## КАСАЛДЕВОНҲО

Дидем, ҳама зери бағал девонҳо,
Хондем, чӣбуд дар ин ғазалдевонҳо.
Аз мо дигар аз ақл мапурсед, ки мо
Девона шудем аз ин касалдевонҳо.

## ДАР ТАҲИ БОЛИ МАГАС

Гар рафт навомон зи замин то ба само,
Ин давлати мо нест ба ҷуз ҳиммати мо.
Эй он, ки ту бахт ҷуста дар сояраве,
Бингар, таҳи боли магасӣ, ё ки Ҳумо.

## КУ ДАВО?

Чун дарди башарро набувад ҳеҷ даво,
Ҷанг аст ба болои бало боз бало.
Дар олами зиндагон намебинам сулҳ,
Ё сулҳ фақат ба мурдагон аст раво?!

## ХАНДОНЛАБ

Эй шохаи гул, баҳори аслӣ моро,
Бо барги лабат хумори васлӣ моро.
Гул фасли баҳор агар фақат механдад,
Хандонлаби ҳар чаҳор фаслӣ моро.

## ЧУ ХУРШЕД БИЁ!

Бар рӯйи ҷаҳон, ки омадӣ, ид биё,
На чун шаби ғам, чу субҳи уммед биё.
Чун абр макун гирифтарӯ омаду рафт,
Хандон чу маҳе раву чу хуршед биё!

## ДАВЛАТИ ДИДОР

Ин сояи ҷонпарвари беду лаби об,
Андоз гуле дар обу бардор гулоб.
Болин ба канору даст дар гардани ёр,
Эй Хизр, биё давлати дидор биёб!

## САЙДИ ВОРАСТА

Сайёд ба мо кард чунон хашму итоб,
К-он рӯзи ҳисоб ҳам наояд ба ҳисоб.
Моро кӣ тавонад, ки дигар сайд кунад,
Сайдем, ки вораста зи чанголи уқоб.

## ДӮЗАХДИДА

Ҷонам ҳама озурда шуд аз ранҷу итоб,
Гаҳ сӯхт тафи оташу гаҳ сардии об.
Тарсе нахурад сӯхта аз оташи кин,
Бар дӯзахдида чӣ кунад нори азоб?!

## ПОДОШИ САВОБ

Будам зи само умеди подоши савоб,
Лек ахтари рахшони маро кард шиҳоб.
Тухме, ки ба хок киштаам, сохт тиҳӣ,
Обе, ки ба дашт бурдаам, кард сароб.

## БЕЁДИ МУҲАББАТ

Сарчашмаи нӯш бе ту буд мавҷи сароб,
Рӯзе, ки гузашт бе ту, буд рӯзи азоб.
Дар фасли муҳаббати ту беёд будам,
Ҳушам, ки ба сар расид, буд рӯзи ҳисоб.

## ФАРОБ[1] Ё ШАРОБ?

Рӯзе, ки раҳо шуд Одам аз оби азоб,
Ғарқид зи нав дубора дар мавҷи сароб.
Аз мардуми саҳрои араб гардам, лек
Хӯрданд фаробу аз чӣ гуфтанд шароб?!

## ЧАШМАИ НӮШ

Дар деги само ситора ҷӯшид имшаб,
Дарё ба канори мо хурӯшид имшаб.
Ду ташналабе, ки лаб ба лаб бинҳоданд,
Аз чашмаи нӯши Хизр нӯшид имшаб.

## РАҲИ ЁР

Сад роҳ наваштем, ки раҳдор куҷост,
Аз дор гузаштем, сари дор куҷост.
Ҷустем раҳе ба ёру ёвар умре,
Олам ҳама роҳ аст, раҳи ёр куҷост?!

## ДАСТЕ БА САРУ…

Ин назми ҷаҳон ба нобасомон заду рафт,
Ҳар лангу шале таъни хиромон заду рафт.
Ҳар омада бар даҳр, ки ду дасте дошт,
Дасте ба сару даст ба домон заду рафт.

---

[1] Сохтаи муаллиф аст дар муқобили шар-об, фар-об, яъне обе, ки фар дорад.

## РОЗИ ВУҶУД

Ин рози ҷаҳон буд, ки таҳ дар таҳ рафт,
Ё ҳамчу хаёл аз чаҳе то маҳ рафт.
Аз аҳли хирад наёфт кас рози вуҷуд,
Дарёфт варо касе, ки ноогаҳ рафт.

## ТАРСӢ, КИ БИАФТӢ…

Оне, ки раҳе рафт, куҷо огаҳ рафт,
Он рафт раҳи ёр, ки ноогаҳ рафт.
Чун пой баромадат, қадам бояд зад,
Тарсӣ, ки биафтӣ ту, набояд раҳ рафт.

## ҚАСРИ ПОДОР

Шамъам, ки зи шамси ту пуранвортар аст,
Як лаҳзаам аз асри ту пурбортар аст.
Ҳақ ҷуставу ҳақ гуфта, ки месозам шеър,
Як байти ман аз қасри ту подортар аст.

## ДАРЁВУ НАҲАНГ

Шӯре, ки ба баҳри дил бувад, ҳар ҷо нест,
Тӯфони дил аммо ба назар пайдо нест.
Моҳича турову лофи дарё чӣ занӣ,
Дарё, ки наҳангаш набувад, дарё нест.

## БЕДОРИИ ФАРДО

Оне, ки диҳад рӯз сару савдоят,
Ором диҳад дар оғуши шабҳоят.
Он гаҳ, ки барад ба хоби ҷовидонат,
Бедории ҷовид диҳад фардоят.

## ДАРБОХТ

Оне, ки шаб офарид, рӯзе ҳам сохт,
Густурд замину осмон ҳам афрохт.
Ҷин сохту одаме, валекин одам
Чун сохт ба ҷин, Худову худро дарбохт.

## ПУНБАГӮШӢ

Бигзашт ҳама, суханфурӯшӣ нагузашт,
Дар мадҳу қасида сахткӯшӣ нагузашт.
Ҳарчанд замона шӯри маҳшар дорад,
Аз аҳли сухан пунбабагӯшӣ нагузашт.

## АЗ БУНИ ДИГАР

Моро ба ҷуз ин дил дили хуне дигар аст,
К-онро ҳама сад чарову чуне дигар аст.
Ҳар дил агар аз решаи тан зинда бувад,
Ин ҷони дили зинда зи буне дигар аст.

## ЗОҒ-ДОҒУ БУЛБУЛ-БОҒ

Ҳар ҷой, ки зоғ аст, ба дилҳо доғ аст,
Оғози хазон садои наҳси зоғ аст.
Аз қар-қари зоғ гулшане чӯл шавад,
Булбул сари ҳар шох, ки хонад, боғ аст.

## САБРИ ҶОНБОЗӢ

Аз хидмати ишқи ту беҳин хидмат нест,
Аз давлати ишқи ту беҳин давлат нест.
Гуфтам, ки ба пеши пойи ту ҷон бозам,
Гуфтӣ, ки каме сабр бикун, фурсат нест.

## МАГАСШЕР

Оне, ки надод дод, бедодгар аст,
Дар шеваи ҷабру ситам имдодгар аст.
Хунхораяке беш бувад ташнаи хун,
Ҳаққо, ки магас зи шер хунхортар аст.

## САРИ САНГ

Эй халқи азиз, ному нангат кофист,
Бо бешарафони даҳр ҷангат кофист.
Баски сари санг аст ба дунё ватанат,
Дар сангари дунё сари сангат кофист.

## ОЙИНАИ КАҶБИН

Аз даҳри каҷандеш маро темор аст,
Тӯмори ғамам фақат дили бемор аст.
Чашми сари ман ойинаи каҷбинест,
Дар даҳри каҷ ойина магар ҳамвор аст?!

## ЗАҒАН РАҲБАРИ БАШАР

Ё раб, чӣ касе биофаридӣ, ки нахуст
Коре, ки бикард, кушт додарро чуст.
Пас зоғ биёмӯхт варо кандани қабр,
Эй вой башарро, ки заған раҳбари ӯст.[1]

[1] Ишора ба Қуръони маҷид, Сураи Ал-Моида, ояи 31: "Худо калоғеро водошт, то заминро биковад ва ба ӯ биёмӯзад, ки чӣ гуна бародари худро пинҳон созад". Сухан аз ду писари ҳазрати Одам Ҳобил ва Қобил аст, ки Қобил аз рӯи ҳасад Ҳобилро мекушад.

## САРХАМИИ БЕБОРӢ

Эй ёр, сарам ба сарфарозӣ ёр аст,
Бебор саре баланд кардан ор аст.
Аммо сари хам гаҳе зи пурборӣ нест,
Сархам маҷнунбед, вале бебор аст.

## РАСТОХЕЗ

Умрат ба масал агар чу дастовез аст,
Дар ҳар нафасаш вале ҳазор овез аст.
Ҳоло накунӣ ба роҳи ҳақ растохез,
Ҳар рӯзи пас аз марги ту растохез аст.

## МУСАХХАРИ АҚЛ

Гӯянд, ки ақли ман зи эҳсони Худост,
Тасхири ҳамин ақл кунун арзу самост.
Киштӣ ҳам аз ин хирад ба рӯйи об аст,
Ё з-он ки сабук чӯб зи оби дарёст?!

## РӮДИ ШИРИН

Эй он, ки туро муроди дил таскин аст,
Дар ранҷу азоб ҳикмати дерин аст.
Дар роҳати худ талх бувад уқёнус,
Рӯде, ки ба санг сар занад, ширин аст.

## ҒАМИ ШИРИНИ ҶУДОЙӢ

Дар васли ду соҳил чӣ басе ҳоилҳост,
Аммо ғазали мавҷ раҳе бар дилҳост.
Ширинии савти рӯд, донӣ, аз чист,
Ширин зи ғами ҷудоии соҳилҳост.

## ДИЛИ БЕДОР

Олам ҳама сард аст, чу дил бе ёр аст,
Одам ҳама дард аст, чу дил бемор аст.
Гар чашм ба хоби ҷовидон ҳам бандӣ,
Хобат набарад ҳеҷ, чу дил бедор аст.

## ПАЙВАНДИ АРЗУ САМО

Гардуни ситоразор баҳри ману туст,
Дарёи гуҳарнисор баҳри ману туст.
Пайвандгари арзу само, чун моем,
Ин олами беканор баҳри ману туст.

## ДУНЁИ ДИГАР

Дар касби камоли дил асар пайдо нест,
Дар мадди назар ҳадди зафар пайдо нест.
Дигаршуди олам накунад суде, чун
Дар қалби ту дунёи дигар пайдо нест.

## БОРОНУ ТӮФОН

То рӯйи ҷаҳон ба зиндагӣ имкон аст,
Он ҷост ниёзе, ки ниёзи ҷон аст.
Як панҷаи обе, ки ба гул борон аст,
Дар хонаи мӯр бадтар аз тӯфон аст.

## ХАНДАИ НОБАҶО

Имрӯз, ки даврони камон асту зеҳ аст,
Сад оҳи шикаста дар гулӯям гиреҳ аст.
Чун булбулу гул ба хуни худ ғарқ шуда,
Аз хандаи нобаҷои ту гиря беҳ аст.

## ХУДЁБӢ

Фармони фалакро ба худӣ фармонест,
Ҳар дарди Худоро ба худӣ дармонест.
Ҳаллоҷ аз он рафт сари дор, ки гуфт:
Онро, ки биҷӯем, ба ҷуз дар мо нест.

## КӮҲОНИ ШУТУР

Як зарра дар ин реги биёбон нам нест,
Бебаҳраи зиндагӣ вале як дам нест.
Бори ғами дил нест ба ҳар кӯзаи пушт,
Кӯҳе, ки шутур ба пушт дорад, ғам нест.

## ДАРКУШОӢ

Хуш ҳоли диле, ки сӯйи дил дар сафар аст,
Дил ҷуставу дар мулки Худо дарбадар аст.
Девор задан миёни дилҳо чӣ ҳунар,
Девор фиканда, дар кушодан ҳунар аст.

## НАМАКСУД

Оташ ҳама ҷо, оташи бедуд куҷост,
Мойӣ ҳама ҷо, мояи мавҷуд куҷост.
З-ин давраи бенамак чӣ меҷӯйӣ суд,
Ҷойе, ки намак нест, намаксуд куҷост?!

## ДОНАКАШУ ДОНАФИШОН

Эй бодсаро, он чӣ ту гӯйӣ, бод аст,
Кай ҳарзаи ту ба даҳр суде додаст.
То дона фишонад ба замин деҳқоне,
Ё дона кашад мӯр, ҷаҳон обод аст.

## МАВЛУД

Як ношудаке дар пайи нобуди ман аст,
Нобуди гапаш, ҷаҳон пур аз суди ман аст.
Бо он дили мурдааш куҷо донад ӯ,
Ҳар байти навам боиси мавлуди ман аст.

## ОЙИНАИ ОСМОН

Ин кӯл магар ба дил равон доштааст,
Аз хислати одамӣ нишон доштааст.
Аз чашм, ки қаъри худ ниҳон доштааст,
Ойина ба рӯйи осмон доштааст.

## СИТОРАИ ЁР

Ин мавҷи насим ишораи ёри ман аст,
Ин бӯйи гул аз канораи ёри ман аст.
Ин ахтари сӯзон, ки фурӯзони самост,
Сӯзандаи ман, ситораи ёри ман аст.

## ҲОСИЛИ АЪЛО

Ин навданиҳоли сабз монои ту аст,
Гӯё қаламе зи қадди болои ту аст.
Як ҷуфт муруди шохаи ларзонаш
Савдои ману ҳосили аълои ту аст.

## ҶОНАМ ЗИ ТУ

Ҳастам ба ту зинда, зиндагиям зи ту аст,
Ҳастам ба ту банда, бандагиям зи ту аст.
Ҷонона туиву ман агар ҷон биканам,
Ҳуш дор, ки ҷони кандагиям зи ту аст.

## ҚАЛАМРАВ

Моро ба қаламрави сухан ҷое ҳаст,
Дар қалби суханшинос маъвое ҳаст.
Аз бухли ду – се ҳасуду качтабъи дурушт
Бо ин сухани равон чӣ парвое ҳаст.

## НАФАСИ ЗИНДАГӢ

Бе ту суханам шеваи андӯҳу ғам аст,
Бе ту ғаму шодии ман аз буда кам аст.
Ҳар як нафасе, ки мекашам дар дунё,
Бе ту нафаси зиндагие нест, дам аст.

## БАЙТИ АБРӮ

Рӯйе, ки гулаш зор бувад, рӯйи ту аст,
Бӯйе, ки зи гулзор расад, бӯйи ту аст.
Аз шеъри мани дилшуда гар ёд кунанд,
Он байти тару тозаи абрӯйи ту аст.

## ҶОНБОХТА

Таб сӯзад агар, дар таби ту хоҳам сӯхт,
Худро ба сари матлаби ту хоҳам сӯхт.
Гар бе ту диҳанд ваъдаи ҷондору,
Ҷонбохта лаб бар лаби ту хоҳам сӯхт.

## ОТАШКАДАИ ГУЛ

Ин дил ба хаёли рухи ту гашт, ки гашт,
Хандид чароғи лолаҳо дашт ба дашт.
Гӯё ки ба оташкадаи гул Наврӯз
Мехонд зи Зардушти куҳан яшт ба яшт.

## САД КӮҲ

Дар саҳни чаман барги хазон анбӯҳ аст,
Бе рӯйи баҳорат ба дилам андӯҳ аст.
Бар кӯйи мурод агар раҳе бе ту барам,
Дар ҳар қадамам кашида сар сад кӯҳ аст.

## ХУШК БЕҲ!

Ҳар ҷӯй, ки бе об бувад, хушк беҳ аст,
Ҳар рӯй, ки бетоб бувад, хушк беҳ аст.
Он лаҳза, ки ташнаро дилу ҷон сӯзад,
Ҳар чашма, ки ноёб бувад, хушк беҳ аст.

## МУКОФОТИ ШЕЪР

Эй дил, ду ҷаҳон кам аз музофоти ту аст,
Дар арзу само нақши мулоқоти ту аст.
Дар олами шоирӣ мукофот маҷӯй,
Шеъре, ки бигӯйӣ ту, мукофоти ту аст.

## САРОИ ГАРДУН

То он даме одаме ба қасди ҷанг аст,
З-одам буданам ҳазор ору нанг аст.
Бахри тани хокиям ду газ ҷо кам нест,
Аммо ба дилам сарои гардун танг аст.

## ДЕГИ КАҶ

Ҳар каҷ, ки ба рост даст андохтааст,
Боре магар ин ҷанги хато бохтааст.
Аз хулқи каҷи башар чӣ гӯям, ки Худо
Гардун ба сарам деги каҷе сохтааст.

## РАФТАН Ё ОМАДАН?!

Ин умри башар, ки чашм бар ҳам задан аст,
Хоке, ки занӣ ба тифл, атри кафан аст.
Бар ҷунбиши гоҳвора меандешам,
К-он даъвати рафтан аст ё омадан аст.

## ДУ РӮЙИ ДУНЁ

Ин чор хатам чаҳор сӯйи дунёст,
Дар чорсуе чу гуфтугӯйи дунёст.
Аз чор ҷиҳат ду байти тар мегӯям,
Ду байти рубоиям ду рӯйи дунёст.

## ҲАЗОРҲОВУ ҲАЗОРҲО

Дар ҳар раги ман ҳазорҳо овоз аст,
Дар ҳар нафасам ҳазорҳо оғоз аст.
Гар ҷони маро шикастапар мехоҳӣ,
Дар ҳар шиканаш ҳазорҳо парвоз аст.

## СОҒАРИ ХУРШЕД

Ин умри маро, ки ҳоҷати беадад аст,
Андешаи сад бешу каму неку бад аст.
Дар баҳри фалак агар кам аз зарра манам,
Чун зарра барам соғари хуршед ба даст.

## НАҚШИ ПО

Он, к-ӯ ба назар нест, маро дар назар аст,
Он сӯ, ки раҳе нест, маро раҳгузар аст.
Дар ҳарду ҷаҳон ба раҳбарам нест ниёз,
Ҳар ҷо, ки равам, нақши паям роҳбар аст.

## НА ГУНОҲИ ХУРШЕД

Ҳар зарра агарчи ба ҷаҳон ҷовид аст,
Бе дидаи пурбин магараш кас дидаст.
Гар шӯълаи гӯгирд бувад хираи рӯз,
Валлаҳ, на гуноҳи чашмаи хуршед аст.

## САРСАБЗИИ БЕСАМАР

Аз ҳилаи даҳр бошад оё хабарат,
Чизе надиҳад, набурда чизи дигарат.
Сарсабзии ҷовид агарат дод чу сарв,
Бурд аз ту валек ҷовидонӣ самарат.

## ХОКИСТАРУ ОТАШ

Ин даҳр, ки бингарӣ ҳама тақсир аст,
Ҷойест, ки муши мурда беш аз шер аст.
Дар нисбати хокистару оташ бинигар,
Афсурда ба рӯю оташ андар зер аст.

## БАҲРИ ХОЛИИ ҲУБОБ

Як рӯзи хирадманд ба ҷойи солест,
К-аз моли ҷаҳон варо накӯ аъмолест.
Бемоя намешавад ба дарё ҳам пур,
Бин, баҳри ҳубобе ба даруни холист.

## АЙШИ ТАНГДАСТӢ

Хоҷа, сухани ту кам зи Қуръонам нест,
Бо қавли ту аммо амал осонам нест.
Чун айш кунам ба тангдастӣ, охир,[1]
К-айёми фарохдастӣ имконам нест.

---

[1] Ҳофиз гӯяд:...Ҳангоми тангдастӣ дар айш кӯшу мастӣ...

## ДОНАВУ ДОМ

Дар даҳр, ки маҳбасе ба хосу ом аст,
Озодии хосаи ту ҳам авҳом аст.
Ҳар ҷой, ки донест, даруни домест,
Мурғе, ки пайи дона равад, дар дом аст.

## МЕҲРИ ОЛАМГИР

Азмат ба камолу ҳиммату танвир аст,
Аз паст баланд рафтанат тадбир аст.
Хуршед агарчи субҳу шом аст мунир,
Меҳри ба қиёмомада оламгир аст.

## ХОРИ САРИ ДЕВОР

То он даме, эй ёр, ки моро нафас аст,
Аз дур гули рӯйи ту дидан ҳавас аст.
Азбаски баланд аст дару деворат,
Хори сари девори ту бошем, бас аст.

## САВОРИ ХОБОЛУД

То расми сафар ба рӯйи дунё будаст,
Хобида ба бедор раҳе нанмудаст.
Дар роҳи сафар чӣ метавонӣ кардан,
Гар асп ба дав, савор хоболуд аст.

## ОЙИНАИ ШИШАДИЛ

Дар баҳси замона то куҷо ҷуръати мост,
Бас ҳеҷ нагӯем чӣ беҷо, чӣ баҷост.
Аҳсант ба ойина, ки бо шишадилӣ
Каҷро каҷу ростро намоёнад рост.

## ОБИ ҲАЁ – ОБИ ҲАЁТ

Ҳастии дурӯза нест асбоби ҳаёт,
Гуфт, он ки диҳад неъмати ноёби ҳаёт.
Умре ба абад хоҳу марез оби рухат,
Обе, ки ҳаёи туст, ҳаст оби ҳаёт.

## ҶАСУРИ БЕҶИГАР

Дар тирагии шаб, ки сиёҳи дигар аст,
Дар равшании рӯз сипоҳи дигар аст.
Дар шоми сияҳ ҷасур бошад раҳзан,
Аммо ба сафедии саҳар беҷигар аст.

## ҒАМИ ШАБ

Донӣ, магар ин умри пурозор, ки чист,
Ҷӯйӣ ба раҳи дароз ҳушёр, ки нест.
Бар хуфтаи бехабар бувад кӯтаҳ шаб,
Донад ғами шаб мардуми бедор, ки чист.

## БИҲИШТИРӮ

Ин домани сабзи дашт аҷаб гулбӯест,
Ин чашмаи гул чашми тари оҳуест.
Фардо нахурад ҳайфи биҳиште, ки биҳишт,
Алҳол касе, ки бо биҳиштирӯест.

## ЗАНҶИРИ ПО

Андешаи рӯзӣ, ки туро дам ба дам аст,
Ҳар қадр, ки бисёр бувад, боз кам аст.
Фикри шиками сер кунад побандат,
Занҷири ду поят, ки туро дар шикам аст.

## ЯКТОИ БЕҲАМТО

Дар пояи худ ба ҳар кӣ ҳампое нест,
Ҳамтояш агарчи нест, яктое нест.
Бинад зи фалак Ҳумо пайи мӯр ба рӯз,
Дар зулмати шаб чу бум биное нест.

## ДУНЁИ ҲАМВОР

Дар поси шаб ар нахуфтае бисёр аст,
Бедор ҳамонест, ки дилбедор аст.
Гар пасту баланди хеш ҳамвор кунӣ,
Дунё ҳама пас барои ту ҳамвор аст.

## ОДАМ БОШӢ…

Эй он, ки зи ҳамгинон дилат пурдард аст,
Дар ҳарду ҷаҳон шахси ту гӯё фард аст.
Дар ҷамъи башар агар худ одам бошӣ,
Одам ба ҷаҳон беш зи шаш милярд аст.

## РАҲИ ТАДБИР

Моро, ки ба раҳ ҳазору як тақсир аст,
Роҳе, ки ба мақсад барадат, тадбир аст.
З-он саг, ки занад баланд аккос, матарс,
Тарс аз саги хомӯш, ки ғофилгир аст.

## ТАШНАИ ДАРЁ

Ҳар чиз, ки қисматат раво дид, равост,
Дар ҳалқаи дарё даҳани моҳӣ во-ст.
Сероб накардаш чу азал аз аввал,
Ташна-ст, агарчи дар миёни дарёст.

## ШАБ САҲАР АСТ

Бино набувад дил аз ду чашм, аз назар аст,
Он ҷо, ки назар хуш аст, дил дидавар аст.
Оне, ки саҳар хуфт набинад рухи субҳ,
Гар чашми ту бедор бувад, шаб саҳар аст.

## ДЕВОРУ ДАР

Ҳар ҷой, ки аскарест, афсар ҳам ҳаст,
Бар ҳар сафи бешикаст сафдар ҳам ҳаст.
Навмед машав зи хори девори баланд,
Ҳар ҷой, ки девор бувад, дар ҳам ҳаст.

## МАВҶТИФЛИ БОЗИКОР

Ин рӯд зи меҳри модарӣ саршор аст,
Мавҷаш ба канор тифли бозикор аст.
Гаҳвора агарчи то саҳар ҷунбонад,
Кӯдак ба мағал тамоми шаб бедор аст.

## ҲАРФИ ХИРАД

Ҳарфи хирад аз мухолифатҳо дур аст,
Он ҷой, ки маъност, сухан мансур аст.
Дилро ба ҳавои ақл боист бисохт,
Ноҷӯр наво, чу торҳо ноҷӯр аст.

## ОБОДИИ ДИЛ

Аз умри гаронмоя маро то нафас аст,
Ободию озодагии дил ҳавас аст.
Онро, ки ба ҷуз тортанӣ шуғле нест,
Чун тортанак рӯзии умраш магас аст.

## ШЕВАИ ОСМОН

Бо ин ҳама чашм, чашми гардун на ба мост,
Ин арз куҷо барем, кар гӯши самост.
Аз шеваи осмон биёяд аҷабам,
Ҳар ҷо сари холист, таҳи боли Ҳумост.

## ТАЛАБИ ОЗОДӢ

Ман мурғи ҳавояму ҳаводорам нест,
Дар хайли қафаснишастагон ёрам нест.
Ман дар талаби ҳавои озодиям,
Бикшо қафасам, ки дона даркорам нест.

## ИБРАТ

Ранҷе, ки кашад ин дили мо, ранҷи равост,
Ганҷе, ки варо даст диҳад, ганҷи вафост.
Мӯре, ки кашад дони гаронтар аз хеш,
Бар рағми ҳама сабуксарон ибрати мост.

## ДАЛЕЛИ ҲАҚ

Ин об, ки ӯ зи Салсабил овардаст,
Бар хок занандаш, ки чӣ селовардаст.
Имрӯз далели ҳақ ба ҷуз зӯрӣ нест,
Ин сода вале ба ҳақ далел овардаст.

## ХУФТАИ БЕДОР

Эй бехабарон, шӯҳрати подор куҷост,
Нанг аз кафи мо рафт, дигар ор куҷост.
Саҳл аст миёни хуфтагон бедорӣ,
Бедортар аз хуфтаи бедор куҷост?!

## МЕЪЁРИ ДИЛ

Ин дайри куҳан, ки аз ғами тоза пур аст,
Танг асту махуф асту зи овоза пур аст.
Аммо дили моро чӣ аҷаб меъёрест,
Қадрест фарохо, ки чӣ андоза пур аст.

## РОЗИ ШАБ

Дунёст, ки бо равшанияш пирӯз аст,
Дар рӯз яке шамси ҷаҳонфрӯз аст.
Шабро, ки ҳазор ахтари меҳр бувад,
Аз рози шаб огоҳ шавӣ, шаб рӯз аст.

## ТАБОРИ ХУРШЕД

Ин дори фано, ки бар ҳама пирӯз аст,
Он бор, ки мебарад, ба пушти кӯз аст.
Гар мушти гилам, табори хуршедам ман,
Ҳар гаҳ, ки равам, шаб асту оям, рӯз аст.

## СУХАНИ БУРРАНДА

Баҳси ҳақу ноҳақ набиёрад самарат,
Гарчи набувад гурезгоҳи дигарат.
Азбас сухани ҳақ аст бурранда чу теғ,
Лаб бандӣ агар, лабат бурад в-арна сарат.

## ЯК ЗАХМА

Фарёди дили маро кӣ фарёдрас аст,
Фарёди дил аст ин, на садои ҷарас аст.
Мо табл набошем, ки моро кӯбӣ,
Мо тори рубобем, ки як захма бас аст.

## КУЛАҲ

Дар раҳгузари умр, ки банду хатар аст,
Ту бехабарию он зи ту бохабар аст.
Ҳаргиз накунӣ тарки сар аз баҳри кулоҳ,
Сар баҳри кулаҳ нест, кулаҳ баҳри сар аст.

## ҶАҲЛИ ҶОҲИЛ

Ҳаргиз набувад кори ҷаҳон бе каму кост,
Ҳайратзадаам, вале аз оне, ки равост.
Оқил ба раҳи рост ҳазор андешад,
Ҷоҳил ба раҳи каҷ раваду донад рост.

## ДИЛИ ДАРДКАШ

Имрӯз, ки бегона ба ман хештар аст,
Ҳар рӯз зи дирӯза дилам рештар аст.
Бефарқ агарчи бар сару рӯй зананд,
Чун дардкаш аст дил, ғамаш бештар аст.

## ШАҲРИ НОҲУШЁР

Ин хок гаҳе хоку гаҳе афлок аст,
Тарёк ба заҳри хештан тарёк аст.
Дар кӯчаи шаҳре, ки надорад ҳушёр,
Девона зи санги кӯдакон бебок аст.

## ШИКАМ – ШАҲБОЛ

Он сар, ки надорад сари коре, чӣ сар аст,
Он даст, ки нест дасти ёрӣ, ҳадар аст.
Море ба шикам хазад, шикам шаҳбол аст,
Боле, ки ба парвоз наёрад, чӣ пар аст.

## ОРЗУ – ДОҒ

Мурғе, ки ба ҳар фасл канори боғ аст,
Булбул ба баҳорону зимистон зоғ аст.
Уммеди муҳолат, ки занад шӯъла ба дил,
Имрӯз, ки орзуст, фардо доғ аст.

## РАНҶИ ДОМ

Инсон, ки ҳама дар орзуи бахт аст,
То рафтани дар тахта хаёлаш тахт аст.
Осон нафитад ба дом мурғи зирак,
Афтад чу ба дом, ранҷи домаш сахт аст.

## МОҲИИ ДАҲОНВО

Инсон, ки ба як даҳону ҷуфте гӯш аст,
Ин худ масале барои марди ҳуш аст.
Гар кому даҳон фақат барои ҳарф аст,
Моҳӣ ба даҳони во чаро хомӯш аст?!

## СОЯИ ХУРШЕД

Хуршед баланд аст, ба он поя куҷост,
Ин чашмаи нури покро моя куҷост.
Хуршедӣ агар, ба сояе хурда магир,
Хуршед, ки хандон набувад, соя куҷост?!

## ПОСБОН

Даҳрат, ки ҳамеша сифлаву маккор аст,
Ҷуфтикунияш ба ганҷеву девор аст.
Андешаи заҳри неш аз сар магузор,
Чизе маталаб, ки посбонаш мор аст.

## БОРИ ҒАМ

Дам бештар аст ё адам бештар аст,
Ё шафқату меҳр, ё ситам бештар аст?
Эй сода, чӣ хоҳӣ аз Худо умри дароз,
Дар умри дароз бори ғам бештар аст.

## ОДАМИГАРӢ

Дар баҳру баре баҳру барӣ пайдо нест,
Сардор чӣ бисёру сарӣ пайдо нест.
Ҳарчанд ки дунё пури одам шудааст,
Афсӯс, ки одамигарӣ пайдо нест.

## ФАЙЗИ АХТАРОН

Хуне, ки туро ниҳон равад дар рагу пӯст,
Дар бӯсагаҳи чеҳраи гулгун ба нумӯст.
Нурат нарасад зи маҳфили тирадилон,
Хуршед зи файзи ахтарон равшанрӯст.

## ХАС

Ишқе, ки ба он ноз кунӣ ту, ҳавас аст,
Мурғе, ки аз он ту бол хоҳӣ, магас аст.
Аз хеш ту гӯиё касе сохтаӣ,
Он кас, ки зи худ сохтаӣ, кас чӣ, хас аст.

## САРСАРӢ

Бо заҳмат агар сӯйи зафар хоҳӣ рафт,
Гар шӯълавар омадӣ, шарар хоҳӣ рафт.
Роҳест валек роҳи умрат, ки аз он
Бо сарсарие равӣ, ба сар хоҳӣ рафт.

## ЧАРОҒИ АХТАР

Ҳар ҷо, ки саре буд, сару сарвар дошт,
Он сарвари сар боз саре дигар дошт.
Хуршед, ки ақсои ҷаҳон равшан кард,
Дар хона чароғи сад ҳазор ахтар дошт.

## МӮҲТОҶ

Бе дастаи пул дасти дуо пайдо нест,
Олам кару гунг асту садо пайдо нест.
Чизе бувадат ба каф, ҳама мӯҳтоҷанд,
Мӯҳтоҷӣ агар, кафи сахо пайдо нест.

## ИЛҲОМ

Дар даҳри дурӯза ҳар кӣ марди корест,
Овораву саргарми каму бисёрест.
Хоб оварадаш умр ҳама чун шаби дай,
Илҳом, вале фариштаи бедорист.

## МӮЪҶИЗИ ХОК

Гуйӣ, чу наояд ба кафат домани бахт,
Гардун чӣ баланд асту замин бошад сахт.
Бемӯъҷиза нест лек чизе дар даҳр,
Гул мӯъҷизи хок аст сари шохи дарахт.

## РОҲИ ХУДО

Гоҳе, ки хабардор вай аз ногаҳи мост,
Мо огаҳи ӯ наему ӯ огаҳи мост.
Аз роҳи чигил раҳ ба Худо ҷустан чист,
Роҳи дигаре нест, ба ҷуз як раҳи рост.

## ДИЛБАРИ УЛВӢ

Шайдои туям, мисли манат шайдо нест,
Олам пури Маҷнун буваду Лайло нест.
Сад ошиқи хокӣ чу манат бисёр аст,
Як дилбари улвӣ чу туе пайдо нест.

## ЛАБИ ХУНШОР

Гирду бари ман, ки сар ба сар девор аст,
Сад мушу дусад гӯш дар он бедор аст.
Ҳарфе наравад то зи лабонам берун,
Он қадр газидам, ки лабам хуншор аст.

## ДАР ХЕШ НИГАР

Овора аз онӣ, ки сари саргумат аст,
Бечора аз онӣ, ки дари мардумат аст.
Аз кас ту чаро дар талаби хору хасӣ,
Дар хеш нигар, ки хирмани гандумат аст.

## КАР БОШ!

Гар тоза шавад ба дил ғами деринат,
Чун заҳр шавад талх дами ширинат.
Оқил чу кунад накӯҳишат, нек шунав,
Кар бош чу ҷоҳиле кунад таҳсинат.

## МАЙДОН ҲАМА ҶОСТ

Дил бошаду азми мард, майдон ҳама ҷост,
Гар азми ту нест сард, майдон ҳама ҷост.
Шамшерат агар занг набаста ба ниём,
Дорӣ ҳаваси набард, майдон ҳама ҷост.

## ОСМОНИ ТУ

Моро ду ҷаҳониву ҷаҳони ту куҷост,
Аз мо ту нишониву нишони ту куҷост.
Ин гуна баланд, к-остони ту бувад,
Пас кист, ки гӯяд, осмони ту куҷост?!

## ХОКИ БЕОСМОН

Он кас, ки зи ҷон мегузарад, бебок аст,
Зери қадамаш нӯҳ табақи афлок аст.
Хок арчи туро беш зи ҳафт иқлим аст,
Хоке, ки набошад осмонаш, хок аст.

## КУҶОСТ ГАРДУН?!

Эй синаи танг, дашту ҳомун ба куҷост,
Олам пури Лайлосту Маҷнун ба куҷост.
То чанд бигӯӣ аз заминам қисса,
Як бор маро бигӯ, ки гардун ба куҷост?!

## ПАРДАГИЁНИ УРЁН

То ҷони туро ба дард анбозе нест,
Дар кӯйи муроди дил дари бозе нест.
Акнун, ки паси пардагиён урёнанд,
Ҳар ҳарф, ки дар парда бувад, розе нест.

## ТАҚДИРУ ТИРАНДОЗ

Ҳар бол задан ба арш парвозе нест,
Гунҷишк, агарчи пар занад, бозе нест.
Мурғе, ки гузашт аз осмони ҳафтум,
Тақдир варо ба тирандозе нест.

## ПАЙВАНДИ ДИЛ

Мо як дили ношикаста ҷӯем, куҷост,
Ҳар қадр, ки ҷӯем, вале нопайдост.
Пайванди дили шикаста ғайри дил нест,
Ҳар ҷо, ки шикаст, ҷои пайванд он ҷост.

## БИҲИШТӢ

Донад башар оё ки чӣ хуб асту чӣ зишт,
Гар нест ба даҳр масҷиду дайру куништ?
Ин ҳар се ба ҳам зан, эй Худо, то бинем
Онро, ки ту офаридаӣ баҳри биҳишт.

## СӮХТАНИ БЕҲУДА

Дар бодияи ишқ сухан беҳуда-ст,
Дар пеши рухаш ёди чаман буҳуда-ст.
Дар хонаи равшан зи чароғи хуршед,
Эй шамъ, туро ки сӯхтан беҳуда-ст.

## ТАВҚИ ЗАРИН

Аҷноси Худо бешумару лак ба лак аст,
Он гуна бувад, ки хуни хомаш ба раг аст.
Коре накунад ба асл ҳаргиз зару сим,
Бо тавқи зарин ҳам саги бадзот, саг аст.

## ҶИНСИ УҚОБ

Бадмеҳр самост ё ки хушмеҳр самост,
Бо он сари афрохта зери пари мост.
Давлат фақат аз болу пари худ ҷӯем,
Мо ҷинси уқобем, чӣ парвои Ҳумост.

## ЛОФ

Ҳар гул гияҳ асту ҳар гиёҳе гул нест,
Мурғони чаман низ ҳама булбул нест.
Оне, ки зи ақли кулл ҳама лоф занад,
Лофист яқин, ки ҳеҷ ақли кул нест.

## МУКОФОТ Ё МУҶОЗОТ

Хандон ба назар чеҳраи авқоти ман аст,
Дил ғарқ, вале ба хуни абёти ман аст.
Ин табъи суханзои адолатойин
Шояд на мукофот, муҷозоти ман аст.

## ИН ТАН ЧӢ ТАНЕ?!

Ин тозасухан ба қиссаи дерин нест
В-ин ҳусни туро ҳоҷати ону ин нест.
Ҳарфи ту ба ширинии ҷон аст, вале
Ин тан чӣ тане, ки ҷон чунин ширин нест.

## НОНИ ЗАМОН

Дар ҳар хами ин роҳ, ки сад раҳзан ҳаст,
Дар ҳиммати раҳбонам аз ин рӯ занн ҳаст.
Эй саг, ту ҳам аз макри замон огаҳ бош,
Ноне агарат дод, дар он сӯзан ҳаст.

## ШИШАВУ САНГ

Акнун на ба ҳар кӣ поям дастрас аст,
Шояд, ки касеро ба мақомам ҳавас аст.
Ман шишаму раҳам ҳама сангистон,
Як бор фитоданам дар ин роҳ бас аст.

## ДАРСИ ТАНВИР

Бар забти фалак тир магар тадбир аст,
Чун нӯҳ фалакат боргаҳи танвир аст.
Дарсат набувад магар камони гардун,
К-он арзу само гирифтаву бетир аст.

## САВОРИ ХОБ

Оне, ки равад на зуд, на дер об аст,
Ҳарчанд равон ба шеваи мироб аст.
Оё бишавад роҳ зи маҳмез қариб,
Аспе наравад, савор агар дар хоб аст.

## ГИРДБОД

Обе, ки зи рӯ бувад, ба рӯ хоҳад рафт,
Обе, ки зи ҷӯ бувад, ба ҷӯ хоҳад рафт.
Он бод, ки гирд гашта бардорад хок,
Хокаш ба даҳан, боз парӯ хоҳад рафт.

## МУКОФОТИ АМАЛ

Эй он, ки ба ҷуз ҳаво надорӣ дар мушт,
Ҳам пушти дигар набошадат андар пушт.
Дӣ бар сари мо, ки мекашидӣ теғат,
Имрӯз ҳамон теғ туро хоҳад кушт.

## ДАРЁВУ ШОХА

Эй он, ки туро дурри сухан дар назар аст,
Обе, ки зи ҳарфи туст, оби ҷигар аст.
Саҳл аст зи шохаҳо шудан дарёе,
Дарё шудану шоха заданҳо ҳунар аст.

## БОЛОИ ФАЛАК

Аз авҷи само то самакам бояд рафт,
Аз мӯру малах то малакам бояд рафт.
Чун нест маро фазои дил зери фалак,
Боло зи фазои фалакам бояд рафт.

## СУД КУҶО?

Оташ, ки занӣ бар ду ҷаҳон, уд куҷост,
Дарёи муҳит хушкаду рӯд куҷост.
Наздат чу ҳама ба дидаи баста буванд,
Аз дидаи бози як нафар суд куҷост?!

## САФЕДИИ ДИЛ

Ин дил набувад ба сина, к-ин обу гил аст,
Навмедии даҳр ноумедии дил аст.
Чун дилсияҳеро набувад рӯйи сафед,
Ҳар рӯйи сафед аз сафедии дил аст.

## ХУНОЛУД

Ҳоло нафақат, ки гуфта хунолуд аст,
Ҳам рози ба дил нуҳуфта хунолуд аст.
Дирӯз, ки дар баҳори гул хунҳо рехт,
Ҳоло гули ношукуфта хунолуд аст.

## ҲАРЗАФУРӮШ

Он ҷо, ки маро ҳавои биншастан нест,
Аз маҳфили гап илоҷи ворастан нест.
Эй кош, ки он лофзани ҳарзафурӯш
Бандад даҳанашро, ки манаҳ бастан нест.

## ПАЙВАНДИ ТАНУ ҶОН

Дар оғӯшам ҷуз ба хаёлат ҷо нест,
Он ҷо, ки туӣ ба дигаре маъво нест.
Шириниии ин ёд на он ширинист,
Ин лаззати пайванди таневу ҷонест.

## МУРДАХОР

То пораи гӯшт рӯйи хон оварадат,
Ҷондор кушад одаму з-он оварадат.
Одам, ки ба даҳр мурдахоре бошад,
То зинда туӣ, кас натавонад хурадат.

## ОДАМ ВА ХУДО

Як мавҷ бурун зи баҳр мавҷе ҳам нест,
Як захма таронаи нишоту ғам нест.
Олам, ки таҷаллигаҳи анвори Ҳақ аст,
Дар ҳар кас агар нест Худо, одам нест.

## ҲАЁТ

Аввал хандӣ, пас гирйӣ, ин чӣ наҷот,
Аввал бошӣ, пас пошӣ, ин чӣ сабот.
Ман маънии зиндагӣ нафаҳмидам ҳеҷ,
Аввал ту хурӣ, баъд туро, ин чӣ ҳаёт?!

## ИМРӮЗ БИЗӢ!

Даҳр аст бузургу нест ҷуз ин ҷоят,
Умр аст дарозу нест ҷуз ҳолоят.
Гар бахт бихоҳӣ, ончунон зӣ, ки ба даҳр
Дирӯз набуду набувад фардоят.

## КАМБАҒАЛИ ПУРБАҒАЛ

Он камбағалеро, ки бағал пурғазал аст,
Фориғ зи ҳама макру фиребу дағал аст.
Фардо, ки расад халқ ба даргоҳи абад,
Бинӣ, ки ҳамон камбағалак, пурбағал аст.

## ШАҲДУ ЗАНБӮР

Ҳар ҷо, ки равад тур, магар Тӯрон аст,
Эрон, ки ҳама зодгаҳи турон аст.
Эй гул, чӣ кунӣ зи неш нолиш, ки туро
То шаҳд бувад, ҳуҷуми занбӯрон аст.

## ЧАМАНИ СУРХИДА

Гул мавсими ишқу ошиқӣ оё нест,
Ёреву канореву маю мино нест?!
Сурхида чаман пираҳани хеш афканд,
Дар боғ магар парандае бино нест?!

## ХУНУ ОБ

Худро ту шабеҳи мо ҳисобӣ, хоб аст,
Монанди мане ба ҷилди ту ноёб аст.
Гар дар раги ту обу ба чашмат хун аст,
Андар раги ман хуну ба чашмам об аст.

## АБАДИЯТИ ГУЛПАРАК

Донӣ, абадият чиву ҷовидон кист
В-он чиз, ки худ намонда, мемонад чист.
Ин ҳастии чандмилёнсолаи кӯҳ
В-ин зисти гулпарак, ки рӯзе ҳам нест.

## ВУБОЛИ ИШҚ

Осон ба чӣ ранҷ шуд муҳоли ишқат,
Чун буд дилам лоли суоли ишқат.
Ман қадри муҳаббатат надонистам, ҳайф,
Эй кош, нагирадам вуболи ишқат.

## ДОМОН

Ин даҳр, чӣ даҳре, ки маро музтар дошт,
Ҳар лаҳза ба ҷонам хатари дигар дошт.
Дилгир зи дунё будаму аз ҷон сер,
Домони туро вале шамоле бардошт.

## ЭВЕРЕСТИ ФИКР

Як кӯҳ фаро рафта зи кӯҳи дигарест,
Ойини баланду паст дар баҳру барест.
Боло з-Эверест рафтанат коре нест,
Фикрат нарасад агар ба пойи Эверест.

## ИСТЕЪДОД

Аз зоди ту пештар ҳазорон зод аст
В-аз омаду шуд ҳазорҳо фарёд аст.
Дар олами пире, ки саропо кӯҳна-ст,
Чизе, ки ҷавону тоза, истеъдод аст.

## МУШАКИ ШЕРДАЪВО

Дунё чӣ кунам, дилам зи дунё сер аст,
К-оне, ки бувад лоиқи боло, зер аст.
Гар шер шаҳи ҷангалиён аст, ин ҷо
Ҳар мушаки мурда муддаии шер аст.

## ОЙИНИ ФАРОРАВӢ

Боло, ки ман аз чуну чаро хоҳам рафт,
Бар авҷи Сурайё зи Саро хоҳам рафт.
То азми висоли осмонҳоям ҳаст,
Рӯ – рӯйи қади хеш фаро хоҳам рафт.

## ҶАСТАН

Дар банди дилӣ, гусастанат ҳоҷат нест,
Ҷонро ба азоб хастанат ҳоҷат нест.
Шалвор мабардор ба назди ҳар ҷӯй,
Ҷое, ки пул аст, ҷастанат ҳоҷат нест.

## БӮЙИ МУЛАВВАН

Ҳар ҷо, ки гулест, сад қиёмат соз аст,
Андохтани ранги ниёзу ноз аст.
Маҳрум набошад гуле аз нағмаи ишқ,
Дар бӯйи мулавванаш ҳазор овоз аст.

## СИПЕҲРОНИ СИПЕҲР

Он гуна баландем ба мастӣ зи аласт,
К-он абри сипеҳрони сипеҳр аз мо паст.
Дар ҳеҷ хуму май набувад мастии мо,
Мастем, чунонки май бувад аз мо маст.

## ҲУНАР АСТ

Бебол ба сад бол паридан ҳунар аст,
Бебелаву даст об буридан ҳунар аст.
Дар ишқ агарчи сад Зулайхо бошӣ,
Дил додаву Юсуф нахаридан ҳунар аст.

## ГУЛ ДАР ГУЛ

Гул дар гули боғ ман гирифтам бӯят,
Гул қадр надошт бе қади дилҷӯят.
Сад шукри Худо, ки дар азал бинвиштаст
Тақдири маро бо қалами абрӯят.

## ЗАБОН МЕСӮЗАД

Эй вой, агар гуле насиби зоғ аст,
З-ин қисмати гул ҳазор булбул доғ аст.
З-ин доғ чӣ гӯям, ки забон месӯзад,
Ҳар доғи дигар ба нисбати он боғ аст.

## ЛОЛАИ ЗУЛФ

Донӣ, ки ба гӯши гул саҳар булбул гуфт,
Ин гӯши мулаввани ту ҳарфе нашунуфт.
Дай рафту магар баҳор омад, к-имрӯз
Дар зулфи баланди ёри мо лола шукуфт.

## ОБ АЗ САР ГУЗАШТ

Бедории мо ба ҳасрати хоб гузашт,
Чун хоб шудем, умри ноёб гузашт.
Ҳар он чӣ гузаштанист, аз мо нагузашт,
Мо ташна будем, аз сари мо об гузашт.

## НОЛАИ БОД

Дар най дамаду зи нағмаи най шод аст,
Ангор, ки гӯше ба сурӯше додаст.
Чун нолаи най ба самъи ҷон ояду бас,
Нола(е)й, ки расад ба гӯш, нола(и)й бод аст.

## САРМОЯИ УМР

Сармояи умрам дили огоҳи ман аст,
Огаҳдилиам ҷалолу ҳам ҷоҳи ман аст.
Дунболаравии раҳи ман осон нест,
Роҳе, ки барад ба осмон, роҳи ман аст.

## ҲАСРАТИ ОҒӮШ

Армони дилам дар лаби хомӯши ту сӯхт,
Гул шарм намуду дар баногӯши ту сӯхт.
Як бор агар қурбати ту сӯхт маро,
Сад бори дигар ҳасрати оғӯши ту сӯхт.

## ГУЛИ КОҒАЗ

Гулҳои чаман нест гули ораз ҳеҷ
В-ин чашмаи Хизр нест оби раз ҳеҷ.
Ишқ аст, ки булбул ҳама шавқ асту навост,
Мурғе насарояд ба гули коғаз ҳеҷ.

## ҲИММАТИ ДАРЁ

Он ҷо, ки бувад адлу ризо соҳибтоҷ,
Ҳаргиз нашавад касе ба нокас мӯҳтоҷ.
Дарё, ки зи ҳиммат дили дарё дорад,
Осеб набинад зи шикасти амвоҷ.

## САРДИИ НАФАС

Дар дидаи ӯ ҳуру малак – мӯру малах,
Дебои биҳишт бӯрё бошаду шах.
Бо ин ҳама сардии нафас, к-ӯ дорад,
Дар дӯзах агар равад, кунад дӯзах ях.

## ТАЪРИХИ ХУНИН

Аз ҳар дами мо кашида шеван таърих,
Ҳарчанд ба ҷони мост ҷавшан таърих.
Аз хуни фақирон набувад ҷойи сухан,
Аз хуни паямбарон мулавван таърих.

## ҲИЛЛА – АЁРИ ҲАҚ

Онон, ки ба ростон гарав бохтаанд,
Мисро ба тарозуи зар андохтаанд.
Бишнохта пок он сақатиҳошонро,
Ҷуз ҳилла аёри ҳақ набишнохтаанд.

## НА БО ШИРУ НА БО ҶОН

Ҳар чиз, ки сахт ояд, осон наравад,
Имкон равад аз даст, ки имон наравад.
Ишқе, ки ба даҳр зиндаҷонам дорад,
Бо шир наомадасту бо ҷон наравад.

## ОҲАНГИ ДАРУН

Даврон гузарону даври дун меояд,
Хунё гузарону бӯйи хун меояд.
Чун созу навойи худ дигаргуна кунам,
К-оҳанги бурунам зи дарун меояд.

## ЧАҲОР МАЗҲАБ

Оне, ки бикард чор дарё эҷод,
Аз адл даре ба чор сӯ ҳам бикушод.
То он ки биҷӯяд раҳи ҳақ аҳли башар,
Аз чор тараф чаҳор мазҳаб ҳам дод.

## ПОЗАҲР

Некӯ масале ба қавли мардум бошад,
Ҳар дарди бад аз давои бад гум бошад.
Каждум, ки занад неш, давои заҳраш
Позаҳри ягона боз каждум бошад.

## САНГ ДИЛ ГАРДАД

Эй кош, дилат ба меҳр моил гардад
В-ин даст ба гарданат ҳамоил гардад.
Ағёр, ки бинанд туро дар бари ман,
Санге, ки бувад дар кафашон, дил гардад.

## САМАРИ БЕСАМАР

Бебор чу аз бори дигар шод шавад,
Бошад, ки замоне самаробод шавад.
Ҳарчанд дарахти бесамар бошад бед,
Гаҳвора вале ба тифли навзод шавад.

## ШАСТИ КАҶ

То чанд фалак роҳи табоҳӣ гирад,
Аз мӯйи сияҳсарон сиёҳӣ гирад.
Амн аст магар ҷумла муҳите, к-он ҷо
Як шасти каҷаш ҳазор моҳӣ гирад?!

## НОНИ МАРДУМ

Гӯё, ки шумо роҳбару раҳ бурдед,
Ҷону дили худ барои мо озурдед.
Як умр сухан зи номи мардум гуфта,
Бо фанду фиреб нони мардум хӯрдед.

## ОТАШИ ИШҚ

Ишқ аст, к-аз об оташи сӯзон созад,
Дар оташи хеш оҳане бигдозад.
Гар сарду дурuштӣ, оташаш об кунад,
Пас хӯлаи ту боз ба об андозад.

## СОЯ ВА ОФТОБ

Хуршед, ки ҳар субҳ бадар мегардад,
Бар сар, ки расад, нури басар мегардад.
Дар рафтани офтоб аммо соя
Аз соҳиби худ дарозтар мегардад.

## РӮСИЯҲУ ҶОМАСАФЕД

Ҳайф аст, ки армону умедат бибаранд,
Шодию фараҳ зи рӯзи идат бибаранд.
Чун зиндагии даҳр ҳама рӯсияҳ аст,
З-он гар биравӣ, ҷомасафедат бибаранд.

## ДОҒИ МАҲТОБ

То дил нашавад доғ, гиле боғ шавад,
Дар шӯразамин чаман шавад, роғ шавад?!
То доғи сиёҳи шаб бишӯяд маҳтоб,
Рӯяш зи сияҳрӯии шаб доғ шавад.

## ХОҲАД МОНД

Баъд аз сари ман, ки шеъри ман хоҳад монд,
Шеърам ба дили халқи ватан хоҳад монд.
Аз неши халида бар дили хунинам,
Гулғунчаи рангини сухан хоҳад монд.

## ҒАЗАЛ Ё БАҒАЛ?

Бар гӯши ту гӯям ғазаламро чун бод,
Сӯйи ту кушоям бағаламро дилшод.
Чун боди сабо кунад ба зулфат бозӣ,
Бошад зи ғазал ё зи бағал орӣ ёд.

## ХАТАРИ ИШҚ

Ин ишқу ҳавои ту маро ларзонад,
Он сон, ки дарахтро сабо ларзонад.
Ларзонад агар шохаи мо, хуш бошад,
Э вой, агар решаи мо ларзонад.

## ТУХМИ ЗИНДАГӢ

Ин абри баҳор нолазо меборад,
Бо нола ба хоки мурда ҷон меорад.
Кӯдак ҳама гирён ба ҷаҳон меояд,
Ашк аст, ки тухми зиндагӣ мекорад.

## ТАҲИ ХОКУ РӮЙИ ХОК

Маъюс машав, ки сур мебояд шуд,
Дар зулмати шом нур мебояд шуд.
То сабз шавӣ чу дона дар рӯйи замин,
Аввал таҳи хок гӯр мебояд шуд.

## ДАСТИ АСО

То кай ба абас дарси вафо бояд дод,
Ин умр ба беҳуда чаро бояд дод.
То дасти мадад диҳад асоят, аввал
Дасти хиради худ ба асо бояд дод.

## ГАРДУНИ БЕДОР

Имшаб шаби ёду чашми бехоб бувад,
Дар баҳри само завраќи маҳтоб бувад.
Чун ёр, ки бедор ба ёди ёр аст,
Гардун ҳама бедору замин хоб бувад.

## ШОДӢ ГУЗАРАД…

Гуфтам гузарад умру ғамам кам гардад,
Ҳар рӯз вале ғаме ба ғам зам гардад.
Як лаҳза агар насиби шодиям ҳаст,
Шодӣ гузарад, баробари ғам гардад.

## МЕСӮЗАД

Ҷонам туву ҷони дигарам месӯзад,
Н-ойӣ ба барам баргу барам месӯзад.
То оташи ишќат ҷигарам месӯзад,
Аз оташи дил хушку тарам месӯзад.

## СУБҲИ ДУРӮҒИН

Аз рӯзи азал расми ҷаҳон ин бошад,
Гар меҳр набошад ба дилат, кин бошад.
Тарсам зи шаби дарози ялдое нест,
Тарси ман аз он субҳи дурӯғин бошад.

## АЗ МОСТ, КИ…

Ҳар ришта канад, боз ба ҳам баста шавад,
Бояд гираҳе хурад, ки пайваста шавад.
Шохе, ки бурида гардад аз банди дарахт,
То решаи худ бурад, табардаста шавад.

## НИЁЗИ ПАЯМБАР

Роҳе, ки тавонадат ба маҳфил бибарад,
Шояд, ки шабе ба маҳфили дил бибарад.
Баъзан натавонад, ки паямбар ҳатто
Бе маркабу курра раҳ ба манзил бибарад.[1]

## ТОҶИ ХУРӮС

Доданд туро, чор арӯсат доданд,
Аз шуғл фақат канору бӯсат доданд.
Корат ҳама гирди мокиёнҳо гаштан,
Ин тоҷ магар тоҷи хурӯсат доданд?!

## ОЙИНА БИШАВ!

Бар рӯй мадав, ки обрӯят резад,
Бадхӯй машав, кина ба дил омезад.
Зангори дили сиёҳи худро бизудо,
Ойина бишав, соя зи ту бигрезад.

## ГАРМУ САРД

Ҷое, ки бувад сард, бувад гарм зи дард,
Фарқ аст миёни гули сурху гули зард.
Ҳоло нафақат хона, ки дунё сард аст,
Дилгарм чӣ сон шавам дар ин олами сард?!

---

[1] Ишора ба Китоби Муқаддас, Инҷили Матӣ, боби 21, ояҳои 1-2:

"... Исо ду нафар аз шогирдони худро фиристод. Бад-эшон гуфт дар ин қария, ки пеши рӯи шумост, биравед ва дарҳол улоғе бо курраш баста хоҳед ёфт, онҳоро боз карда назди ман биёваред.

Ва ҳар гоҳ касе ба шумо сухане гӯяд, бигӯед, Худованд бад-инҳо эҳтиёҷ дорад, ки филфавр онҳоро хоҳад фиристод."

## ЧИЛЧАРОҒИ ХУРШЕД

Хуршед, ки чилчароғи хеш афрӯзад,
Сӯяш назаре кас натавонад дӯзад.
Ҳар кас, ки аз ӯ лек бигардонад рӯ,
Дар зулмати бардавом рӯяш сӯзад.

## ГАРДУНИ ФИТНА

Ҳар кас ба фанои самараш мегиряд,
Дил об шавад, чашми сараш мегиряд.
Ғам нест, вале зи кишти худ гардунро,
Ин фитна ба домони тараш мегиряд.

## ДЕВОРИ НАМКАШ

Кас хӯрд чу пеши по, парӯ меафтад,
Як бор фитад, зи обрӯ меафтад.
Аз ҳар чӣ вале ту нам макаш чун девор,
Девор, ки нам кашад, фурӯ меафтад.

## ШИРИНУ ШАКАРЛАБ

Ҳар ҷо, ки шакарлабест, ширин нашавад,
Дилдодаи он, шефтаи ин нашавад.
Ин ёр, ки чун насим бар мо гузарад,
Сад ҳайф, ки дер ояду дерин нашавад.

## НА БУЛБУЛУ НА ЗОҒ

На хандаи лолаву на доғе монад,
На сабзаи роғеву на боғе монад.
Афсӯси баҳору дай маҳӯр беҳуда,
На булбули зореву на зоғе монад.

## ЗОҒ БУЛБУЛ ГАРДАД

Кай хори хасак шукуфтаву гул гардад,
Ё аккаи бадсигол сулсул гардад?
Бар синаи ман дарояд ар зоғи сиёҳ,
Овои дилам шунида булбул гардад.

## ВАЪДАСЕР

То кай гӯйӣ, ки гул ба Наврӯз дамад,
То он зи дилам оҳи ҷигарсӯз дамад.
Аз ваъдаи фардои дурахшон серам,
Хуршеди Худо барои имрӯз дамад.

## ШОГИРДУ КИТОБ

Устод ба шогирди наве рӯй овард,
Кай мехарӣ, охир, ту китоб, эй бедард?
Шогирд дар он сардии дай чашм ба зер
Попӯши фиту дарида пинҳон мекард.

## МЕҲНАТИ ФАРҲОД

Ёре, ки сабур нест, дерин нашавад,
Ҳар мавҷи барин гавҳари зерин нашавад.
Шабҳоят агар шакарлабе бӯса диҳад,
Бе меҳнати Фарҳод, ки Ширин нашавад.

## СУФИ САФЕДУ ДИЛИ СИЁҲ

Аз чашми Худо гунаҳ ниҳон натвон кард,
Чун доғ ба рӯи маҳ ниҳон натвон кард.
Пӯшӣ ҳам агар дусад қабат суфи сафед,
Бо ҷома дили сияҳ ниҳон натвон кард.

## ЗАМИНИ БЕОСМОН

Нақше ба замин аст, замон ҳам дорад,
Ҳар лаҳзаи бенишон нишон ҳам дорад.
Эй он, ки ба вусъати заминат нозӣ,
Баргӯ, ки заминат осмон ҳам дорад?!

## ПОЙИ ДАРОЗУ ГИЛЕМИ КӮТАҲ

Оне, ки зи асрори раҳ огаҳ бошад,
Донад, ки паси бераҳае раҳ бошад.
По ҳадди гилеми худ тавон кард дароз,
Аммо, чӣ кунам, гилем кӯтаҳ бошад?!

## ЛЕСИДАНИ ХУН

Дар олам агар муфлису доро бошад,
Ҷанг асту муроди мо мудоро бошад.
Аммо ту ба роҳи ҳақ, ки хуншор шавӣ,
Лесидани хуни худ гуворо бошад.

## МУАММО

Ҳоло ҳама ҳарфи адлу инсоф зананд,
Аҳлам вале аз ин ҳама банд аст, ки банд.
Гар донаи пуч астӣ, дур андозанд
В-ар донаи пурмағз астӣ, даршикананд.

## ПАЙҒАМБАРУ ҲУД-ҲУД

Ҳар зодаи дунё хабар аз худ дорад,
Таъбиру тааммуқ ба буду шуд дорад.
Эй он, ки занӣ даъвии дониш, донӣ,
Пайғамбар ҳам ниёзи ҳуд-ҳуд дорад.

## ТАҶОҲУЛИ ОРИФ

Чун захма ба тори уд дармеояд,
Оҳанги хуши суруд бармеояд.
Оташ зада бар шохи тари умр маро,
Гӯйӣ, зи чӣ аз ту дуд бармеояд?!

## ПАЙМОНИ ВАФО

Побастаи худ ба даҳр побаста бувад,
Ворастаи худ зи даҳр вораста бувад.
Эй одами хокӣ, мабар аз ёд, ки худ
Яздон ба ту паймони вафо баста бувад.

## САРЧАШМА

Умрам, ки чу рӯди тундҷарёне буд,
Ҷонам ба шиноварӣ даме ҳам н-осуд.
Азбаски ба рафти об беле назадам,
Имрӯз расидам сари сарчашмаи рӯд.

## ЧАШМИ БИНО

Ҳар гоҳ, ки инсон зи замин дур шавад,
Чун зодаи обу хок манзур шавад.
То чашми фалакнавард бошад бино,
Магзор ба хок чашмае кӯр шавад.

## «ТУЮ МАН»

Дардо, аламо, фасли чаман мегузарад,
Дар баҳси ду-се қалбсухан мегузарад.
Фардо, ки зи ман шеъру сухан мемонад,
Ин умри шумо бо «тую ман» мегузарад.

## ШЕВАИ ЗИНДАГӢ

Аз даъвии бисёр маро ғам гирад,
К-он хеш бузургу дигаре кам гирад.
Гар шеваи зиндагӣ бувад доду гирифт,
Боист, ки одам дили одам гирад.

## БИМИ ХАЗОН

Иҷро ҳама кас амри замонаш бикунад,
Ҳарчанд ки пирасар ҳамонаш бикунад.
Оё ба баҳор ғунча хандон нашавад,
Аз бим, ки он ханда хазонаш бикунад.

## АҶАБ РАФТОРЕ

Ишқе, ки беҳ аз шароб мастам дорад,
Масти абад аз рӯзи аластам дорад.
Онро ба мани ошиқ аҷаб рафторест,
Андозадам аз пою зи дастам дорад.

## ФАНДИ ЗИНДАГӢ

Аз раҳмати зиндагӣ махур ҳаргиз фанд,
Дарёи ҳаётат, ки диҳад ин сон панд:
Садчанду ҳазор тухм монад моҳӣ,
Шояд ки аз он камол ёбад якчанд.

## НИШОНИ КӮҲ

Ман ҳамқадами рӯди равон хоҳам буд,
Дар ҳар қадами хеш ҷавон хоҳам буд.
Ҳарчанд равам ба домани даштистон,
Аз кӯҳи фалаксой нишон хоҳам буд.

## БОЛОВУ ПОЙИН

Ғамро ғами дигаре ба таскин орад,
Ҷӯйидани дил ҳазор ойин дорад.
Роҳе, ки барад туро ба сӯи боло,
Баръакс равӣ, туро бо пойин орад.

## НИҲОЛИ КАҶ

Кай олами пир бекаму кост шавад,
Ё он чӣ дар ин даҳр дилат хост, шавад.
Гар рост шавад ниҳоли каҷ, пирдарахт
Сад ҷо шиканад, валек кай рост шавад.

## ЗАМОНИ МОДАРАНДАР

Мо тифли замон, замон ба модар монад,
Тифлаш ба қудуми неки он сар монад.
Афсӯс, ки ин модар агар шир диҳад,
Шираш ба гулӯ чу ширае дармонад.

## ҶАВШАНИ ҶОН

Ман чашм шавам, чашми шумо равшан бод,
Ман хор шавам, хори шумо гулшан бод.
Тире, ки нишинад ба ниҳонгоҳи дилам,
Бар ҷони ҳавасманди шумо ҷавшан бод!

## САНГУ ОЙИНАВУ ДИЛ

Ин гӯша магар хонаву манзил нашавад,
Ин шамъ магар чароғи маҳфил нашавад,
Гар даст ба асли санг ёбӣ ба ҳунар,
Санге, ки шуд ойина, магар дил нашавад?!

## «ДИЛОГОҲ»

Бе пойи равон кӣ омили роҳ бувад,
Бо гӯши гарон кӣ воқифи оҳ бувад.
Нашнида ба умри хештан бӯйи ғаме,
Ҳайронам аз он, ки чун дилогоҳ бувад?!

## БАДТАР АЗ МОР

Ободии кас туро ба қаҳр андозад,
Ин рашку ҳасад туро зи даҳр андозад.
Беҳуда чаро заҳр занӣ, ҳатто мор
Танҳо паи ҳифзи хеш заҳр андозад.

## ОҚИБАТБИН

Онон, ки пайи луқмаи ширинастанд,
Фарбеҳ зи раҳи гӯш чӣ камчинастанд.[1]
Бо аҳли назар сӯҳбати хӯрдан кам кун,
К-ин зумра ҳамеша оқибатбинастанд.

## АФТОДА

Эй кош, мабод мард аз по афтад,
Бардоштанаш ба гардани мо афтад.
Санге фитад аз кӯҳ, наистад дигар,
Афтодаи як ҷой, зи сад ҷо афтад.

---

[1] Мавлавӣ гӯяд:
Одамӣ фарбеҳ шавад аз роҳи гӯш,
Гову хар фарбеҳ шавад аз роҳи нӯш.

## КУШОДИ КОР

Гар хушк кунам боғу баҳорамро худ,
Сарсабз кунам дарахти дорамро худ.
Аз коркушоям набувад баски умед,
Эй кор, бидеҳ кушоди корамро худ!

## ИСТОДАН

Оне, ки зи буни худ ҷудо меафтад,
Гар мешиканад, чӣ бесадо меафтад.
Истодани ман бувад чу истодани кӯҳ,
Аз пой афтам, кӯҳ зи по меафтад.

## БА ҶОЙИ ҶОН

Ин кӯҳ зи ман ҳарфу забон мехоҳад,
Ин рӯд зи ман савти равон мехоҳад.
Аҳсант ба шоир, ки ҳама дар дунё
Як ҷони варо ба ҷойи ҷон мехоҳад.

## ШЕЪРУ ШЕР

Ҳуш дор, ки нест ченаки истеъдод,
Ҳар шаб ду-се шеър гуфтан аз ҳарфи касод.
Харгӯш ба як бор кунад чанд бача,
Аммо накунад шер зи як бача зиёд.

## НАШЪАИ ОСМОНӢ

Бо умри ҷавон ҷавониям мебояд,
Дил додану дилситониям мебояд.
Бӯйе барам аз хоки қадамҳои нигор,
Сад нашъаи осмониям мебояд.

## КӮЙИ ВАФО

Дилро ҳаваси ёр ҷавон гардонад
В-арна ғами зиндагӣ хазон гардонад.
Дар кӯйи вафо агар тавонӣ мурдан,
Ҳар лаҳзаи умр ҷовидон гардонад.

## ДИЛИ ОБ

Даймоҳ шуду меҳри ту ноёб бишуд,
Ҳам ҳолазанон чеҳраи маҳтоб бишуд.
Аз сардии ту ях зада буд обу гилам,
Омад маҳи найсону дилам об бишуд.

## ПАРВОНАИ ДИЛ

Гар баҳси вафо ба обу гил мегардад,
Аз меҳри дилам меҳр хиҷил мегардад.
Ҷое, ки бувад дил, чӣ бувад шамъу чароғ,
Парвонаи ман ба гирди дил мегардад.

## ИНШОИ СУХАН

Ҳар кас, ки сухан сохт, ватан иншо кард,
Ҳуббулватане ба ҷону тан иншо кард.
Бар хома набуд саҳл иншои сухан,
Сарро ба буриш доду сухан иншо кард.

## ГУНБАДҲО

Аз аҳли башар кас ба ҳавоям нарасид,
Рафтам ба фалак, малак ба поям нарасид.
Гар гунбади аршро садоям бардошт,
Бар гунбади шаҳри худ садоям нарасид.

## ПАРВОЗИ БАЛАНД

Чун синаи арш аст пур аз рози баланд,
То гӯши баландаш расад овози баланд.
Бо боли замингир ба гардун нарасӣ,
Парвози баланд хоҳад оғози баланд.

## ГАРДАНАИ КӮҲ

Мусича, ки баҳри лона хас мегирад,
Беҳуда уқобро магас мегирад.
Онро, ки ҳамеша зист дар домани дашт,
Дар гарданаи кӯҳ нафас мегирад.

## ЛУТФИ ХУДО

Аз лутфи Худо ҳар он чӣ кас мегирад,
Рӯзаш, ки расад, Худош пас мегирад.
Чун расми ҷаҳон аст ҳама доду гирифт,
Оне, ки нафас дод, нафас мегирад.

## ХАСЛОНАИ БУЛБУЛ

Шоир, ҳама бо шеъри тарат менозад,
Аммо рухи ту ранг зи ғам мебозад.
Булбул, ки шукуфад чаман аз овояш,
Аз хору хасе лона ба худ месозад.

## «ХУШИҚБОЛӢ»

Мағрур, ки бар само парад, зер афтад,
Аз авҷи ғурур зуд ё дер афтад.
Эй Бор Худо, ин чӣ насибам додӣ,
Ман дом ба харгӯш ниҳам, шер афтад.

## СОЯРАВИ БОЛ

Одам зи азал бахту ато меҷӯяд,
Аз Ҳақ, ки наҷӯяд, ба хато меҷӯяд.
Ҳайфо, ки на дар қаламрави равшани меҳр,
Дар соярави боли Ҳумо меҷӯяд.

## ҶАБР

Ҳар чиз, ки ҳамсони гуҳар бархезад,
Ҷабраш бикунӣ, хӯйи дигар бархезад.
Гар санг занӣ бар сари санги сангин,
Ҳарчанд ки санг аст, шарар бархезад.

## БЕЧОРА ХАРАК

Бечора харак, туро, ки ҳай меронанд,
Худ гарчи на аспанд, харат мехонанд.
Азбас бикашӣ бори харонро хомӯш,
Ин каллахарон чу худ харат медонанд.

## ҶУНБИШИ ГАҲВОРА

Дилбохта, к-аз пайи дил овора бувад,
Оворагияш ба дарди дил чора бувад.
Тӯфон, ки бинои киштӣ аз ҳам резад,
Бар моҳию бат ҷунбиши гаҳвора бувад.

## ДУДИ ЗАМИН

То ҷабру ситам ба мағзи ҷонҳо нарасад,
Бар ҳеҷ чӣ дасти нотавонҳо нарасад.
Як умр, ки гардун занад оташ ба замин,
Дуде зи замин ба осмонҳо нарасад.

## МУШТОҚИ ЁР

Имшаб, ки висоли ёр бошад мақсад,
Дар базмгаҳи Зӯҳра Масеҳо рақсад.
Муштоқ ба ёранд ба зери гардун,
Пайғамбару уммат ҳама сад андар сад.

## СОҲИЛИ ИШҚ

Беғам, ки ба миқдори ғами дил нарасад,
Дорост агарчи, бар ками дил нарасад.
То дар дили дарё нашавӣ ғарқ, эй дил,
Киштии муҳаббатат ба соҳил нарасад.

## ШУКРИ ҒАМИ ТУ

Бо ту нафасе ба ҷовидон меарзад,
Гумноми дарат ба сад нишон меарзад.
Имкони висоли ту нагунҷад ба хаёл,
Шукри ғами ту ба сад ҷаҳон меарзад.

## ҶУРЪАИ МАЙ

Овард ба лаб ҷонам агар, ишқ овард,
Парвард агар ҷони маро, он парвард.
Як ҷуръа маям дода зи нӯшин лаби ёр,
Як умр дилам аз ғаму ҳасрат пур кард.

## ОСМОНИ ҲАФТӮМ

Эй гул, ту маро дӯст бидорӣ, чӣ шавад?
Аҳволи дилам ёд биёрӣ, чӣ шавад?
Бо ишқи туям дар осмони ҳафтӯм,
Бар хоки сиёҳам нафурорӣ, чӣ шавад?

## ҲАВАСИ ОҒӮШ

Дил бо ғами дурии ту ангал бошад,
Ҳаҷрат зи висоли ғайр афзал бошад.
То он нафасам, ки хок оғӯш кунад,
Кош он ҳаваси оғуши аввал бошад.

## БЕҲУШ

Он шаб, ки фалак туро дар оғӯшам кард,
Як нағмаи ҷонфазой дар гӯшам кард.
То ишқи ту беҳуш будам дар дунё,
Ишқи ту баҳушу боз беҳушам кард.

## ОЙИНААФРӮЗ

Барқе, ки шарори кинаро афрӯзад,
Он беҳ, ки чароғи синаро афрӯзад.
Дар чашмат агар ба дуди ғам сӯзам ман,
Хокистари ман ойинаро афрӯзад.

## УЛВИЯТ

Ин давлати мо на аз ғано мебошад,
Улвияти мо на аз ғизо мебошад.
Ин гунаи он ду устухонхореянд,
К-он як сагу дигаре Ҳумо мебошад.

## ДИЛИ ОЙИНА

Як лаҳза магар замона дар нанг шавад,
З-он ки рухи гул ба хуни гул ранг шавад.
Он санг занад бар дили ойинаи мо,
Ойина чӣ гуна сипари санг шавад?!

## ҚУФЛИ ДИЛ

Ку ҳамдами дил, ки бо ту дамсоз шавад,
Дар хонаи дил бо ғамат анбоз шавад.
Заҳмат ба кушодани дари ёр макаш,
Қуфли дили ӯ кушо, ки дар боз шавад.

## ГАРМИЮ САРДӢ

Бемеҳрии ту обу гилам месӯзад,
З-ин ғам чӣ нависам, ки қалам месӯзад.
Гармии канори ту, надонам, чӣ кунад,
Аз сардии ту ҷону дилам месӯзад.

## ҒАМУ ШОИР

Ин зӯрии дарди ту маро қодир кард
В-ин ишқи ниҳони ту маро зоҳир кард.
Буд меҳри сухан дар диламу лек ғамат
Бунёди маро сӯхтаву шоир кард.

## ҚИССАИ ИШҚ

Ин реши ғами ту бозтар мегардад,
Андӯҳи ту пургудозтар мегардад.
Чандон ки зи ишқи ту сухан мегӯям,
Ин қисса аҷаб дарозтар мегардад.

## ҲАЛОЛУ ҲАРОМ

Онро, ки зимоми давр дар даст афтад,
Боло зи ҳади хеш парад, паст афтад.
Ҳайфо, ба ҳаром агар шавад банда ҳалол,
Моҳӣ зи барои кирм дар шаст афтад.

## ТИҲИВУ ПУР

Аз рафтани дам кист, ки дар ғам нашавад,
Ҳар дам, ки равад, ба зиндагӣ зам нашавад.
Бар чоҳи амиқи зиндагӣ менигарам,
Ин чаҳ нашавад тиҳиву пур ҳам нашавад.

## ГИРДОБИ ЖАРФ

Умрат, ки ба эъмори сухан сарф шавад,
Ҳайф аст, ки маънӣ талафи ҳарф шавад.
Бар умқ расид он, ки ба худ бехуд рафт,
Гирдоб, ки дар хеш равад, жарф шавад.

## КАҶУ РОСТ

Пойи ман аз он раҳ, ки дилам хост, равад,
Он раҳ, ки раҳи савобу волост, равад.
Аз ростравон каҷравӣ асло н-ояд,
Дар ҷӯйи каҷе оби равон рост равад.

## БОМУ ФАЛАК

Дар фасли шабобу ишқ дерӣ накунанд,
То боз сақил бори пирӣ накунанд.
Бар бом, ки рафтӣ, ба фалак бояд рафт,
Дар гӯшаи бом гӯшагирӣ накунанд.

## МАРД

Дар арсаи умр ҳар кӣ мардӣ дорад,
Озор бибахшояду худ н-озорад.
Марди ҳунар он нест, ки меафтонад,
Марди зафар он аст, ки мебардорад.

## ЧАҲУ ЧАШМБАСТА

Аввал ба баҳои худ баҳоям карданд,
Аммо чӣ, бубин, дар интиҳоям карданд.
Дар рӯйи раҳе, ки ҳар қадам дошт чаҳе,
Бастанд ду чашмаму раҳоям карданд.

## ШОҲРОҲУ КАФШИ ТАНГ

Ӯро, ки сафо буд, туро лек чӣ буд,
Оне, ки ба ӯ дод, зи ту ё нарабуд.
Кай буд фароғи дигар осоиши ту,
Гар кафши ту танг аст, зи шаҳроҳ чӣ суд?!

## ОСЕМАВУ ОҲИСТА

Эй дил, ба ту ин роҳ муборак бошад,
К-онро ғами бешу шодӣ андак бошад.
Дар роҳи дарозе, ки надорад поён,
Осемаву оҳистаравӣ як бошад.

## ФАРЁДИ БЕҲАВО

Бар хотири шодат асари ғам нарасад,
Ҳарчанд висоли ту ба мо ҳам нарасад.
Дилро чу ҳаво нест, зи фарёд чӣ суд,
Ҷойе, ки ҳаво нест, садо ҳам нарасад.

## ДИЛ ДОДАНУ ҶОН БУРДАН

Дилро зи ғами ҳаҷр амон бояд дод,
Бар ними нигаҳ кулли ҷаҳон бояд дод.
Дар кӯйи муҳаббат зи азал расм ин аст,
То дил ба туе диҳанд, ҷон бояд дод.

## ХОКПОШӢ БАР ЧАШМ

Эй халқ, туро чӣ хоҷагоне бошанд,
Гӯё зи ғамат чу ҳезуме дар дошанд.[1]
Хоки қадамат чу тӯтиёе гиранд,
Гиранду бибӯсанду ба чашмат пошанд.

## ҲУМО

Дар бахри фалак, ки Каҳкашон зов бувад,
Абре, ки биборад аз само, нов бувад.
Ман мурғи Ҳумоям, осмонҳо бар дӯш,
Оне, ки кашад бори замин, гов бувад.

## ДИЛСАРДИ ЗАМОН

Эй кош, дили ҷамъ мушавваш нашавад,
Дар банди баду бало балокаш нашавад.
Гарчи ба сараш сад офтоб афрӯзанд,
Дилсарди замон гарм ба оташ нашавад.

## РӮЗИВУ РӮЗ

Аз рӯзии хеш беш натвонӣ хӯрд,
Рӯзат нарасида пеш натвонӣ мурд.
Шабнам накунад пиёлае ҳаргиз пур,
Баҳре ба пиёла низ натвонӣ бурд.

## ДОМОНИ МАРЯМ

Ин об, ки аз чашмаи Зам-зам ояд,
Об аст, вале ҷойи дигар кам ояд.
Домони ҳама наёварад пайғамбар,
Исо фақат аз домани Марям ояд.

---

[1] Дош – оташдон

## ХУРШЕДУ ШАБПАРА

Дил хоб бувад, кист, ки ҳушёр кунад,
Афрӯхта ҷонрову шарарбор кунад.
Хуршед, ки бедор кунад оламро,
Як шабпараро ҳеҷ, ки бедор кунад.

## ЧАМАНУ ЯХБАНДӢ

Гӯйӣ, фақат офтоб дар чархи кабуд
Бар кулли ҷаҳон нигаҳ ба як чашм намуд.
Ҳайҳот, ба як чашм агар медид он,
Як сӯ чаману дигар су яхбандӣ буд?!

## ҒУРУБИ ЛОЛАГУН

Бар нӯҳ фалаки ҷаҳон сутун бояд буд,
Бар рағми фалак марди бутун бояд буд.
Хоҳад дами вопас рухи ту зард кунад,
Монанди ғуруб лолагун бояд буд.

## КУШТАНУ ҲАЙКАЛ

Ин зумра куҷо як қадам аввал биниҳанд,
Поро, ки ба меъёри пайи шал биниҳанд.
Аҳсант ба мардуме, ки беҷурм туро
Аввал бикушанд, баъд ҳайкал биниҳанд.

## САНГИ САЙҚАЛ

Он дил, ки барӣ аз ҳасаду кина бувад,
Як мушти фурӯзанда бари сина бувад.
Санге, ки ба чашми ту бувад сарду сияҳ,
Дар дидаи мо сайқали ойина бувад.

## ТАРМАФУРО

Афсӯси касе, ки пурхато мегардад,
Аз ҳикмати кӯҳу тал ҷудо мегардад.
Оҳиста сухан гӯй, ки дар қуллаи кӯҳ
Ҳарфе сабаби тармафуро мегардад.

## ҲАРФИ ТОҶИК

Аз миллату аз забони худ ёд кунед,
Арвоҳи гузаштагони худ шод кунед.
То гӯши ҷаҳон ба ҳарфи тоҷик бувад,
Тоҷик шаведу тоҷик обод кунед.

## НОҚОБИЛИ ПАРВОЗ

Ҳар синаи сард маҳрами роз нашуд,
Нодидағаме ба ғамкаш анбоз нашуд.
Дидам ба шутурмурғу бигуфтам, бешак,
Ҳар болу паре қобили парвоз нашуд.

## ПАРДАИ РОЗ

Овардаи ту яқин туро боз барад,
Ку марди хирад, ки пардаи роз дарад.
Чизе ба замин беғараз асло бошад,
Хоке, ки хуронадат, туро боз хурад.

## ТАНӮРИ БЕВАЗАН

Қисмат, ки ба кас ба меҳру озарм шавад,
Дарёб, ки санг бистари нарм шавад.
Аз хору хасе, ки дар назар чизе нест,
Бинӣ, ки танӯри бевазан гарм шавад.

## СОЯ

Ин соя, ки аз қафои мо мегардад,
Бепоя, вале пойи ба по мегардад.
Ҳар гоҳ, ки хуршед биёяд ба қиём,
Он гоҳ зи мо соя ҷудо мегардад.

## ОБУ ОТАШ

Ин абри баҳор бо алам мегиряд
В-ин мурғи ҳаво тори сарам мегиряд.
Умрам, ки миёни обу оташ гузарост,
Дил месӯзад, чашми тарам мегиряд.

## ОШИҚИ ПЕЧОН

Рафтам зи пайи дил, ки ба боғат овард,
Боғе ҳама булбул буду боғе ҳама вард.
Бо ёди ту беёд, ки меистодам,
Печида ба ман ошиқи печон гул кард.

## БАРЗГАР

Чандин нафасам гузашт бе шеъру суруд,
Чандин нафасам зи умр гӯё ки набуд.
Чун барзгаре будам, ки дар хоки вуҷуд,
Кишти чаманаш расидаву ӯ надуруд.

## ДАРСИ МУҲАББАТ

Имрӯз маро ту имтиҳон хоҳӣ кард,
Сад гуна савол аз ину он хоҳӣ кард.
Ман ғайри муҳаббатат намедонам дарс,
Ин масъаларо ту ҳал чӣ сон хоҳӣ кард?

## СУРАЪТИ УМР

Матлуби ман аз роҳи талаб меояд,
Ҳар лаҳза агарчиям аҷаб меояд.
Шаб мегузарад ду чашм бар ҳам назада,
Рӯзам нарасида, боз шаб меояд.

## АБР

Абре ҳама шаб дар осмонҳо зорид,
К-ин зораи ман ба гӯш оё форид:
Абре, ки нишаст дар биёбон, хушкид,
Абре, ки ба баҳр рафт, дарё борид.

## ПАЙМОНА

Як кас ғами ҷону дигаре ҷом хурад,
Донӣ ту магар, кӣ фанди айём хурад.
Паймона чу пур гашт ба даври гардун,
Моҳе, ки шаб афрӯхта буд, шом хурад.

## ЧАШМОНИ НОСЕР

Қадде, ки камон гашт, зи нав тир нашуд,
Шуд навъи башар пир, ҳавас пир нашуд.
З-он ризқи худодода, ки хӯрдем ба даҳр,
Дандон ҳама рехт, чашмамон сер нашуд.

## МОҲИ КОМИЛ

Ҳар дил, ки ба хайри халқ моилтар шуд,
Он қадр муроди умр ҳосилтар шуд.
Дидам, ки маҳе ба чордаҳ рӯз ба даҳр
Ҳар қадр, ки нур дод, комилтар шуд.

## ДАСТУ ОСТИН

Ҳар кори ҷаҳонро, ки яқин мебояд,
Гар ҳам набувад чунон, чунин мебояд.
Андозаи остин намебояд даст,
Андозаи даст остин мебояд.

## ДАР ПАСИ БОҒ

То раҳгузари туям, ки як манзил монд,
Аз буду набуди ман фақат як дил монд.
Девона шудам ба бӯйи гул дар паси боғ,
Аҳсант ба он, ки назди гул оқил монд.

## ОБИЛАИ ДИЛ

Ин тарки биҳишт карда, манзил чӣ кунад,
Худрову Худо бохта, маҳфил чӣ кунад.
Аз обилаи даст ту нолӣ, эй дӯст,
Ин сӯхта бо обилаи дил чӣ кунад?!

## НОМИ БАЛАНД

Хуршед чу пойин равад аз боми баланд,
Кӯтоҳ шавад рӯзу расад шоми баланд.
Бинӣ, ки Худой ҳам ба абнои башар,
Ё боми баланд дода ё номи баланд.

## БӮСАГАҲИ ХАЛҚ

Бигзор, барад саҷда ба Яздон זану мард,
Дар пойи буте ё ба сияҳхораи сард.
Пайғамбари ҳар давру замон ҳам бошӣ,
Бар бӯсагаҳи халқ нашояд туф кард.

## ШУНИДАН Ё НАШУНИДАН

Гулро ба дами баҳор дидан беҳ буд,
Ё баҳри висоли ёр чидан беҳ буд.
Бар мурғи чаман ҳарфи рухи раънояш
Шояд зи шунидан нашунидан беҳ буд?!

## НАВОИ БУЛБУЛУ ҒУНГОСИ ОРУ

Он кист, ки торӣ аз шаби тира барад,
Олудагие зи чашмаи хира барад.
Булбул ба наво об шавад дар сари гул,
Ғунгас занад оруву зи гул шира барад.

## ҲУРЕ, КИ ЗОЛ АСТ

Донӣ, ки пагаҳ чӣ гунаат ҳол бувад,
Ин қадди алиф зи бори ғам дол бувад.
Аз даҳр фиреби наварӯсӣ нахурӣ,
Ҳуре, ки ба бар мекашияш, зол бувад.

## САЙРОНГАҲИ ФИКР

Ҳар чӯҷаи навбол ба боло нарасад,
То бар таярони мурғи доно нарасад.
Сайронгаҳи болу фикр дигар-дигар аст,
Он ҷо, ки расад фикр, пару по нарасад.

## СӮХТАНИ ХОМӮШ

Ҳар кас ба ҳарими дил назар медӯзад,
Худро ба чароғи дил ҳамеафрӯзад.
Булбул ба фиғону нола obод бувад,
Парвона хамӯш аст, вале месӯзад.

## СУОЛ

Ин боми фалак баҳри чӣ афрохтаанд
В-ин фарш ба зери қадам андохтаанд.
Хандон шамъе, ки пойи худ равшан кард,
Гӯё ки варо барои ӯ сохтаанд.

## РЕШАВУ ШОХА

Оне, ки хазон дид, баҳорон чӣ кунад,
Аз ҷон, ки гузашт, меҳри ёрон чӣ кунад.
Суде набувад дигар ба боридани абр,
Гар решаву шоха сӯхт, борон чӣ кунад?!

## СЕЛУ БОРОН

Чун ёр бирафт, таъни ёрон чӣ кунад,
Ё меҳру вафои дӯстдорон чӣ кунад.
Бокам набувад зи тундару абри сиёҳ,
З-он ҷо, ки гузашт сел, борон чӣ кунад?!

## РАНГИ БАРФ

Гардун ҳама тирарӯву шуд дашт сафед,
Ҳар кас, ки сияҳ омада, баргашт сафед.
З-он даҳшати сармо, ки зимистон овард,
Ранг аз рухи барф кандаву гашт сафед.

## ДАРИ ҶАННАТ

Умре Қуръон хондаму Занду Позанд,
Таврот ҳам Инҷил, зи Буддо ҳам панд.
Бар ҷаннати ӯ набуд дар ҷуз дари дил,
Бикшо, ки кушоянд, бубандӣ, банданд.

## ЗАБОН

Ман ҳеҷ надонам, ки чӣ хуб асту чӣ бад,
Андешам агарчи аз азал то ба абад.
Тифле, ки ба як сол баровард забон,
Сад сол нигаҳ доштанаш омӯзад.

## ГИРЕҲКУШО

Ақл аст, ки ҳар банди замон бикшояд,
Гар банди Худоист, чӣ сон бикшояд.
Сарриштаи тақдири ту гар хӯрд гиреҳ,
Оне, ки гиреҳ баст, ҳамон бикшояд.

## ГУМҶӮЙӢ

Ин дил, ки зи ҷовидон нишон меҷӯяд,
Гуфт он чӣ қазо гӯй, ҳамон мегӯяд.
Гумкардахудӣ ва ё Худогумкарда,
Ҳар кас ки чӣ гум кард, ҳамон меҷӯяд.

## ХОКБОДКУНӢ

Ин расми куҳан аҳли башар ёд кунад,
Имдод кунӣ, Худоят имдод кунад.
Хоке, ки ба як нафар диҳад фарри шаҳӣ,
Ҳайф аст, агар хоки дигар бод кунад.

## ГАРОНБОР

Киштӣ, ки ба рӯйи мавҷи бисёр бувад,
Пурбор бувад, раҳаш чӣ ҳамвор бувад.
Фардои қиёмат ҳам аз он Пули Сирот,
Осон гузарад, ҳар кӣ гаронбор бувад.

## РАВШАНГАРИ ДИЛ

Шуд даҳр ба хобу чашми бедор бимонд,
Ранг аз рухи рӯз шуд, шаби тор бимонд.
Гуфтам, фалако, ойинакори дил бош,
Равшангари дил бибурду зангор бимонд.

## ҲАНГОМИ ХАЗОН

Бар домани умр хушку тар мечаспад,
Чун меканад он, дудастатар мечаспад.
Ҳар барг ба ҳангоми хазон аз шохе
Гар канда шавад, ба хоки тар мечаспад.

## БАҲОРИСТОНУ МАЗОРИСТОН

Будем ба арше, ки баҳористон буд,
Рафтем ба фарше, ки низористон буд.
Даште, ки гузаштем, шикористон буд,
Ҷойе, ки расидем, мазористон буд.

## ДИЛҲОИ ДУР

Ғойиб набувад ёр, ки чашмон кӯранд,
Ёрон ҳама ҷо ба чашми дил манзуранд.
Дурӣ набувад ба васли дилҳо монеъ,
Маҷҳурӣ аз он аст, ки дилҳо дуранд.

## ЛОЛИ ГӮЁ

Дил бинад агар зишт, накӯ мегӯяд,
Чизе, ки бигӯямаш, магӯ, мегӯяд.
Лоле, ки набошадаш забони гӯё,
Ҳарфаш ба забони чашму рӯ мегӯяд.

## МОҲИВУ НАҲАНГ

Сад чаҳд кунӣ, гурба паланге нашавад,
Мусича уқоби тезчанге нашавад.
Моҳичаи рӯдро ба баҳр андозӣ,
Моҳӣ шаваду лек наҳанге нашавад.

## ОҒӮШИ ТУ

Оғози маро, ки нест анҷомидан,
Натвон пайи субҳи ишқ шоме дидан.
З-оғӯши ту беҳтар ба ду олам набувад
Ҳам ҷойи тапидану ҳам оромидан.

## НОХАЛАФОНИ СИФЛАХӮ

Ин бехаберон ҷумла дар инкори киянд,
Худро ба гунаҳ сӯхта, ғамхори киянд.
Шаҳкору халифаи Худо гар моем,
Ин нохалафони сифлахӯ кори киянд?!

## ОҲ, ИН ҲАМА ЗАНҲО

Оҳ, ин ҳама занҳо чӣ аҷаб матлубанд,
Гоҳе чӣ дилозору гаҳе маҳбубанд.
Ман дар баду нек озмудам ҳамаро,
Бо бад чӣ баданд, хуб бошӣ,хубанд.

## ТАВОФИ ДИЛ

Гар кори диле зи кохи гил меомад,
Сад Каъба зи як дил на хиҷил меомад.
Афсӯс, ки нест Каъбаро пойи равон,
Мебуд агар, тавофи дил меомад.

## ЗОҒИ АЛО

Беғам агар аз айбу хато бояд буд,
Бо тирадилон рӯйсиё бояд буд.
То пес нахонанд сафедии туро,
Дар боғи бало зоғи ало бояд буд.

## МУШТЕ БА ФАЛАК

Ин даҳр, ки будам ҳама нобуд кунад,
Оҳе кашам аз ғам, нафасам дуд кунад.
Чун аввалу охирам ба муште хок аст,
Муште ба фалак кашиданам суд кунад?!

## ТАҲШИН

Сад сол, ки ғофил ба сари раҳ шинад,
Он ишқ вале дар дили огаҳ шинад.
Ҳар оби сабукмоя надорад таҳшин,
Обе, ки варо нест таҳе, таҳ шинад?!

## НИМИ ТАН

Дар ҳастии ман ними танӣ, ёдат бод!
В-он ними дигарро ватанӣ, ёдат бод!
Сад меҳр агар ба субҳи ту меҳандад,
Шоме, ки дар оғӯши манӣ, ёдат бод!

## МАҚСУДИ БАЛАНД

Гар роз биҷӯйӣ ту, биҷӯ рози баланд,
Дамсоз шавӣ, то ту ба дамсози баланд.
Пастӣ макун оҳанг, фақат баски диҳад
Мақсуди баланд боли парвози баланд.

## НИЁЗ

Ин ҳарф, ки мешавад қабулат ё рад,
Ҳаққ асту дуруст аст, вале сад дар сад.
Гар ҳаст ниёзат ба касе, бадбахтӣ,
Хушбахтӣ, агар касе ниёзат дорад.

## МУАММОИ САҲЛ

Одам, ки ғуломи нафсу ҳирсу зар шуд,
Одамгарияш сар омаду бесар шуд.
Дар ҷанги башар нест муаммое сахт,
Ман хубу ту бад – ҷанги ҷаҳонӣ сар шуд.

## ТАНҲОЙ

То кай ҷонат ба хидмати тан бошад,
Тан хидмати ҷон кунад, чӣ аҳсан бошад.
Дар маҳшари бозор набошам танҳо,
Танҳоии ман ҳамеша бо ман бошад.

## МАҚОМИ ТАМАЛЛУҚ

Чун хоса шудаст, зикри омаш набувад,
Ҷуз кибру ғуруру фикри хомаш набувад.
Аз маҳзи мақом нозаду мо донем,
Гар нест тамаллуқаш, мақомаш набувад.

## МАРГИ ХАНДОН

Ҳарчанд ки даҳр домани мо гирад,
Кай марди хирад домани дунё гирад.
Бингар ба гулу бубин, ки ҳангоми хазон
Пажмурда шавад, валек хандон мирад.

## РАҲҶӮИВУ ГУМРОҲӢ

Ҳақ он, ки зи доғи рӯй маҳ меҷӯяд,
Ё Коҳкашон аз пари каҳ меҷӯяд.
Он кас, ки наҷӯяд раҳ, гумраҳ нашавад,
Гумроҳ шавад, касе, ки раҳ меҷӯяд.

## ХӮРДАНУ БУРДАН

Маҳбубтарин машғалааш хӯрдан буд,
Чизе, ки нагунҷад ба шикам, бурдан буд.
Дар лавҳи қазо котиби умраш бинвишт,
Матлубтарин хидмати ӯ мурдан буд.

## ҶАШНИ ШОИР

Гумном набошам, ки маро ном диҳед,
Ноком набошам, ки маро ком диҳед.
Имрӯз, ки рӯзи ҷашни шоир бошад,
Ин ҷома гузореду маро ҷом диҳед.

## АБРИ ҒУРРОН

Андеша бувад аввалу гуфторат баъд,
Аз саъд чаро гаҳе намеояд саъд.
Абре, ки зи пунба ҳам ба нармӣ нарм аст,
Дар ҳам чу занад, барқ ҷаҳад, ғуррад раъд.

## ҲАМДИГАРХОР

Эй халқ, ки ҳар яке ба қасди зафаред,
Чун чашм на сӯйи хеш, сӯйи дигаред,
Бо он ки замин кулли шуморо бихурад,
То зинда дуе, яке дигарро бихӯред.

## БИНОИИ ОШИҚ

Дилбохтагони ишқ дилро шоянд,
Сарбохтагони ишқ абад мепоянд.
Гӯянд, ки чашми сари ошиқ кӯр аст,
Чашмони дилаш, вале аҷаб биноянд.

## ДАСТУ ПОЙ

Равшан назаре, ки аз ту чашмаш наканад,
Болост саре, ки сар ба поят фиканад.
Пойе, ки ба маъбад набарад, шал бодо,
Дасте, ки зи дасти кас нагирад, шиканад.

## ХИДМАТИ МАРДУМ

Онон, ки ба сад ҳизбу ҳукумат гараванд,
Гӯянд, ки бар хидмати мардум бираванд.
Гар хидмати халқ аст шараф хеш, чаро
Як бор нахоҳанд, ки мардум бишаванд.

## САНГИ ОБИСТАН

Гоҳе, ки ба ту умеди пайвастан буд,
Мавҷудиятам раҳини дил бастан буд.
Раҳҳои ҷаҳон сӯйи ту мебурд ҳама,
Санги сари раҳ ба ишқ обистан буд.

## ОЯНДА

Онро, ки набуд поя, поянда намонд,
Сарсабзу тановару физоянда намонд.
Ояндаи ман буд ҳазору сад сол,
Чун шуд, ки дар он гузашту оянда намонд?

## ОҒӮШИ ҲИЛА

Гар як нафарат ба меҳр оғӯш кашад,
То ҷоми вафо чашонаду меҳр чашад,
Дигар зи сари ҳила, вале бо ханда
Оғӯш кашад, то хафаат карда кушад.

## МОҲИ БЕАЙБ

Бар росту ҳақ ба дидаи райбе дид,
Худ лайс калу ба мӯйи кас шайбе дид.
Гардам ман аз он рӯсияҳе, ки ба само
Доғи маҳу худро маҳи беайбе дид.

## ХАЁЛИ ХОМ

Онон, ки муборизи нишону номед,
Худро сари мардони замон меномед,
Мардеду ҷасуред ҳама, лек афсӯс,
Мардони хаёлҳои пучу хомед.

## ДОМОНИ ЗАН

Аз домани даҳр гираму лек чӣ суд,
Доман кашад он, надода боре мақсуд.
Сар додаву доманаш намедодам сар,
Ин доман агар домани васли зан буд.

## ГУЛИ БУЛБУЛЗАБОН

Булбул, ки ба лаб таронаи гул дорад,
Ҳар зеру бамаш ҳавои кокул дорад.
Қурбони чаманпарвари ӯ мегардам,
Ин гул, чӣ аҷаб забони булбул дорад.

## СИТОРАВУ МАҲТОБ

«Дар ҳавлии мо ҷӯй набуд, об омад»,
Дар чашми сарам хоб набуд, хоб омад.
Ду дида ба роҳи ёр мегашт сафед,
Чашмам ба ситора буду маҳтоб омад.

## ТАФСИ ДИЛ

То сабру қарори дилам аз даст нашуд,
Боз он гиреҳи абруи пайваст нашуд.
Месӯхт дилам, ба синаам мондам ях,
Ях об шуду тафси дилам паст нашуд.

## ЁРИ КУҲАНУ ШАРОБИ КУҲАН

Ҳар зан, ки варо ризои шавҳар бошад,
Хоки қадамаш ҳазор духтар бошад.
Эй он, ки кунӣ орзуи ёри наве,
Мастӣ зи шароби кӯҳна беҳтар бошад.

## КАЪБАИ БУТКАДА

Бар даҳр ба ислом кӣ пок омада буд,
Танҳо ба суроғи муслимӣ дар зада буд.
Бар куфр мазан таъна, ки ҳатто Каъба
То Каъба бигашт, умрҳо буткада буд.

## БОДОМШИКАНӢ

Онон, ки зи тақво ҳама ҷо ҳарф зананд,
Аз чашми чу бодом куҷо чашм кананд.
Чун бандаи нафсанд ҳамин одамакон,
Бодомӣ агарчанд, ба сангат шикананд.

## ОБИ ҲАЁТУ ЗАҲР

Дар шӯразамин абри баҳорон борад,
Н-орад гияҳе ҳар қадаре ҳам зорад.
Аз тинати бад наояд аъмоли накӯ,
Мор оби ҳаёт ҳам хурад, заҳр орад.

## ДАЪВИИ МАРДӢ

Аз қудрати бозу чӣ занӣ бонги шиор,
Гӯё ки ту мардиву далериву баор,
Он ҷой, ки модашер бошад, донӣ,
Наршери тавоно накунад ҳеҷ шикор.

## САД ВОЙ

Ҳаргиз нашавад бебасаре суратгар,
Оҳангшиносӣ набувад пешаи кар.
Сад вой аз он пойгаҳи азму талош,
Дар ҷойи саманд агар давад курраи хар.

## ХУДСӮЗӢ

Худ сӯзу ба зиндагӣ кушо фоли дигар,
То сӯхтани ту диҳад иқболи дигар.
Донӣ, ки алафзор бисӯзӣ имсол,
Рӯяд алафи бештаре соли дигар.

## ҒАРҚИ ХУНУ ХАНДОН

Рамзест ба ҳар хандаи хуршеди саҳар,
Ҳар ханда диҳад туро зи сад гиря хабар.
Ҳар шом агарчи ғарқаи хун биравӣ,
Бояд бишавӣ саҳар ту хандида бадар.

## СУЛҲ Ё ҶАНГ?

Ин гардиши даҳр дорад оҳанги дигар,
Авзои ҷаҳонрост кунун ранги дигар.
Имрӯз агар ба ҳамдигар овезем,
З-он пас набувад на сулҳ, на ҷанги дигар.

## ҲАМЛА

Зӯр оварадат хасм, ту ҳам зӯр биёр,
Дар ҳарби қавӣ бош, қавию подор.
Чун ҳамла баранд бар сарат бо шамшер,
Шамшераки чӯбин наравад ҳеҷ ба кор.

## ҚОНУНИ ҶОЗИБАИ ОЛАМ

Себе, ки Нютонро афтод ба сар,
Дар лаҳза зи қонуни кашиш дод хабар.
Он себ агар бар сари пуч афтодӣ,
Ҷуз ғуррии сар набуд маҳсули дигар.

## НАСИБИ ОДАМ

Бар рӯйи замин маро, ки афтод гузор,
Афтод назар бар башарам дигар бор.
Дидам, ки насиби одам аз бахт ин буд,
К-омад ба ҷаҳон пиёдаву рафт савор.

## ҲАРФИ ХОР

Бисёр нишастем ба гулҳои баҳор,
Кардем дилу дидаи худро гулзор.
Бо хор ҳам, эй ёр, биё, биншинем,
Як бор, ки бинем, чӣ мегӯяд хор.

## МУШУ ШЕР

Кайҳост манам аз ин муаммо дилгир,
То хуб шиносам кӣ хатиру кӣ ҳақир.
Чун пушти тавоно бувадаш андар пушт,
Як мушаки нимҷон кунад ҳамла ба шер.

## ЯК БА ҲАЗОР

Эй он, ки зи субҳ дорӣ уммеди дигар,
З-ойини фалак набошадат ҳеҷ хабар.
Ин даҳр магар нест, ки як хуршедаш
Равшан бишавад, кушта ҳазорон ахтар.

## РИШИ ДАҲР

Гарчи фалакат ба гиря водорад кор,
Ту ханда бизан бар фалаки ноҳамёр.
З-он пеш, ки абр гиря оғоз кунад,
Чун барқ ба риши даҳр хандад як бор.

## ДУРБИН

Маъзур, зи ёрони қарибам маъзур,
Гарчи зи рухи шумост чашмам пурнур,
Дирӯз қарибу дур як буд, имрӯз
Наздик намебинаму мебинам дур.

## ХИЗР Ё ЧАШМАИ ХИЗР

Эй он, ки биҷӯйӣ гуҳар аз абри баҳор,
Хоҳам, ки ба дарё бирасӣ охири кор.
Як умр, ки оби Хизр ҷустӣ ба умед,
Ҷустӣ ту магар Хизри Худоро як бор?!

## ДАВО

Аз номи Худо нест нидое беҳтар
В-аз ишқи Худо нест, Худое беҳтар.
Дардат, ки бувад, Худот ошиқ бикунад,
Чун нест ба ҳар дард давое беҳтар.

## ҶОЙИ УБУР

Танҳоии ман бе ту намегардад пур,
Ҳам бе ту ду оламам наояд дархур.
Кайҳо зи ҷаҳон ҳамегузаштам бедард,
Ғайр аз бағалат будам агар ҷои убур.

## САҒИРУ КАБИР

Оем ба дунё чӣ кабиру чӣ сағир,
Моро набувад дар ду ҷаҳон ҳеҷ назир.
Бо ман бувад ин даҳр пуру бе ман, лек
Яксар ҳама холист чу Саҳрои Кабир.

## ЧИНОРУ АНОР

Бар сарв мазан таъна, ки ҳастӣ бебор,
Бар бед магӯ, дигар ту ҳам бор биёр.
Устоди табиат, ки ба мо фармуда:
Соя зи чинор ҷӯю ҳосил зи анор.

## МУРҒИ ДИЛ

Мурғи дили ман буд ба авзои дигар,
Мехост равад зи синаам ҷои дигар.
Аз сина чу кардамаш раҳо, ворид шуд,
Бар сина ҳазор мурғи гӯёи дигар.

## ҚИСМАТИ БАД

Бардор диле, ки бошадат дилбардор,
Дар кор бизӣ, то нашавӣ нодаркор.
З-ин қисмати бад Худо нигаҳ дор маро, –
На қобили кореву на шоистаи ёр.

## МАҶРОИ ДИГАР

Гар ҳанҷара бошад, диҳӣ овои дигар,
Гар азми қавӣ ҳаст, кунӣ рои дигар.
Гар пеши раҳи рӯди равонро бандӣ,
Пуршӯр равад боз ба маҷрои дигар.

## ҲАНГОМИ ҒАЗАБ

Аз ҷӯшиши нодамидае шав ба хабар,
Аз шӯриши орамидае шав ба хабар.
Мӯре, ки ту гӯйӣ набувад озораш,
Ҳангоми ғазаб канад сари мӯри дигар.

## ПӮСТПАРТОИИ МОР

Гулнор ба як баҳор нор аст, ки нор,
Гулхор ба сад ҳазор хор аст, ки хор.
Сад бор агарчи пӯст партояд мор,
Хӯяш, ки газандагист, мор аст, ки мор.

## ЧАШМИ АШКАФШОН

Аз сангдиле санги гаронам хуштар,
Аз мурдадиле мурдаи ҷонам хуштар.
Аз дидаи хушке, ки нагиряд боре,
Ду чашми тари ашкфишонам хуштар.

## БОРИ ГАРОН

Аз чашм чӣ суд, гар набинӣ рухи ёр,
Бе ишқи нигор сар бувад як сарбор.
Аз ганҷи муҳаббат, ки тиҳӣ гардад дил,
Чун бори гарон ба гарданат гардад бор.

## ЛИМӮИ ДИГАР

Аз хандақи лимӯ биравам то охир,
Дил додаву осуда манам дар зоҳир.
Лимӯи сари шох бимонӣ ба кафам,
Лимӯи дигар бимонадам дар хотир.

## МУШТИ АНОР

Ман шохи анорам, кӣ бигирад ба канор,
Ҳар дони анор аст чу як дил хуншор.
Муште, ки марост, мушти кӯбидан нест,
Дар мушти анор аст ҳамон хуни анор.

## ЛАБ БУБАНД

То нагзарӣ аз худ, нашавӣ бо ӯ ёр,
Ифшо макун ин сир, ки равӣ бар сари дор.
Дил ғофили хеш аст дар ин олами ҳарф,
То лаб набубандӣ, нашавад дил бедор.

## ХУШКӢ КУҶОСТ?

Шуд ғарқи гунаҳ чу уммати пайғамбар,
Дар оби азоб шуд ҷаҳон сартосар.
Эй кафтари Нӯҳ, куҷо дидӣ хушк,
Дар даҳри ғариқи ашки абнои башар?!

## ГАНҶУР

То он ки азобу заҳматат орад бор,
Аз хеш баройию даройӣ сад бор.
Беранҷ наметавон шудан соҳиби ганҷ,
Ганҷур нашуд, пӯст напартофта мор.

## ДУРУ НАЗДИК

Маъзурам, агар туро нашуд ин манзур,
Як кеҳтари наздик беҳ аз меҳтари дур.
Ҳар ахтари дур агарчи сад хуршед аст,
Як меҳри қариб кушт сад ахтари дур.

## ХОБУ БЕДОРӢ

Зодию шудӣ ба хоб чандони дигар,
Будат ба ҳаёт ё ки паймони дигар.
Дар рафтани талхи ҷон, ки бедор шудӣ,
Аз умр намонда буд як они дигар.

## ХУРШЕД НЕСТ МАЪЗУР

Бо меҳр, ки аз тоқи само борад нур,
Наздик бувад яке, дигар бошад дур.
Хаффошмисол агар ту дар ғор равӣ,
Дар ҷурми ту хуршед набошад маъзур.

## НА САРУ САРХОРӢ

Дар рӯйи замин, ки зиндагӣ кардам сар,
Оғози маро набуд анҷоми дигар.
Айёми шабоб рафт бо сархорӣ,
Акнун на саре монда, на хоридани сар.

## БАҲРУ ЛАНГАР

Осон набувад, ки баҳр гирӣ ба канор,
Озода равад ба мавҷ озод савор.
Акнун ману мавҷхези тӯфони муҳит,
Рафтам чу ба баҳр, лангарам нест ба кор.

## ХУНШИР

Умрат бикунад агарчи афсун сад бор,
Андеш ба ин маънию мазмун сад бор,
То шири сафеди зиндагибахш шавад,
Хун дар дили модарон шавад хун сад бор.

## СОИҚАИ УМР

Умр ояи иқбол бувад ё идбор,
Чизе, ки бувад, даргузарад соиқавор.
Оне надиҳад, ки беғамона хандӣ,
Оне надиҳад, ки дар ғамаш гирйӣ зор.

## ТАРСИ МАРГ

Побандӣ агар, зи дасти озода бигир,
Бархезӣ агар, зи дасти афтода бигир.
Ҳар рӯзи ту пайкори ҳаёт асту мамот,
Тарсӣ агар аз марг, ту нозода бимир.

## ЧОРМЕХ

Исо ба сари салиб бикшуд асрор,
К-ин ранҷу азобам набувад ноҳанҷор.
Аз ғафлати мардум, ки худро бар дор
Ҳар сония чормех кардам сад бор.

## ДӮСТ БИДОР!

Дар ҳар чӣ забон мешунавам: Дӯст бидор!
Пинҳону аён мешунавам: Дӯст бидор!
Дар ҳар даму ҳар зарраву дар ҳар ҷойе
Дар ҳар ду ҷаҳон мешунавам: Дӯст бидор!

## ИМРӮЗИ АБАД

Дирӯз гузашту нест дигар дархур,
Фардо нарасидат, ғами фардо ту махур.
То риштаи умрат ба абад пайвандад,
Худро зи ҳамин рӯзи Худо ҳеҷ мабур.

## МАРДОНА

Дар раҳгузари ишқ, ки ҷонҳост нисор,
Саҳл аст фақат додани дил, ҷон бисупор.
Аҳсанту санойи он, ки мардона бизист
Аз ҳалқаи дасти ёр то ҳалқаи дор.

## ЯК ҚАДАМ

Мақсуди муҳаббат бувад арчи мастур,
Гоҳе бишавад ба дидаи дил манзур.
Байни ману ӯ як қадаму лек, аҷаб,
Сӯяш қадаме занам, аз ӯ гардам дур.

## ШЕВАИ ЗИСТ

Гар умри кухе кунад зи сад қарн гузар,
Як шабпара як рӯз барад умр ба сар.
Он сон ту бизӣ, гӯ, ки зи умрат монда
Сад соли дигар, ё ки аз оне камтар.

## РӮЙИ СИЯҲ

Гӯяд ҳама бад, ки худ намояд беҳтар,
Аблаҳ дигарон, ягона шон донишвар.
Шаб аз рухи моҳ доғ ҷӯяд, ки саҳар
Рӯйи сияҳаш сафед ояд ба назар.

## ШАРТИ ПАРВОЗ

То он ки расӣ ба гарди он гардунфар,
Оташ бизанӣ ба болишу бар бистар.
Кай бол диҳад вале фақат сӯхтанат,
Парвоз куҷо, то нашавӣ хокистар.

## САНГИ ДАРУНИ КАФШ

Ин санги сияҳ беҳуда судан чӣ зарур,
Бо тирадилӣ хеш намудан чӣ зарур.
Гар санги ту сангрезаи рӯйи раҳ аст,
Санге ба даруни кафш будан чӣ зарур?!

## ОТАШИ САРАФКАНДАГӢ

Имрӯз зи худ, ки сарфарозам бисёр,
Донад касе оё чӣ бувад охири кор.
Бо бӯйи сарафкандагӣ аз реша ба хеш
Оташ бизанам зи сарбаландӣ чу чинор.

## АЗ ГУЛ МАГУЗАР

Ҳар дида дурахшад ба муроди дидор,
К-аз шишаву аз санг бубинад рухи ёр.
Эй ёр, ба ҳам ҷӯрагули печонем,
Аз гул магузар, ки доманат гирад хор.

## ЗИСТАН ДАР ПАРВОЗ

Анҷом, ки бошад, бувадаш боз оғоз,
Созад ҳамаро зи ибтидо хотимасоз.
Ақсои замин, ки сар ба сар дом бувад,
Бояд ки зиям то ба абад дар парвоз.

## ТАҲИ ТАР

Дар азми накӯ манеҳ кафи рад ҳаргиз,
К-армон ба дили зинда намирад ҳаргиз.
Ҳаргиз ба таҳи тар макун уммеди дурахш,
Гӯгирди таре шӯъла нагирад ҳаргиз.

## ТИҲИМАҒЗӢ

Эй масти шароб, дар раҳи рост малағз,
К-аз ҷому шаробат масале гӯям нағз.
Ҳар қадр шавӣ пур аз шароби шиша,
Шиша тиҳӣ аз май шаваду ту аз мағз.

## РУСТАН АЗ ҲАБС

Озода раҳи банд напӯяд ҳаргиз,
Побандии озод наҷӯяд ҳаргиз.
Аз пӯст агар мағз нагардад озод,
Аз ҳабси таҳи хок нарӯяд ҳаргиз.

## ЧАНГОЛИ УҚОБ

Ин халқ ба нимрӯз хоб аст ҳанӯз,
Он об, ки дидаст, сароб аст ҳанӯз.
Бо хеш чӣ нозад, ки ба болои сараш
Гунҷишк ба чанголи уқоб аст ҳанӯз.

## ИШҚИ САМОВӢ

Як косаи дӯғу дастаи сабзи пиёз,
Як нони ҷавин аз он ҳама неъмату ноз,
Як ҷуфти зи боғи арш партобшуда, —
Дар хок шавад ишқи самовӣ оғоз.

## ДАСТОМӮЗ

Ту паст машав, то нашавӣ пастомӯз,
Аз ҳирс гузар, раҳидан аз шаст омӯз.
Ҳарчанд уқоб мурғи озод бувад,
Аз даст ғизо хурад, шавад дастомӯз.

## ХАМУ РОСТ

Банди ҳавасу хост нагардӣ ҳаргиз,
Дар фикри каму кост нагардӣ ҳаргиз.
Асл аст агарчи бениёзи каму кост,
То хам нашавӣ, рост нагардӣ ҳаргиз.

## ҶАВОБИ СУХАН

Сарҷӯ бикушо, оби равон ояд боз,
Дилро бикушо, дилбари ҷон ояд боз,
Аз синаи кӯҳсори гӯёву хамӯш,
Ҳар шева сухан гӯйӣ, он ояд боз.

## ҲАСРАТИ ГУЛ

Мегуфт яке ғунча баҳорон ба ниёз:
Кай гул шаваму ханда занам ноз ба ноз.
Чун фасли хазон расид, мегуфт, ба дард:
– Эй кош, ки ман ғунча будам як дам боз.

## ҲАМВОРАВУ ПАЙВАСТА

Раҳ ҷониби мақсуд бувад роҳи фароз,
Мақсуд ба даст ояд аз роҳи ниёз.
Ҳамвораву пайваста бибояд рафтан,
Чун баҳри пиёда раҳ фароз асту дароз.

## ЯК ТАНИ САБЗ

Ин кӯҳи баланд бину ин домани сабз,
Анвори зари моҳ ба пироҳани сабз,
Аз пуштаи сабзазори армон рафтем,
То мои ду тан шудем чун як тани сабз.

## МИҚНОТИС

Бе оташи дил зинда набояд ҳаргиз,
Умре нафаси сард нашояд ҳаргиз.
Оташ набувад гар ба дили миқнотис,
Он пораи оҳан нарабояд ҳаргиз.

## ДАСТИ КУШОД

Ғамбода машав зи буду боде ҳаргиз,
Аз даҳру ғами доду нододе ҳаргиз.
Дил тангу муроди дил дароз аст, дароз,
Кӯтаҳ набувад дасти кушоде ҳаргиз.

## ДАРИ БАСТА

Гоҳе зи сари қаҳру гаҳе аз сари ноз,
Аз ҳолати дил кунӣ шикоят оғоз.
Бикшо дари дил, агар нахоҳӣ кӯбанд,
Кӯбанд дари баста, на ин ки дари боз.

## ДАСТИ КӮТОҲУ ЗАБОНИ ДАРОЗ

Ҳар рӯз барӣ ҳам ба Худо рӯйи ниёз,
Обе наравад зи паст худ сӯйи фароз.
Он ҷо, ки амал нест, забонҳо лофист,
Кӯтоҳ, ки даст аст, забон аст дароз.

## ХОРИ ДОМАН

Оё кӣ тавонад, ки кунад мояи ноз
Ин зиндагии кӯтаҳу армони дароз.
Боке накунад зи хор доманкӯтоҳ,
Печад ҳама ҷо хор ба домони дароз.

## БОРИ ДИЛ

Ҳар таппиши набз кори дил нест ҳанӯз,
Ҳар ёри канор ёри дил нест ҳанӯз.
Эй он, ки хамида қаддат аз бори гарон,
Ҳар бори ба дӯш бори дил нест ҳанӯз.

## ГАРМИИ БАДАН

Сардию дилат ҳеҷ хиҷил нест ҳанӯз,
Андеша туро дар обу гил нест ҳанӯз.
Бо он, ки зи санҷобу вашақ ҷома туроcт,
Гармии бадан гармии дил нест ҳанӯз.

## СУОЛЕ АЗ НӮҲ

Нӯҳо, чу ҷаҳон монд таҳи обу оз,
Киштии ту омад ба башар қисматсоз.
Шукрат, ки гирифтӣ хару гове бо хеш,
Инсони хару гав чӣ зарурат буд боз?!

## ШАБИ ВАСЛУ РӮЗИ ҲАҶР

То кӯтаҳи рози ишқ созам иброз,
Дорам ба шаби дарози даймоҳ ниёз.
Наврӯз агарчи шуд баробар шабу рӯз,
Кӯтаҳ шаби васлу рӯзи ҳаҷр аст дароз.

## ҒАРАЗ

Гар ҷой диҳӣ дар дилу ҷонат ту ғараз,
Ҳаргиз надиҳад амонат ин дарду мараз.
Ангушт бар он гузору аз бун баркан,
То бехи ту барканад, ки ангушт бигаз!

## АНҶОМУ ОҒОЗ

Гардад чу ба ҳар ғунча баҳорон оғоз,
Ҳар рӯзи маро бувад ҳазорон оғоз.
Чун беадад аст ибтидоям, оё
Анҷом якест бар ҳазор он оғоз?!

## НООМАДА РАФТЕМ

Буд матлаби дил хотири шоди ту, азиз,
Асбоби вуҷуди мо видоди ту, азиз.
Гуфтанд чу, моро накунӣ ёд асло,
Ноомада рафтем ба ёди ту, азиз.

## ЁД ОЯД БОЗ

Ин ғам гузарад, замони шод ояд боз,
Фасли гулу настаран зиёд ояд боз.
Гар мебарӣ аз ёд маро, боке нест,
Чизе, ки равад зи ёд, ёд ояд боз.

## ДАРМОНДАИ ИШҚ

Моҳӣ, ки хурад ба шаст, мекӯшад пас,
К-озод шавад, бол занад тозанафас.
Дар ҳалқаи баҳри ишқ дидам, аммо
Дармондаи ишқ ишқ мехоҳаду бас.

## УМРИ ҲАДАР

Хандон на чу хуршед будӣ, на маъюс,
Шом омаду на моҳ шудӣ, на фонус.
На ошиқи ёреву на банди коре,
Аз умри ҳадар рафтаат афсӯс, афсӯс.

## ЗАМОНИ СИНАХУШКИДА

Ин пир, ки бори зиндагӣ дар пушташ,
Гаштаст дуқад, нест асо дар мушташ.
Бас синаи модари замон хушкида,
Бечораи тифл мемакад ангушташ.

## БО ИН ҲАМА БОР

Эй Бор Худо, ба ҳарфи ту дорам гӯш,
Орад чу маро сури Сирофил ба ҳуш,
Дар шӯри қиёматат чӣ сон бархезам,
Бо ин ҳама борам, ки ниҳодӣ бар дӯш?!

## ДАРАХТИ БЕНАСИБ

Як боғи хирад сабз кунам дар бари хеш,
То хуш гузаронам ҳама умри сари хеш.
Ҳоло чу дарахтам, ки пур аз бору бар аст,
Ку, лек дарахте, ки хурад аз бари хеш?!

## ДИЛХОҲТАРИН

Аз ҳар ду ҷаҳон дуру қаринам бо хеш,
Дар рӯйи замин чархи баринам бо хеш.
Бе ҳамнафасе фориғам аз даҳр, ки ман
Ҳамсӯҳбати дилхоҳтаринам бо хеш.

## ҲАНГОМАИ РӮД

Эй баҳр, бузургӣ ту ба ҳадди дили хеш,
К-асло наравӣ ту аз ҳудудат пасу пеш.
Як рӯди тунукоб ба ҳангома вале
Ҳар лаҳза бурун меравад аз соҳили хеш.

## ДУ МУРҒ

Дар банди қафас ду мурғ бо вазъи париш
То вораҳад аз банд, занад худ пасу пеш.
Як мурғ занад пар, ки қафасро шиканад
В-он мурғи дигар, ки бишканад шаҳпари хеш.

## ДАСТИ ДАРОЗ

Як умр дар ин ҷаҳони шӯру пархош,
Кӯтаҳдасту дароздастон ба талош.
Гар дод Худо дасти дарозат, мегир
Аз дасти ниёзи кас, на аз банди пош.

## ТАШНА

Одам ба ҳавои ҷаннати ноёбаш
Бинад ҳама он ҳуру малак дар хобаш.
Онро, ки накард чор дарё сероб,
Чун кард тавон ба Кавсаре серобаш?!

## НИГАҲДОРИ ЧАРОҒ

Чашмони Худост чашми бедори чароғ,
Шабро ҳама ҷо рӯз кунад кори чароғ.
Равшан шавад ар хонаи мо ё нашавад,
Сад шукри саломати нигаҳдори чароғ.

## БУЛБУЛУ ЗОҒ

Доғест маро ба дил, ки орояд боғ,
Боғест маро ба дил, ки орояд доғ.
Дар боғ агар гӯши ду барге ҳам нест,
Ҳайф аст, ки булбул раваду ояд зоғ.

## САФҲАИ РӮЙ

Қосид, ту зи ман гӯш бикун ҳарфи шигарф,
Мазруф, ки ман аён бубинам аз зарф,
Ин нома ба ман боз макун, чун хондам
Дар саҳфаи рӯят ҳамаро ҳарф ба ҳарф.

## ОБИ БАҚО

То даст диҳад тамом мақсуду ҳадаф,
Мақсуд зи худ ҷӯй, на дар чор тараф.
В-арна ба сарат оби бақо борад ҳам,
Бар рег равӣ чу об аз байни ду каф.

## ХОНИШИ ЗОҒ

Олам нашиносӣ, ки шиносӣ хату ҳарф,
Сахт аст зи бас тамизи ҳар зишту шигарф.
Дар барфи зимистон, ки нахонад булбул,
Булбул бувад он зоғ, ки хонад дар барф.

## ХОРАШ БОШ

Ин тозагули ту буд дирӯз алаф,
Фардо нарасида мешавад хушку талаф.
Гар даст диҳад, дасти каме хораш бош,
Азбас набувад туро ҷуз имрӯз ба каф.

## БАЁНИ МАЪНО

Ҳар ғунчаи маъно, ки кушудам ба сабақ,
Гул кард варақ, вале набуд маъно ҳақ.
Чун хандаи гул набуд дар атри гуле,
Маъно на ҳамон буд, ки шуд сабти варақ.

## ОБ ЗАД

Рахшон бувадо чеҳраи оташваши ишқ,
Дарёи дамон наёмад оташкуши ишқ.
Хосияти оташ арчи дарҳамсӯзист,
Бар оташи дигар об зад оташи ишқ.

## ГАВҲАРИ ПОК

Эй, аз малакут омада бебок ба хок,
Кардӣ ба вуруди хеш ин хок афлок.
Дар нӯҳ қабати даҳр чаро дур ҷӯйӣ,
Дар нӯҳ садафи даҳр туӣ гавҳари пок.

## САРИ АНГУР

Рӯйида зи хокему равонем ба хок,
Ҳарчанд ки гарди хокамон аст афлок.
Мо бори сари баланд бардошта, лек
Ҳамчун сари ангур хамидем зи ток.

## ШИШАИ СОАТ

Рӯз аз сари мо мегузарад бо баду нек,
Нолем аз ин шева чӣ бадбахт, чӣ рек.
Чизе набувад зи рафтани дам ғофил,
Ҳар дам шумарад ба шишаи соат рег.

## ОҲИ САБУК

Пулбохтае ҳам биситезад ба фалак,
Дилбохтае ҳам биситезад ба фалак.
Ҳар оҳи сабук сабук нишинад дар хок,
Оҳе, ки гарон нест, нахезад ба фалак.

## ТАРКИ САР

Беҳ аст ҳалок, ки умр дар бими ҳалок,
Афсурдадиле на беҳ зи афсурдаи хок.
Тарсам мадеҳ аз гузаштани неъмату ҷоҳ,
Онро, ки кунад тарки сар, аз салла чӣ бок?!

## САҲНАИ НАНГ

Оҳуи хито хӯрда ба чанголи паланг,
Моҳии тило рафта ба ҳалқуми наҳанг,
Дарронда уқоб синаи мурғ ба чанг,
Ин саҳни ҳаёт аст ва ё саҳнаи нанг?!

## ҲАМДИ ХУДО

Он дам, ки ба шохи ток мерӯяд барг,
Алҳамди Худои пок мегӯяд барг.
Чун шираи ангур ба хум меҷӯшад,
Хун дар рухи зарди хеш мемӯяд барг.

## КИШТИИ БУЗУРГ

Бо амри қазо биёяд аз аҳли сутург
Хубии бузург ё ки зиштии бузург.
Ҳар бори гарон вусъати дарё хоҳад,
Ҳаргиз наравад ба рӯд киштии бузург.

## ОЛАМИ НАНГ

Дунё ҳама ҷангу ҷангу дунё ҳама ҷанг,
Дилҳо ҳама сангу сангу дилҳо ҳама санг.
Аз хуни башар гашт ду олам рангин,
Ин олами ранг аст, магар олами нанг?!

## КАБӮТАРБАЧА ВА УҚОБ

Болоназар астӣ, ту уқоби сари санг,
Ман ҷуфти кабӯтарбачаву ҳолам танг.
Ҳарчанд кабӯтарбача тарсад зи уқоб,
Эй кош, биёриям ту рӯзе бар чанг.

## ФИҒОНИ БУЛБУЛ

Ишқат чу наво рехт ба ҷони булбул,
Олам бигирифт достони булбул.
Аз ханда магар пунбабагӯшӣ, эй гул,
К-асло нашунидӣ ту фиғони булбул.

## НОЗБАРДОРОН

Ҳар аблаҳе аз худ, ки тарошад оқил,
Як аблаҳи дигар шавад ӯро қоил.
Ин ҷамъ ба ҳамдигар чӣ нозе доранд,
З-ин ҷо буну бори хеш бардор, эй дил!

## НОНИ ҲАЛОЛ

Рафтам зи маҷол, то расидам ба камол,
Дидам ба хаёл, то расидам ба ҷамол.
Ман маътали хуршеди саҳархез шудам,
Шуд хоб ҳаром, то хурам нони ҳалол.

## ҲАМДАМИ ДИЛ

Ҷуз шеър надорам ба ҷаҳон ҳамдами дил,
Бешу ками шеърам аст бешу ками дил.
Ин олами фонӣ ба ҷаве ҳам нахарам,
Дар олам агар набошад ин олами дил.

## БАНДАРИ ДИЛ

Паҳнои муҳит кай бувад ҳамбари дил,
Дарёи муҳит бигзарад аз дари дил.
Киштии муроди ман навардад роҳе
Аз лангари дил ҳамеша то бандари дил.

## МАНЗИЛУ МАНЗИЛАТ

Ҷамъе бидавад, вале бувад по дар гил,
Тӯда-ст гурӯҳеву набошад маҳфил.
Аҳсант ба некӯнигаҳи соҳибдил,
К-истода ба як ҷой расад бар манзил.

## БАҲРИ БЕСОҲИЛ

Ҳар лаҳза, ки дорам ба ту,эй дил, маҳфил,
Гӯям ба ту сад бор тасанно, эй дил.
Он роҳ, ки меравӣ, надорад поён,
Баҳре, ки шино кунӣ, надорад соҳил.

## ТОҚАТИ ДИЛ

Ҳар шеър, ки гӯям бувад аз ҳолати дил,
Ҳар боби нави ҳарфи ман аз бобати дил.
Дарёб, ту он чиҳо гузашт аз сари ман,
Аҳсант ба ин тобу табу тоқати дил.

## ФАРЁД АЗ ОҚИЛӢ

Гаҳ рӯди хурӯшанда шавам, гаҳ соҳил,
Гаҳ шӯху ситезанда шавам, гаҳ коҳил.
Фарёд аз он рӯз, ки дар кишвари ишқ
Ман дарси адаб хонаму гардам оқил.

## ОЯТИ ИШҚ

Чашми ту маро чашмаи нурест ба дил,
Ёди ту маро ёди ҳузурест ба дил.
Лавҳе, ки дар он сабт нашуд ояти ишқ,
Заррин бувад ар, лавҳаи гӯрест ба дил.

## ХУЛҚИ МОДАРЗОД

Хулқе, ки бувад дарандаро, сол ба сол
Ёбад на завол, балки ояд ба камол.
Гурге, ки бувад ташнаи хун, дар пирӣ
Дандонаш агар фитад, дарад бо чангол.

## СУРАТИ ДИЛ

Рӯят гули гул гуфтаму гул гашт хиҷил,
К-ӯ реша ба дил дораду ман реша ба гил.
Наққош, ки бо меҳри дил орост варо,
Ман сурати гил гаштаму ӯ сурати дил.

## ГӮШАИ ДИЛ

Ин боғи маро нест ба ҷуз хӯшаи дил,
Аз хӯшаи дил, ки мебарам тӯшаи дил.
Паймудани шаш қитъаи олам саҳл аст,
Паймой, тавонӣ ар, ту як гӯшаи дил.

## БЕДОРИ АЗАЛ

Асрори ҳаёту марг – асрори азал,
Н-ояд зи касе кор дар ин кори азал.
Он гуна закӣ Эзидамон сохт, ки мо
Дар хоби абад шавем бедори азал.

## МЕҲРГИЁҲ

Гарчи ба амал барзгарию омил,
Ҳар хок дигаргуна биёрад ҳосил.
Сад гуна гиёҳ сабз гардад дар дашт,
Ғайр аз гияҳи меҳр, ки сабзад дар дил.

## УРУҶИ ОСМОН

Онам, ки зи бенишон нишон овардам,
Ҷоне, ки набуд, дар ҷаҳон овардам.
Дидам, ки ҷаҳониён замингир шуданд,
Аз хок уруҷи осмон овардам.

## МАСЪАЛАИ МУРАККАБ

Ман нақши замири матлаби худ ҳастам,
Шогирду дабири мактаби худ ҳастам.
Бар баҳси дигар ба ҷуз худӣ корам нест,
Ман масъалаи мураккаби худ ҳастам.

## ДУ ОСИЁ

Эй чархи фалак, ту осиёи мардум,
К-онро бикунӣ орд чу дони гандум.
Эй мардуму эй гандуму чархи гардун,
Дар байни ду осиё ҳисобам шуд гум.

## ҲАЗОРҲО МЕРӮЯМ

Аз шохи таре баҳорҳо мерӯям,
Аз гӯша чу беканорҳо мерӯям.
Аз хӯша чу доне ба замин меафтам,
Кам мешаваму ҳазорҳо мерӯям.

## ОГАҲДИЛЕ

Сад вой, ки умре дили огаҳ ҷустам,
Огаҳдиле аз моҳӣ то маҳ ҷустам.
Пайдо чу нашуд миёни авлоди башар,
Аз халқи Худо пас ба Худо раҳ ҷустам.

## БУХОРИИ РАВЗАНБАСТА

Рое, ки насибам зи азал буд, кунам,
Ё он чӣ дигар замона фармуд, кунам?
З-ин пас чу бухорие, ки равзанбаста-ст,
Равшан зи буруну зи дарун дуд кунам.

## ШИКАНАМ – МАВҶАМ

Кӯшӣ ту ба хокмолам, авҷе гардам,
Яктоям агар, ҳазор фавҷе гардам.
Мумкин набувад шикастану рехтанам,
Гар мешиканам, дар об мавҷе гардам.

## ШАМШОДИ ҚАД

Эй ёр, ба ҳар неку бадат мепечам,
Ҳар рӯзи Худо то абадат мепечам.
Ман токи замин, ту дар фалак шамшодӣ,
Чун ток ба шамшоди қадат мепечам.

## ШОХҶОМИ ЛАБРЕЗ

Имшаб, ки саре ба моҳу ахтар дорам,
Дасте ба канори гарми дилбар дорам.
Ӯ гунаи шохҷоми лабрез бувад,
Лабрезтараш то бикунам, бардорам.

## ОДАМГАЗИДА

Гарчи зи малак бувад фаротар одам,
Яъне ба Худо вакилу ёвар одам,
Чун моргазида тарсад аз банди ало,
Тарсад одамгазида аз ҳар одам.

## НОНИ ГАНДУМУ ОБИ ҶАВ

Эй Бор Худо, ман ба худӣ дар гаравам,
То з-ин раҳи зиндагим берун наравам.
Аз ту талаби неъмати алвон накунам,
Бас порам нони гандуму оби ҷавам.

## ХАС – САРИ ЧАШМ

Ин дилбари дил бошаду он дилбари чашм,
Аз дил наравад он, ки бувад дар бари чашм.
Ҳар як пари каҳ ҷой ба каҳдон нашавад,
Хасро, ки Худо диҳад, нишинад сари чашм.

## ХОКИ НАРМ

Оне, ки раҳад тунд зи банди айём,
Чун даргузарад, аз ӯ нишон монад ном.
Гаҳ нармии мардум аз дуруштӣ батар аст,
Сайёд ба хоки нарм мемонад дом.

## ДОМАНИ ТАР

Эй дил, зи ҳавасҳот чӣ сон парҳезам,
Бо хушку тарат худ, ки ба ҷон омезам.
Фардои қиёмат ба кадомин рӯ лек
Ин домани тар дар офтоб овезам?!

## ШИКВАИ ЧАРОҒ

Эй халқ, чароғаму чӣ сон бадрӯзам,
Гарчи ҳама шаб маҳфилатон афрӯзам.
Аз шом ба субҳатон биёрам, аммо
Ҳар рӯз кушедам, накушедам, сӯзам.

## ТАЗОД

Ин соили мо карам кунад бар Ҳотам,
Шаҳро ҳама алмос занад бар хотам.
Дар даҳри тазод агар тазоде хоҳӣ,
Ин мурдаи мо ханда занад бар мотам.

## БУЛБУЛИ БЕГОНА

Дар ишқи ту ҳарчанд ки фарзона манам,
Дар хоки ту аз ҳазор як дона манам.
Ҳоло чамани бахти ту сабз асту дареғ,
Дар ин чаманат булбули бегона манам.

## КАНОРИ ГУЛ

Ман ошиқаму баҳори гул мехоҳам,
Дар пойи гуле нисори гул мехоҳам.
Ман шиша наям, ки қул-қулам маст кунад,
Ман булбуламу канори гул мехоҳам.

## СУБҲИ ОГОҲӢ

Ёро, сафари бехатаре хоҳиям,
К-аз зулмати шаб ба субҳидам роҳиям.
Он мӯйи сиёҳ шоми ғафлат буд, рафт
В-ин мӯйи сафед субҳи огоҳиям.

## ШОНАИ ФАРҲОД

Бо ин дили хештан бадам ё ки беҳам,
Дар ҳалқаи ғамкашон кеҳам ё ки меҳам,
Сояд ба замин шонаи ҳар Фарҳоде,
Гар бори дилам варо сари дӯш ниҳам.

## РАҲЗАНУ РАҲНАМО

Ҳолест, ки аз муҷриму довар тарсам
В-аз душмани ҷону аз бародар тарсам.
Дар роҳи адолат, ки сипардан бояст,
Аз раҳзану раҳнамо баробар тарсам.

## ҲАНГОМАИ ШОДӢ

Эй дӯст, биё, даме ба ҳам биншинем,
Хуш бод даме, ки бо алам биншинем.
Ҳангомаи шодӣ дили мо муфлис кард,
То боз ғанӣ шавад, ба ғам биншинем.

## ҲИСОБИ ПОК

Якрӯям, аз инсони дурӯ метарсам,
Якрангаму аз дурангу рӯ метарсам.
Фардо ба Худованд ҳисобам пок аст,
Имрӯз ман аз бандаи ӯ метарсам.

## КОСАИ САР

Ин сар, ки ба пойи ту забунаш кардем,
Чун сар бикашид, сарнагунаш кардем.
То косаи сар тиҳӣ шавад аз савдо,
Дар коса чӣ буд, ба сар нагунаш кардем.

## СОҒАРИ САРШОР

Бо ишқи самову ранҷи маҳҷуриям
Дар кӯяш агар хок шавам, нуриям.
То соғари саршори варо дорам ёд,
Мастӣ надиҳад шароби ангуриям.

## ЗЕРУ ЗАБАР

Тангам бикунӣ, фарохтар мегардам,
Барбод диҳим, баҳру бар мегардам.
Ҳамвор, ки меравам ба роҳам чун об,
Зерам бикунӣ боз забар мегардам.

## АДЛИ АВОМ

Ояд аҷабам зи ташнаи мансабу ном,
К-афтода зи по давад ба сад роҳи ҳаром.
Хосе кашадаш агар ба авҷе аъло,
Дар хоки сияҳ занад варо адли авом.

## ОТАШ ДАР БУТТА

Вобаста ба мост давру даврони ту ҳам,
Пайваста ба мост дарду дармони ту ҳам.
Оташ чу расад ба буттае, дам манишин,
К-он зуд расад ба решаи ҷони ту ҳам.

## ҶОН ДАР СУХАН

Бо шеър, ки ман забони халқи ватанам,
Бо меҳр ситоишгари ҳар марду занам.
Дар қолаби ман ҷустани ман беҳуда-ст,
Ҷону дили ман гирифта ҷо дар суханам.

## АЗ ОБУ ДАР ХОК

Рӯзе, ки ба ҷон ошиқи афлок шудем,
Монанди муҳит тозаву пок шудем.
Парварда шудем дар дили уқёнус,
Аз об баромадему дар хок шудем.

## УҚЁНУСИ ШУРИДА

Хокинасабам, вале само мебӯсам,
Дар ҷилди вуҷуди худ куҷо маҳбусам.
Хунам, ки зи оби дили уқёнус аст,
Шӯридатар аз тамоми уқёнусам.

## САХТИИ ҶАВОНӢ

Ман бахтҷавони ёри ҷонии худам,
Ман шефтаҷони бахти фонии худам.
Пирӣ агарам давлати Қорун бидиҳад,
Ман садқаи сахтии ҷавонии худам.

## ВАСВАСАИ ОҚИЛӢ

Ин лофу газофҳои кас мекушадам,
Бебор, гаронбории хас мекушадам.
Ин зумра чу дар васвасаи оқилианд,
Шодам, ки шабе дил ба ҳавас мекушадам.

## БАЛОГАРДОН

Аз шавқ, ки сабзида дар ин майдонам,
Афрохта сар бар фалаки гардонам.
Дар боғи баланд бо баҳои сари хеш
Ман ёри сафедори балогардонам.

## МЕҲРИ ҒУРУБКАРДА

Яктост Худо, яке Худои ман ҳам,
Шояд, ки варо бувад ризои ман ҳам.
Эй меҳри ғурубкарда, оё як шаб
Вопас бадар ойӣ ба дуои ман ҳам?![1]

## ОЯИ ОСМОНӢ

Дар арш, ки ҷон кард ато Яздонам,
Дар рӯйи замин дод ба каф Қуръонам.
То ояи осмонӣ аз хоки сиёҳ
Вопас ба само барад самовӣ ҷонам.

---

[1] Ишора ба Қуръони Маҷид, сураи Сод, ояи 31-32: "Он гоҳ ки ба ҳангоми аср асбони тезравро, ки истода буданд, ба ӯ (яъне Ҳазрати Сулаймон) арза карданд, гуфт: ман дӯстии ин асбонро ба ёди парвардигорам бигузидам, то офтоб дар пардаи ғуруб пӯшида шуд...". Ва намози Ҳазрати Сулаймон қазо мешавад. Ӯ аз Худованд илтиҷо мекунад, ки офтобро бозгардонад, то ӯ намозашро бихонад ва Худованд хоҳиши ӯро ба ҷо меорад.

## ҶАВКОРУ ГАНДУМДАРАВ

Мардумсифатӣ, агар ту байни мардум,
Нақшат нашавад зи дидаву дилҳо гум.
Сад ҳайф, ки дар даҳри мукофоти амал
Ҷав кошта, хостӣ дурудан гандум.

## ЛАҲЗАИ ҶОВИДОН

Бар беҳудаи замони худ мегирям,
Ҷонбохтаву ба ҷони худ мегирям.
Дирӯз, ки аз даст бишуд як лаҳза,
Имрӯз ба ҷовидони худ мегирям.

## НА ДОНАИ ХУРД

Ҳайф аст, агар ба ҷустани фол афтам,
Аз хеш бимонам, пайи абдол афтам.
Гар даври фалак хирмани худ бардорад,
На донаи хурдам, ки зи ғирбол афтам.

## ФАРДО – АФСӮС

Якчанд ба ёрон маи махсус хурем,
Сад ҷому қадаҳ бо газаку бӯс хурем.
Фардо, ки нишоти умр аз даст равад,
Оё зи хушиҳо фақат афсӯс хурем?!

## БОИСИ ИФТИХОР

Мо бо дили хештан, ки маҳфил дорем,
Дар синаи дилшинос манзил дорем.
Як зумра бифахранд ба сад молу манол,
Мо боиси ифтихор як дил дорем.

## БЕДИЛ

Доданд ду чашм – нури маҳфил бошем,
Доданд ду даст – дасти омил бошем.
Оварда ба даҳр ин парирӯёнро
Доданд диле, ки боз бедил бошем.

## ХУРШЕДУ ДАРЁ

Чандон, ки ба худ сӯхтаву танҳоям,
Печида ба мавҷи хештан, паҳноям.
Як шӯъла саҳар, ки мезанам, хуршедам,
Як мавҷи дигар, ки мезанам, дарёям.

## ПАРИСО

Ҳар ҳарф, ки бо номи ту оғоз кунам,
Нурест, ки пайванд ба овоз кунам.
Дар чашми сар ин сон ки парисо ойӣ,
Чун ойӣ, агар дидаи дил боз кунам?!

## ДАСТИ ДОМАНГИР

Ҳарчанд ба дунё на ҷавон, на пирам,
Аз умр надонам, ки чӣ ибрат гирам.
Ин аст магар одамию расми башар,
Дасте, ки гирифтам, шуда домангирам.

## ЧӢ КУНАМ?!

Хасрӯба барию гул начинӣ, чӣ кунам,
Фарқе накунӣ сафолу чинӣ, чӣ кунам.
Дар пеши ту қулла-ст расида ба фалак,
Гар чашми ту кӯр асту набинӣ, чӣ кунам?!

## ХУДИКУШОНИ БЕГОНАПАРАСТ

Гумгаштадилам, суроғи гумҷӯ гирам,
Ҷон аз азал ин сӯ, дигар он сӯ гирам?!
Дар даҳри худикушони бегонапараст,
Аз худ, ки рамам, чӣ сон ба кас хӯ гирам?!

## ДАРМОНИ ДАРД

Озодам, агар туро ба фармон бошам,
Дар ҳар ду ҷаҳон в-арна ба армон бошам.
Эй боиси кулли дардҳои ҷонам,
Эй кош, ба як дарди ту дармон бошам.

## ТО ЧАНД?!

Дармон нашавад дарди ниҳон, ман чӣ кунам,
Осон нашавад мушкили ҷон, ман чӣ кунам.
То чанд кашам ҷабри замонро хомӯш,
Девона, ки нолад зи ҷаҳон, ман чӣ кунам?!

## ДАР ХОБИ ШАБ

Аз дасти дили хеш, ки дар зориям,
Безор шудам з-ин дили безориям.
Дар хоби шабам, ки мебиёӣ ба бағал,
Дил сер зи ҷон кунад ба бедориям.

## РОЗИ ВУҶУДУ АДАМ

Дар олами бесафо, сафо дарёбам,
Дар даҳри ҷафопеша вафо дарёбам.
Ман рози вуҷуди худ намедонам, чист,
Сирри адамам пас аз куҷо дарёбам?!

## ШОҲУ БАРДА

Ҳарчанд малули кардаи хеш астам,
Мақсуди раҳи сипардаи хеш астам.
Ин ҷо, ки яке шоҳу ғулом аст дигар,
Ман шоҳи худам, ки бардаи хеш астам.

## ШИКВАИ САНГПУШТ

Парвоз ба авҷи гунбади роз кунам,
На аз пару бол шиква оғоз кунам.
Шиква накунам чу сангпуште, пуштам
Санг аст ҳама, чӣ гуна парвоз кунам?!

## ХОМПАЗ

Хом аст сари кор, ки хом аст анҷом,
Хом аст, агар бода, нарезӣ дар ҷом.
Гӯянд, ки айём пазонад ҳар хом,
Ҳайфо, ки на ҳар хом пазонад айём.

## СУХАНИ ПУЧ

Дирӯз, ки будаст, бувад акнун ҳам,
Ҳарф аст, агар варо бувад мазмун ҳам.
Ҳаргиз сухани пуч намегардад пур,
Ояд агар аз забони Афлотун ҳам.

## ИСЛОМ

Ҳар рӯз, аз оғози ҷаҳон то анҷом,
Исломи яқин нест надидан ислом.
Ислом шунидан зи масоҷид саҳл аст,
Кор аст зи бутхона шунидан ислом.

## ЧАШМИ ҲАРИС

Аз аҳди шабоб то дами шайб одам
Кӯшад, ки кунад хизона дар ҷайб одам.
З-он чашми ҳарис мор партофта пӯст,
Ҳайфо, ки нашуд сурх ба сад айб одам.

## СОҲИБХОНА

Бар ҳоли ғарибии хештан ҳайронам,
Гӯё ба ҷаҳон ба меҳмон мемонам.
Бинам, ки ба ҷуз манаш дигар соҳиб нест,
Ман соҳиби хонаам, куҷо меҳмонам?!

## РАҲГУЗАРИ БОД

То ҳастаму чун чароғи маҳфил сӯзам,
Ҳарчанд ки як лаҳза бисӯзам, рӯзам.
Гарчи насазад ба даҳр дил бастани мо,
Дар раҳгузари бод чароғ афрӯзам.

## ТӮФОНИ НӮҲ

Он гаҳ, ки ғазаб кард Худои олам,
Тӯфон карду дод ҷазои одам.
Хушкид замин агар зи тӯфони Нӯҳ,
Ғарқид ба оби дидаҳои одам.

## БАХШАМ

Онам, ки зи ман он талабӣ, он бахшам,
Гар як бидиҳӣ, ҳазор чандон бахшам.
Чун дӣ ту ба ихтиёр ҷонам додӣ,
Ҳоло-т ба ихтиёр сад ҷон бахшам.

## ХАМИДА ЧУН ТОК

Озода манам, ки бандаи кори худам,
Афрохтасар ё ки нагунсори худам.
Чун сарв маро, ки лофи озодӣ нест,
Чун ток хамида ҳамсари бори худам.

## ҶӮШИДАНИ ХОМ

Эй он, ки қадам ниҳода дар ҷодаи ном,
Ҷӯшиву хурӯшӣ ту ба ҳар гардиши ҷом,
Ҷӯшидани ҳар чиз бувад аз хомӣ,
То пухта шавад, ҷӯш хурад бодаи хом.

## ДИЛБАРИИ ҲАМГАРӢ

Раҳ сохтаву раҳбарӣ омӯхтаем,
Сар бохтаву сарварӣ омӯхтаем.
Ойинаи мо шикаст агар сандонро
На дилшиканӣ, дилбарӣ омӯхтаем.

## ПАЙИ ПОЙ

Ман шераму бар подшаҳӣ мансубам,
Бо ҳайбати шоҳонаи худ марғубам.
Аз пайраҳи сайёд пайи поямро
Ҳарчанд ки шерам, ба думам мерӯбам.

## ФАРТИ ХАРӢ

Омад сари сарчашма харе кандалагом,
То об хурад зи чашмаи симинфом.
З-он пеш, ки фук бар лаби сарчашма барад,
Поҳо-ш дар он ниҳодаву кард ҳаром.

## ФАСОНАГӮЙИ ҲАҚГӮ

Неку бади ман аён бувад дар суханам,
Баски ба сухан сиришта шуд ҷону танам.
Монад ба забони халқ шеърам ҳама умр,
То он ки фасонагӯйи ҳақгӯй манам.

## ХОКИ РАВШАН

Дар пушти замин агарчи муште хокам,
На мушти парам, муштарии афлокам.
Хокам, ки ситорасон бувад равшанрӯ,
Аз тирагии кунҷи лаҳад бебокам.

## НОМИ ШЕЪР

Дар роҳи абад, ки гом бардоштаем,
Аз бодаи меҳр ҷом бардоштаем.
Бар ному нишон набуда мӯҳтоҷ асло,
Азбаски ба шеър ном бардоштаем.

## МАСТИ ШАБ

Ман беш аз ин саодате кай талабам,
К-аз бахт лаболабу ба ту лаб ба лабам.
К-ош, эй шаби васл, бениҳоят бошӣ,
Эй субҳи сафо, мадам, ки ман масти шабам.

## ҶОН КАНДАНУ ДИЛ КАНДАН

Аз худ гусалам, пой зи маҳфил наканам,
Пайванди вафо зи ёри муқбил наканам.
Дил кандани ман аз ту азобест алим,
Беҳ, ҷон канаму аз ту вале дил наканам.

## ФУРӮҒИ ҶОВИДОН

Мо бахти мудом ногаҳон ёфтаем,
Аз неши фироқ нӯши ҷон ёфтаем.
То ишқи ҷигарсӯз шавад ҷонафрӯз,
Ҷон дода фурӯғи ҷовидон ёфтаем.

## ТО ЯК НАФАС

Ҳар рӯз ба ёди ту худ обод кунам,
Ёди ту кунам ҳар шабу дил шод кунам.
Чандин нафасам монда надонам, аммо
То як нафасам бувад, туро ёд кунам.

## ФУРСАТ

Аз роҳи ҷаҳон роҳи туро пай гирам,
Аз ном ба ҷуз номи туро кай гирам.
Аз умр куҷо фурсати дигар талабам,
Фурсат талабам, ки пеши поят мирам.

## ҚОШИ ҚАЛАМКОР

Гулзор туиву ба гуле зор манам,
Аз ғунчаи лаб гуле талабгор манам.
Қоши қаламат сад қалами шеъри тар аст,
Шармандаи он қоши қаламкор манам.

## ДОРИ ДИЛ

Сад сол надидаам туро, ёри дилам,
Дил зории ту дораду ман зори дилам.
То бори муҳаббатат ба шохи дигар аст,
Ман бори дилам, хори дилам, дори дилам.

## ИШҚИ НАХУСТИН

Эй ишқи нахустин, чу расӣ бар ёдам,
На дилхурам аз туву на ҳам дилшодам.
Ту асли манӣ магар, ки ҳаргиз накунӣ
Як зарра на ободаму на барбодам?!

## КИРОИ МОНДАН

Ман кӯйи туро Каъбаи дил мехонам,
Ман байт ба байти абруят мемонам.
Дар даҳр, ки он кирои мондан накунад,
Мемонам агар, ба паҳлуят мемонам.

## МАЙИ ҲАЛОЛ

Ҳарчанд ки бандаи маю бода наям,
Аз ҷоми шароб буда парҳез каям?!
Гӯянд, ки май ҳалолу мастист ҳаром,
Чун маст намешавам, ҳалол аст маям.

## МЕҲВАРИ САЙЁРА

Инсонаму меҳре ба само парвардам,
Худро ба Худо рӯйи замин овардам.
Дар баҳри фалак Замин агар Сайёра-ст,
Ман меҳвари Сайёраи гардунгардам.

## ОЙӢ ТУ

Дар раҳгузари умр куҳан ё, ки навам,
Бо буду набуди хештан дар гаравам.
Чун хонаи дил баҳри ману туст, чаро
Ойӣ ту агар, манат, ки бояд биравам?!

## ЗАВЛОНАИ ФИКР

Имрӯз агар халосу хуррам зодем,
Шодем, ба тавфиқи раҳойӣ, шодем.
Завлона зи пой кандан озодӣ нест,
Завлона зи фикри худ канем, озодем.

## ҒАЛАТИ ХАНДА

То барги хазони худ пароканда кунем,
Дилро ба рухи сабзи чаман банда кунем.
Фардо, ки ба хандидани гул хӯ гирем,
Хун гаштани гулро ғалати ханда кунем.

## ДИЛОГАҲЕ МЕҶӮЯМ

Гумкардараҳам, тоза раҳе меҷӯям,
Даҳр аст пури гадо, шаҳе меҷӯям.
Гар зери кафи баҳр гуҳар пинҳон аст,
Дил рӯйи кафу дилогаҳе меҷӯям.

## РАҲИНИ ҲАМВОРӢ

Чун бастаи ишқи хеш медориям,
Ёди ту бувад ба хобу бедориям.
Ҳамвориям ар, ба кӯҳ таъзим орам,
Гар кӯҳ манам, раҳини ҳамвориям.

## ЧӢ КАНОРЕ?!

З-ин раҳ гузарӣ, ба раҳгузорат нарасам,
Аз сарди зимистон ба баҳорат нарасам.
Моро ба канори дил шудӣ ҷо, аммо,
Охир чӣ каноре, ки канорат нарасам?!

## ДУДИ ДИЛ

Дар банди хаёл шаб ба шаб бедорам,
Аз ҳар шаби бе ту сад карат безорам.
Дуди ҷигарам ба оҳ берун биравад,
Аммо ба чӣ раҳ дуди дилам буброрам?!

## АНГУШТАР

Чашме ба ниҳоли дилфиребат бошам,
Дар ёди харидории себат бошам.
Дастам нашавад чу ҳалқаи гардани ту,
Ангуштари ангушти базебат бошам.

## БА ШОХИ ГУЛ

Боз о, боз о, ки сар ба пойи ту ниҳам,
Хоки қадамат манам, бадам ё ки беҳам.
Гармии дилам агар туро месӯзад,
Бодат бидиҳам, ба шохи гул бод диҳам.

## АЗ МОСТ, КИ…

Умре зи сарони бехирад нолидем,
Як зарра дигар нагашт дунё, дидем.
Ҷуз мо кӣ зимоми худ ба онон дода,
Аз мост, ки бар мост, магар фаҳмидем?!

## ФАРДОИ ЗАБОН

Дунё ба ҷуз он нест, ки дунёи забон,
Маъно ба ҷуз он нест, ки маънои забон.
Имрӯз ба дирӯзи забон мефахрем,
Эй кош, нагирйем ба фардои забон.

## ЭЙ МИЛЛАТИ ХУДКУШ

Арзад магар ин даҳр ба ҷон фарсудан,
К-онро ҳунарест куштанат фармудан.
Эй миллати худкуш, ки кушӣ хосаи хеш,
Танҳо ба авом пас чӣ хоҳӣ будан?!

## ЗАНГӮЛАЧАИ ТИЛОӢ

Ҷон духтаракам, таъна ба аржанг бизан,
Мӯҳойи маро ба чашми худ ранг бизан.
Чун булбулаке ҳар саҳарӣ ғул-ғул кун,
Зангӯлачаи тилоиям занг бизан!

## ҶОНИ ГАРОНБОР

Дар ҳар ду ҷаҳон аст харидорат ҷон,
Тан парварӣ, аммост нигаҳдорат ҷон.
Натвон зи Пули Сирот осон бигузашт,
Гар нест сабук тану гаронборат ҷон.

## ҶАВЛОНГАҲИ ОЗОДОН

Болои сари мост ҳамин чархи нагун,
К-он чарх занад абад ба садҳо мазмун.
Он аст, ки ҷавлонгаҳи озодон аст,
Болат набувад, таъна макун бар гардун.

## МУСУЛМОНӢ

Чун дид Иброҳим малакуте равшан,
Шуд аҳли яқин, мӯъмину озод зи занн.
Ман на малакут дида, на Иброҳим,
Мӯъмин шудаам, зиҳӣ мусулмонии ман!

## ЯЗДОНУ ИНСОН

Шояд, ки буд одамӣ дар аввал ҳайвон,
Дар васвасаву фиребу макри шайтон.
Он рӯз, ки овард ба Яздон имон,
Яздон зи худ ӯ сохт, зи Яздон инсон.

## РОЗИ ҲУВАЙДО

Беҳуда ба ҳифзи рози худ кӯшидан,
Набвад самаре зи гови нар дӯшидан.
Розат, ки ҳувайдост саропо ба Худо,
Аз бандаи ӯ чӣ ҳоҷати пӯшидан.

## ҚУДРАТИ ТУ

Дар ҳарду ҷаҳонӣ ту Худои дили ман,
Рӯят дидан – рӯйи Худоро дидан.
Ояд фақат аз дасти ту имрӯз маро
Мирондану боз зинда гардонидан.

## АҶАБО?!

Ҳар меваи норасе ба авҷ аст макин,
Чун пухт, фитад зи шоха бар хок яқин.
З-ин шеваи рӯзгор дорам аҷабе,
Хоме ба само, пухта нагунсори замин.

## ҲАМГУҲАР

Қисмат, ки кунад охири корат таъин,
Фарҷоми дигар нестат асло мумкин.
Гарчи ба гуҳар шабнаму борон об аст,
Бар арш равад шабнаму борон ба замин.

## МАНЗАРА

Як дашти пур аз лолаи ишқу армон,
Як ҷӯйи пур аз таровати шеъри равон,
Як кӯҳи пур аз фалсафаи тамкине,
Як одами ошиқ ба ду чашми ҳайрон.

## ЯК ДАСТА БАҲОР

Эй водии гул, шукуфтанам илқо кун,
Ҷонро ба насими раҳгузар эҳё кун.
Фардо кафи хок аст агар ҳастии мо,
Имрӯз ту як даста баҳор эҳдо кун.

## ШАВҚИ ВИСОЛ

Эй гармии оғӯш, биё гармам кун,
Бигзошта дил ба рӯйи дил, нармам кун.
Гар шарму ҳаёям раҳи васлат гирад,
Дар шавқи висол пок бешармам кун.

## ДАРМОН ДАРМОНДАН

Дил хост ҳавои ишқат аз сар рондан,
Аммо натавонист ба ҷуз сар мондан.
Аз ишқи ту дардест ба ҷонам, ки варо
Дармон набувад ҳеҷ ба ҷуз дармондан.

## СУОЛ БА ИНСОН

Инсон, инсон, чӣ гунаӣ, эй инсон,
К-оварда ба тухми хеш дар хок қирон,
Андар фалаки собиту сайёри дигар
Меҷӯйӣ аз ӯ боз ҳаме ному нишон.

## ҲАФТ ГУНБАД

Гар лоиқи ин кӯҳиву тахти падарон
В-ин хоки дилогаҳеву соҳибназарон
Ё савту садои ҳафт гунбад бишунав,
Ё бонгу нидо зи ҳафт гунбад гузарон.

## АБРИ САФЕД

Ман кӯҳаму дар ишқи ту дорам тамкин,
Ғам дар дили ман гашта чу ганҷе таҳшин.
Эй абри сафеди ҳамчу ёрам гузарон,
Як лаҳза канори теғаҳоям биншин.

## ПАЙРОҲАИ КАҲКАШОН

Худро зи замин ба осмон бурдам ман,
Аз хок ба нуриён нишон бурдам ман.
Раҳгум нашавам то ба чигилроҳи замин,
Пайроҳа зи роҳи Каҳкашон бурдам ман.

## ХОМӮШУ СУХАНГӮ

Бо дидаи таҳқиқ нигар сӯйи Замин,
Таърихи башар сабт бувад рӯйи Замин.
Ҳар санг, ки бинӣ ту, фақат санге нест,
Ҳаст он дили хомӯши сухангӯйи Замин.

## БЕДОР

То суфта нагардӣ, натавонӣ суфтан,
То ҳуш нагардӣ, натавонӣ гуфтан.
То хобсару хуфтадилеро ҳар рӯз
Бедор насозӣ, натавонӣ хуфтан.

## ХУШБАХТИВУ БАДБАХТӢ

Дар синаи ман ба ман ватан шуд дили ман,
Гаҳ чӯли харобу гаҳ чаман шуд дили ман.
То роҳ барам, роҳи диле кофтаам,
Хушбахтиву бадбахтии ман шуд дили ман.

## ДЕРИНТИЗОР

Монад ҳама гулфишон баҳори дили ман,
Монад ҳама шодоб канори дили ман?!
Тарсам, ки баҳору ошиқӣ дер шавад,
Дер ойӣ, деринтизори дили ман.

## КАБӮТАРИ САФЕД

Навмед шавам, туӣ умеди дили ман,
Аз рӯзи хуше туӣ навиди дили ман.
Зоғони сияҳ гирди сарам чарх зананд,
Зуд ой, кабӯтари сафеди дили ман.

## ҲАЗОР БОР

Чашмони хумори ёр мебӯсам ман,
Лабҳои нами нигор мебӯсам ман.
Ҳарчанд зи ҳам ҳазор фарсах дурем,
Аз дур ҳазор бор мебӯсам ман.

## ИНТИЗОРИ ТУ

Рӯзе зи ҷаҳон канор мегирам ман,
Ишқи ту ба ёдгор мегирам ман.
Чун ҷодаи интизорро охир нест,
Охир ба ту интизор мемирам ман.

## СУРУД ДАР ЛАБ

Аз ту ба ҷаҳон дуруд мебурдам ман,
Хоки қадамат суҷуд мебурдам ман.
Як шаб ту агар маро ба худ мебурдӣ,
Он гаҳ ба лабам суруд мемурдам ман.

## КУЛЧАИ РӮЙ

Бо ҳазлу ба ҷид бигӯямат дилбари ҷон,
Нон нест умр аст на чандон осон.
Часпон ба танӯри синаам кулчаи рӯ-т,
К-осон ба танӯри гарм мечаспад нон.

## БАХТИ ФАРҲОД

Лак бор шукуфт лолазори дерин,
Ширини дигар ку ба баҳори ширин.
Он бахт, ки Фарҳод зи куҳ кандан ёфт,
Кай ёфта Хусрав ба канори Ширин?!

## ФАСЛИ ХЕШ

Гулбоди баҳор кӯ ба кӯ гашт вазон,
Бишкуфт канори чаману дашт аз он.
Боист ба фасли хештан сохт ба умр,
Нахле, ки шукуфт тирамаҳ, гашт хазон.

## ДУОИ ДИЛ

Дар зиндагии хеш шавӣ хун, дили ман,
Сад бор шавад ранҷи ту афзун, дили ман.
Мебош дар ин давраи аъсоби хароб,
Ободтарин ҷузви ман акнун, дили ман.

## ДАР МИЁНИ ЧОР ДАРЁ…

Кушт аввапаму гуфт, ки: «Оғоз бикун,
Дар рӯзи мамоти худ наво соз бикун».
Бифшурд гулӯву гуфт: «Овоз бихон»,
Шаҳбол шикасту гуфт: «Парвоз бикун»!

## АРЗ

Эй ҳамватанони фориғ аз шеъру сухан,
Дорам ба шумо арзи сареҳу равшан:
Шарт аст, ки баҳри қадрдонии шумо
Мирем ва ё кунем мо тарки ватан?!

## ПАРВОНАИ ХУРШЕД

Дар кӯраи зиндагӣ ту партобам кун,
Дар оташи ҷонгудози он обам кун.
Ҳайф аст, ки парвонаи шамъе бошам,
Парвонаи хуршеди ҷаҳонтобам кун.

## АЗ БАНДИ ШУМО

То чанд маро ба ҷамъи худ пайвастан,
Бо сад хабару қолу мақоле бастан.
Кайҳост, ки аз банди худӣворастам,
Аз банди шумо магар тавон ворастан?!

## БОМИ ФАЛАК

Сарро накунад чу сарварӣ сарвари ман,
Кошо, нарасад бало ба гирду бари ман.
Бас нест магар чакидани бом маро,
К-эй боми фалак ту ҳам чакӣ бар сари ман?!

## ҒОЗАИ ЗАН

Мард аст агарчи банди шерозаи зан,
Андозаи ӯ дигару андозаи зан.
Гулгуна агар зард шавад рӯзи ғазо,
Ғозӣ накунад сурх рух аз ғозаи зан.

## ГИРДИ САРИ ОФТОБ

Ҳар кас, ки дар ин даҳр ба ҳар ҷост макин,
Гардад ҳама умр гирди як чиз яқин.
Хуршеди ҳаётам, ки туӣ, мегардам
Гирди сари офтоби худ ҳамчу Замин.

## ИН ПУЛ НА ОН ПУЛ

Он соҳили рӯд аст абадият маскун,
Ин соҳили рӯд аст замон ҳеҷу забун.
Гар азми ҳаёти ҷовидон дар дилат аст,
Пул созу барои пул коре ту макун.

## МАН ҲЕҶ НАГӮЯМАТ

Ҳирсат гӯяд, ки кам бувад кулли ҷаҳон,
Ақлу хирадат, ки ними нон – роҳати ҷон.
Ман ҳеҷ нагӯямат, ки бо кулли ҷаҳон –
Мирӣ ту гурусна, сер – бо нимаи нон.

## ДАШТИ САБЗИ МАҶНУН

Тахти Ҷаму Дорост валангору нагун,
Бод аст хазинаи ҳазорон Қорун.
Хушкида дарахти хиради Афлотун,
Сабз аст, вале канори дашти Маҷнун.

## АҲЛИ БЕМОРИСТОН

Ҷуз гӯшаи дил нест дигар кориcтон,
Бархез зи хобу о ба бедористон.
Он, к-ӯ ба тавофи дил варо коре нест,
Ҳайфо, ки бувад зи аҳли бемористо н.

## ТАПИДАНУ ОРОМИДАН

Оғози маро, ки нест анҷомидан,
Натвон пайи субҳи ишқ шоме дидан.
З-оғӯши ту беҳтар ба ду олам набувад
Ҳам ҷойи тапидану ҳам оромидан.

## САРМАСТОН

Ҳар маҳфили майрост ҳазорон дастон
Аз ҷуръати сардарфалаку сарпастон.
Он бода, ки филро зи по андозад,
Хӯрдан натавонанд ба ҷуз сармастон.

## БОД БА ДАСТ

Эй он, ки кунӣ ҳазор сӯйе таку дав,
Дони ту чӣ дона, дони гандум ё ҷав?
Бо боди сар омадӣ шикори анқо,
Бо боди ба даст омада хуш бош, бирав!

## НАГУФТАМАТ АЗ ХУД РАВ

Фарқ аст миёни хирмани гандуму ҷав,
Ҳам тафриқа дар аспи ҷувоз асту бидав.
То он ки расӣ ба асли хешат, гуфтам,
Аз худ бадар о, нагуфтамат аз худ рав!

## РАМУЗИ ИШҚ

Бо ёри куҳан намераҳӣ аз ғами нав,
Даст аз тамаъи хом бибардору бирав.
Хоҳӣ зи рамузи ишқ бӯе бибарӣ,
Аз хандаи гул нолаи булбул бишунав.

## АФЛОТУН ШАВ!

Лаб банд ту аз чуну чаро, бечун шав,
Афсона раҳо куну ту худ афсун шав.
Дар кӯйи хароби ақлу ободии ишқ
Маҷнун натавонӣ шудан, Афлотун шав!

## СУДЕ КУ?!

З-ин ҷандалаҳои бебадал суде ку,
З-ин ҳарфи зиёди беамал суде ку.
З-ин дағдағаҳо ҷон ба лаб омад ҳамаро,
Аз кафки даҳону пойи шал суде ку?!

## ЗОДАИ ДАРЁ

Эй холиқи дунё, ғами дунёят ку,
Дар олами танги хок паҳноят ку.
Бинам ба ҳавас ба вусъати уқёнус,
Эй зодаи дарё, дили дарёят ку?!

## НАМАДИ СИЁҲ

Аз ман, ки гуноҳу нуқс меҷӯйӣ ту,
Некии маро гуноҳ мегӯйӣ ту.
Мо рӯди равонему дар он худро боз
Ҳамчун намади сиёҳ мешӯйӣ ту.

## КАЙФИЯТИ АФЛОК

То пок набошӣ, сухан аз пок магӯ,
Дилчок набошӣ, аз дили чок магӯ.
То хок нагардӣ ба раҳи ёри азиз,
Аз нашъаву кайфияти афлок магӯ.

## ЯКЕ ДИЛ

Эй Бор Худо, садқаи бахшоиши ту,
Ду чашму ду гӯш додиву ду бозу.
Аммо ту чаро фақат яке дил додӣ,
К-он ҳам набувад аз ману бошад аз ӯ?!

## ПАРИ КОҲЕ

Дил нест, ки нест ошиқи зор ба ту,
Олам ҳама маҷзубу харидор ба ту.
Ин дӯши заиф зери сад кӯҳи ғам аст,
То як пари коҳе нашавад бор ба ту.

## ОҲУВУ ПАЛАНГ

Ин сӯ ғами дил, ғуссаи дунё он сӯ,
Бо даҳри ҷафокор чӣ сон гирам хӯ.
Оё расад он рӯз, ки дар мулки Худо
Оҳую паланг об хурад аз як ҷӯ?!

## Ё ҲУ!

Моем ҳама даванда дар погаҳи ту,
Фарқе накунад аспи бидав ё ёбу.
Дидам, ки ба чанги шер шуд лахт оҳу,
Аз погаҳи адли ту гузаштам: “Ё ҳу”!

## САДҲО ҚАНДИЛ

Оё шавад осону сабук мушкили ту,
Гар маҳфили дилҳо набувад маҳфили ту.
Торик бувад хона ба садҳо қандил,
Шаб равшан агар нест чароғи дили ту!

## ҶАВОБ КУ?

Ҳарчанд задам садою гуфтам ҳу-ҳу,
Аз синаи ту ҷавоби овозам ку?
Аз санги дили кӯҳ чӣ сон шиква кунам,
К-аз санг садо омаду н-омад аз ту.

## ДОМАНИ ЁР

Гулбоғи таре шукуфта буд дар тани ту,
Пиронасарам фирефт пироҳани ту.
Чун дасти ману домани ту гӯям, ёр,
Гаҳ кӯтаҳу гаҳ дароз шуд домани ту.

## ЭЪТИРОЗ

Бобом, ки дид аз Худо ҳиммати ӯ,
Пас, ман чӣ кашам ба ҷойи ӯ миннати ӯ?
Дар хоки сияҳ кард чаро мавҷудам,
Як ҷав, ки нахӯрдаам ман аз ҷаннати ӯ?!

## РИШТАИ УМР

Эй Бор Худоё, ту маро рост бигӯ,
Тақдири нигаҳбон ба ҷаҳон моро ку?!
Гар риштаи умри мо ба дасти ту бувад,
Ҳар нохалафе чӣ сон канад риштаи ту?!

## РАХТИ ПАРИ ҚУ

Дарҳо ҳама бозанд ба ҷуз як дари ту,
Сарҳо сари нозанд ба ҷуз як сари ту.
Дар бистари бӯрё шабат хуш бошад,
Хобат набарад чӣ суди рахти пари қу?!

## БАР ХЕШ ДУЧОР ОЙӢ

Бар рӯйи ҷаҳон чу раҳгузор ойӣ ту,
Бо васвасаи дору мадор ойӣ ту.
Ҳар рӯз ба сад кас, ки канор ойӣ ту,
Эй кош, ба хеш ҳам дучор ойӣ ту.

## ҶУМЛАИ Ӯ

Чун Ӯст маро, набошадам ҳоҷати ту,
То Ӯст, ба дигаре намеёрам рӯ.
Эй дӯст, маро гуфтаӣ аз ҷумла ҷудо,
Аз ҷумла ҷудоям, ки шудам ҷумлаи Ӯ.

## БИҲИШТУ ДӮЗАХ

Розест ниҳон, биҳишту дӯзах бар ту,
К-аз баҳри кушоданаш занӣ худ ҳар сӯ.
Ин ҳар ду бурун зи хеш беҳуда маҷӯ,
Дар фарди ту, к-офаридаанд ин ҳар ду.

## ОҲУ ВА Ё ҲУ!

Ин мӯйи сафеду шавқи ишқи оҳу,
Аз қарни даҳ омад магарам ин оҳу.
Оҳу, оҳу, ба асри кампутару факс
Ман дашту даман гираму ё ҳу, ё ҳу!

## ТАРКИ ҲАВАС

То хор ба поят наравад, хоро шав,
То кор зи дастат наравад, коро шав.
Ҷое, ки ҳавас ҳаст, ҳама нодоранд,
Тарки ҳаваси сифла бикун, доро шав!

## ГАНҶИ ВАЙРОНСОЗ

Гар кӯза пур аст, пур кунӣ паймона,
Ганҷе бувад, обод шавад ҳар хона.
Эй дил, ту ба синаам чӣ ганҷӣ, охир,
К-аз ишқи рухе маро кунӣ вайрона.

## БЕГОНА БА ХЕШ

Афсона шуд ин дилам ба ҳар афсона,
Паймони вафо баст ба ҳар паймона.
Ҳарчанд ки ром кардамаш умре, монд
Бегона ба хешу хеш бо бегона.

## ФАРДОИ ДИРӮЗШУДА

Мо бар ҳама мушкилот пирӯз шуда,
Бо фахри пагоҳ ибратомӯз шуда.
Чун мо ба худ омадему дунё дидем,
Дидем, ки фардо ҳама дирӯз шуда.

## МАҲБУБИ ХУДО

Мо халқи баду хуби Худоем ҳама,
Мо толибу матлуби Худоем ҳама.
Чун мо ҳама з-ӯему ба ӯ боз равем,
Пас бандаи маҳбуби Худоем ҳама.

## ҲАРФИ МАҶНУН

Рӯзе, ки шудам бандаи он ҷонона,
Ман сабқати ишқи ёр бурдам ё на.
Маҷнун, ки шабе дид ба саҳроям, гуфт:
Танг аст маро дашт ба ин девона!

## ШАМШЕРЗАНӢ

Ин пухтаи ту пухтаи хом аст ҳама,
Парвози ту парвози ба дом аст ҳама.
Дар арсаи корзор ин тундии ту
Шамшерзании ба ниём аст ҳама.

## ГАНДУМКОРИЮ ҶАВДАРАВӢ

З-ин кору амал ҳикмати нав рӯйида
В-ин тиккаи мо бе таку дав рӯйида.
Бо лофу гизоф аз сари минбарҳо
Гандум киштем, лек ҷав рӯйида.

## САР ТАҲИ БАРФ

Дил дар ҳаваси он лаби шангарф шуда
В-ин умри ҷавонӣ ба раҳат сарф шуда.
Гуфтам, ки ҷавонему ба ҳам месабзем,
Дидам, ки сари сабз таҳи барф шуда.

## ДУНЁИ ТОЗА

Ишқи ману ту ба олам овоза шуда,
Андоза куҷо, бурун зи андоза шуда.
Дунё, ки ҳаваспиру куҳанҷоне буд,
Аз оташи ишқи мо зи нав тоза шуда.

## КИНАИ ХУДО

Бар мо ту, Худо, магар гирифтӣ кина,
К-имрӯз ба мо батар бувад аз дина.
Мардум ҳама ҷо хунталабу хунхоранд,
Хун хӯрда магар ба ҷойи шир аз сина?!

## ПАРВОНА

Ман дар қафасам, вале варо парво на,
Хоҳам, ки занам бол, маро пар во на.
Донад касе оё, ки чаро гиряд шамъ,
Дар сӯхтани худ ҳама ё парвона?!

## ОБИШХУР

Атрофи ҷаҳон агарчи об аст ҳама,
Ин оби шумо, вале сароб аст ҳама.
Гар мешу паланганд ба як обишхур,
Обишхуратон, вале хароб аст ҳама.

## ДИДАИ ТОЗА

Сад ранги наве бимоладу лак ғоза,
Барно нашавад аҷузи беандоза.
Дунёи куҳанро набувад тозагие,
Ин дидаи тоза-ст, ки бинад тоза.

## ҚАЛБИ ДИГАРОН

Гаштам шабе аз рози ниҳоне огоҳ,
К-ин олами дил бувад зи моҳӣ то моҳ.
Ҳар қадр, ки ҷустам ба дили хеш раҳе,
Он қадр ба қалби дигарон бурдам роҳ.

## РӮЙИ СИЁҲИ ДУНЁ

Он ҷо, ки бувад васвасаи тахту кулоҳ,
Даҳр асту надонад, чӣ савоб асту гуноҳ.
Он рӯз, ки чашми хирадам равшан шуд,
Дидам, ки чӣ гуна рӯйи дунёст сиёҳ.

## ҒУССАИ РӮБОҲ

Рӯбоҳ, ки умрест, кашад ғуссаву оҳ,
К-ӯ нест ба ваҳшиёни ҷангал сару шоҳ.
Дар беша ба қасди шер, к-оташ занад ӯ,
На шер амон биёбаду на рӯбоҳ.

## ДОМОНИ ШАБ

Оне, ки ба асрори ҷаҳон ҷӯяд роҳ,
Гар нест дилогоҳ, нагардад огоҳ.
Шабро набувад домани кӯтоҳу дароз,
Ғам мекунадаш дарозу шодӣ кӯтоҳ.

## ҲИММАТ

Дил хонаи меҳр аст, на кин асту гуноҳ,
Озоду ғанист аз саховат, на зи ҷоҳ.
Ҳиммат бикунад рӯйи сиёҳи ту сафед,
Борида сафед мешавад абри сиёҳ.

## ПАХТАКАШӢ

Эй халқи азизи пунбакорам, ту хушӣ,
Аз файзи арақҳои ҷабинат чӣ чашӣ!
Оне, ки ба фанд пахтаатро бурда,
Бурда-ст тани хушки туро пахтакашӣ.

## ДАР ҲАЛҚАИ ШЕРОН

Ҳар ношудакеро, ки кабире хонӣ,
Раҳнобаладеро сарапире хонӣ,
Дар ҳалқаи шерони нар амн аст магар,
Рӯбоҳи заифро ту шере хонӣ?!

## БУЛБУЛУ ҒУК

Ҳайф аст, на дар сайри сулуке бошӣ,
Бар нағмаи носоз ту кӯке бошӣ.
Фарқе накунад мор чу ғук аз булбул,
Беҳтар, ки ба қасди он ту ғуке бошӣ.

## ЛУЧУ ПИНҲОН

Худомадаӣ ё ки нав оварда туӣ,
Хиҷлатзадаи кардаву нокарда туӣ.
Дар ҳайратам аз хулқи ту, эй навъи башар,
Луч омада, пинҳон ба дусад парда туӣ.

## ДАВАНДАГОНИ МАЪЗУР

Аз сӯҳбати беғамон, ки дилхун ойӣ,
Аз шаҳр рамида сӯйи ҳомун ойӣ.
З-ин раҳ, ки давандагон ҳама маъзуранд,
Эй пойи шикаста, бе асо чун ойӣ?!

## НА БАНДА, НА ДОДОРЕ

Эй давлати подор, чӣ сон подорӣ,
Бо ин ҳама хору гушнаву нодоре.
Аз доду адолатат чӣ гӯйӣ, ки ҳанӯз
Додат надиҳад на банда, на додоре.

## ШОХАИ ПАРВИН

Эй чӯҷаи навбол, магар шоҳинӣ,
К-аз хок фақат фарози гардун бинӣ.
Эй кош, замона нашканад боли туро,
То шинӣ агар, ба шохи Парвин шинӣ.

## ДОРОИВУ НОДОРӢ

Эй дӯст, чаро ту ин қадар мезорӣ,
Гӯё ки ту нодору ҳақиру хорӣ.
Дар зери қадамҳои ту як сайёра-ст,
Болои сари худ осмоне дорӣ.

## ҲУМОӢ

Эй дил, ту зи бенамо намое талабӣ,
Аз равзанаи танг самое талабӣ.
Азбаски ту худ парандаи гардунӣ,
Аз болшикастае ҳумоӣ талабӣ.

## РАВУ О

Дар кӯйи ниёишам дуоям бошӣ,
Рӯ сӯйи само кунам, самоям бошӣ.
Дунё, ки маҳалли раву ое бошад,
Ҳар гаҳ, ки равам бошию оям, бошӣ.

## ЛАБИ ЧОҲ

Гар огаҳи рози моҳию моҳ астӣ
В-аз ҳикмати аршу фарш огоҳ астӣ,
Танҳо на ба по равӣ фурӯ дар жарфо,
Лаб банд кунун, ки дар лаби чоҳ астӣ.

## ТУХМАИ НАСАБЗИДА

Ман хоки самархезу ту деҳқон будӣ,
Як дони маро ба сад ҳазор афзудӣ.
Гар хоки маро буд яке тухмаи бад,
Сад шукр, насабзида варо бидрудӣ.

## РУСТАМИ ДАСТОН

Тоҷик, куҳан ҳазор дастон дорӣ,
Чизе,ки намеравад зи даст, он дорӣ.
Кас бошад агар ба пушти сар ҳар касро,
Ту пушти сарат Рустами Дастон дорӣ.

## ДАРЁ, НА ҶӮЙ

Имрӯз ба ҳилат сару савдо бикунӣ,
Хоҳӣ, ки ба ҳақ дурӯғ илқо бикунӣ.
Бо макр агар гил бикунӣ оби ҷӯ,
Онро натавонӣ, ки ба дарё бикунӣ.

## АҶАБ ДУРӮҒҲО

Бо мо сухане бе сару по мегӯйӣ,
Собун назада доғи намад мешӯйӣ.
Ман ҳарфи туро ба ростӣ дорам гӯш,
Ҳарчанд аҷаб дурӯғҳо мегӯйӣ.

## КОСАИ КАҶ

Дар кӯйи баҳор ҳилаи дай нахурӣ,
То ной нагардӣ, шакари най нахурӣ.
Дар базми вуҷуд каҷравӣ нест, вале
То каҷ накунӣ косаи худ май нахурӣ.

## НОЧИЗ

Бе кору амал аҷаб ба худ мафтунӣ,
Гӯё ки туӣ Сикандари Мақдунӣ.
Ҳиммат, ки туро ҳамин қадар бошаду бас,
Аз хок, ки боло бишавӣ, гардунӣ.

## ШОДИИ БАШАР

Эй дил, ту маро паноҳу имдод астӣ,
Як додрасе ба рӯзи бедод астӣ.
Гар навъи башар зи дарди ту шод буванд,
Шодам, ки ба шодии башар шод астӣ.

## ГУФТЕМ, КИ ДОНАНД…

Дар рӯйи замин чуну чаро донистӣ,
Ту фарқи сафед аз сиё донистӣ.
Гуфтем, ки донанд, вале то охир,
Эй вой, агар гуфтаи мо донистӣ.

## ДАР ХОКИ ДИГАР

Дилро, ки аз ин обу аз ин гил кандӣ,
Дар хоки дигар магар ту ҳосил бандӣ.
Ту мӯр наӣ, ки модари хеш кушӣ,
З-он баъд ба модари дигар дил бандӣ.

## БЕНИЁЗӢ

То дил надиҳӣ, ту дилнавозӣ накунӣ,
То сар надиҳӣ, ту сарфарозӣ накунӣ.
То нагзарӣ аз баҳри ҳама арзу ниёз,
Дар даҳр умеди бениёзӣ накунӣ.

## САГУ УСТУХОН

Мекӯш ба зиндагӣ, ки обод шавӣ,
Аз бандагиву мазаллат озод шавӣ.
Инсонӣ агар, туро намешояд ҳеҷ
Монанди саге ба устухон шод шавӣ.

## ДЕРОМАДА

Ин шом, ки чун моҳи мунир омадаӣ,
Бо назри вафо чӣ беназир омадаӣ.
Дар тирамаҳи расида пеш аз вақтам,
Эй ёр, ту чун баҳори деромадаӣ.

## МОРЕ БА ШИКАМ ХАЗАД

Дар рӯйи раҳе ту саргарон меистӣ,
Мақсуд ба пеш асту ҳамон меистӣ.
Море ба шикам хазад, ки роҳе бибарад,
Аммо ту ба ин пойи равон меистӣ?!

## ЛАВҲАИ ДАР

Аз фахри мақом масту мадҳуш туӣ,
Бо он дили камзарф чӣ пурҷӯш туӣ.
Имрӯз ба лавҳаи дарат менозӣ,
Фардо, ки дигар шавад, фаромӯш туӣ.

## ҲАДЯИ ОСМОН

Огаҳ набудам, ту ногаҳон омадаӣ,
Ҷонам будаӣ, ба ҷойи ҷон омадаӣ.
То файзи само расад мани хокиро,
Чун ҳадяи поки осмон омадаӣ.

## БИРАВ – БИРАВУ БИЁ – БИЁ

Дишаб, гули ман, ба мо чиҳо мегуфтӣ,
Ҳарфе ту ба мо ё ки зи мо мегуфтӣ.
Гарчӣ ба лабат «бирав-бирав» мечӯшид,
Аммо ба нигаҳ «биё-биё» мегуфтӣ.

## ДОДУ ГИРИФТ

Ҷуз роҳи вафо роҳ ба кӯе набарӣ,
Ошиқ нашавӣ, зи бахт бӯе набарӣ.
Дар олами ишқ аст чунин доду гирифт,
Сар дода ба қурбон, сари мӯе набарӣ.

## ВИСОЛИ ҶАВОНСОЗ

Хоке будаму ту осмонам кардӣ,
Ҳарфе будаму ту достонам кардӣ.
Гар субҳи ҷудоии ту пирам мекард,
Бо шоми висоли худ ҷавонам кардӣ.

## АСЛИ МАРДӢ

Гар шавқ ба дил дорию хунсард наӣ,
Бардошта нозу нозпарвард наӣ,
Бо он ки туро ҳашмати мардонагӣ аст,
Хоки қадами зан нашавӣ, мард наӣ.

## ФАРЗАНДӢ

Дил банд ба кас, хоҳӣ агар дилбанде,
Пайванд ба кас, хоҳӣ агар пайванде.
Бар бепадаре беҳ зи падар бошӣ агар,
Фарзанди дигар ҳам бикунад фарзандӣ.

## ДАСТУ ДАСТГИР

Эй навъи башар, шак ба назираш кардӣ,
Як ҷурми сағирро кабираш кардӣ.
Ҳар гаҳ, ки паямбари Худо дар раҳи ҳақ
Дасти ту гирифт, дастгираш кардӣ.

## МЕҲРИ ДУРӮҒ

Ҷонам ҳама сӯзонию аз тан пурсӣ,
Хорам кунию боз зи гулшан пурсӣ.
Аз меҳри дурӯғи ту аҷаб ҳайронам,
Чун рафтаниям зи бозгаштан пурсӣ.

## Ё

Эй дил, ки ба ин ишқу ҷунун меойӣ,
Фориғ зи ҳама чарову чун меойӣ.
Ё мебариям ба осмонҳо рӯзе,
Ё аз қафаси сина бурун меойӣ.

## ОБУ ОТАШ

Эй даҳр, ту дар ғиллу ғашам андозӣ,
Сӯзе ба дили мушаввашам андозӣ.
Ҳар гоҳ, ки оби чашмам аз пой барад,
Аз об кашӣ, дар оташам андозӣ.

## НАШАВӢ КӮТАҲДАСТ

Аз сӯз магӯ, чу худгудозӣ накунӣ,
Розӣ машав аз хеш, чу розӣ накунӣ.
Дар ҳар ду ҷаҳон ҳам нашавӣ кӯтаҳдаст,
Гар бар ҳақи кас дастдарозӣ накунӣ.

## СОЯВУ ХУРШЕД

Сарчашма куҷову ту куҷо меҷӯйӣ,
То кай на садо, акси садо меҷӯйӣ.
Гар нуқсу камоли соя аз хуршед аст,
Пас нуқсу камоли мо чаро меҷӯйӣ?!

## ЧОР ДАРЁ

Аз хори биёбон майи нобе нахурӣ,
Ҳуш дор, ки найранги саробе нахурӣ.
Дарёст агарчи чор сӯйи дунё,
То дил нашавад об, ту обе нахурӣ.

## МАРГ ДАР АНГУБИН

Қисмат на ҳамон аст, ки бар каф гирӣ,
Бахтат на дар он аст забар ё зерӣ.
Чун мӯр агар ба косаи шаҳд равӣ,
Оғуштаи ангубин ба талхӣ мирӣ.

## ҚУЛ-ҚУЛИ БИСЁР

Он шиша, к-аз он металабӣ рӯзи беҳӣ,
Дар маҳфили андеша куҷо ёфт меҳӣ.
Фарқе набувад, ки одамӣ ё шиша,
Аз қул-қули бисёр шавӣ зуд тиҳӣ.

## МОҲИИ САРОБ

Дар аввали роҳ ё ахири роҳӣ,
Аз бӯйи ғамат нест, вале огоҳӣ.
Андохта шасти худ ба дарёи само,
Аз мавҷи сароби дашт гирӣ моҳӣ.

## МАҲ ДАР ЧАҲ

Аз моҳваше доғи маҳаш меҷӯйӣ,
Аз Коҳкашон гарди каҳаш меҷӯйӣ.
Асл аст, ки равшан бикунад дидаи дил,
Маҳ дар фалаку ту дар чаҳаш меҷӯйӣ.

## ШУКР

Эй мушти пар, эй кабк, маро банда кунӣ,
Бо меҳру вафои хеш шарманда кунӣ.
Шукри ватану рӯзиям омӯз, ки чун
Санге хуриву қақразанон ханда кунӣ.

## ҲОҶИИ ҲАВОӢ

Боист ба шаб нуру сафое бошӣ,
Дар рӯйи замин рӯйи самое бошӣ.
Осон чу равӣ ба Каъба аз роҳи ҳаво,
Тарсам, ки ту ҳоҷии ҳавойӣ бошӣ.

## ҲАВОИ БОМ

Аз нанг гузашта, ном чун меёбӣ,
Маҳбубии хосу ом чун меёбӣ.
Як лаҳза, ки аз хеш наойӣ берун,
Аз хона ҳавои бом чун меёбӣ?!

## ДАШТУ ҚАТРА

Гар дона ба хирман надиҳӣ, хору хасӣ,
Гар лона ба мурғе надиҳӣ, худ қафасӣ.
Дар дашт, ки қатраро бувад қимати ҷон,
З-он қатра гузаштан натавонӣ, чӣ касӣ?!

## МӮРУ ХИРМАНИ ДОН

Фарсудани ҷон барои нон, яъне чӣ,
Ҷон дар гарави нони даҳон, яъне чӣ.
Мӯриву туро донаи гандум кофист,
Як мӯру дусад хирмани дон, яъне чӣ?!

## СУОЛУ ҶАВОБ

Дар даҳри ҳисоб сарҳисобе гирӣ,
Ё дар ҷигари хештан обе гирӣ.
З-онон, ки нагӯянд ҷавобат ба салом,
Оё ба суоли худ ҷавобе гирӣ?!

## ДАРЁИ МУҲИТ

Эй он, ки туро буд ба рӯзи мозӣ,
Дар ҷӯйи равони хона киштибозӣ.
Дарёи муҳит нест ҷӯйи ҳавли-т,
То киштии коғазӣ дар он андозӣ.

## БОЗ ДАР ХОБ

Ҳоҷат, ки зи аҳбоб ба арбоб барӣ,
Аз чашмаи ноёб ба поёб барӣ.
Ё раб, нафасе чаро фақат пеш аз марг
Бедор кунӣ, ки боз дар хоб барӣ?!

## РОҲИ ОСМОН

Бо чашми ҷаҳонбин, ки ҷаҳон бишносӣ,
Авзои замон зи як нишон бишносӣ.
То гум накунӣ роҳ ту дар рӯйи замин,
Боист, ки роҳи осмон бишносӣ!

## ДАР ОБУ ДАР ҲАВО

Гардун, бувадо, ки гардани ғам шиканӣ,
Аммо амалат нест ҷуз одамшиканӣ.
Дар киштии Нӯҳ амон бимондам, к-имрӯз
Кишти-м дар обу дар ҳаво ҳам шиканӣ?!

## МАЗҲАРИ ОФТОБ

Як умр закойи даҳр ҷамъ овардӣ,
Бар ҳуҷҷати илму ақл самъ овардӣ.
Пас бехабар аз тафовути ишқу хирад,
Бар мазҳари офтоб шамъ овардӣ.

## ЗИНДОНИ БЕГУНОҲ

Дигар натавон кард чу ройи азалӣ,
Аз нек расад некиву аз бад илале.
Дар даҳр агарчи бегунаҳ натвон зист,
Зиндон на барои бегуноҳ аст вале.

## КАСР

Рангинназарӣ, шукр ба беранг бигӯй,
Ойинадилӣ, аз хатари занг бигӯй.
Гар ҷом ба санг омаду бишкасту бирехт,
Ин каср ба ҷом астӣ, ё санг, бигӯй?!

## САРХОРИВУ ХОРӢ

Ту пушт маҷӯю бош пушти коре,
Бекор вале ту пушти сар мехорӣ.
Ҷойе, ки ба ангушт канӣ хороро,
Хоридани сар наорадат ҷуз хорӣ.

## ДАРЁВУ ҲУБОБ

Фахри сари пурбод бувад ҳар ҷое,
Он ҷо набувад барои дил маъвое.
Бо бодсарӣ ҳубоб ҳеҷ асту тиҳӣ,
Холӣ шавад аз бод, шавад дарёе.

## ЧИЗЕ НАБАРӢ

Эй одамӣ, омадӣ, ки бинӣ рӯзе,
На рӯзу шабат барои моле сӯзӣ.
Ё бехабарӣ зи рафтани фардоят,
Чизе набарӣ ба худ, чаро андӯзӣ?

## ДУНЁСИПАРӢ

Роҳе барадат аз раҳи худбехабарӣ,
Роҳе барадат ба роҳи азхудгузарӣ.
Сад кӯчаву паскӯча бувад умри туро,
Шаҳроҳ надорад раҳи дунёсипарӣ.

## ОДАМУ ОЛАМ

То кай ба умеди нафасу дам гардӣ,
Бигзар зи даму нафас, ки одам гардӣ.
Донӣ, ки чаро ба оламат меоранд,
К-одам шудан омӯзиву олам гардӣ.

## ЧӢ ШАБЕ БУД?

Гул гуфтамату ба рӯйи гул жола шудӣ,
Як лола чӣ сон ёлаи пурлола шудӣ.
Он шаб чӣ шабе буд, ки ба чилсолагият
Дар оғуши ман чаҳордаҳсола шудӣ.

## ЭЙ ЁРИ ҶАВОНӢ

Эй ёри ҷавониям, ту чунӣ, чунӣ,
Чун умри маро бе ту бувад мазмуне.
Набзи дили ман ҳавои номат дорад,
Дар ҳар раги ман магар ту хунӣ, хунӣ?!

## ШАРМАНДА

Ман бехудаму зи ман адаб мепурсӣ,
Ман ташнаи лаб, ту аз Ҳалаб мепурсӣ.
Шармандаи кори рӯзи хеш астам ман,
Эй вой, агар маро зи шаб мепурсӣ!

## ЁДУ ФАРОМӮШӢ

Аз дил сухане гӯям, агар гӯш кунӣ,
Рӯшод, чӣ эҳтиёҷи рӯпӯшкунӣ.
Ин меҳнати сангин ба чӣ хотир бошад,
Бар ёд биёрӣ, ки фаромӯш кунӣ?!

## БЕСАБРИЮ БЕАҲДӢ

Оне, ки будам ошиқаш аз маҳд, туӣ,
Ширинтару хуштар зи ҳама шаҳд туӣ.
Мо ҳар ду вале аҷаб ба ҳам мемонем,
Бесабр, азизам, ману беаҳд туӣ.

## АСАЛАМ МЕХОНДӢ

Гар дафтари байту ғазалам мехондӣ,
Муштоқ, сарат дар бағалам мемондӣ.
Гар дар лаби хеш мегирифтам лаби ту,
Бе моҳи асал ту асалам мехондӣ.

## КОҲУ ДОНА

Худ ёд гирифтӣ, ки маро ёд диҳӣ,
Имдод накардиву куҷо дод диҳӣ.
Ин аст туро агарки хирмандорӣ,
Ту коҳ гирифта, дона барбод диҳӣ.

## ЧАРО МЕТАРСӢ

Дар арсаи умр рӯбаҳӣ ё шерӣ,
Рӯзат, ки расад, равӣ, ҷавонӣ, пирӣ.
Н-аз зиндагӣ, аз марг чаро метарсӣ,
Ҳар шаб, ки равӣ хобу ба роҳат мирӣ.

## ДАСТИ ХОЛӢ

Танҳо ба авом агар ту олӣ ойӣ,
Дар ҳалқаи хосон ба чӣ ҳоле ойӣ?!
Гар дидаи бино набувад раҳбари ту,
Аз баҳр бурун ба дасти холӣ ойӣ.

## ПИРӮЗ

Андохтанӣ нест ҳар афрохтае,
Нокас набувад, касе зи хас сохтае.
Ҳар бохтаи ҷанг набошад мағлуб,
Пирӯз бувад, ҷанги хато бохтае.

## ГӮШИ ТИҲИИ ДИЛ

Ман сар зада сад бор ба сад шаҳру деҳе,
Аз гӯшаи дил наёфтам хубу беҳе.
Гӯши сарам аз ҳарзаи олам пур шуд,
Гӯши дили ман, вале тиҳӣ монд, тиҳӣ.

## ЧАҲОРМЕХИ АБАДӢ

Эй халқ, паямбар омадат бо сададе,
Некии ту мехосту карди-ш бадӣ.
Исои ҳақ он гоҳ, ки шуд салби салиб,
З-он гаҳ ту ба ҳақ чаҳормехи абадӣ.

## ОДАМУ МАЙМУН

Инсон бувад арчанд дури макнуне,
Дорам вале аз хунии ӯ дилхунӣ.
Бӯзина агар шуд одаме, одам монд,
Одам зи чӣ ҳар лаҳза шавад маймуне?!

## ПОСИ НАМАК

Шукри хуми май кард магар миное,
Ё ин ки мариз аз мадади Синое.
Гар поси намакнакардае мешуд кӯр,
Дар ҳар ду чаҳон буд магар биное?!

## ҲОҶАТ НАБАРАМ

Ҳоҷат набарам ба бандаву бар шоҳе,
Рӯзам гузарад ба музди ҳарфе, оҳе.
Сахтам набувад ба дасткӯтоҳӣ зист,
Кай зист тавонам ба забонкӯтоҳӣ?!

## ҲАВАСИ БАРАБАС

Айёми ҷавонӣ ҳавасе доштаме,
Садҳо ҳавасе ҳар нафасе доштаме.
Дар дастраси хоҳиши дил гӯям ҳол,
Кош он ҳаваси барабасе доштаме!

## ГАВҲАР

Дарёи гуҳар агарчи дидем басе,
Мондем ба ҷо гавҳару чидем хасе.
Дар даҳр, ки мояи башар гавҳари ӯст,
Бо гавҳари хештан надидем касе.

## БОМУ ШАҲБОЛ

Аз қисмати ман, ки мекушойӣ фоле,
Ҳаргиз ту макун ба худ қиёси ҳоле.
Боме, ки равӣ ту, нардбонат бибарад,
Боме, ки равам ман, бибарад шаҳболе.

Бобҳо аз

# ДОСТОНИ НОНУ ИМОН

## СУФРАИ МОДАР

Суфраи модар гирифтам як шабе аз тоқ ман,
Модарам омад ба ёду тифлию рӯзи азо.
Суфраро бо зора молидам ба чашми хештан,
То ки розӣ бошад аз ноне, ки додаст он маро.

Суфра буд як сафҳаи ранҷу нишоти дигарам,
Дар ҳаму печаш ғаму шодии модар буд аён.
Дидам аз он талху ширини ҳаёти модарам,
Дидам афгорию ободии ҷонамро аз он.

Нони модар медиҳад гар тифлро зӯру мадор,
Ман ба тифлиям нахӯрдам сер нони модарам.
Рӯзҳое ки падар буд дар миёни корзор,
Шуд ба ҷурми нокасе барбод ҷони модарам.

Захмию ғамгин падар баргашт аз ҷанги шадид,
Хонаву ҷоро бидиду ҳамсари худро надид.
Чанд соле ғам кашиду баъд бахти хеш кофт,
Ӯ ба худ зан ёфт, аммо тифли ӯ модар наёфт.

Бо ғаму дарду алам бигрифт момо дар барам,
Ӯ калон кардам ба ними нону бо меҳри тамом.
Гарчи момои азизам буд ҷойи модарам,
Дил ба ёди модарам парвард андӯҳи мудом.

Ҳар гаҳе ки модарони ҷӯраҳоям бехабар
Сила мекарданд назди ман сари тифлони хеш,
То нарезам ашк, мекардам назар сӯйи дигар,
Косаи чашмам пур аз обу дилам мегашт реш.

Гар кунун духтарчаҳоям дастҳошонро ба ноз
Бо муҳаббат ҳалқа месозанд гирди гарданам,
Бӯйи модарро ҳамечӯям аз онон бониёз,
Мекунад ашки ман ифшо ёди модар карданам.

Ҳар касе бишнид розамро, наомад дар шигифт,
Момаамро гар дар ин ғамнома модар гуфтаам.
Тифли роҳомӯз агар аз домани модар гирифт,
Ман ба тифлӣ домани момои худ бигрифтаам.

Суфраи момо маро чун кард бемодар калон,
Доштам чун суфраи модар гиромияш ба ҷон.
Лек мехоҳам ба ҷону дил, ки ҳар тифли ҳабиб
Ҳеҷ гаҳ аз суфраи модар намонад бенасиб.

## РӮЗИОФАРИН

Ман намедонам, куҷо кард одамӣ кишти нахуст,
Кай дар он майдони кишташ сабзаи гандум бируст.

Лек медонам ҳамон соле, ки гандум кошт ӯ,
Дос бигрифту дарав карду самар бардошт ӯ,

Хилқати халлоқаш ӯро кард бо Яздон қарин,
Буд рӯзихори дунё, гашт рӯзиофарин.

Гуфт: «Чун ваъда-ст он дунёву фирдавси барин,
Ман биҳишти хеш месозам дар ин рӯи замин.

Баҳри гандум, эй Худо, кардим аз ҷаннат бадар,
Бок не, гар ҷуфти Ҳавво будаам, гаштам башар.

Ман кунун корам замин бо дасти чап, бо дасти рост,
Ҳар касе корад заминро, дар паи кори Худост.

Баски заҳмат мекашам дар хок бо омоли пок,
Медиҳад рӯзии беминнат маро ин обу хок»

Шояд ин сон роз бикшуд одами аҳди куҳан,
Як саҳар бишнохта дунёву асли хештан.

Одамиро меҳнату эҷод чун одам сиришт,
Сарнавишти хеш он рӯз одамӣ аз нав навишт.

Ман ки меҷӯям зи инсон асли яздонии ӯ,
Ҳеҷ н-ояд боварам бар зоти ҳайвонии ӯ.

Ҳар зане ки остинро барзада шӯрад хамир,
Дар танӯраш то пазад ӯ қурси маҳ – нону фатир.

Дида дастони хамиролудааш, гӯям ба дил:
Аз дигар меофарад Модархудоям обу гил.

Ман ба ҷон қурбони дастони хамиролуди ӯ,
Баски ҳастии башар будаст ҳасту буди ӯ.

Як замон беқадр буд дар назди инсон симу зар,
Аз тамоми симу зар буд қимати нон бештар.

Баски мекарданд бо дон одамон доду ситад,
Ғалла шуд меъёри кори халқ то рӯзи абад.

Ин амалро, модари ҷон, ҳаст панди бебадал,
Одаму гандум зи як хоканд аз рӯзи азал.

Дар дили одам давида решаҳои сабзи ӯ,
Решаи одам кунад аз донаи гандум нумӯ.

Хӯшаи пурбори гандум чун сари пурбори туст,
Решаи инсону гандум сабз кардан кори туст.

Ҳеҷ медонанд фарзандонат оё ин масал:
Ҷони мардум медамад аз дони гандум дар амал.

Баҳри гандум ронда шуд бечора Одам аз биҳишт,
То биҳиште офарад худ, дар замин гандум бикишт.

Дони гандумро кунад гар зери по нобуд кас,
Мекунад худро яқин аз одамӣ мардуд кас.

## МӮРИ ДОНАКАШ

Нони гарми гандумӣ хоҳад дилам!
Эй Замин, эй модари аҳли башар,
Дар паноҳи худ нигаҳ дор аз аҷал
Модари пири маро чанде дигар.

Мон, чу мӯре дон кашад бар хонааш,
Ҳеҷ ороме надонад ҷони ӯ.
Баски аз хони касон нон хӯрдааст,
Дигарон ҳам нон хуранд аз хони ӯ.

Ӯ хамири хешро шӯрад саҳар,
Гӯиё гирад танаш аз ин мадор.
Мерасад дар корсони ӯ хамир
Чун замини кишт айёми баҳор.

Дар танӯри кӯҳнааш монад алав,
Ғун кунад аз гирди ҳавлӣ чахсу чӯб.
Сурх гардад рӯйи нонаш дар танӯр
Чун рухи хуршед ҳангоми ғуруб.

Дар сабад чинад фатиру нони хеш,
Бо ду дасти пир бардорад базӯр.
Боз чанде, мон, ба худ гӯяд сухан,
Ҷунбуҷӯле карда дар назди танӯр.

Гирди дастархони ӯ гарданд ҷамъ
Ҷумла фарзандони ӯ дар рӯзи ид.
Бинад ӯ нони газида рӯйи раф,
Гӯяд: «Аз дунёст шайтон ноумед».

Нони хушк афгору дилхунаш кунад,
Хушкиаш хушконад ӯро бештар.
Нони қоқ акнун чилу сесола шуд –
Интизори бисту яксола писар.

Эй Замин, бар модари раҳпойи ман
Боз сабру тоби раҳпойӣ бидеҳ.
Модарию хуб донӣ дарди ӯ,
Дарди модарро тасаллое бидеҳ.

Орзӯи дидани фарзанди хеш
То нафасҳои пасинаш зинда дор.
Бовараш аз ҷазби нонаш кам макун,
То бувад ӯ зиндаву чашминтизор.

Модарон миранду монад нонашон
Аз умеди модарон ҳамчун нишон.
Рафтагонро ҷазби нону меҳри мом
Мекашад аз даҳр сӯйи хонадон.

Боумеде мешавад гар ноумед,
Меканад аз ин ҷаҳон пайванди хеш.
Зинда мемонад замоне модарам,
Зинда медонад агар фарзанди хеш.

Одамӣ падруд мегӯяд ба шаб,
То сабоҳи тозаро гӯяд дуруд.
Аз танӯраш хезад оташ бар само,
То наояд оташ аз гардун фуруд.

Эй Замин, модархудои меҳрубон,
Модари пири маро бахшо амон.
Дар танӯраш оташи ӯро макуш,
Суфраи ӯро ту бесоҳиб намон!

## НОНГУРЕЗОН

Тифлаки ҳамсоязан даҳрӯза шуд,
Мекунад гаҳворабандонаш кунун.
Кулчаву нон мепазад момои ӯ,
Меравад ин хушхабар аз деҳ бурун.

Ҷамъ мегарданд занҳо шодмон,
Гоҳвора – ҳадя аз бобои тифл.
Дам ба дам сад бор гуфта: «Садқа ман!»,
Хам шавад момош дар болои тифл.

Зебу оро медиҳад гаҳвораро,
Мезанад по тифлаки навхоста,
Дастбандак, пойбандак, болишак,
Бистару пуштакчааш ороста.

Дар таҳи гаҳвора гандум пошад ӯ,
То шавад кӯдак зи файзаш баҳравар,
То шавад як дони ӯ сад донае,
Халқро гардад азизу мӯътабар.

Модарам – момои пиронсоли деҳ
Бандадаш дар гоҳвора бо дуо:
«Хоб – хоби хирсу умрат – умри вирс[1]
Хонаи бобот пур аз кӯдако!».

Аз сари гаҳвора пошад қанду қурс,
Кӯдакон чинанд бо часпу талош.
Ӯ газонида ба модар пас ду нон,
Баччаеро дода гӯяд: «Тез бош,

То тавонӣ, ҷонакам, дав дуртар,
То бигардад умри ин кӯдак дароз».
Бачагон ҳам аз паси ӯ медаванд,
Нон аз ӯ бигрифта дар шебу фароз.

---

[1] Вирс – арча.

Дида ин бозию шодию сурур,
Саҳнаи дигар маро омад ба ёд:
Соли ҷангу деҳаи хурду хароб,
Рӯзи танги халқу андӯҳи зиёд.

Тифли наврохе зи дунё бехабар,
Нон ба даст аз хонае омад бадар.
Баччаи зору ятиме менишаст
Гушнаву беҳолу сархам пушти дар.

Ногаҳон бишнид гушна бӯйи нон,
Кард сар боло, кашид оҳе бадард.
Нон ба дасти тифл диду шах бишуд,
Ӯ ба чашми гушнааш бовар накард.

Бо ду мушти хушк молид ӯ ду чашм,
Гӯиё бедор шуд, гар хоб буд.
Ман надонистам, Худоё, ӯ чӣ сон
Барҷаҳиду чанг зад, нонро рабуд.

Мегазидаш сахт, бо ҳирси зиёд,
Балки нохоида мебурдаш фурӯ.
Чарх мезад чашмҳояш бо ҳарос,
Пушту рӯ мегашт гӯё ҳалқи ӯ.

Дарнафас як резаи нон ҳам намонд,
Хӯрда будаш пок тифли бенаво.
Фурсате нагзашта печидаш шикам,
Бачча рӯйи хок мезад дасту по.

Рӯдаҳои хушки ӯ печида буд,
Тифл бо оҳу фиғон мехӯрд печ.
Мардум андар чорааш бечора буд,
Кас надонисташ кунад имдод ҳеч.

Тифли бенонмонда он сӯ гиря дошт,
Баччаи нонхӯрда ин сӯ ҷон супурд.

Ҳар кӣ дид ин гуна марги синасӯз,
Ҳайрате дорам, ки аз ғам чун намурд.

Аҳли деҳ аз хонаҳо омад бурун,
Канд гӯри тифлро бо ранҷу дард.
Бекафан бурдаш ба монанди шаҳид,
Баччаякро бо либосаш гӯр кард.

Гарчи мурд ӯ, зиндагӣ дар мо намурд,
Баски дар дил буд уммеди зафар.
Гар ба рӯзи ғам зи ғам мемурд халқ,
Зинда як кас ҳам намемонд аз башар.

Чун дарахти ҷовидон сабз аст халқ
Ё ба мисли шохаи сарсабзи бед.
Гар варо сар мезанӣ аз кину ҷаҳл,
Боз ҳам сар мебарорад бо умед.

Модаре баски нахоҳад дар ҷаҳон,
Тифли ӯ ғоратгару ғосиб шавад.
Бар касе нодода нон аз хони хеш,
Ӯ ба нони дигарон соҳиб шавад.

Ин ҷаҳон ҳаргиз нагардад тангу тор,
Хон кушояд гар касе дар назди кас,
Ними нонашро агар бинад ба ӯ,
Мешавад комил ҳама бахту ҳавас.

Тифлаки ҳамсояи ман, шав калон,
Пой кӯбу хандаву фарёд зан.
Бо мағал тозанд тифлон нон ба даст,
То шавӣ пиру азизи марду зан.

Тифлаки зеборухи ҳамсоям
Хоб кун, гаҳвора ҳоло тахти туст.
Одамон к-аз омадат шодӣ кунанд,
Ин нишони ҷовидони бахти туст.

# ТАЛБАКИ[1] ТАЛБИДААМ

*( Навҳаи модар )*

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат ки туро дар коми оташ дидаам.
Сӯхтан гарчи дар оташ ҳеҷ касро ком нест,
Кас тавонад чун ту дар оташ равад, ноком нест.
Эй ҷавонмарги ҷавонбахтам, ҷавон рафтӣ зи ман,
Ман намедонам ту рафтӣ, ё ҷаҳон рафтӣ зи ман.
Он саҳаргоҳ офтоби зарфишон буд хандарӯ,
Обшори хандааш мерехт сар то пои ту.
Ғарқи нур аз хона берун омадӣ ту шодмон,
Ҷониби ёри шабу рӯзат нигаҳ кардӣ ниҳон.
Завҷаи уммедворат чун ниҳоли себ буд,
Шохи сабзи қоматаш навбору беосеб буд.
Мевае дар шох чӣ, ӯ оламе дар хеш дошт,
Гӯш бар дунёи хешу ҳамдаме дар хеш дошт.
Рафтӣ аз дарвоза берун хушқаду соҳибкамол,
Об бар оина зад он гаҳ арӯси дилкашол.
Гуфт: «Модар аз чӣ бошад ки дилам осуда нест,
Дар дилу дар ҷонам орому қарори буда нест.
Гарчи роҳаш дур не, то қитъаи ҳамсоя аст,
Кош, пеш аз раҳ ба рӯи суффа як дам менишаст».

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат ки туро дар коми оташ дидаам.
Ҳамраҳи халқи даравгар менишастӣ дар шипанг,
Пеши чашмат мавҷ мезад ғаллазори қаҳваранг.
Хӯшаҳоро заргари хуршед заррин карда буд,
Донаҳоро шираи анвор шир оварда буд.
Мавҷи зар мерафт аз поин ба сӯи пуштаҳо,
Эй аҷаб мавҷе ки мерафт аз хамӣ сӯи фаро.
Дар сари амвоҷи гандумзорҳо асрор буд,
Дасти эҷоди табиат соҳиру хушкор буд.

---

[1] Талбак Лолаев, ҷавони 24-солаи данғарагист, ки ҳангоми аз сӯхтор наҷот додани гандумзори ҷамъиятӣ қаҳрамонона ҳалок шудааст.

Аз қиёми рӯзу аз васли замину осмон
Зиндагӣ эҷод мешуд ногузиру ноаён.
Об бо сардию хуршедаш ба гармӣ месиришт,
Бод бо бозигарӣ, хокаш ба нармӣ месиришт.
Зиндагонӣ шира баста дар замири хӯшаҳо,
Мавҷ мезад дашти зар аз гӯшаҳо то гӯшаҳо.
Баччае метохт аз Булён ба сӯи Сурхрӯд
Бо тамоми қуввату ҷоне, ки будаш дар вуҷуд.
«Ҳой мардум, дашти гандум ногаҳон оташ гирифт,
Ними гандумзорро якбора дар комаш гирифт…»

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат ки туро дар коми оташ дидаам.
Хестӣ аз ҷо, паропар тохтӣ сӯи замин,
Як сӯ оташ буду дигар сӯ сияҳ рӯи замин.
Мавҷи оташ аз хамӣ бар пуштаҳо сар мекашид,
Хӯшаҳои зиндаро чун аждаҳо дар мекашид.
Бо фиғон месӯхту мехост имдоду наҷот,
Соқаҳову хӯшаҳо, ки буд бунёди ҳаёт.
Ман ки парвардам туро бо ширу бо нони ҳалол,
Ҳам падар омӯхтат номусу мардию камол,
Роҳбанди мавҷи оташ мешудӣ,эй дилписанд,
Мекашидӣ тасмае аз хок бо белу каланд.
То бурун ояд мабодо оташ аз ин киштзор,
То напайвандад ба гандумзори нопайдоканор.
Аз куҷо ҷинбоди саҳро хест,оташ шуд баланд,
Пеши чашматро гирифт, афтод аз дастат каланд.
Бо мадори монда андар дасту бозуят каме,
Хушмуроди ҷӯраатро тела додӣ бар хамӣ.
То биғелид ӯ ба пастӣ, дур аз оташ фитод:
«Ман чу дар оташ саропо сӯхтам, ӯ зинда бод!»

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат ки туро дар коми оташ дидаам.
Хонаат ки буд дар як кунҷи ҳавлӣ нимсохт,
Баъди ту бо дасти ёру додарат қад барфарохт.
Гарчи оташ чун саракҳо сӯхт сар то пои ту,
Тухмаи ту монд аммо сабз дар дар саҳрои ту.

Баски асло ту набудӣ бенишону бекамол,
Чун ту мирад ҳар касе, умри абад бодаш ҳалол!
Баъди ту омад ба дунё Талбаки фарзанди ту,
Бенасиб аз рӯи ту, аммо ба ҷон пайванди ту.
Умр агар боқӣ бувад, эй камнасиб аз рӯзгор,
Талбакатро мекунам дар хонаи ту хонадор.
Дорад ӯ равшан чароғи хонаи меҳри падар,
Бошадаш дар зиндагӣ рӯҳи падар имдодгар.
Таҳ нишинад дар дили ёри азизат дарду ғам,
Мебарорам ман варо аз хонаам чун духтарам,
Баски, эй ҷону ҷигар, дунёст дунёи умед,
Ӯ ҷавон асту дилу ҷонаш бувад ҷои умед.
Гар умеди норасои одамӣ гардад расо,
Рӯҳи поки ту шавад осудаву розӣ зи мо.

Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам,
Ин чӣ қисмат ки туро дар коми оташ дидаам.
Дар ҳамин даврони сериву пурӣ, эй ҷони ман,
Баҳри гандум шарт буд оё дар оташ сӯхтан?
Метавонистӣ ки бошӣ аз дами оташ канор,
То насӯзӣ хӯшаи ҷони ҷавон дар хӯшазор.
Ман,чӣ мегӯям, Худоё,дар сари дарду алам,
Ин суханҳо мекунад чун теғ қалбамро қалам.
Худ магар н-омӯхтам аз кӯдакият қадри нон,
Қадри нонро, гуфтам, аз ҳар чиз авлотар бидон.
Гар бубинӣ резаи нон хор шуд дар зери по,
Зуд бардору бибӯсу молаш андар дидаҳо,
Пас варо болои деворе, баландие бимон,
Ё чу ризқи моҳиён андоз дар оби равон.
То шавӣ бар халқ ҳамчун нон азизу ёр ту,
То нагардӣ ҳеҷ гаҳ мӯҳтоҷу хору зор ту.
Гуфтамат: «Аз нон набошад ҳеҷ беҳтар ҳамсафар».
Гуфтамат: «Танҳо бихобӣ, нон бимон болои сар».
Ҳар куҷое нон бувад, шайтон кунад з-он ҷо фирор,
Ҳар касе нон офарад, ҷон офарад дар рӯзгор».

## ДАР ҲИСОРИ ГУШНАГӢ

*Ба ёди Таня Багдануваи сездаҳсола, як нафар аз се миллион зиндаву мурдаи Ленинград (Санкт-Петербург), ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ гушна ва дар муҳосираи нӯҳсадрӯза буд.*

Кишти гандум хӯша мебаст аз қиёмат бедарак,
Тухми одам бар замин мерехт чун дон аз сарак.
Киштҳо буданд сабзу хуррам аз оби баҳор,
Даштҳо буданд аз хуни башар чун лолазор.
Об мешуд барфҳо дар пуштаву дар кӯҳҳо,
Об мешуд одамӣ аз ғуссаву андӯҳҳо.
Гарчи дар соҳил намегунҷид дарёи дамон,
Хушк мешуд дам ба дам дарёи ризқи одамон.
Наҳр мерафт аз миёни шаҳр озод аз каманд,
Шаҳр аммо дар ҳисори гушнагӣ буд шаҳрбанд.
Олами озодро ин шаҳр пай афканда буд,
Худ вале аз олами озод ҳоло канда буд.
Аз уфуқ поин намерафт офтоби осмон,
Офтоби зиндагонӣ буд аммо бенишон.
Гарчи равшан буд шаҳр аз нури шабҳои сафед,
Буд рӯзи шаҳриён аммо сиёҳу беумед.
Шаҳр монанди ҳисоре буд, к-онро дар набуд,
Ғайри зору гушна мурдан чораи дигар набуд.
Тифлаке беҳол хобида ба рӯйи рахти хоб,
Менавиштӣ хат падарро аз чунин ҳоли хароб.
Менавишт аз ҳоли зораш бар падар, бар ҷанг хат.
Номаро мехостам бо шеър орам бар қалам,
Оҷиз омад гаҳ қалам, гаҳ қалбам аз дарду алам.
Ман варо он сон, ки буда, назм кардам сар ба сар,
Худ ғаму дардаш маро мекард таҳрире дигар:
«Ҷон падарҷони азизам, нома бар номи Шумост,[1]
Номаи ғамбори Таня, тифли нокоми Шумост.

---

[1] Асли мактуби Таня Багданува дар музеи омӯзишгоҳи педагогии рақами 5 шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз аст.

Менависам, баски медонам, ки маргам дур нест,
Дар ҷаҳон аз гушна мурдан дарду ранҷи зӯр нест.
Дар сари ман модарам шабзиндадорӣ мекунад,
Бо тани бемори худ бемордорӣ мекунад.
Додаронам лоғару беҳолу гушна рӯзу шаб,
Дар фироқи як лаби нон ҷонашон омад ба лаб.
Медиҳанд аммо зи ҳаққи нони худ кам-кам ба ман,[1]
Дар сипоси меҳри онон аз куҷо ёбам сухан.
Ман чунон аз гушнагӣ ворафтам аз ҳолу мадор,
Ки ба ҷуз маргам наояд чораи дигар ба кор.
Гул кунад пушти тиреза шохаи нахли ҷавон,
Ман вале дар навда овезон чу як барги хазон.
Дина рӯйи осмонро дида будам беғубор,
Осмони дидаи ман буд аммо ашкбор.
Як нафас мехостам берун равам чун дигарон,
Хостам аз ҷо бихезам, буд ҷунбидан гарон.
Бурд берун модарам дар рӯйи дастонаш маро,
Мефишурд ӯ ҳар замон бар сина чун ҷонаш маро.
Гушнагию дардҳо бурда рамақ аз ҷони ман,
Аз давоми умри ман набвад дигар ҷойи сухан.
Ҷон, падарҷони азизам, рафт як моҳи тамом,
Номаи худро накардам ман вале ҳоло тамом.
Баски онро менависам аз заифӣ ҳарф-ҳарф,
Об мегардам сари ҳар ҳарф мисли барф, барф.
Боз баъди як-ду сатре меравад ҳушам зи сар,
Менависам, чун ба ҳуш оям, ду-се сатри дигар.
Гар зи дарду ғусса гирям, дасту поям раг кашад,
Дард гӯё аз заминам бар чаҳи бетаг кашад.
З-ин сабаб аз гиря метарсам, ки ногаҳ ҷон диҳам,
То намонад ҳамчу умрам нотамом ин нома ҳам.
Дӯстам доред агарчи бештар аз ҷону тан,
Ҷон, падарҷон, хун нагардед аз ҷавонмаргии ман.
Ҳеҷ касро дар вафоти ман гуноҳе нест, нест,
Аз насиби ман батар рӯзи сиёҳе нест, нест.

[1] 125 грамм ноне дар назар аст, ки барои як шабонарӯз ба бошандагони дар муҳосара мондаи шаҳр дода мешуд.

Ман фақат хоҳам кунун, як бор гиредам канор,
Ман Шуморо то дами марг интизорам, интизор…»

Ман чӣ мегӯям ба ту, эй тифли ширини падар,
Гушна мемирию меҷӯйӣ ту таскини падар.
То кунад сарбоз Багданув зафар дар корзор,
Панҷ фарзандаш агарчи мурд гушна, хору зор.
Гуфтаӣ: Марги маро асло гунаҳкоре набуд,
Буд, аммо ту намехоҳӣ аз ӯ ёде намуд.
То насозад номаатро номи ӯ зишту касиф,
То ба вақти назъ н-олояд туро ҷони шариф.
Гар ту аз покӣ нагирӣ номи ӯро бар даҳон,
Нокасон доранд акнун номи ӯ вирди забон.
Гӯиё ӯ боиси марги туву куштор нест,
Гӯиё хундор буду ваҳшии хунхор нест.
Дод фармон ӯ:
Кунед ин шаҳр яксони замин,
То намонад зинда дар он ҳеҷ ҷони одамин.
Бар сараш боред ҳар рӯз он қадарҳо бомбу тир,
То сияҳ гардад замину осмонаш ҳамчу қир.
То намонад дар ҷаҳон ному нишону ёди он,
Дар ҳисори гушнагӣ мирад ҳама ҷонзоди он…

Рӯҳи халқи зинда,
арвоҳи шаҳидон ёр шуд,
Дар дили халқи гурусна қудрате бедор шуд.
Баски нон омад ба роҳи обу оҳан сӯйи он,
Кард халқи кишварам баски ба ӯ тақсими нон.
Гарчи шуд чун ҳар кафи хокаш диле захмию реш,
Он куҷо таслим шуд,
кард он зафар бар хасми хеш.
Ҳар замон чун абр пӯшонад вале рӯйи само
Дуди ҷисми мардуме, к-ӯ сӯхта дар печҳо.
Аз фиғони зиндагӯронидагони он лаин
То кунун бо нола зери пой меҷунбад замин.
Гар касе ёде кунад белаънат аз ному фанаш,
Хуни поки ҳамчу ту қурбониён дар гарданаш!

## УМЕД

Ман ҳазорон шукр гӯям, суфраи модар, ба ту,
Ки маро парвардию додӣ забони чомагӯ.
Ёфтам ногаҳ турову ҳикмати ин достон,
Ёфтам пайванди даврони навину бостон.
Сабт андар суфраҳо будаст таърихи башар,
Маҳшари таърихи инсон доштаст ин ҷо асар.
Нон набудаст аз азал танҳо ғизои одамӣ,
Нон чу имон будаасту мубтадои одамӣ.
Ҳар гаҳе ки модари тоҷик мешӯрад хамир,
Гӯиё мешӯрад ӯ моро зи нав аслу замир.
Гӯиё мегӯяд ӯ моро, ки насли одамед,
Модари гетӣ агар розист, асли одамед.
Модари инсону гетӣ хоҳад аз фарзанди хеш,
То кунад худро раҳо ӯ аз худу аз банди хеш.
То кунад ӯ ҷумла тӯпу танкҳои хеш об,
З-он филиз ӯ созад акнун комбайни беҳисоб.
То ҳама майдони машқу посгоҳи аскарон
Сабз гардад ҳамчу гандумзорҳои бекарон.
Аскарони навҷавон ҷойи камон дар даст гул
Интизори духтарон бошанд бо уммеди кул.
Ҷумла мошинҳои ҳарбӣ гашта мошини арӯс,
Гулфишону гулбасар гӯянд таҳсини арӯс.
Ҷойи мили тӯпҳо восил ду ангуштар шавад,
Зочааш гӯяд: Арӯси нозанин модар шавад.
Шаст милён ҳарбию созандаи тӯпу силоҳ
Дар замин бо азми деҳқонӣ кунад кори салоҳ.
Баъд аз ин дар даҳр кишварҳои пурзӯру кабир
Фахр бинмоянд на бо аслиҳа, бо халқи сер.
Мавҷҷӯён аз дигар сайёраҳои ноаён
Дар замин ҳам бишнаванд овозҳои гушнагон.
То расад дар ҷойи тӯпу бомби марговаре
Тухми гандум чун мадад аз кишваре бар кишваре.
Модари гетӣ бихоҳад мардумиро иттиҳод,
То зи аҷдоду зи асли хештан оранд ёд.

То баранд аз ёдҳо кину ситезу душманӣ,
Синаҳо софӣ биёбад, ақлу дилҳо равшанӣ.
Нони бобоӣ ба хон бинҳода гӯянд одамон:
Ҳар касе аслаш надонад, нест ҳаргиз одам он.
Асли кас нонофарию ранҷу мардумзодагист,
Ҳар касе, ки нон хурад беранҷ, мардумзода нест.
Одамиро одамӣ кардаст агар нони ҳалол,
Нони муфташ боз ҳайвон мекунад бе қилу қол.
Ман ки нон меёбам аз ранҷи шаборӯзи қалам,
Мехурам нони ҳалоли хеш дар бозор ҳам.
Гуфта буд момо: «Ҳазар кун, баччам, аз нони ҳаром,
Ҳеҷ хайре нест дунёро зи инсони ҳаром.
Одамӣ поку ҳалол аст, ар бувад нонаш ҳалол,
Аз ҳалол аст одамию даҳрро авҷу камол».
Дорам уммеде, ки халқи гушнаву сери ҷаҳон
Гирди ҳам оянд акнун гирди як дасторхон.
Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст,
Рӯйи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст.

*Соли 1986*

# САНГИ МАН – АЛМОС

Ман киям?
Шояд инсони дарахт,
Решаам рафта дар оби дили деҳ,
Шохаам сабз шуда дар тани шаҳр,
Ки бад-ин ҳол на шаҳрӣ, на деҳотӣ бошам,
Кандам аз хеш, чӣ сон бо дигаре пайвандам?!

Натавонам, ки барам
Панҷаи решаи заррини диламро бо хеш
Ва дар он хоки навин сабз кунам.
Шоху баргам ки кунун бори патакреша бувад,
Бим аз ҳамлаи тӯфон дорам.

Лек ҳоло сухан аз тӯфон нест,
Гарчи дар ҳар нафаси зиндагиям тӯфонест.

Маданӣ гаштам,
яъне ки шудам шаҳрзада.

Дӯстони бачагиям ҳама дар деҳ монданд.
Ман ба деҳ меоям,
Лек ҳамроҳи парастуҳо соле як бор,
То дароям ба канори токистонҳояш
Ташнаи меҳри канори модар,
Ҳамчу бо хоҳаракам ҳарф занам бо чашма,
Ба сафедори сарафрохта гӯям, ки:
Салом, эй додар!
Гарм оғӯш кашам момаи пири тутам,
Сар ба санги сари сахти бачагиям ниҳаму
хоб равам.

Хезам,
атроф маро фарши гули зардолуст
Ва парасту созад лона ба шифти хона.

Як замон бому дари хонаи мо
Боми кафтарҳо буд.
Бом пар мезаду кур-кур мекард,
Бом мехонд
ва бом
Боми оҳангу наво буд ба қонуни саҳар.

Хуш ба ҳолаш,
Ки паси он ҳавлӣ
Қитъаи сабзи замин буд,
ки чун шом ояд,
Осмонаш пури шабпар мешуд.

Кӯдаконе будем,
К-аз ҳавои дили худ
тоқии худро ба ҳаво дода ҳаво,
Медавидем,
ки дар тоқиамон шабпарае дармонад.

Ман ки андохтам аз шавқ кулоҳам боре,
Рафту дар хӯшаи Парвин овехт.
З-он шабам худ ба замину кулаҳ аз моҳ
бувад болотар.

Дӯстдори суханам.
Сабз гардад ба кафам шохи қалам.
Баски ҳам ишқ ба шудгори хазонӣ дорам
Ва дар ин дам ки маро нест замину испор,
Рӯи марзи вараqи тоза қалам меронам,
Ки баногаҳ гияҳе сабз шавад,
гандум ё ҷав рӯяд
Ва аз он қитъаи шудгори қалам
дасти кам
Мӯр бар хонаи худ дона кашад.

Дӯст дорам фаварони гули шафтолуро,
Ишқи занбӯри асалро ба арӯси гули себ,

Ки ба як бӯсаи ширин кунадаш обистан
Ва ман обистани гулро
                    ба қалам об диҳам,
То ки дар дафтари ман шохаи себ орад бор.

Хушам ояд,
Бӯсае, к-аз лаби гул бардорад,
Асали гул кунад охир ба муҳаббат занбӯр.

Ибрате ҳаст дар ин зумраи нӯшин ҳашара,
Ки занад неш фақат аз пайи нӯш.
На пайи нӯш агар неш ба иҷбор занад,
Дарнафас ҷон бидиҳад аз гунаҳи бегунаҳӣ.

Лек афсӯс, маро дар дафтар
Гоҳ-гоҳе на асал ҳасту на занбӯру на себ,
Фақат авроқи гули пажмурда-ст.

Хушам ояд,
Гар зулоли шабнам –
Ташнаи чашмаи нӯши хуршед –
Миннати барги гулеро накашад.

Хушам ояд,
Қатра донад, ки дар он ҳар дарёе дарёст,
Низ дарё, ки вай аз қатра бувад дарёе.

Чун шудам зода ба соли сагу бурҷи мизон,
Аз сагам меҳру вафо мерос аст
В-аз тарозуям дод асту адолатмандӣ.

Санги ман алмос аст.

Шишабозӣ набувад шеваи ҳеҷ алмосе.
Чун мураккаб бишавад санги ман аз дудаи дил,[1]
Гарчи гоҳ обию гаҳ сабзу сафеду сурх аст,
Лек шаффофу булӯрист ҳама.

Шӯълаи теғаи алмоси ман аз нури дил аст.

Дил ибодатгаҳи ман.
Ҳамди ислом аст
                    он сура, ки ман мехонам,
Бо нафасҳои Масеҳ
Ва ба имони Яҳуд
Ва мудоро, ки расад аз Будо
Ва ба ҳар кас ки ба дил маъбади имонаш ҳаст,
Оварам рӯйи намоз.

Ва дуо мегӯям,
Бехи имони маро дорад сабз
Он Худое ки туро сабз нигаҳ медорад.
Рӯ ба абре, ки равон аст ба дарёи само, мезорам,
То барад хайру савобаш ба қабули хуршед.

Осмон дорад агар
                    панҷаи оби раҳмат,
На фақат бар сари сарву гулу райҳону тамишк,
Ба сари газна, шутурхору ғумой,
Ба сари хори хасак ҳам борад.

Хор худро ба чаман хор кунад,
То гуле ханда ба гулзор кунад.

Чашми бад дур зи хори сари кӯтаҳдевор.

Чашми бад дур,
Зоғ агар замзамапардоз шавад,
Чашми хаффош ба хуршед шиносо гардад,
Дом худро шиканад дар пайи озодии сайд,
Гургро раҳм ба бузғолаи гумроҳ ояд,
Заҳр агар дар даҳани мор шавад позаҳре.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Шаб зи вайрона ба ободӣ агар орад рӯй
Чуғзи вайронанишин.
Аз ҳаё санги раҳ аз раҳ фиканад худро дур,
Набзи худро шунавад хораи сарду хомӯш,
Гар ба болои шутур
Камбағалро нагазад
Саг
ва ё
соҳиби саг.

Чашми бад дур,
Агар арбоби сиёсат як субҳ
Дар пайи рафъи хумори абадӣ
лаб на ба ҷом,
Лаб ба сарчашмаи дониш ниҳаду додгарӣ.

Кафки дарё назанад лофи асолат
ба сари гавҳари пок,
Ҷӯши мағзоба кунад шарм зи мағзи одам,
Хӯса гар Рустами дастон нашиносад худро.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар нагӯяд зи ҳасад душмани ту,
(Чун наёбад зи ту айб)
Каҷ бувад думми сагат.
Ва ҳар он кас ки занад лофу гизоф,
Ки чу ӯ дар ду ҷаҳон нест башардӯст касе,
Натарошад ҳама шаб
Лоақал сояи ҳамсояи хеш аз девор.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар ба ҳар кишвари гумкардашаҳе
Бози давлат шинад

Ба сари кал, ки кунад соҳибтоҷ,[2]
Он калак лек ба фардои кулаҳгӯшагиаш
Калии хеш фаромуш накунад
Ва нагӯяд, ки барад фарти шаҳӣ аз Доро
Ва наомӯзад ӯ
Панду андарз ба Луқмони Ҳаким,
Мушкили фалсафаро бар Суқрот.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар ҳамоне ки бигуфт:
Ин манам бораи подори диёр!
На фақат пораи девори диёр,
Балки девори ҷаҳонро як хишт
Ҷониби худ ва фақат ҷониби худ н-афтонад,
Ки на девор бимонад ба ватан з-ӯ бар ҷо,
На дару дарвоза.
Чашми бад дур.

Чашми бад дур,
Гар нагӯяд зи пагаҳ то ба абад
Дар ҳама гирду канори кишвар
Ҳамаи вирду намозат, эй халқ,
Номи ман пеш зи Бисмиллоҳ аст.

Чашми бад дур,
Гар сари тахти шаҳаншоҳи замон
Чоруқи кӯҳнаву фарсуда бувад овезон,
То бигӯяд, ки: “Аёз,
Чоруқат андар кос,
Ҳадди худро бишнос”.[3]

Чашми бад дур,
Гоҳ агар бе хатари ҷон
ба думи шер
тавон бозӣ кард.

Зиндагӣ чун на фақат ҷонбозист,
Зиндагӣ боз ки бозӣ ҳам ҳаст.

Зиндагӣ нест, вале
Бозии гурбаву муш.

Зиндагӣ гар бозист,
Бозии модари хирс аст ба хирсакбачаҳо
Дар варои ҷангал
Ё паси панҷараи боғи вуҳуш.

Зиндагӣ гар бозист,
Бозии барқ ба нафти шаби торик бувад,
Ки ба оташбозӣ,
Бизанад бар дили зулмат оташ
Пилтаи каҷмакаҷи шӯълавараш.

Зиндагӣ
бозии як лаҳза ҷаҳонафрӯзист.

Зиндагӣ аз кайҳон меояд.
Ҳамчу нурест, ки аз роғи даре мегузарад
Ва ба торикии долони дудар меларзад,
Кас мабодо ки дари хона ба рӯяш бандад.

Зиндагӣ
ҳадяи нур аст ба ҳар як дари боз.

Нардбоне ки барад ҷониби бом,
Агар аз шавқ бимонӣ ба сари тиру камон,
Барадат балки ба боми гардун.

Зиндагӣ расми нигаҳ доштани паймон аст,
Ки абад баста ба ҳам
булбулу гул
Хандаи сурхи шақоиқ ба баҳори борон,
Офтобу гули хуршед ки бинад рухи он

Аз паси сад қабати абри захим,
Теғаи кӯҳу уқоб,
Ҷуфти мусичаву як шохи дарахт,
Камари уқдакушои
зану достони гиреҳхӯрдаи мард.

Зиндагӣ
ношикебоии абр асту шикебоии кӯҳ,
Зиндагӣ
ҳиммати шеронаи шер,
Ҳилаву рӯбаҳии рӯбоҳ аст.
Гарчи камтар набувад
Шерии рӯбаҳу рӯбоҳии наршераш ҳам.

Зиндагӣ
ҳеҷ на зишт асту на хуб,
Зиндагӣ
бурҷи тулӯъ асту ғуруб.

Лек гоҳе аҷаб аст,
Ях кунад дил ба дами тафсонаш,
Ё зи бедодии сардаш сӯзад,
То яке зумраи нокора саворанд ба дӯши инсоф,
Ҳамчу бар пушти харе.
Дузду раҳзан ҳама якбора шуда "Ҷип"-савор.
Пои инсоф, ки ланг аст имрӯз,
Ланги инсоф нишинад бар "Ҷип".

Лек деҳқон –
сияҳи сӯхта дар саҳроҳо, –
Осиёсанги гарони рӯзӣ
Бикашонад ба сари дӯши хаму обилахез.
Зиндагӣ ҳам, ки гаҳе беинсоф
Ва намакхӯрда намакдоншикан аст,
Рӯйи ин захм намак мепошад.

Зиндагӣ
дониши нодониҳост.

Бикунад дониши мӯраш ҳамаро дар ҳайрат,
Ки агар донаи арзан бибарад,
карда ду тақсим варо

Ва агар донаи гандум бибарад,
карда чаҳораш пора,
Бигузорад, ки нарӯяд ба баҳор.[4]
То намирад ба баҳорон гушна,
То баҳораш нашавад айни хазон.

Ва агар мӯр бад-ин сон доност,
Чӣ тавон гуфт зи донишварии инсонаш.

Дафтари дониши андӯхта шӯям дар об.

То зи нав фалсафаи обу алафро хонам,
Ҳикмати бастагии кӯҳу камарро ёбам.
Фарқи парвозу хазидан дар чист?
Гар паридан нарасонад ба савойи хуршед.

Чист дар ишқи ниҳони садафу марворид,
Ки чу санг аст, вале ҷон дорад,
Ҳаст ҷонзод, вале сангинтан,
Чӣ наботест, ки бораш ҳама гавҳар бошад.[5]

Дар баҳорони гулу бедорӣ,
Нисбати духтари деҳқону ниҳоле дар чист,
Ки ба сар карда сарандози арӯсӣ аз гул
Мешавад дар раҳи домоди чаман атрафшон.
Баъд ҳамтои зани ҳомилае ҳосили хеш
Дар таҳи пираҳани сабз ниҳон медорад.

Дар чаманҳо
Сари ҳар соқи алаф сад гираҳи роз бувад.

Ғунча хандида чӣ гуфтаст саҳар бо булбул,
Ки дигар булбули шӯрида бихонад
ҳама субҳу ҳама шом,
Кай тавонад, ки ҷавоби сухани гул гӯяд.

Дили ман мехоҳад,
Бонги мурғони чаман шӯъла кашад дар гулшан,
Сахт ношодам, агар шохаи гул,
Хушк аз ғунчаи овоз шавад.

Чун бубинам, шаби маҳтоб, ки як ҷуфти ҷавон
Чун ду саршохаи нур аст ба ҳам печида,
Бикушояд зи фараҳ баҳри дилам
Аз замин то маҳтоб,
Ё фарохотар аз уқёнус.

Ман надонам, ки чаро
бештар аз ҳар чӣ, ки ҳаст,
Кашадам ҷазбаи маҳ дар гардун
Дар замин паҳнаи дарёҳоям.

Ин магар ғуссаи ишқи ватани
аввалу сонии ман аст?![6]

Як замон хаймаи маҳ буд нахустин ватанам
Ва ба он пайраҳаи нур,
ки дар байни маҳу дарёҳост,
Як шаб аз зодгаҳи маҳтобам
Омадам бар ватани дарёям.

Маҳди маҳтобии ман
Қарнҳо пас ба ниҳонхонаи дарё ҷунбид,
То зи дарё ба замин по мондам.

Ман набудам, агар аз насли башар,
Бегумон
моҳии дарё будам.

Моҳӣ,
оё хабарат ҳаст, ки ояд аз моҳ.
Моҳӣ аз маҳ, яъне.

Духтарам, к-аввали бурҷи моҳӣ
ба ҷаҳон омадааст,
Рӯзе омад тозон,
(Он замон кӯдак буд)
Гуфт: Бобо, амакеро дидам дар кӯча,
Ба сараш лонаи кафтар мерафт
Ва ба оҳубара мегуфт сухан чун бо мо,
Моҳӣ аз рӯд ба ҳар як суханаш пар мезад.

Ногаҳон себи ҷавоне, ки ба зераш будем,
З-ин суханҳои шигифти кӯдак,
Шох афшондаву ларзиду шукуфт.

Зиҳӣ, он ишқи Худованди
ҷаҳонҳои ҷаҳонсоз,
зиҳӣ,
Ки саросар ба ҳама соҳати даҳр,
Ба ҳар оҳанги сабо,
Ларзаи барги дарахт,
Сари ҳар мавҷи равон,
Балки дар ҳар нафаси туғи биёбони ҳаҷир
Накҳати ишқи маҷозиву намозӣ ҷорист
Ва ба ҳар нахли шукуфта
чамани орзуи Лайлоест
Ва ба ҳар пайки навозишгари бод
Мавҷи дарё, таби саҳрои дили Маҷнунест.

Ман агар шохаи бед
Дар замини шафати боғчаам биншонам,
Ҳаргиз уммед надорам, ки бисабзад бодом.
Гар бикорам бодом,
Нағз донам, ки намерӯяд бед.

Лек агар буттаи газ рӯяд ҳам,
хушнудам.
То нарӯяд.

Нафареро медонам,
ки сабоҳи ҷумъа
Мехарад халтаи пур
Чормағз аз бозор.
Мефурӯшад ба ҳамон қимат боз.
Чун бипурсанд варо: Суд аз ин савдо чист?
Бо аҷаб мегӯяд:
– Э, чунон мефорад,
Чормағзо бикунан жағ-жағи жағ.

Метавон нон ба гадоӣ ҳам ёфт,
Натавон ёфт валекин номе.

Зиндагӣ як сафари дуру дарози абадист
Бо нигаҳдошти кӯтоҳтарин ҳангоме,
Ки бувад аз ту ба андозаи як ними нафас,
То расӣ зинда ба даргоҳи умед.

Падарам зинда зи ҷанги ватанӣ бозомад,
Модарам шуд вале аз айби қаровул шабе
ин ҷой шаҳид,
Ки ба сар дошт хумори бода
Ва ба каф дасти туфанг.

Баъд
дар маҳкама
мегуфт ҳамон:
Чӣ кунам – айби арақ,
Чӣ кунам – ҷурми туфанг.

Шуд аз он рӯз яқин
Мастию тиру туфангам манфур.

Модарамро ки ба гӯристон
бурданд чу бод,
Барфи ғам меборид,
Ончунон авҷкунон, печзанон меборид,
Ки дарахтону хиёбонҳоро
сару бар мепечид.
Оламеро ҳама бо печиши худ мепечонд
Ва таҳи бистари худ мепӯшид.
Барфи поиндарӣ аз бом баландӣ мекард,
Барфи бом аз гардун.
В-аз замин то ба само буд кафанпӯш ҷаҳон.

Мани навроҳ паси панҷара ҳайрон будам,
Модарамро ки сари дӯш сабук мебурданд
Аз миёни ҳама он барфи бузург
Ба куҷое пурбарф.

Баъд аз он аст, ки мепиндорам,
Маргро роҳи сафеде ба ҷаҳони барфӣ.
Модару кӯдакиам монда паси барф,
паси барфи азим.

Духтарамро ки гаҳе
Нусхаи модари ман мегӯянд,
Мезанад ҳалқа ба чашмонам ашк.

Чист дар ҳасрати он мурғи қафас,
К-обу донаш бошад,
Амни ҷонаш бошад,
Лек бошад побанд
Ва дар озодии мурғе ки набошад ба амон
Ва бувад ҳар нафаси зиндагиаш роҳ ба марг;
Ё ки аз хастадилӣ
Бурда аз ёд ҳавои парвоз,
Ва наёрад зи дарахте ба дарахте кӯчад
Ва само дар назараш деги фурӯафтода-ст
Ва надонад ҳатто

Нашъаи озодӣ
az ситами побандӣ.

Ман, агар болам буд,
Дода будам ба шутурмурғ, ки парвоз кунад,
То шавад яксара озод зи бори таъна,
Ки шутур бошаду боре накашад,
Ё бувад мурғу наёрад бикунад парвозе.

Агар имкони сухан аз шаън аст,
Чӣ зарурат ба сухан аз таън аст.

Зиндагӣ рӯзу шаб аст,
Шабаш аммо чӣ дароз асту чӣ кӯтаҳ рӯзаш.
Ҳашт соат бошад гарчи шабаш,
Шонздаҳ соат рӯз.

Буд адибе ки ба ҳар меҳмонӣ,
Сари минбар ҳатто
Ба ғанаб рафтаву хур-хур мекард
Ва гумон мекардӣ,
К-ӯ чӣ донад чӣ бувад бедорӣ.
Лек хонӣ агар имрӯз ту осорашро,
Ҳафт пуштат шавад аз хоби абад ҳам бедор.

Баъд аз он чун дарёбам, ки ба даҳр
Чанд сол аз умре шаб бувbooду чандаш рӯз.

Рӯзро чун на фақат равшанӣ аз хуршед аст,
Шомро низ сиёҳӣ на фақат ҳасрати бехуршедист
Ва на ҳар дидаи боз
Мӯҳри тасдиқи дили бедор аст.

Ва худоро чӣ санад буд, ки рӯзи хилқат
Рӯшноиро рӯз,
Зулмату торикиро шаб хонд.[7]
Балки буд ошиқи рӯз.

Тани шабро ба ҳарири сияҳи розу ниёзаш печид
Ва чу зан ҷогаҳи оромиш сохт.

Чашми сар менигарад,
дидаи дил мебинад.

Батни нахл аст ба ҳар хурмое,
Хуми хамр аст ба ҳар навдаи ток,
Раги савт аст гулӯи булбул,
Авҷи парвоз ба зери ҳар бол,
Равзаи ишқ канори ҳар зан,
Ҷовидон гарм,
ки яксар диҳадат зиндагии ҷовидон.

Шӯри чанг аст ба ҳар бонги ситез,
Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом,
Мавҷи сеҳр аст ба ҳар чашми сиёҳ,
Акси моҳ аст ба доғи рухсор,
Ҷойи хуршед ба ҳар сояи бед,
Ки зи чӯбе чамани зулфи таре рӯёнад.

Чашми сар менигарад,
дидаи дил мебинад.

Чашми дил боз шуду дидам ман,
Ки ҳамин мушти муҳаббат ки варо Дил ном аст,
Дар қафасбанди ниҳони сина
По фаро мениҳад аз саҳроҳо,
Жарфтар аз дарё
Ва фаротар аз арш
Ва ҳамон бори амонат ки на дарёву на кӯҳ
Ва на афлок тавонист кашид,
Мекашад ин дили ошиқ бар дӯш.[8]

Ман диле дидаму дарё дидам,
Ва ба ҳар дил дарё
ва ба ҳар дарё дил.

Боз дидам, ки диле,
То нашуд об, нашуд дарёе
Ва касеро, ки дили дарёист,
Туф ба дарё накунад.

Об дар мазҳаби мо
                    Равшанӣ буду сафо,
Ки дилам соф шуду равшан шуд.
Дидам он мард, ки бо тӯбраи бозорӣ
Ояд аз пайраҳа рӯёрӯям,
Як қалам нусхаи кайҳон бошад.
Баски хаста-ст таҳи бори гарон
Ва кунад пок дамодам ба лаби рӯмолаш
Араќи пешониро, ки дарояд бар чашм,
Дар гумон аст, ки ёдаш ояд,
Асли кайҳонию дастури худовандии ӯ,
Ки миёнҷӣ бувад ӯ
                    байни Табиат ва Худо.

Арши аъло – Сари ӯ,
Синааш – баҳри Само
Ва Шикам маҳзи Табиат бошад.

Дили ман мехоҳад,
Санги асвад шиканад шишаи хомӯширо,[9]
Роз гӯяд боре,
            То ба такрор занемаш бӯса,
Ё ниёзи дили моро шунавад
Ва чу донад
            чӣ касему зи куҷо меоем,
Хезад аз ҷову занад бӯса ба хоки раҳи мо.

Дили ман мехоҳад,
К-одамӣ ҳамчу дарахте, ки пас аз боронҳо
Ғарқаи нур шавад дар хуршед,
Тозаву тар бошад
Ва тавонӣ ки кунӣ хам ба замин шохашро

Ва гулашро буйӣ
Ва нагардад самари шохи баландаш ҳаргиз
Тӯъмаи зоғу заған.

Субҳдам ҳомилае сӯйи биҳизор ояд,
Ки: – Дилам бӯйи биҳӣ мехоҳад.-
– Ай Худо, медиҳиям тифлаки зеборӯе.[10]

Нисбате чист миёни биҳию
тифлаки зебо кардан?!

Дили ман мехоҳад,
Осмон шиша,
замин сабза
ва дарё ҳама нилӣ бошад,
Побараҳна равам аз майсаи шабнамхӯрда,
Ҳамчу тифле ки намедонад роҳ,
Лек мепиндорад,
Ки варо чор тараф шаҳроҳ аст,
Нест банде,
санге,
Нест чоҳе дар роҳ.

Чоҳ – таҳхонаи об
Санг – бунёди бино
Банд – дар пойи вуҳуш

Дили ман мехоҳад,
Сухани шеър бувад сабзтар аз вожаи дашт,
Решаи фикр бувад жарфтар
аз бехи дусадсола чинор.
Савту ово шавад аз хонаи танбӯрии дарё ҷорӣ.

Гулпаракҳо сари зулфони алафро гиранд,
Ғук бар об ҷаҳад,
тоза барояд ба канор,
Сари ду пой нишинад сари санг,

Бидамад сурнайи ҷӯю бихонад овоз,
Ки бубин,
зиндагӣ аз сар чӣ қадарҳо зебост
Ва чӣ андоза сахист,
Ки ба ҳар ғук диҳад ҳанҷараи довудӣ.

Мурғи пӯпак ки ба сар тоҷи арӯсӣ дорад,
Ба тани тут занад минқоре
Ҳамчу чангӣ ки занад химчаи ангушти наво
Ба сари хонаи чанг
В-аз раги тути ғанабрафтаи пир
Нағмаву шӯри ҷавонӣ хезад.

То нахонам пас аз ин
Хасу хошоки суханрезаи хеш,
Ҳамшумори сухани сабзи алаф,
шеъри равону тари об.
То надонам пас аз ин
Шоире ҷуз дарё,
Шеър ҷуз оби равон,
Сафҳа ҷуз сафҳаи сабзидаи дашт.

Дили ман мехоҳад,
Чор ҳангоми табиат, ки замони ишқ аст,
Ҳама ошиқ бошем.

Накҳати бодияи ишқ баҳорон ба димоғ,
Гармии бӯсаи хуршед ба лаб тобистон,
Зулфи заррини муҳаббат ба хазон дар гардан,
Дар зимистон шунаҳи барфи сафед
Ҳамчу покии муҳаббат дар чашм
Ва ба ҳар фасл –
баҳорону даю тирамаҳу тобистон
Ҳама ошиқ бошем.

Ҳама дар кӯйи муҳаббат мирем,
Ҳама дар шаҳри муҳаббат абадӣ зинда шавем.

Хоса шаҳре, ки хиёбонҳояш
Ҳама сабз аз армон,
Ҳама алвон аз шавқ,
Ҷўйҳояш пури ширу асал аст,
Нимкатҳо ба канори раҳҳо
Ҳаҷлаи авлонҷакҳоянд
овехта аз шохаи бед.

Нафаси сабзи дарахтон ба ҳаво печида,
Хандад аз ойинаи равзанаҳо
Сўйи хуршед ҳазорон хуршед,
Ки рухи ойинаҳо шуста сиришки найсон.
Хезад аз ҳанҷараи фохта
оҳанги булўрини саҳар.

Хонаҳо – чашмаи нур,
Кўчаҳо хурраму саршор зи ишқ.
Мўсафеде ба сари гўши гарон – лолаи сурх
Сўйи кампири навадсолаи хеш
Мепаронад абрў.

Хоса шаҳре, ки ба вақти дидор
Рўйи ду дасти дароз
Гул кунад шохаи гулҳои гулобии "Салом"
Ва касеро набувад
Санг дар зери бағал.

Хоса шаҳре ки гадояш
гули бобунаи тар хоҳад хост,
Баргро хоҳад хонд:
– Дўст дорад, ё на,
Дўст дорад, ё на...
Дўст дорад,
Дўст дорад,
Дўст дорад!

Ку шаҳаншаҳ, ки биёяд ба гадоӣ зи дарам,
Ки ҳама шавкати шоҳаншаҳияш
Камтар аз арзиши як барги гул аст.

Хоса шаҳре, ки хиёбонҳояш
Каҳкашоне ба замин густурда-ст,
Ахтаровезу чароғон чу шаби базми арӯсӣ
ҳар шаб.
Ҳотаву боғчаву гулгашташ
Ҳама чун духтараки омада бар шаҳр зи деҳ,
Абрувон сабз зи нози вусма,
Гунаҳо сурх зи шарми лола.

Хоса шаҳре ки баҳорон
ба шабонгоҳи бунафш
Дар таҳи чодари рангини сипеҳр
Рахти хоб андозанд
Ва ба овози чаковакҳо хезанд аз хоб
Ва ба чашми оламбине
оламро бинанд,
одамро бинанд,
Осмонро бинанд,
Ки фуруд омада то зинаи пойини дар аст,
Ки фаро рафтани мо
сӯйи худ
осон бошад,
Ҳар кучое
Осмон бошад.

Осмоне, ки дар он
Ҳасти дигар набувад ғайри Худо
Ва дар он боргаҳи Борияш
Солҳоест, ки ӯ
чашм ба раҳ доштаву дил нигарон,
Ки ниҳоят ба канораш ояд,
Он ки салсоли варо
чанд ҳазорон соле

Аз муҳаббат,
Аз садоқат бисиришт.
Дар Заминаш ба халифӣ бигумошт,
Бинишонид сари тахти ҳама эҷодаш
Ва ҳама ишқу умеди худро
Дар ниҳонхонаи қалбаш ҷо дод.

Ҳамчу моҳӣ, ки варо ҳастии бедарё нест,
Ҷумла занбӯри асалро, ки ҳаёти бегул,
Шохи гулро, ки набошад нафасе бе гулбод,
Пас чӣ инсон битавонад, ки бувад дар дунё
Бе муҳаббат ба Худо?!

Ишқи маъшуқ, ки аз ошиқи худ созад худ,
Ҷумла моҳӣ шавад аз ишқи чу дарё дарё,
Ҷинси занбӯр ҳам аз ишқи гуле гул гардад,
Ишқи бодаш бикунад ғунчаи гулро гулбод.

Пас, Халифуллаҳи Олам кӣ шавад,
Гар нагардад зи муҳаббат ба Худо,
ёри Худо,
То кунад дар ду ҷаҳон кори Худо.
Ло Илоҳа Иллаллоҳ!

*Соли 1996*

**Зернавиштҳо ба достони «Санги ман – алмос»**

1. Таркиби санги алмос аз дуда аст.
2. Ишора ба афсонаҳои халқӣ
3. Аёз, ғуломи Султон Маҳмуди Ғазнавист, ки ба мартабаи вазирӣ расида, чоруқи кӯҳнаашро дар рӯ ба рӯяш овехта нигоҳ медоштааст, ки мабодо гузаштаашро фаромӯш карда, пой аз ҳад берун наниҳад.
4. Мӯрча вақте дони арзанро ба хонааш мебарад, ду тақсим ва гандумро чаҳор тақсим карда мегузорад, ки дар баҳор неш назанад. Дар ҳолати ду тақсим накардани арзан ва ё чаҳор тақсим накардани дони гандум, он неш мезанад, ки мӯрча инро савқан медонад ва барои он ки беғизо намонад, маҳз ҳамин тавр қисмат мекунад.
5. Садафу марворид, ки дар зери дарё мерӯяд, хосияти сегона дорад: сангӣ, ҷонзодӣ, наботӣ.
6. Дар қисмате аз фалсафаи Ҳинд оид ба пайдоиши инсон гуфта мешавад, ки ҳастии инсон аз ҳафт давра иборат буда, он аввал дар моҳ пайдо шуда, баъд ба дарё фуромадааст. Замин ҳоло давраи сеюми ҳастӣ ва ватани сеюми ӯст. Ҳамон муҳаббат ва ғуссаи ватани пешини азёдрафта аст, ки инсон ба моҳ ва дарё ба шефтагӣ ва дӯстдорӣ соатҳо бе хастагӣ метавонад назар дӯзад.
7. Боиси таъна шудани шутурмурғ дар он аст, ки агар мурғ аст, наметавонад парвоз бикунад ва агар шутур аст, наметавонад бор бибарад.
8. Ишора ба “Китоби Муқаддас”, ба ояҳои 3-5, боби “Сифри пайдоиш”: “Ва Худо гуфт рӯшноӣ бишавад ва рӯшноӣ шуд. Ва Худо рӯшноиро дид, ки некӯст ва Худо рӯшноиро аз торикӣ ҷудо сохт. Ва Худо рӯшноиро рӯз номид ва торикиро шаб номид ва шом буд ва субҳ буд рӯзе аввал”.
   Қуръони Маҷид, ояҳои 1,73 сураи “Ниъом”: “Ситоиш аз они Худованде ҳаст, ки осмонҳо ва заминро биофарид ва торикиҳо ва рӯшноиро падидор кард...Ва ӯст, он ки осмонҳо ва заминро ба ҳақ биёфарид. Ва рӯзе, ки бигӯяд: мавҷуд шав, пас мавҷуд мешавад”.
9. Ишора ба Қуръони Маҷид, сураи “Азҳоб”,ояи 73: “Мо ин амонатро бар осмонҳо ва замину кӯҳҳо арза доштем, аз

таҳаммули он сар боз заданд ва аз он тарсиданд. Инсон амонат ба дӯш гирифт, ки ӯ ситамкор ва нодон буд”.

Амонат ишқ аст, ки Худованд танҳо ба инсон бахшидааст, мавҷудоти дигар аз он бебаҳраанд. Мурод аз офариниши инсон бурдани амонат, яъне маърифат аст, ки инсон онро ошиқона ба дӯши ҷон мекашад.

Дар “Бӯстон-ул-орифин” ва “Тӯҳфат-ул-муридин”, зимни баёни ин ки дили ориф бузургтар ва фарохтар аз ҳафт табақаи замину осмон ва аршу курсӣ аст, иллати онро нигаҳдории бори амонати ҳақ медонад. “Ҳазқил пайғамбари алайҳиссалом дуо кард, гуфт: Бор Худоё! Ҳафт табақи замин маро бинамой. Бад-ӯ намуд. Аҷаб омадаш. Гуфт: Илоҳо чӣ офаридаӣ аз ин бузургтар ва фарохтар ба ҷуз биҳишт?

Ҷабраил омаду гуфт: Гуфт офаридаам. Гуфт: Илоҳо, он чист? Гуфт: Дили ориф. Гуфт: Чаро? Гуфт: Зеро ки амонат арз кардем бар осмонҳо ва заминҳо ва кӯҳҳо чунон ки андар насс танзил аст,... напазируфтанд ва тоқати ин надоштанд, дили ориф пеш омад, амонат пазируфт, далел омад, ки дили ориф аз ин ҳафт табақа фарохтар аст.

“Ишора – фақеҳ Аҳмади Хайр гӯяд: Дили ориф аз ин ҳафт табақи замин фарохтар аст ва аз кӯҳҳо сарбарафрохтатар аст ва аз осмонҳо бузургтар аст, ки осмону замин тоқати бардоштани амонат надоштанд, ӯ бардошт. Худои таъоло ба кӯҳ нигоҳ кард, пора-пора шуд. Дар шабонарӯзе сесаду шаст назар ба дили ориф кунад, ҳеҷ нуқсоне андар дили ориф наояд”.

Иқтибос аз Дуктур Аҳмад Алии Риҷоии Бухоройӣ. Фарҳанги ашъори Ҳофиз. Чопи шашум. Интишори илмӣ. Теҳрон, соли 1370, саҳ. 83-84. Муфассалтар нигаред ба боби “Бори амонат, ишқ.”

10. Санги маълум дар Каъба.
11. Дар китобҳои тибби қадим гуфта мешавад, ки агар зани ҳомила биҳӣ бештар хӯрад, тифли зебо таваллуд мекунад.

# ДАР БОРАИ ШОИР

*(Иқтибосҳо аз мақолаҳо)*

Аскар Ҳаким шеърро ҳамсони ниёиш меофарад… Ва азбаски ҳар гуна ниёиш кори муқаддасест, ки рӯҳро мусаффою баландпарвоз мекунад, шеър ҳам ба ақидаи ӯ, ба тозагӣ ба фарозрафтанҳои рӯҳ мададгор бояд бошад. Бисёре аз навиштаҳои Аскар Ҳаким маҳз барои амалӣ гаштани ҳамин гуна талаботи олӣ хидмат мекунанд.

*Расул Ҳамзатов*

* * *

Маркази сиқли ( гаронбори) шеъри Аскар Ҳаким инсон аст, инсоне, ки ҷавҳари инсонии хешро дар халлоқият ва ишқ ба зиндагӣ боз меҷӯяд.

*Алӣ Асғари Шеърдӯст,*
*донишманди эронӣ*

* * *

Аскар Ҳаким достоне ( манзур «Санги ман – алмос») шаффофу булӯрин, тозаву тар ҳамчунон Уолт Уитмен эҷод кардааст. Бешубҳа, достони нави Аскар Ҳаким на танҳо сухани тару тозае дар шеъри тоҷик, балки умуман дар шеър мебошад.

*Темур Зулфиқоров,*
*шоир ва нависанда*

* * *

Гуфта метавонам, ки ман монанди ин достонро (манзур «Санги ман – алмос») то кунун дар забони тоҷикӣ нахондаам. Ман ин асарро ҳамчун як падидаи мутлақо нав пазируфтам.

*Станислав Золотсев,*
*шоир ва мунаққиди рус*

* * *

Дурахшиши Аскар Ҳаким дар ғазалҳои ӯст. Агарчи шояд аз ӯ дар бештар қолабҳо шеър хонда ва шунида бошем, аммо ғазалҳои солҳои охири ӯ … ғазалҳои комилан мутафовит ва таҷрибаҳои тоза дар зиндагии шоирии ӯ ба ҳисоб меояд. Ҳатто хондани бархе аз ин ғазалҳо комилан ғофилгиркунанда аст.

*Алиризо Қазва,*
*шоир ва муҳаққиқи эронӣ*

* * *

Ман мехоҳам аҳсан гӯям ба шоире, ки суннати шеъри бузурги форсиро, ки дар он сухан на танҳо сухани олист, балки гӯё сухани илоҳист ва хидмат ба рӯҳу равони одамӣ мекунад, идома медиҳад. Аз ин нуқтаи назар достони Аскар Ҳаким (манзур «Санги ман – алмос») достони хеле олист ва суханони он қудсӣ ва дар айни замон сурурбахшанд. Дар он ҳаёт бо тамоми пуррагию паҳнованияш ҷӯш мезанад. …Чизе, ки Аскар Ҳаким навиштааст, инкишофи тозаҷӯиҳои Нодири Нодирпур… ва Сӯҳроби Сипеҳрӣ мебошад.

*Ғулом Сахии Ғайрат,*
*донишманди афғон*

* * *

…Вақте ки шоир «хонаи ман – хонаи дунёст «мегӯяд, бовар кунед, ки ӯ бо ғаму шодии шумо зинда аст, шеъраш ҳам бо ғаму шодии шумо нафас мекашад.

*Гулназар,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

* * *

Шеъри Аскар Ҳаким дорои ҷанбаҳои бисёр тоза ва нав аст.

*Масъуди Сипанд,*
*шоири эронӣ*

* * *

…Мехоҳам, дар мавриди шеър чун Шумо ба ҳеҷ кас наандешам ва ба худ андешам… Шумо худро ҳамеша ба боғҳои таҷриба мекашед ва хушо, ки решапайванду баргпайванду муғчапайванди Шумо бо шеър бегазанд аст.

*Фарзона,*
*Шоири халқии Тоҷикистон*

* * *

…Кӣ медонад, шояд агар дарояндаи наздик дар мактабҳо фанне бо номи экологияи (ҳифзи муҳити) рӯҳу равон ҷорӣ намоянд, онро дар мактабҳои тоҷикӣ аз рӯйи китобҳои Аскар Ҳаким биомӯзанд? Пантеизми ҷаҳонбинии ӯ суварнигоронаи самимӣ ва ҷузъиётан санҷидашуда мебошад.

*Ашот Сагратян,*
*шоир, адабиётшиноси арман*

* * *

Қудрати шеъри ӯ дар он аст, ки ба шеъри дигарон монанд нест, ҳарчанд онҳо ҳамнасл ҳастанд. Рубоиёт, ғазалиёт ва ашъори ҷудогонаи ғиноии ӯ, ки дар онҳо хусусияти ҳамосӣ ҳам ҷой дорад, аз он ҷиҳат мақбуланд, ки онҳо зудрас, хушоҳанг, таҷассуми зебоии забони тоҷикӣ мебошанд.

*Раҳим Муқимов,*
*адабиётшиноси ӯзбек*

* * *

Ман бовар дорам, он лиризме ( ғинояте ), ки дар осори Аскар Ҳаким ҳаст, лиризми комилан нодирест, ки, бешубҳа, аз сафаҳоти Қуръони безавол меояд.

*Владимир Орлов,*
*адиби рус*

* * *

Санги ӯ алмос аст, шамшер аст, вале ҷилобахшанда, раъду барқ аст, вале эҳёкунанда.

*Салимшо Ҳалимшо*

## ПАЁМИ ШОИР

*Эҳдо ба устод Аскар Ҳаким*

Ай шаҳбози субҳи сухан, рӯй ба мо кун,
Моро зи тилисми шабаҳи шом раҳо кун.
Дил гашт асири сухани ойинаи ноз,
Бе ҳеҷ сухан қалби маро боз садо кун.
Ҳар субҳ намоям ба раҳаш панҷараҳо боз,
Ай бод, гар ин ҷо бизанад гом, сало кун!
Хуршед ба домони уфуқ хаста фурӯ шуд,
Пайдош ба чашмони ману чашми Худо кун.
Ай омаданат нағмаи борони баҳорон,
Бар бодияҳо замзамаи ишқ ато кун.
Роҳест миёни ману ту, роҳи ду олам,
Бархез, давойи ҷараси қофилаҳо кун.
Бигзор ки дар ҳаҷри ту як бор бигирям,
З-он пас ҳама зарроти маро сели фано кун.
Дар гӯш насими саҳарӣ гуфту чӣ хуш гуфт:
К-эй дӯст, дуое ба Малик-уш-шуаро кун!

*Шаҳноза*

## АЗ АСКАР ҲАКИМ БА НАШР РАСИДААСТ:

### АШЪОР

1. «Раҳнавард». Нашриёти «Ирфон»,1983, 112 саҳ.
2. «Тарозуи офтоб». Нашр.,»Ирфон», 1987, 176 саҳ.
3. «Путник». Москва. Изд-во., «Молодая гвардия», 1989, 96 стр.
4. «Рӯзи умед». Нашр., «Адиб»,1990, 270 саҳ.
5. «Рубоиёт». Нашр., «Ирфон», 1992.(ба забонҳои тоҷикӣ, форсӣ ва арабӣ)
6. «Баргпайванд». Нию-Йорк. Нашр., «Форобӣ»,1993, 104 саҳ. (ба ҳуруфи форсӣ)
7. «Шаҳри меҳолуд». Лос-Анҷелос, 1993, 56 саҳ. (ба ҳуруфи форсӣ)
8. «Баргузидаи ашъори Аскар Ҳаким». Теҳрон. Нашр., «Ал-ҳудо», 1995, 250 саҳ.
9. «Илтиҷо аз уқоб». Ройзании фарҳангии ҶИЭ. Душанбе, 1998, 82 саҳ.
10. «…Боз мерасад хуршед». Нашр., «Адиб», 2002, 288 саҳ.
11. «… И снова взойдет солнце». Москва. «Советский писател»,2004, 100 стр.
12. «Санги ман – алмос». Нашр., «Адиб», 2006, 332 саҳ.
13. «Мунтахаби ашъор». Хуҷанд. Нашр., «Ношир», 2008, 690 саҳ.
14. «Замини сабзи боварҳо». Нашр., «Адиб», 2008,283 саҳ.

### НАҚДИ АДАБӢ

15. «Шеър ва замон». Нашр., «Ирфон»,1978, 254 саҳ.
16. «Дар қаламрави сухан». Нашр., «Ирфон», 1982, 222 саҳ.
17. «Творцы созвучий». Москва. «Советский писател»,1988, 256 стр.
18. «Испытание поэзией». Изд-во., «Адиб», 1992, 238 стр.

### ТАРҶУМА

19. В.Быков «Сотников».(Қисса). Нашр., «Ирфон», 1979, 167 саҳ.
20. М.Лермонтов «Хазинадорзани тамбовӣ».(Манзума). Нашр., «Ирфон», 1981, 20 саҳ.
21. Г.Эмин «Аср, замин, ишқ». (Маҷмӯъаи ашъор) Нашр., «Ирфон», 1983, 96 саҳ.
22. Данте Алигери «Мазҳакаи илоҳӣ» (Дӯзах). Нашр., «Адиб», 1987, 208 саҳ.

### ТАҲИЯ

23. Лирика. Из персидско-таджикской поэзии. Москва. Изд-во., «Художественная литература»,1987, 464стр.

## МУНДАРИҶА

*Расул Ҳамзатов.* Мисраъҳои пурилҳоми шоир… 3
Суруди фардо 8
Тоҷикистон … 10
Ҳамоғӯш 11
Ту маро, эй дил 12
Шеъри ватан 13
Забони тоҷикӣ 14
Тирачашме бо чароғ 15
Кишти тақдир 16
Тутзори Азим 17
Ҳар саҳар хуршеди дунёдидаи пиронасар 19
Гар фитад сояи замин бар моҳ 20
Аробаи кӯҳна 20
Найсаворем ба мисли кӯдак 21
Ростии қомати деворҳо 22
Марде аз балкон 23
Масхарабоз 25
Шохе шикаста дар боғ аз бод 26
Лолаи сӯзон 27
Дар сайр 27
Бо баҳори сабзу мурғони сафед 28
Бо ишқу орзуҳо 29
Ба ту имшаби баҳорон 30
Нури маҳтоб метаровад нарм 31
Дигар кай мерасад дида ба дидор?! 32
Аз навбаҳори рӯят 33
Ту будию ману ин обшорон 33
Меравад офтоб сӯйи ғуруб 34
Хонаи ту миёни бешаи сабз 35
Атри муҳаббат 35
Ду ташналаб 36
Хоҳам ин лаҳза, ки аз хеш фаромӯш кунам 37
Ин бод магар ки дар ситез аст 38
Шавам аз нашъаи лабҳои ту маст 38
Нест беҳ аз ишқу вафо матлабе 38
Гарчи шаб аз шӯълаи маҳ равшан аст 39
Нест ҳаргиз з-ин ҷазои сахттар 39
Шохоб 40
Ҳар рӯз камтар мешавад 41
Ҳузни ширин 41
Падруди Варзоб 42
Кӯ ба кӯ боди нохуши пойиз 44
Фироқномаи падар 46
Дилам гум мезанад 46
Илтиҷо 47

Ту маро ҳеҷ мапурс ... 48
Савоби ту, гуноҳи ман ... 49
Чу бӯе бар машоми ман бувад... 50
Магар ёд омадат даври ҷавонӣ... 51
Дур бошӣ зи кӯйи навмедӣ... 51
Бубахшойӣ ... 52
Ману ин осмони тозарӯ... 53
Шеър баски нест ҳаргиз ҷамъ ё ҷанги сухан... 54
Таънаи фаришта ... 54
Ғуссаи Хуҷанд ... 56
Дуруд ба Фарзона... 57
Офтоби хуншор ... 58
Булбули даштӣ... 59
Зиндагӣ бозтоби тақдир аст ... 60
Ту маро мешунавӣ?... 61
Ишқи духтари қазоқ... 62
Чаман шукуфт, азизон, ба гул канора кунед... 64
Шоире ояд... 64
Ба камон чӣ гуна хӯ гирам... 64
Шеъри хундори ман гиряд... 65
Эй уқоби гардунсайр! ... 65
Қимати коло баланду ҳиммати воло шикаст ... 66
Паём аз ишқ мехоҳад ... 66
Шаби ғусса... 67
Интихоб... 68
Ёрон ... 69
Илтиҷо аз симурғ... 69
Дарё, маро бигир ... 70
Пиёдагон ... 71
Шоистатарин... 72
Достони ишқи ман... 72
Шохи шикаста ... 74
Ту суруди дили ман... 75
Шеъри зани маҳбуб... 76
Фалсафаи камолот... 77
Оҳанги шаб ... 78
Камарбанди куҳистон ... 79
Сарви сабзу тути хушк... 80
Баргпайванд ... 82
Чӣ эҳсоне?!... 83
Шаҳри меҳолуд... 84
Чӣ кунам?!... 86
Муаммои ворастан ... 86
Имон ... 88
Арзадошт... 89
Хоби сангин ... 90
Имони саг... 91
Осмон бошаду паҳнои дигар... 91

Мерос ... 92
Сафар ... 93
Пиндор ... 94
Метавон оё фаро рафт ... 95
Хазони умр ... 95
Чароғи дур ... 97
Аспи кишанбанд ... 98
Гурги ошиқ ... 99
Танҳову охирин ... 100
Интизор ... 101
Танҳоӣ ... 101
Ду нафар дар лаби дарё ... 102
Гуфтугӯ бо рӯҳи падар ... 103
Биё, ки биё ... 106
Ойинаи нур ... 106
Тоқии Мирзову попохи Расул ... 107
Дар ҷашни Расул Ҳамзатов ... 108
Ману даврон, чӣ ҳоҷате ба қиёс ... 108
Дарозу кӯтоҳ ... 109
Чароғ хоҳаму як рӯзи рӯшноӣ ҳам ... 109
Ду шодӣ ... 110
Заҳмати барабас ... 110
Хушо, хушо, ки расад бар висол булбулу гул ... 110
Ду такяи такяхоҳ ... 111
Ҳар касу ҳар чӣ ... 111
Аз чӣ, донӣ, ду чашм додандат ... 112
Ҳавсалаи бекорӣ ... 112
Маро ту хор мехоҳӣ ... 113
Пурсиш ... 113
Эъҷози баҳор ... 114
Тоати ишқ ... 114
Руҷӯи марди донишвар ... 115
Дар оғӯшам биё ... 115
Аз ту раҳмат, з-ӯ муҳаббат ... 116
Хотире, хотирае ... 117
Омадӣ ... 118
Оҳ, як шаб ... 118
Ойини ишқ ... 119
Ин чӣ эъҷозу ин чӣ эҷоде?! ... 120
Домани ёру домани дашт ... 121
Адолати ишқ ... 121
Шеъри ширин ... 122
Набувад боварам ... 122
Насиби ҷавонӣ ... 123
Авҷи ишқ ... 124
Фарёд ... 124
Дар Сиёҳдара ... 125
Духтари рӯд ... 126

Иштиёқ ........ 126
Ҳасрат ........ 127
Арӯсии хуршед ........ 128
Хаёл ........ 128
Умеди паси девор ........ 128
Эй канори биҳиштии дарё ........ 129
...Боз мерасад хуршед ........ 129
Дури дилхоҳ ........ 130
Ду оҳанги як маъно ........ 132
Пагоҳ офтобро нидо кунам ........ 133
Турктози гӯсфандон ........ 133
Дар пойи озодӣ ........ 134
Ҳақи ҳақвар ........ 134
Ақраба ........ 135
Рақси камари ироқӣ ........ 135
Эй бӯйи гули ба об рафта ........ 136
...Як лола хун ........ 137
Ишқи насиб ........ 137
Ҳасрати ишқ ........ 138
Оғӯш ........ 139
Қисмат ........ 139
Ман баҳори ишқ, ту ишқи баҳор ........ 139
Ту, эй сапедаи субҳ! ........ 140
Чашми оҳу ........ 141
Фаротар аз арш ........ 142
Ту маро ёд макун ........ 143
Ёдгори охирин ........ 144
Аҷаб ба ноз мерақсӣ ........ 145
Ба дидори ту меоям ........ 146
Эй башар, ман раҳини фардоят ........ 146
Замини сабзи боварҳо ........ 146
Шоирӣ қисмати Худодод аст ........ 149
Наврӯзи фарвардин ........ 149
Нардбони хос ........ 151
Ҳадяи Наврӯз ........ 151
Қисмати шоир ........ 152
Достак ........ 152
Ёри яккаҳо – Худо ........ 154
Чист сарчашмаи илҳоми Шумо ........ 154
Шоҳроҳи нанг ё девори санг ........ 154
Ин кадомин боғ меояд ........ 155
Маънии садди Чин ........ 156
Бубахшо, эй Ватан! ........ 156
Хотима ба достони «Санги ман – алмос» ........ 158
Маро бар ишқ бовар деҳ ........ 158
Чӣ қадар ҳар ду ба ҳам монанд аст ........ 159
Чӣ аҷаб зиндагиест ........ 159
Эъломияи ман ........ 160

Байни соҳибҳунарон ....................................................................162
Маро ба гиря маёвар .....................................................................162
Ту худро кам мабин ......................................................................163
Гарави ишқ ....................................................................................164
Аввалу охири дунё – Наврӯз .........................................................165
Таманно..........................................................................................166
Ман аз дидор бо ту меҳаросам......................................................167
Гарчи дар кишвари мо ..................................................................167
Рӯд мечӯшид, ҷӯшидам чу рӯд .....................................................167
Шеъри ман.. ....................................................................................168
Нимшӯхӣ, нимҷиддӣ.......................................................................169
Нози Лайло. ....................................................................................169
Суол.................................................................................................170
Ниёиш. ............................................................................................170
Шаҳри хоб.......................................................................................171
Эй кучҷойӣ, ҷавонии бебок...........................................................173
Чӣ бояд кардан?!.. ..........................................................................173
Эй, ки дар даст туфанг … ..............................................................174
Тавба…...........................................................................................174
Рӯди ситезу суруд. .........................................................................175
Аҷабам ояд .....................................................................................176
Эй сабзтар ба қомат. ......................................................................177
Бомдоди нур. ..................................................................................177
Дарахти арчаи кӯҳам......................................................................179
Эй баҳори боронҳо.........................................................................179
Рӯ ба хуршед бирав.........................................................................180
Ойинаю қайроқу шона....................................................................180
Эй, ки гул-гул мешукуфӣ… ...........................................................183
Ин қадар тарсат диҳад ....................................................................184
Шукри Худо.....................................................................................184
Тасалло ба озодмарде. ....................................................................186
Эй бомдоди наврӯзӣ........................................................................187
Мӯъҷиза. ..........................................................................................188
Нони дуздӣ.......................................................................................188
Ҷаҳони сағиру кабир.......................................................................188
Агар аз баҳор имрӯз........................................................................189
Офариниш .......................................................................................189
Парвози беанҷом..............................................................................190
Табдил...............................................................................................191
Ишқу фарвардин. .............................................................................192
Азми архимедӣ.................................................................................193
Фарёду хомӯшӣ................................................................................193
Дар раҳи шаббода ёдам соз… .........................................................193
Дар оҳанги Робиндронат Тҳакур. ...................................................194
Худ чароғи хеш бош!.......................................................................195
Нигаҳи шефтаамро дида..................................................................197
Биё бо ман ........................................................................................198
Анӯширвон дар додгоҳи адл ...........................................................199

На маро ҳавои номе ........ 208
Чаҳор фасли шукуфтан ........ 208
Ҳадиси Одам дар офариниши Ҳавво ........ 209
Эй, шумо даъвигарон! ........ 210
Гуфтугӯ дар бозор ........ 214
Чашми кӯтаҳбин ........ 215
Имрӯз дил, фардо ҷон ........ 215
Қисматам, кош, фурсате медод ........ 216
Эй кош, болафшон ........ 217
Роҳ бурдам ба дуриҳои дур ........ 217
Дар баландиҳои аршам вогузор ........ 217
Ҳар қадар сахт аст роҳи раҳнаворд ........ 218
Ҳафт миллиард танҳоӣ ........ 218
Овоза ва овоз ........ 218
Ноз ........ 219
Чормех ........ 219
То кай мезорӣ ........ 219
Гӯиям нестӣ ту боди бурут ........ 219
Бе ту гаштаст маро дунё танг ........ 220
На дуруде, на суруде ........ 220
Хун ё нохун ........ 221
Мубодила ........ 221
Чашми бедор ........ 221
Шоиру шеър чист ........ 221
Тулӯъи ғуруб ........ 222
Аксуламал ........ 222
Дил ба амонат ........ 223
Ситорашаб ........ 223
Бе ту ........ 223
Эй Замини гирдгардон ........ 224
Сипеҳрони сипехр ........ 224
Бедардӣ ........ 224
Дар соҳати ҷаҳон ........ 225
Ишқ аз ошиқ ........ 225
Ҳоло бигӯ ........ 225
Бегонаи сиёҳӣ ........ 226
Сиёҳгӯш ........ 226
Магар биёяд он айём ........ 226
Дилмашғулӣ ........ 226
Муборакбодӣ ё ҳамдардӣ ........ 227
Ҳарфи ҳақ шамшерест ........ 229
Дар ҷустуҷӯи ҳақ ........ 229
Эътирози занҷир ........ 230
Найзории мижгон ........ 230
Филсозӣ ........ 231
Савдои беарзиш ........ 231
Шабҳои сафеди шонаҳо ........ 231
Ҷудоӣ ........ 232

Тифли дарё........................................................................................232
Қолабнишинҳо ....................................................................................232
Хурди бузург .....................................................................................233
Кист шоир..........................................................................................233
Шиква.................................................................................................233
Сарвату пастӣ ....................................................................................233
Рубоиёт.............................................................................................

Бобҳо аз «Достони Нону Имон» ........................................................389
Санги ман – алмос..............................................................................405

Дар бораи шоир (Иқтибосҳо аз мақолаҳо)........................................428
Аз Аскар Ҳаким ба нашр расидааст ..................................................432

**АСКАР ҲАКИМ**

**БА САЛОМИ ШУКУФАҲО**


Ороиши: *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш: *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ: *М. Саидова*

Ба матбаа 23.08.2012 супурда шуд.
Чопаш 27.08.2012 ба имзо расид.
Андозаи 60/84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 27,5.
Адади нашр 1000.

Муассисаи давлатии нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734018. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17 а.

Дар матбааи «Илм» ба чоп расидааст.